Толиби Омулӣ
Фурӯғи Бастомӣ

# Ғазалиёт

Душанбе
«Адиб 1993»

ББК 84(0)9
О 49

Муҳаррир *Х. Шанбезода*

*Толиби Омули*

*Фуруги Бастоми*

О 49 Ғазалиёт. Муаллифони сарсухан Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров ва Мирзо Муллоаҳмадов. Душанбе. «Адиб», 1993.— 576 саҳ.

Девони ғазалиёти ин ду шоир аз беҳтарин офаридаҳои онҳо ҷамъоварӣ шуданд. Онҳо дар ғазал, рубой ва қасоид аз устодони каломи бадеъ ба шумор рафта, дар тасвири табиат ва назокати ишқе, ки заминист, истеъдоди хоса доштанд.

**Толиби Омули**

**Фуруги Бастоми.** Избранные стихи.

В сборник включены газели, четверостишия и касыды видных поэтов персоязычной литературы конца XVI и начала XIX вв. Толиби Омули и Фуруги Бастоми.

Т $\frac{4702540 1102 - 130}{М\ 503(12) - 93}$ 35 — 93 ББК 84(0)9

ISBN 5—8362—0264—8 © Нашриёти «Адиб», 1993

ИТОБХОНА
ЗДОТ ба номи С. АЙНӢ

## ТОЛИБИ ОМУЛӢ

Толиби Омулӣ яке аз сухангустарони охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII форсзабони Ҳиндустон буда, соли 1580 дар яке аз деҳаҳои Омули Эрон ба дунё омадааст. Муосири шоир Аҳсан (Зафархон) ва муаллифи «Тазкираи Ҳусайнӣ» ӯро бо унвони «Муҳаммад Толиби Омулӣ» ном бурдаанд, ки ҳамин унвон дар феҳристҳои Эте, Муқтадир, Иванов ва дигар оварда шудаанд. Аз рӯи фактҳои боло тахмин кардан мумкин аст, ки Муҳаммад лақаби эҳтиромӣ ва «Толиб» тахаллуси шоирӣ ӯст. Аз айёми ҷавонӣ дар зодгоҳи худ ба омӯхтани илм шурӯ менамояд ва чи навъе Ҳусайнқулихони Азимободӣ менависад: «Бо бештари улум ва фунун ороста буд». Худи шоир чунин ишорат дорад:

Дар ҳандасаву мантиқу бар ҳайату ҳикмат,
Дастест маро, к-аз яди байзо зи ибод аст.

Дар силсилаи васфи хат ин бас, ки зи килкам
Ҳар нуқта сувайдои дили аҳли савод аст.

Толиби Омулӣ баъди дар зодгоҳи худ омӯхтани донишҳои замон аз сабаби танг будани шароити зиндагӣ Мозандаронро тарк гуфта ба Кошон меояд.

Чи хеле ки аз китобҳои таърих маълум аст, шоҳ Аббоси I (1587—1629) пойтахти мамлакатро аз Қазвин ба Исфаҳон кӯчонид ва Исфаҳон дар замони шоҳи мазкур ба шаҳри бузург ва обод табдил ёфт.

Толиби Омулӣ аз Кошон ба Исфаҳон меравад ва ду қасида ба номи шоҳ Аббоси I таълиф мекунад. Он қасидаҳо диққати шоҳ Аббоси Сафавиро ҷалб карда натавонистанд.

Шоир баъд аз ин аз Исфаҳон ба Машҳад ва аз он ҷо ба Марв ба хидмати Бектошхон меравад. Ҳокими мазкур Толибро ба эҳтиром қабул менамояд. Вале шоир ҳамвора дар дил орзуи ба Ҳиндустон рафтанро мепарварид. Ҳамин буд, ки баъд аз ду соли дар хидмати Бектошхон будан маснавие бо номи «Сӯзу гудоз» навишта, зимни он аз мамдӯҳ иҷозати ба ватани худ — Омул рафтанро хост. Толиб баъд аз рухсат додани Бектошхони сафари ватанро табдил дода, (с. 1016 ҳ. 1607 м.) рӯ ба Ҳиндустон овард:

Толиб гули ин чаман ба бӯстон бигзор,
Бигзор, ки мешавӣ пушаймон, бигзор.
Ҳинду набарад ба тӯҳфа кас ҷониби Ҳинд,
Бахти сияҳи хеш ба Эрон бигзор.

Чи навъе ки аз маълумоти тазкираҳо «Хайр-ул-баён», «Хизонаи Омира», «Ништари ишқ» инчунин аз рӯи эҷодиёти худи Толиб маълум мешавад, шоир аввал ба Ҳиндустон вуруд гашта чанд гоҳ шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон — Деҳ-

лӣ, Лоҳур, Синд, Мултон ва ғайраро тамошо карда, сипас ба Қандаҳор меояд.

Дар қуллиёти ашъори Толиби Омулӣ намунаҳои зиёде ба назар мерасанд, ки дар онҳо зебоӣ ва обу ҳавои шаҳрҳои номбурда васф гардидаанд:

Хушо Лоҳуру файзи оби Лоҳур,
Ба тоат майли шайху шаби Лоҳур.
Наёбӣ з-аҳли Ҳиндустон гурӯҳе,
Ба дил наздикии арбоби Лоҳур.
Гумонам нест, к-андар ҳафт кишвар
Бувад шаҳре ба обу тоби Лоҳур.
Сикандар гӯ, ки оби Хизр ёбад,
Зи оби ҳамчу шаҳди ноби Лоҳур.

Ҳокими Қандаҳор Мирзо Ғозибеки Тархон шахси илмдӯсту бомаърифат буда, худ шеър ҳам менавишт, шоирро хуш қабул кард ва эҳтиром намуд. Вале ин бахти ба даст омада ва шароити мӯътадил дер давом накард. Ҳокими мазкур дар синни биступанҷсолагӣ (с. 1021 ҳ. 1613 м.) аз дасти ғуломи худ кушта мешавад. Толиби Омулӣ аз марги Мирзо Ғозибеки Тархон сахт мутаассир гашта аз Қандаҳор дубора рӯ ба диёри Ҳинд ниҳод. Ин дафъа баъд аз чанд муддате дар хидмати ҳокимони Пешовар — Чинқиличхон, Гуҷарот-Абдуллохон ва дар шаҳри Лоҳур будан диққати вазири Ҷаҳонгир — Эътимодуддавларо ба худ ҷалб менамояд. Эътимодуддавла шоирро ба мансаби мӯҳрдории мамлакат таъин намуд. Азбаски Толиб дилбохтаи шеъру шоирӣ буд, ба ин маснаб дилбастагӣ пайдо накард ва ба номи Эътимодуддавла қитъае навишт:

Чу меҳри ту дорам, чӣ ҳоҷат ба мӯҳрам,
Маро меҳрдорӣ беҳ аз мӯҳрдорӣ.

Эътимодуддавла хоҳиши Толиби Омулиро пазируфта, ӯро аз мансаби мазкур озод кард, сипас шоирро дар ҳузури Ҷаҳонгир таърифу тавсиф намуд, таваҷҷӯҳи шоҳро ба вай зиёд намуд. Ҷаҳонгир Толибро ба дарбор кашид ва ба мансаби малик-уш-шуарой сазовор гардонд.

Назар ба маълумоти мӯътамадтарин маъхазҳо ба монанди «Тузук», «Хизонаи омира», «Мақолот-уш-шуаро» ва «Ништари ишқ» Толиби Омулӣ дар соли 1036 ҳ. (1627 м.) дар сарзамини Ҳиндустон дар синни 48-солагӣ аз дунъё гузашт.

Толиби Омулӣ шоири сермаҳсул буда, куллиёти мукаммали ашъораш соли 1346 шамсӣ бо кӯшиши Тоҳирии Шиҳоб дар Теҳрон ба табъ расид. Куллиёти мазкур дар тадқиқи эҷодиёти шоир аҳамияти беандоза калоне дорад. Мураттиб ҳангоми ба нашр тайёр карданаш аз 35 нусхаи дастнависе, ки дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон ва Англия маҳфузанд, истифода бурдаст. Муқоисаи нусхаҳои ба даст даровардa ва куллиёти ашъори Толиби Омулӣ нишон дод, ки осори шоир аз инҳо иборат аст: ғазал 1869 адад (13828 байт), қитъа 51 адад (814 байт), таркиббанд 8 адад, (593 байт), маснавиҳои «Сӯзу гудоз», «Ҷаҳонгирнома» ва «Қазо ва қадар» (728 байт) ҳамчунин рубоӣ ва байтҳои пароканда: ҷамъ 22968 байт.

Эҷодиёти Толиби Омулӣ аз ҳайси мазмуну мундариҷа бой ва рангин аст. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоирро инҳо ташкил менамоянд: оҳангҳои иҷтимоии шикоят аз замон, танқиди замон ва абнои он) панду ҳикмат, ишқу муҳаббат, васфи табиат, зебоиҳои ҳаёт ва умру ҷавонӣ.

Шикоят аз замон. Қайд кардан лозим аст, ки дар лирикаи шоире нест, ки дар он оҳанги шикоят ва норозигӣ аз замона роҳ наёфта бошад. Дар ҳамин гуна қасидаҳое ҳам, ки дар мадҳи ҳокимони алоҳида, ҳатто шоҳ Ҷаҳонгир гуфта шудаанд, низ мазмуни шикоят фаровон ба назар мерасад.

Чунон ки аз тарҷумаи ҳоли Толиби Омулӣ дида шуд, ҳаёти шоир дар ду мамлакат — қисми аввали он дар Эрон

(дар давраи ҳукмронии шоҳ Аббоси I 1587—1629) ва қисми охираш дар сарзамини Ҳиндустон (дар замони подшоҳии Ҷаҳонгир) гузашт. Толиб бо умеди дарьёфтани шароити мӯътадили эҷодӣ ва зиндагии хуб сарсонию саргардониҳои зиёдеро аз сар мегузаронад. Вале дар зиндагӣ ноком буд:

Зи бас комам ба нокомӣ бадал шуд дар ҷаҳон, Толиб
Манам шарманда аз бахти забун, бахти забун аз ман.

Шояд бо мақсади фаҳмидани сабабҳои иҷтимоии сахтии маишат бошад, ки шоир баъзан ба худ саволҳо медиҳад, мехоҳад бифаҳмад, ки чаро ӯ забун аст? Чаро ба хонаи торики ӯ нури умед намедарояд? Чаро камбағал ва мазлум аст:

Чи бад бо толеи худ кардаам ё раб, ки аз хасмӣ,
Намехоҳад, ки бар вайронаи ман офтоб афтад.

Қаҳрамони лирикии шеърҳои Толиби Омулӣ на фақат аз ҳаёти номувофиқу сахтии муҳит шикоят менамояд, балки дар характери вай як навъ рӯҳи ноитоаткорӣ ва ба муқобили ҷабру зулм далерона баромад кардан низ дида мешавад. Қаҳрамони лирикии ин гуна шеърҳои шоир дар назди гардиши чарху фалак аз аҷзу нотавонӣ сухан намегӯяд, зеро вай худро забуни он намеҳисобад.

Танқиди замон. Шоир ба дарбори ҳокимону подшоҳони замонаш наздикӣ дошт, аз тариқаҳои вақтгузаронии онҳо бохабар буд. Ба нобаробариҳои иҷтимоии замона эътироз баён намудан ва онро танқид кардани Толиби Омулӣ, пеш аз ҳама, аз заминаи халқдӯстии ӯ сар задааст, ки дар ин хусус дар лирикаи шоир ишорҳои зиёдеро дарьёфтан мумкин аст:

Пайваста дар иморати вайронаам чу бум,
Ҳар ҷо харобае нагирӣ, манзили ман аст.

Толиби Омулӣ бо киноя ва дарду алам менависад, ки аҳли илму адаб, дониш ва донишмандон хоранд, ҷоҳилону пастфитратон соҳиби қадру қиматанд:

Фалак чандон ки дорад кина, бо донишварон дорад,
Надорад меҳру дорад гар, ки меҳре бо хасон дорад.
Ба нософон надорад осмон нософие дар дил,
В-агар нософие дорад, ба софигавҳарон дорад.
Ба қамқадрӣ зи иқболи баланди сурма ҳайронам,
Ки ин хоки сиёҳ чун ҷо ба чашми дилбарон дорад.

Дар насиби яке аз қасидаҳои Толиби Омулӣ ҳамин хислати ноҳинҷори замона ниҳоят сахт танқид шудааст. Аз ҳамин қасида норозигии шоир аз замони феодалӣ ва бадбинию нафрати ӯро ба нуқсонҳои ҷамъиятӣ хеле хуб пай бурдан мумкин аст:

Фалак осиёест бедона гардон,
Муҳол аст нафъ аз чунин осиёе...
Ба мизони ақл ар бисанҷӣ, наярзад
Ба як ҷав чунин кӯҳна деҳқонсарое.
На як даҳр, гар з-он ки сад даҳр гардад,
Фано нест маргаш сазои азое.
На як чарх, гар з-он ки сад чарх гардад,
Наярзад ба як гирьяи ҳой-ҳое...

Дар ҳақиқат, ин ҷиҳати лирикаи шоир ҳам хеле доманадор аст. Муҳимтарин хусусияти онҳо дар ин аст, ки муно-

сибати нафратомези Толиб ба синфи муфтхӯри замон хеле тезу тунд ва фошофош ифода гардидааст. Онҳоро «морнажод» номидааст:

Нестат чуи дили озурдани муре Толиб,
Ҷой дар ҳалқаи ин морнажодон накунӣ.

Дар лирикаи танқидии Толиби Омулӣ танқиди шоҳони туркони Ҳинд низ дида мешавад:

Қор аз ин «турктабибон» накушояд Толиб,
Рав, масеҳе биталаб, то ки кунад чораи мо.

Муаллифи ин сатрҳо ҳангоми мутолиаи куллиёти Толиби Омулӣ ба ду рубоӣ ва як байт дучор омад, ки дар онҳо ақидаю хулосаи шоир нисбат ба замон хеле қатъӣ ва равшан қаламдод шудааст, онҳоро як навъ сатрҳои ҷамъбасткунандаи фикрҳои иҷтимоии ӯ ҳисобидан мумкин аст:

Хок аст ҷаҳон дар назари ҳиммати мард,
Ин хок ба бод метавон дод чу гард.
Дуньё на матоест,
ки натвонш фурӯхт,
Олам на бисотест,
ки тай натвон кард.

Ин даҳр, ки ҳосилаш наярзад ба ҷаве,
Кишташ ҳама ҳанзал асту ҳанзал дараве.
Аз кӯҳнаю нав насиби аҳбоб дар ӯ
Дарди кӯҳанест бар сари доғи наве.

Танқиди аҳкоми дин дар ашъори Толиби Омулӣ бағоят тезу тунд аст.

Зоҳид, ки бувад мушти буруту боде,
Зарқандӯзе,
сияҳдили шайёде.
Бӯҷаҳли лаимро камин шогирде,
Иблиси раҷимро беҳин устоде.

Толиби Омулӣ тарғибгари илму дониш аст:

Базм рангин кун аз ҷавоҳири илм,
Маҷлиси бекитоб бенамак аст.

Толиби Омулӣ аз шахси соҳибилм, бохирад ва бофазл талаб дорад, ки илму фазли худро мояи тафохур қарор надиҳад:

Ҳар ки илми хешро сармояи нозиш кунад,
Филмасал шогирди ҷаҳлу устоди аблаҳист.

Қисмати муҳимми фикрҳои тарбиявии Толиб Омулиро ақидаи инсондӯстии ӯ ташкил кардааст. Дар ин қабил шеърҳои Толиб лутфу эҳсон, мардию олиҳимматӣ, муруввату одамгарӣ мавқеи асосӣ дорад.

Фарди бебаргу наворо сабук аз ҷой магир,
Кӯза бедаста чу бинӣ,
ба ду дасташ бардор

Мафҳуми калимаи «ишқ» дар лирикаи Толиби Омулӣ дорои мазмун ва мундариҷаи бое будааст:

Марди ишқам, як сари мӯ бар танам бедард нест,
Чун бувад охир касе, к-аш дард набвад, мард нест.

Ишқу муҳаббат аз назари Толиби Омулӣ ягона сарчашмаи илҳомбахшест, ки ҳамеша ба инсон қувват мебахшад. Ҳамон таъсири доимӣ ва қувваи ҷозибадори ишқ аст, ки ҳар як шахсу фарди ҷамъиятро водор менамояд, то ин ки ба муҳиту ҳаёт бо назари нек нигоҳ кунад, ба ҳодисаҳои тағьирёбандаи вай баҳои муносиб дода тавонад:

Чун набахшад асари шӯъла каломам Толиб,
Ишқ дар шуғли сухан силсилаҷунбони ман аст.

Риндӣ ба гурӯҳи дуюми бāромадҳои зиддифеодалӣ дохил шуда, дар замони худ моҳиятан пешқадам буда, бевосита бар муқобили догмаҳои дини ислом ва тарғиботи уламои он гузошта шудааст. Яъне ақидаи мазкур аз он ҷиҳат пешқадам аст, ки тарафдорони он ва муносибати онҳо ба ақидаи мистика тамоман хилоф аст. Агар асоси таълимоти мистика тарки дуньё бошад, асоси таълимоти риндон бо хушию ҳурсандӣ гузаронидани умри ҳаминдуньявист. Байти зерини Толиби Омулӣ дар ин боб далели хуб аст:

Риндист ҷуръанӯши муҳаббат, ки пушти пой,
Ҳам бар ҳалолҳо зада ҳам бар ҳаромҳо.

Аз ин рӯ, он шеърҳои шоир, ки дар васфи май ва хушиҳои зиндагӣ навишта шудаанд низ аз фикрҳои иҷ-

танқиди замон ва абнои он панду ҳикмат, ишқу муҳаббат, тимоӣ холӣ намебошанд. Моҳияти ин қабил шеърҳои шоир ҳамон вақт равшан мешавад, ки замони зиндагӣ, ҳаёти мазлумонаи халқ ва дигар хусусиятҳои ҷамъияте, ки адиб дар он зиндагӣ кардааст, ба инобат гирифта шавад ва танҳо ҳамон вақт мазмуну мундариҷа ва бори вазнини байти поёнро чуқуртар дарк менамоем:

Шиша холӣ гашту моро ғам зи дил холӣ нашуд,
Сад сабӯ май боиси як зарра хушҳолӣ нашуд.

Хушбахтона, на ҳамаи шеърҳои Толиби Омулӣ дар услуби сабки ҳиндӣ навишта шудаанд. Услуби шеърҳои шоир аксар содда ва ба фаҳми хонанда дастрас аст. Хусусан он шеърҳое, ки дар мавзӯи иҷтимоӣ ба қалам омадаанд, хеле сода, равонанд:

Сухан чу содда писанданд орифон, Толиб,
Чӣ лозим аст, ки ман фикри истиора кунам?

Лирикаи Толиби Омулӣ аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва шакли суханофарӣ ба таъбиру ҳикматҳои халқӣ наздик аст. Аз ин ҷиҳат шеърҳояш ба хонандаи имрӯзаи мо фаҳмоянд.

# ҒАЗАЛИЁТ

танқиди замон ва абнои он панду ҳикмат, ишқу муҳаббат, тимой холӣ намебошанд. Моҳияти ин қабил шеърҳои шоир ҳамон вақт равшан мешавад, ки замони зиндагӣ, ҳаёти мазлумонаи халқ ва дигар хусусиятҳои ҷамъияте, ки адиб дар он зиндагӣ кардааст, ба инобат гирифта шавад ва танҳо ҳамон вақт мазмуну мундариҷа ва бори вазнини байти поёнро чуқуртар дарк менамоем:

Шиша холӣ гашту моро ғам зи дил холӣ нашуд,
Сад сабӯ май боиси як зарра хушҳолӣ нашуд.

Хушбахтона, на ҳамаи шеърҳои Толиби Омулӣ дар услуби сабки ҳиндӣ навишта шудаанд. Услуби шеърҳои шоир аксар содда ва ба фаҳми хонанда дастрас аст. Хусусан он шеърҳое, ки дар мавзӯи иҷтимоӣ ба қалам омадаанд, хеле сода, равонанд:

Сухан чу содда писанданд орифон, Толиб,
Чӣ лозим аст, ки ман фикри истиора кунам?

Лирикаи Толиби Омулӣ аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва шакли суханофарӣ ба таъбиру ҳикматҳои халқӣ наздик аст. Аз ин ҷиҳат шеърҳояш ба хонандаи имрӯзаи мо фаҳмоянд.

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Ба имзо нуқта месанҷад намедонам забонашро,
Худоё, файзи илҳоме, ки дарьёбам баёнашро.
Ба мӯи хотирам пайваста дар банд аст з-ин даҳшат
Ки бо теғ аст улфат муттасил мӯи миёнашро.
Ба савдои муҳаббат эй, ки бетобона метозӣ,
Муқобил кун яке бо якдигар суду зиёнашро.
Бисоти саҷда аз беруни дар бар хоки раҳ густар,
Бас аст эй ҷабҳа, пур тасдеъ додӣ остонашро,
Забони теғи ӯ ширинадой кард дар корам,
Ба унвоне, ки бетобона бӯсидам даҳонашро.
Чунин, к-ошуфта метозад ба ҳар сӯ шаҳсавори ман,
Магар дар хоб бинад дасти мазлумон инонашро?
Хушо саҳрои улфат, к-аз тақозои камозорӣ,
Дами шир аст майли сурма чашми оҳувонашро.
Ҳумоеро, ки шуд минқор гарм аз устухони ман,
Пас аз мурдан самандар тӯъма созад устухонашро.
Набошад симу зар дархӯрди назми Толиб, эй гардун,
Ҷам аз найсон наӣ лабрези гавҳар кун даҳонашро.

* * *

Худоё, бар сари ноз ор бо мо качкулоҳонро,
Ба сеҳри ғамза бар мо фитна кун чодунигоҳонро.
Биёбони муҳаббат сар кун, эй дил, к-андар ин водӣ
Далели Хизр бинӣ лолаи гумкардадомонро
Ману шӯхе, ки истиллои ҳуснаш дар сафи маҳшар
Шикоят шукр созад бар забонҳо додхоҳонро.
Сипаҳдори ғамаш бар синаам з-он турктоз орад,
Ки тасхири билод оин бувад лашкарпаноҳонро.
Чигархӯрдан бувад, гар пои рашке дар миён бошад,
Мулоқоти қависармоягон бедастгоҳонро.
Назокат бо ҳарорат чамъ дар хуни шоҳон бингар,
Мураккаб з-оташу гул дон мизочи подшоҳонро.
Ману ишқи ту шоҳу барги як нахлем дар маънӣ,
Бале, хешӣ бувад бо ғамфизоён айшкоҳонро.
Ба гирди шамъи чӯши лашкари парвона дидастӣ?
Ба гирди теғи ӯ бингар ҳучуми бегуноҳонро
Ба сар чун зарра мерав дар рикоби сарварӣ Толиб,
Ки як тан бишканад хуршедваш чатри сипоҳонро.



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. АЙНӢ

* * *

Хор дар ҷайби гулистон фиканад гулхани мо,
Даста бар нағмаи Довуд занад шевани мо.
Мо, маломатзадагон офати маҳсули худем,
Хӯшачин барқ ба доман барад аз хирмани мо
Таъзиятхонаи мо миннати нуре накашад,
Фориғ аз партави хуршед бувад равзани мо.
Дафъи як мӯ аламии пайкари мо мумкин нест,
Монеи тезнигохе набувад ҷавшани мо.
Қасрати заъф ба ҳаддест, ки натвон фаҳмид
Тани моро зи яке риштаи пироҳани мо.
Ишқ дар пайкари мо қуввати оҳе нагузошт,
Гӯ, сабук соз дили хеш кунун душмани мо.
Толиб аз равзани хуршед маҷӯ ҷилваи нур,
Назар андоз ба даргоҳи дили равшани мо.

* * *

Аз бода барфу рӯзрухи шоҳидонаро,
Юсуфнигор кун дару девори хонаро.
Арбоби ваъда гирди рикобат гирифтаанд,
Оташинон масоз саманди баҳонаро.
Мутриб навои содда кам аз ҳеч навҳа нест,
Марғуларез кун сари зулфи таронаро.
Ошуфтагӣ зиёрати дил мекунад, магар
Бо сунбули ту қурби ҷавворист шонаро?
Он турки маст кист дар амоҷгоҳи ҳусн
К-аз тири ғамза кард мушаббак нишонаро?
Гирад нишони саҷдаи рӯҳ-ул-қудус лабам,
Чун бӯса бар ҷабин занам он остонаро.
Ҳиммат зи нек ношуданам дар бадӣ фиканд,
Тан дарнадод то бигузинам миёнаро.
Нокарда сайри ғамкада ё раб, чӣ гуна сохт
Булбул ба тарҳи хомаи ман ошьёнаро?
Мо ҷумла соҳибони забонем, лек ҳаст
Фарқ аз калиди хона калиди хазонаро.
Аз бодпои саъи ман, эй дил бидор даст,
К-ин тавсанест душмани ҷон тозиёнаро.
Бо маҳрамони зулфи туам сина соф нест,
То қатл ҳамраҳам чи насиму чи шонаро.
Толиб, ҳазор поя бар афтодагӣ фузуд,
В-аз каф надод хирагии шоиронаро.

* * *

Хизр ҳиммат талабад аз дили овораи мо,
Меҳр дарюза кунад нур зи сайёраи мо.
Мо,, сабӯҳиталабон сӯфии софинафасем,
Ҷуръа бар субҳ фишонад лаби майхораи мо.
Лонаи мо ба гулӯ хӯшаи парвин дорад,
Саъи деҳқон набувад беҳуда дар бораи мо.
Чӣ аҷаб гар сари ангушт ба бозича занад,
Бар лаби пурхирадаш кӯдаки гаҳвораи мо?
Дида аз шавқ равад чанд қадам ҳамраҳи нур,
Ба гулистони ҷамолаш гаҳи наззораи мо.
Шаби мо гуна ба дил кард ҳамоно, к-овард
Қадам аз қир бурун кавкаби сайёраи мо.
Об дар дидаи мо кисвати оташ пӯшад,
Арақи шӯъла занад ҷӯш зи фавво раи мо.
Риштаи муддати умри Хизиру аҳди Масеҳ
Сарфи як бахъя шавад дар ҷигари пораи мо.
Қор аз ин турқтабибон накушояд Толиб,
Рав, Масеҳӣ биталаб, то ки кунад чораи мо.

* * *

Шӯри булбул медиҳад ёд аз қадаҳнӯшӣ маро,
Накҳати гул мекунад таклифи беҳушӣ маро.
Ҳар замон бар лаб яке дарьёи оташ мениҳам,
Аз қазо имрӯз меояд қадаҳнӯшӣ маро.
Нолаи мурғи чамангумкарда сероҳанг нест,
Вогузоред, /эй навосанҷон, ба хомӯшӣ маро.
Чун пару боли самандар хокрӯби оташам,
Нанг меояд ба бӯи гул ҳамоғӯши маро.
Хорбунро ба гули шамшод ҳадди ҷилва нест,
Аз адаб дур аст бо нахли ту ҳамдӯшӣ маро.
Ҷомаи фатҳ аст бар тан кисвати доғи дилам,
Вожгунбахтам шугун дорад сияҳпӯшӣ маро.
Номи Толиб бар забонам нагзарад, к-аз бахти бад
Бар фаромӯшӣ наяфзояд фаромӯшӣ маро.

* * *

Ба нигоҳе чу бисӯзанд бутон пайкари мо,
Сурмаи ноз фурӯшанд зи хокистари мо.
Мо мусибатзада мурғони қафасмуштоқем,
Гарди парвона бишӯед зи болу пари мо.
Қавкаби толеи моро набувад иқболе,
Ҳама бар рӯи замин сайр кунад ахтари мо.
Дар шабистони ғамат гармижжае гарм кунем,
Синаи ханҷари алмос бувад бистари мо.
Таъни мо аҳли ҳавасро мутаассир накунад,
Ғам шавад дар раги ин сангдилон наштари мо.
Толиб, он ғамза агар соқии маҷлис гардад,
Ханда бар соғари хуршед занад соғари мо.

* * *

Шефта шав дило, яке орази дилфурӯзро,
Рашки ҳаёти Хизр кун зиндагии дурӯзро
Лаъли карашмасозро чошнии итоб деҳ,
Чини ғазаб зиёда кун обрӯи кинатӯзро.
Шӯъламиҷоз мутрибо, сахт фасурдахотирам,
Оташи нағма тез кун соз тамом сӯзро.
Тавсани ҷилваро инон ҷониби бедилон фикан,
Машъали роҳи ваъда кун барқи баҳонасӯзро.
Сина ба шоми бедилон соф намекунад саҳар,
Бо шаби мо адовате ҳаст ҳамеша рӯзро.
Дар дили хеш мехалам ҳар нафасе, ки бо ҷигар
Ҳаст карашмагунае новаки синадӯзро.
Ман ба карам сазо наям, лек ту шахси ҳимматӣ,
Рутбаи офтоб деҳ кирмаки шабфурӯзро.
Ишқ куҷо, ҳавас куҷо, Толиб, аз ин ғалат гузар,
Тафриқа кун яке зи ҳам шаъни палангу юзро.

* * *

Гирад, ки зи гуфтор забони талаби мо,
Қуфле занад андешаи хоҳиш ба лаби мо.
Дар анҷумани лутфу карам фахр намоянд,
Ҳиммат ба тунукрӯии шахси талаби мо.
Мо, хона зи барқи нафас афрӯхтагонем,
Дар бар накунад хилъати маҳтоб шаби мо.
Он заҳрсириштем, ки дар ғамкадаи ком
Май талх нагардад магар аз ёди лаби мо.
Симои асолат бувад аз носия зоҳир,
Аз ҷабҳаи мо пурс ҳадиси насаби мо.
Гӯ, чарх ба авзои хасон даст маёлой,
Қофист мар ин беадабонро адаби мо.
Эй тӯҳмати чин баста ба зулфи шаби андӯҳ
Якбора бубин ҷабҳаи субҳи тараби мо.
Толиб, нафасе тоза кун он гоҳ ба оҳанг,
Байте ду бихон з-ин ғазали мунтахаби мо.

* * *

Реш гардад синаи куфр аз хароши дини мо,
Нақш гардад пои бут аз ҷабҳаи пурчини мо.
Хори саҳрои қиёмат ғунчаҳо берун диҳад,
Чун чакад хуни гунаҳ аз номаи рангини мо.
Дар ғамат гар болиши насрин ба зери сар ниҳам,
Буттаҳои хори савдо ҷӯшад аз болини мо.
Хасмро чун нӯки наштар дар раги ҷон мехалам,
Гӯ, забонаш лол бош аз нағмаи таҳсини мо.
Баъд аз ин мову тараннумҳои арбоби ҷунун,
Чун гуле нашкуфт аз хомӯшии тамкини мо.
Ҷилва кун бар сайдгоҳи аҷзи мо, то бингарӣ
Нохуни кабк аз шикофи синаи шоҳини мо.

* * *

Бигзашт зи мо хандазанон сарвқади мо,
Қӯ-абр, ки дар гирья намояд мадади мо.
Андешаи он ҷилваи мастона фузун сохт,
Бар сояи дунболаравн ӯ ҷасади мо.
Мо, гулханиён сунбулу насрин нашиносем,
Оташ бувад оташ гули рӯи сабади мо.
Дар сар ҳаваси афсари Ҷамшед надорем,
Арзонии мо бод кулоҳи намади мо.
Мо тоифаро аз ду забонӣ хабаре нест
Дар арзи таманно чи яки мо чи сади мо.
Саргарм ба меҳри ту зи бас дар таҳи хокем,
Оташкада ояд ба тавофи лаҳади мо.
Тавфи ҳарам аз даст шуд, эй кош, намедошт
Бӯи санами барҳмани аз самади мо.
Не сарви чаманзоду на шамшоди биҳиштем,
Андешаи ҳамдӯшии ӯ нест ҳади мо.
Ташрифи шаҳодат зи дами теғи ту дорем,
Фарз аст бар арвоҳ тавофи ҷасади мо.
Толиб, дили мо дар гарави ҳуру парӣ нест,
Дӯшизаи маънӣ шуда то номзади мо.

* * *

Эй ишқ, гурез аз дили мо,
В-эй ғам, гузаре ба манзили мо.
Эй ҳаҷр, мурувват аст, мурдем,
То чанд шиканҷаи дили мо?
Мо қулзуми мавҷхези яъсем,
Киштӣ нарасад ба соҳили мо.
Хирмансӯзони боддастем,
Домони тиҳист ҳосили мо.
Аз шабнами гирья сабз гардад,
Нокошта дона дар гили мо.
Шаҳд аст такаллуми лаби дӯст,
Захм аст табассуми дили мо.
Булбул кунад орзу, ки бошад
Парвонаи шамъи маҳфили мо.
Аз ҳавдаҷи мо зимоми ҳиммат,
Бартофта мири манзили мо.
Дониста магар, ки барнатобад,
Ҳар ноқа шукӯҳи маҳмили мо.
Толиб, раҳи дил ба сар набурдем,
Фарьёд зи саъи коҳили мо.

* * *

Ба тан бӯё кунад гулҳои тасвири ниҳолиро,
Ба по дар ҷунбиш орад хуфтагони нақши қолиро.
Ману андешаи бӯсу канори ӯ муҳол аст ин,
Магар бинам ба хоб ин орзуҳои хаёлиро.
Туро бояд зи хеш омӯхтан илми вафодорӣ,
Чӣ ҳоҷат бо муаллим соҳибони дарки олиро?
Ҳанӯз андак шууре дорам, эй соқӣ, зи ман магзар,
Ба чашми масти худ таклиф кун ин ҷоми холиро.
Ҳиҷобам ғунчасон дар пардаи номус ғам дорад,
Дареғо, кош мечидам гули беинфиолиро.
Гаҳе абри тару гоҳе тарашшуҳ гунаи борон,
Биё, дар чашми ман бингар ҳавои баршуголиро.
Фалак оҷизписанд афтод ман ҳам дар мамошоташ,
Татаббӯъ мекунам бо шертабъиҳо шиколиро.
Фарангӣ шоҳидонат соқии базманд ҳон, эй дил,
Санам мегӯву мекаш бодаҳои партуголиро.
Зи мижгони ғизолон хомаҳо сар кардаӣ, Толиб,
Рақам зан бар баёзи дида ин ашъори олиро.

* * *

Беҳ ки барбод диҳам завқи гулу гулшанро,
Рӯ ба оташкада маҳмез кунам тавсанро...
Ғофил аз Миср ба Қанъон марав, эй бод, мабод,
Ки ба тороҷ диҳӣ накҳати пироҳанро.
Хона пур шуд зи хаёли ту бар онам, ки зи рашк
Дасти хуршед гиребон бидарад равзанро.
Лавҳи дил тираи мушкинрақами оҳ масоз,
Ҳабашичеҳра макун оинаи равшанро.
Омадӣ бар сари ин хаста, ба каф теғ матоб,
Душман ин сон ба аёдат наравад душманро.
Нафасе нест, ки чун шуъла зи дуди дили хеш
Сурмаи дидаи равзан накашам гулханро.
Бо чунон дасту чунон теғ аҷаб нест агар
Шавқи захми ту бар аъзо бидарад ҷавшанро.
Донаро хӯша кунад бахти азизону ба акс
Бахти шӯридаи мо хӯша кунад хирманро.
Бо ҳама сӯзи ҷигар лаб накушояд дами назъ,
Аз ман омӯхта оташ равиши мурданро.
Нохуни таъна мазан бар дили решам, Толиб,
Ман фалак нестам аз дӯст бидон душманро.

* * *

Ошиқи дардем, пас баред даворо,
Талх масозед коми рағбати моро.
Эй сафи аҳли ҳавас, низоъ надорад,
Оташи моро, гули биҳишти шуморо.
Чашм напӯшад чи сон аз ин дили бешарм,
Он ки рухаш офарида ранги ҳиноро.
Дар ҳарами зулфи ӯ даромада густох,
Силсила бар по ниҳед боди саборо.
Бар сари кӯи асар зи шӯълаи оҳам,
Бол бисӯзад кабӯтарони дуоро.
Гар кафи хокет ҳаст, бар сари мо рез,
Бо гулу насрин чӣ кор аҳли азоро.
Қаъбаравон поятон зи роҳ фурӯ монад,
Қисмат бар дил кунед обилаҳоро.
Ҳоҷати арзи матои меҳру вафо нест,
Нек шиносем мо турову ту моро.
Чошнии заҳри дардмандии ишқат,
Шарбати бемор сохта хуни шафоро.
Ҷоми май аз каф ниҳодай, аҷаб аз ту,
Ранги шафақро бубину рӯи ҳаворо.
Бар сари хоки гузаштагон гузаре кун,
Маҳшари ҷон соз турбати шуҳадоро.
Нури хаёлат зи дил ба дида фикандем,
Душмани ҳам сохтем оинаҳоро.
То ба кафи пои ӯ ниҳода рух аз рашк,
Ранг наёрам ба чеҳра дид ҳиноро.
Ҷавр макун дар либоси раҳм, ки Толиб,
Нек шиносад итобу лутфи шуморо.

* * *

Гулшан насими дард занад бар димоғи мо,
Дидори лола тоза кунад захми доғи мо.
Аксар зи ихтилоти гулу ёсумин бувад,
Изҳори бедимоғии шахси димоғи мо.
Мо, тиракавкабон гуҳарафрӯзи зулматем,
Бе шамъ пеши пой набинад чароғи мо...
Гулзори мо самуми ситони қиёмат аст,
Обу ҳаво дуасба гурезад зи боғи мо,
Мо мӯҳр бар лабон ҳама ҷӯши тараннумем,
Вақти фиғон чи булбули қудсӣ, чи зоғи мо.
Акнун, ки даст дар камари тавба кардаем,
Бингар ниёзпошии май бо аёғи мо.
Толиб, чи ҳарза дарди сари Хизр медиҳӣ,
З-оворагони ишқ талаб кун суроғи мо.

* * *

Хӯ карда ба афғон дили беҳавсалаи мо,
Номуси вафо бурда забони гилаи мо.
Саршор куни ҷоми тағофул гунаҳат нест,
Огаҳ наӣ аз нозукии ҳавсалаи мо.
Ҳон, аҳли назар вақти видои дилу дин аст,
Юсуф ба харид омада дар қофилаи мо.
Дарде, ки насиме зи гулистони вафо нест,
Бо шӯхпаришони ҳавас деҳ далаи мо.
Мо, фавҷи асирон сафи ошуфтадилонем,
Ҳо силсилаи зулфи ту, ҳо силсилаи мо.
Раҳ бе хасу хор аст мабодо ба кафи пой
Носуфта бимонад гуҳари обилаи мо.
Толиб, ғазале сар зада умед, ки хубон
Бар ишва нависанд бароти силаи мо.

* * *

Мастӣ зи кӯи ишқ бурун мекашад маро,
Сарпобараҳна сӯи ҷунун мекашад маро.
Ман худ намеравам зи паи орзу, вале
Таклифи ин табиати дун мекашад маро.
Эй кош, ҷазби шавқи ту бурқаъ барафканад,
То халқ бингаранд, ки чун мекашад маро,
Ҳар дам мусалласи алами бахти вожгун
Бар лавҳи сина бахри шугун мекашад маро.
Ман зулфи ёр мекашаму дасти рӯзгор
Мӯи ҷабин гирифта ба хун мекашад маро.
Эй ишқ, фикри силсилае кун, ки анқариб
Сарриштаи хирад ба ҷунун мекашад маро.
З-он сӯ ҳавас ба сояи ман медиҳад либос,
З-ин сӯ фано зи пӯст бурун мекашад маро.
Толиб чӣ ҳикмат аст, ки хотир ба рангу бӯй
Ҳаргиз намекашид, кунун мекашад маро.

* * *

Ҷамъ гардад дили ёрон зи парешонии мо.
Дӯстон шод шаванд аз ғами пинҳонии мо,
Мо, ки вайроншудагонем, бад-ин дилшодем,
Ки ҷаҳоне шуда обод зи вайронии мо.
Дар суҷуди санам азбаски сафо ёфтаем,
Ҷабҳаи меҳр барад нур зи пешонии мо.
Ҷуз ҷигарпораи лаззат накашӣ моидае,
Эй, ки бар худ задаӣ ништари меҳмонии мо.
Сад ниёзи намакин бо равиши барҳаман аст,
Ки яке нест дар оини мусулмонии мо.
Теғ дар барҳанагӣ фош кунад ҷавҳари хеш,
Маслиҳатҳост дар ин шеваи урьёнии мо.
Толиб аз рӯи арӯсони сухан банди никоб,
Макушо, чанд шавӣ боиси ҳайронии мо.

* * *

То чанд биковам дили ғампешаи худро,
Ништаркада созам раги андешаи худро.
Фарҳодаму андешаи Ширин ба сар, аммо
Олуда ба ҷуз дил накунам тешаи худро.
Мастам зи шаробе, ки агар ҷӯш барорад
Фаввораи симоб кунад шишаи худро.
Он шӯхниҳолам, ки гарам барканӣ аз ҷой
Бар сатҳи ҳаво сабз кунам решаи худро.
Толиб, зи ту кас навбари осеб накардаст,
Баркӣ ҳама тан, лек хасӣ бешаи худро.

* * *

Ишқ аст ин ки бедилу дин мекунад маро,
Мардуди осмону замин мекунад маро.
Ман худ намекунам ҳаваси ихтиёри ишқ,
Лутфи шамоили ту бар ин мекунад маро.
Дил мекунад харобаму фармони ишқ нест,
Ё раб ба гуфтаи кӣ чунин мекунад маро?
Он ҷо ки нақши пои карам ҳаст, яъс нест,
Шахси умед такья бар ин мекунад маро.
Нисбат ба холи оразӣ ҳураш намекунам,
Доғе, ки ишқ зеби ҷабин мекунад маро.

* * *

Дидамаш маст ба рухсора парешон мӯҳо,
Гиреҳ аз зулф кушода зада бар абрӯҳо
Рав, турунчи зақане ҷӯй табибо, ки дилам
Нашканад талхии сафрош бад-ин лимуҳо.
Боз саф баста ба хунрези дилам хубонро,
Зулфҳо аз тарафе в-аз тарафе гесуҳо.
Ман машоми дили пурдард намедуздам, лек
Бӯи таъсир намеояд аз ин доруҳо.
Чашми босурма зи чашмони дигар мумтоз аст,
Рост чун оҳуи мушкин зи дигар оҳуҳо.
Захмии теғи туро ҷон ба лаб омад густох,
Ки чи таъвиз диҳад бӯса бар он бозуҳо.
Куфр озурдани дилҳост, аё диндорон,
Ёд гиред мусулмонӣ аз ин ҳиндуҳо.
Аз нами ашк чу теғи мижа зангор гирифт,
Шаби ҳиҷрони туам оинаи зонуҳо.
Оҳи Толиб бувад аз оҳи ғарибон мумтоз,
Ҳамчу бӯи сари зулфи ту зи дигар бӯҳо.

* * *

Бо чу ман шефтае кинаи афлок чаро?
Хасмиву хирмани оташ ба кафи хок чаро?
Синаамро буни хар мӯй ҳилолистонест,
Бар чунин сина шабохун задани чок чаро?
Мо, ки хурсанд ба побӯси рикобе бошем,
Эй инон тофта бахт, ин ҳама амсок чаро?
Гар қафо хӯрдаӣ аз шӯъла чу гул чандон нест,
Захм бардоштан аз селии хошок чаро?
Ман, ки сар бар кафи таслим ниҳам чун хуршед,
Дигар аз зарравуҷудони ҷаҳон бок чаро?
Толиб, аз нуқси туаш рафъи гумоне ғараз аст,
Рамз ноёфтанат бо ҳама идрок чаро?

* * *

Шабнами хун хезад аз буму бари гулзори мо,
Ғунчаи гул ҷӯшад аз хори сари девори мо.
Сад баҳори орзу гулрез гашту оқибат
Барнаёмад бӯи умеде зи ҳасратзори мо.
Ишқ маъшуқест, к-аз як ҷилва дар рақс оварад,
Сабҳаи ҷабрилро бо риштаи зуннори мо...
Нисбати осудагӣ бо тинати мо тӯҳмат аст,
Нохуни ғам борҳо ковид пуду тори мо.
Дар ҷаҳон не мардумӣ кардем, не мардонагӣ,
Ним тор аз мӯъҷизи золӣ беҳ аз дастори мо.
Ноларо дар сина пинҳон дор, ҳон Толиб хамӯш,
Қуфл макшо аз дари ганҷинаи асрори мо.

* * *

Вақти саҳар ба нола накӯшад касе чаро?
Мастӣ ба булбулон нафурӯшад касе чаро?
Лабташна зистан ду ҷаҳон завқи душманист.
Об аз даҳони теғ нанӯшад касе чаро?
Бо офтоб кас набувад аз чӣ ҳамсулук,
Яъне ба халқ гарм наҷӯшад касе чаро?
Фасли хазон ба тарфи чаман хомушӣ хатост,
Бар ёди булбулон нахурӯшад касе чаро?
Он ҷо ки ғамза неш ба оҳан фурӯ барад,
Пироҳан аз насим напӯшад касе чаро?
Озод зистан равиши сарву савсан аст,
Худро ба Юсуфӣ нафурӯшад касе чаро?
Толиб, чу интиҳои малолат шукуфтан аст,
Доим ба шуғли гирья накӯшад касе чаро?

* * *

Беҳ, ки имшаб посбони дида созам хобро,
Нағма гардам, нохуне бар дил занам аҳбобро.
Нури маҳро чеҳра гардолуд мебинам, куҷост
Партави рӯе, ки ороиш кунам маҳтобро?
Чашм захме хӯрд, бар бетобиям ҳайф, арна ман
Изтироби набз меомӯхтам симобро.
Фарши роҳат хасмие бо паҳлуи решам надошт,
Бесабаб дар хун нишондам бистари санҷобро.
Хок бар бистар, намак бар захми паҳлу рехтам,
Баҳри осоиш муҳайё сохтам асбобро.
Хуи гарми шӯъла сардӣ барнатобад зинҳор,
Рух нашӯӣ то басад оташ нашӯӣ обро.
То ба ҳадде ишқбози нағмаам, к-аз баъди марг
Мезанам мастона бар тори кафан мизробро.
Толиб ин беэътидолӣ лозими табъи ман аст,
Бе сабаб бадном месозам шароби нобро.

* * *

Ғайри май ҳар чи кунам пуш вубол аст маро,
Май агар хунифариштаст, ҳалол аст маро.
Ману бозомадан аз нашъаи мастӣ ҳайҳот,
Ин тасаввур зи хаёлоти муҳол аст маро.
Чун нанолам, ки чудо з-абрӯи он маҳ шаби ид
Мӯ ба мӯ захмии шамшер ҳилол аст маро.
Баски чашм аз гули рухсори ту бар хуршед аст,
Шоми ҳичрон ба назар субҳи висол аст маро.
Заҳрҳо бар лаб аз он хандаи ширин дорам,
Талхии таъми сухан шоҳиди ҳол аст маро.
Пару болам ба ҳазорон шикан ороста аст,
Гӯй аз зулфи арӯсон пару бол аст маро.
Ишқбози рухи мачмӯаи хешам Толиб,
Нуқтаву ҳарф ба чои хату хол аст маро.

* * *

Марг ҷон медиҳад аз ҳасрати афсурдани мо,
Гӯр лаб мемакад аз чошнии мурдани мо.
Ҳар нафас мекунад аз дидаи мо ҷазби сиришк,
Хок гӯӣ шуда афьюнии хун хӯрдани мо.
Саъӣ аз ҳад бишуду қатраи хуне начакид,
Панҷаи ишқ хиҷил гашт зи афшурдани мо.
Манишон гард бар ин дил, ки ҳаром аст ҳаром
Ҳамчу озурдани сайди ҳарам озурдани мо.
Хӯ бад-ин обу ҳаво карда дили мо Толиб,
Маслиҳат нест зи майхона бурун бурдани мо.

* * *

Ғуборе мерасад з-он раҳгузар, эй дида, ҷо бикшо,
Бурун кун сурмаро аз хона ҷои тӯтиё бикшо.
Ту натвонӣ кушуд, эй шона, густохона зулфи ӯ,
Биё, бөре ба бӯи зулфи ӯ зулфи сабо бикшо.
Зи кори некбахтон, эй фалак, сад уқда бикшудӣ,
Саду як бош гӯ, як иқда ҳам аз кори мо бикшо.
Занад лофи сафои сина то кай, субҳдам то кай?
Ҷаҳон дар чашми ошиқ тира шуд, банди қабо бикшо.
Шикори афъии зулфи туям, эй анбаринкокул,
Наҳанги теғ бар мо гӯ, даҳан чун аждаҳо бикшо.
Ба нохун ҳасратам сад чашма хун аз дил кушуд, эй рам
Ту ҳам гар ғайрате дорӣ, биё бикшо, биё бикшо.
Ҷаҳон аз ашку оҳам боғи ризвон гашта, эй ҳамдам
Агар хоҳӣ кушудан, дил дар ин обу ҳаво бикшо.
Дари файзи саҳар боз аст, маншин беталаб, эй дил
Гулафшони аҷобат бину домони дуо бикшо.
На дар гулшан гуле пажмурдаву не булбуле мурда,
Кӣ гуфт: ин шохи сунбул мӯй чун аҳли азо бикшо,
Надидӣ гар муҳите дар либоси қатрае Толиб,
Назар бар шахси дониш орифулисломи мо бикшо!

* * *

Гулему чарх надода ҳавои чидани мо,
Ситора чашм ба ҳам мениҳад зи дидани мо.
Қаманди зарра кучо, қасри офтоб кучо,
Зи коҳилӣ набувад дар ту норасидани мо.
Бирав, бирав, машикан боли мо ба ҳарза, ки ҳаст
Зи дом то ба қафас ғояти паридани мо.
Ба завқи унси ту мо ваҳши аз чаҳон шудаем,
Далели роми ту будан бувад рамидани мо.
На ақраб асту на мор ин сипеҳри печопеч,
Валек сер намегардад аз газидани мо.
Мабар пару бишикан боли мо ба ҳарза, ки ҳаст
Зи дом то ба қафас ғояти паридани мо.

* * *

Эй ба сӯят акдро андозҳо,
Дар ҳавоят хӯшро парвозҳо.
Оташам дар пардаи дил зан, ки ҳаст
Сӯзҳоро нисбате бо созҳо.
Тавфи аҳли Қаъба дидӣ, ҳон бубин
Гирди чашмонаш тавофи нозҳо.
Бурдаам дар кишвари зулфе ба сар,
Мӯ ба мӯям дида дастандозҳо.
Гарчи не болест маро, не паре,
Мекунемаш гирди сар парвозҳо.
Мутрибу булбул ҳамешон нисбат аст,
Созҳо хешанд бо овозхо.
Гарди ғам саъди фиғонам шуд, бале,
Сурмаро ҷанг аст бо овозҳо.
Парда чун масте барандозад зи дил,
Бар забонҳо бехуд ояд розҳо.
То ҳаво гирад сӯи мо он тазарв,
Шоҳбозони назар парвозҳо.
Дар назокатхонаи чашмони ёр
Нозҳо доранд бар ҳам нозҳо.
Толиб аз чашму лаби он фитна гашт
Сеҳрҳо ҳамсоя бо эъҷозҳо.

* * *

Хуш дархур аст вақти суолу ҷавобҳо,
Аз ёр лутфҳову зи мо изтиробҳо.
Бо он, ки дину дил зи кафам бурд беҳисоб,
Дорад ҳанӯз ишқи ту бо ман ҳисобҳо.
Эй хуррам он касон, ки ба роҳи ту мехуранд
Шаб гардҳои ғурбату рӯз офтобҳо.
Аз ман кунед нусхаи девонагӣ талаб,
Қ-аз дафтари ҷунун задаам интихобҳо.
Эй ёди он, ки шаб ҳама шаб масти иштиёқ
Медид дидаам ба хаёли ту хобҳо.
Бар пираҳан фишон араҷи дил, ки беҳтар аст
Бӯи гулоби ғунча зи дигар гулобҳо.
Дорад табассуми ту ба дилҳои хунчакон
Он миннате, ки дӯшт намак бар кабобҳо.
Толиб, зи илми меҳру вафо дам мазан, ки мо
Тасниф кардаем дар ин фан китобҳо.

* * *

Қу парешон булбуле то ҳамнафас бошад маро,
Гаҳ аниси дому гаҳ ёри қафас бошад маро.
Пойбӯси ноқа ҳам нуқлест аз хуни висол,
Қош бо маҳмилнишин қурби ҷарас бошад маро.
Булбулам, не зоғ гулбонги маро ошиқ басест,
Бо чунин фарьёд бас фарьёдрас бошад маро.
Нестам фориғ чу шамъ аз сӯхтан то зиндаам,
Аввалин ором то охирнафас бошад маро.
Норасобахтам, вагарна ҳимматам кӯтоҳ нест,
Авҷи анқо гирам, ар боли магас бошад маро.
Ман чароғам, куштанамро ҳоҷати шамшер нест,
Метавон афшонд домоне, ки бас бошад маро.
Нимашаб меоям аз гулшан ғазалхон сӯи шаҳр
Булбули мастам, чи парвои магас бошад маро.
Дарди ӯ, Толиб, аҷаб моро мувофиқ машраб аст,
То нафас бошад илоҳӣ ҳамнафас бошад маро.

* * *

Сайри гулзори ҳавас ҳабси нафас бошад маро,
З-он ки боғи дилкушои ман қафас бошад маро.
Бо вуҷуди ишқ дар чашмам ҳавасро бор нест,
То бувад гул, кай назар бо хору хас бошад маро.
Ҳарчи меояд, ба тороҷи таваккал медиҳам,
Нестам он кас, ки фикри пешу пас бошад маро.
Як сафар гар иттифоқ афтад маро дар баҳри ишк,
Он қадар гавҳар ба даст орам, ки бас бошад маро,
Бар тан аз заъфам наяфтад партави хуршед, агар
Соябоне бар сар аз боли магас бошад маро.
Он арақ гардад зи шарм ин об дар арзи ниёз,
Гар забону дил зи оҳан чун ҷарас бошад маро.
Домани ҳоҷат бари хуршед накшоям зи ор,
Гар ба чизе ҷуз гиребон дастрас бошад маро.
Чун дами дӯзах дами гармам саропо шӯъла аст,
Қош ниме оташу ниме нафас бошад маро
Комрас гар нест Толиб навбарам маъзур дор,
Рағбате бо меваҳои нимрас бошад маро.

* * *

Дидам рухе инони дил аз даст шуд маро,
Чун чинии шикаста фиғон паст шуд маро.
Дар ҷоми гул мушоҳада кардам шароби ҳусн,
З-он мӯ ба мӯ чу мурғи чаман маст шуд маро.
Ворастам аз тамизи фарозу нишеби даҳр,
Пасту баландҳо ҳама якдаст шуд маро.
Мӯе накард хам ба тан аз сайди матлабе,
Оҳ аз ҳаданги нола, ки аз шаст шуд маро.
Толиб ба ҳайратам, ки аз ин табъи ҳарзагард
Чун дил ба кунҷи ғамкада побаст шуд маро.

* * *

Эй оби рух аз нахли қадат ҷилвагариро,
Парвоз ба болу пари ҳусни ту париро.
Он ҷо, ки тазарви ту ба рафтор дарояд,
Аз шарм замингир кунад кабки дариро.
Бо ҷозибаи шавқи ту монеъ натавон сохт,
Аз тавфи сари кӯи ту беболупариро.
Аз дур чу бинанд сарон тарҳи кулоҳат,
Бӯсанду ба пои ту гузоранд сариро.
Аз доруи беҳушии бӯят аҷабе нест,
Гар дил ба қиёмат бaрад ин бехабариро.
Ҷуз новаки маъшуқ набинам сӯи ошиқ,
Мурғе, ки сазовор бувад номабариро.
Ёқутлабон қимати ашкам нашиносанд,
Хуноба шуморанд ақиқи ҷигариро.
Бо нисбати нӯшинлаби лаъли ту расад боз
Бар бодаи ангур шароби шакариро.
Хоки мани дилсӯхта хокистари гарм аст,
Тарсам қадам озурда кунад раҳгузареро.
Бегонаи завқ аст дар он силсила Маҷнун,
Ман донаму ман лаззати беповусариро.
Дил меравад аз хеш табу тобаш аз он аст,
Оре, набувад хотири ҷамъе сафариро.
Дар ҳалкаи зулфаш хабар аз шона нагӯед,
Ошуфта масозед насими саҳариро.
Ё раб, маи хоҳиш ҳама дар соғари ӯ бод
То чарх сазовор бувад шишагариро.
Толиб ба ғазал ҷошнии мадҳ даромез,
То чарх бувад қиблаи соҳибназариро.

* * *

Кош дар хотир фитад хуршеди тобони маро,
Қ-имшаб аз партав барафрӯзад шабистони маро.
Хона равшан мекунам имшаб, аҷаб набвад зи ёр,
Гар чароғонӣ кунад торик зиндони маро.
То зи ҳар дасте даре бикшоядам бар дил зи хок,
Дар ҷунун сад даст мебояд гиребони маро.
Эй мусаввир, шакли зулфи ёр дар хотир маёр,
Чун нигорӣ сурати ҳоли парешони маро.
Бими вайронист, аз селаш битарс, эй боғбон,
Чун канӣ хори сари девори мижғони маро.
Эй, ки бо аршам муқобил мекунӣ аз рӯи қадр,
Поси иззат дор, ногаҳ нашканӣ шаъни маро.
Бар машом ояд насими гул зи васфи рӯи дӯст,
Толиб, ар барҳам занӣ, авроқи вайрони маро.

* * *

Меҳрубониҳост бо мо меҳнати айёмро,
Гарчи нокомем, бо мо рашк бошад комро.
Мо на он мурғем бар шохи ҳавас, к-аз иштиёқ
Гӯшаи чашме набошад ҷониби мо домро...
Аз чӣ рӯ афтода ҳамчун писта мағзаш дар даҳон,
Чашми мастат санг бар сар гар назад бодомро?
Бар замири софияш гарди надомат раҳ наёфт,
Ҳар ки дар оинаи оғоз дид анҷомро.
Хуш шабе дорем, домон дармакаш, эй зулфи ёр,
Шум бар мо дурдошомон магардон шомро.
Дар шаби зулфи ту бевақт аст дилҳоро хурӯш,
Боз мехорад гулӯ мурғони беҳангомро.
Май ба каф номи ту бишнидам зи рӯям рафт ранг,
Заъфарон кардам ба соғар бодаи гулфомро.
Пухтагӣ бигзор соқӣ бо мани кӯдакмизоҷ,
З-он ки май хом аст дархур ҷуръанӯши хомро.
Соғарам ҳаргиз нашуд холӣ, ки чашмам аз камин
Пур накардаш боз чун ман нима кардам ҷомро.
Дар дуои ошиқон набвад асар Толиб хамӯш,
Чанд хоҳӣ коми дил, аз ҳад мабар ибромро.

* * *

Аз лаб нарафт мояи талхӣ фурӯ маро,
Чун устухон бимонда гиреҳ дар гулӯ маро.
Қомам рухи ту дидану дар хун тапидан аст,
Дар дил мабод бишканӣ ин орзу маро.
Сайди латофатам чу мизоҷи гулу насим,
Гар гул шавам, аҷаб, ки намоянд бӯ маро.
Шодӣ чу анкабут накардам танида тор,
Эй вой, гар ғами ту гузорад ба ӯ маро.
Эй шона, қисмате ба ту додем, дар пазир,
Кокул туро, абир саборову ӯ маро.
Сайд ар манам, ба дому каманд эҳтиёҷ нест,
Битвон асир кард ба як тори мӯ маро!
Ман сурхрӯ барояму ӯ ҳам, чӣ ҳикмат аст?
Бо теғи ӯ аҷал чу кунад рӯ ба рӯ маро.
Эй заҳри ғам, хуш омадаӣ дар мазоқи ман,
Ҳошо, ки бе ту об равад дар гулӯ маро.
Хокам хамирмояи меҳру муҳаббат аст,
Хой эй сабо. бубар ба сари кӯи ӯ маро.
Хӯкардаи ғамам, маталаб Толибам ба айш,
Куфр аст тарки тоату тағйири хӯ маро.

* * *

Моро кашад ба суи ту шавқи баланди мо,
Ҳар мӯй тозиёна шавад бар саманди мо.
Дар обу хоки мо шарари изтироб нест,
Монад чу хол бар рухи оташ сипанди мо.
Ҳечему ҳечро нахарад ҳеч кас ба ҳеч,
Эй рӯзгор, даргузар аз чуну чанди мо!
Даъвои соҳибӣ куну в-он гаҳ ба сад забон,
Иқрори бандагӣ шунав аз банд-банди мо.
Барқему лек офати маҳсули кас наем,
Фориғ нишин, ки бигзарад аз мо газанди мо.
Бо ин накӯматоии бозори рӯзгор,
Эй вой, бар табиати мушкилписанди мо.
Толиб, хаёли май нанамоӣ, ки кардааст,
Хунро даво ба шиша дили дардманди мо.

* * *

Дил ба завқи нағмаи Довуд менолад маро,
Тори пироҳан чу тори уд менолад маро.
Удро менолад аз дарди дарун боре зи бас,
Дарди ман бингар, ки тору пуд менолад маро.
Бо вуҷуди он ки дар андӯҳ кӯҳи тоқатам,
Дил зи бас нозук бувад, аз руд монолад маро.
З-он нигаҳ сӯроххо дар устухон дорам чу най,
З-он сабаб аъзои дардолуд менолад маро.
Толиб, имшаб вой бар ҳамсоя, к-аз дарди фироқ
Мӯ ба мӯ ин ҷисми ғамфарсуд менолад маро.



* * *

Мастона раҳи майкада тай мекунам имшаб,
Парвоз ба болу пари май мекунам имшаб.
Ҳар чашм задан дар паи он гавҳари ноёб,
Сад баҳр ба пои мижа тай мекунам имшаб.
То номаи булбул набарад ҷониби гулзор,
Гар пайки насим аст, ки пай мекунам имшаб.
Дар мадди назар ҳам гулу ҳам чеҳраи соқист,
Гаҳ рӯ ба гулу гоҳ ба вай мекунам имшаб.
Махмураму паймонаи сад умри абадро,
Табдил ба як соғари май мекунам имшаб.
Ӯ масти шакархобу ман аз нолаи ҷонсӯз,
Майҳо ҳама дар нохуни най мекунам имшаб.
Май мешавам аз ёди лаби рӯҳмизоҷат,
В-он гоҳ суроғи рагу пай мекунам имшаб.
Бо ин нафаси сард чу менолам аз айём,
Гар фасли баҳор аст, ки дай мекунам имшаб.
Пирони ҷаҳонро чу асо бодаи ноб аст,
Ман низ яке такья ба най мекунам шаб.
Хобе, ки ба субҳи азалам гашта фаромӯш,
Таъбир бигӯям, ба ту кай мекунам имшаб.
Ҳарфе ба лаби ҷуди ту меораму аз рашк
Хун дар ҷигари Ҳотами Тай мекунам имшаб.
Аз хоки раҳи хони ҷавонбахт чу Толиб
Сар номзади афсари Қай мекунам имшаб.

* * *

Ҳамин гул аст, к-аз ӯ боғи ҳусн рангин аст,
Ситорае, ки ба маҳ тарҳ медиҳад, ин аст.
Расид бо рухи гул-гул шукуфта аз маи ноб,
Ба шаҳри оина имрӯз рӯзи оин аст.
Марост бар дил аз осеби рӯзгор шикаст,
Бад-он шумор, ки бар абрӯвони ӯ чин аст.
Чу ишқ кӯҳна шавад, талхӣ аз замон гирад,
Май он қадар, ки бувад норасида, ширин аст.
Аз ин шукуфта ғазал зуд нагзарӣ, Толиб,
Ки байт-байт сазои ҳазор таҳсин аст.

* * *

Қас наёмад бари мо шод, ки ношод нарафт,
Хушдилиҳои ҷаҳонаш ҳама азёд нарафт.
Ба гиёҳе навазидем, ки бе шӯъла насӯхт,
Бар ғуборе нагузаштем, ки барбод нарафт.
Он чи бар синаи мо рафт зи неши мижае,
Бар сари кӯҳкан аз тешаи Фарҳод нарафт.
В-он чи бар дил зи насими сари зулфи ту гузашт,
Аз сабо бар шикани турраи шамшод нарафт.
Тарҳи хуршеди рухат то зада бар лавҳи вуҷуд,
Чеҳрапардози ҷаҳон бар сари эҷод нарафт.
Ғам наёмад бари мо бе мадади даври сипеҳр,
Тифл бе саъи падар ҷониби устод нарафт.
Шӯри Ширин нашуд аз хотири Парвезу ҳанӯз
Ранги хун аз рухи ин ашки ҷигарзод нарафт.
Қас наёмад ба чаҳон, к-аз ғами абнои замон
Қафзанон, рақскунон то адамобод нарафт.
Сӯхт дар зулмати шаб Толибу в-аз ғайрати хеш
Бар дари субҳ ба дарьюзаи имдод нарафт.

* * *

Он ки аз таҳрири номаш нома бӯи гул гирифт,
Дӯш дар базм омаду ҳангома бӯи гул гирифт.
Бо гиребони баҳорафшон чу пайдо шуд зи дур,
Бар тани маҷлиснишинон ҷома бӯи гул гирифт.
Ҷӯши булбул имшаб аз базми ҳарифон дур нест,
Инчунин гар шӯълаи ҳангома бӯи гул гирифт.
Мушти хуне дӯш кардам дар гиребони саҳар,
Қа-з насимаш субҳдамро ҷома бӯи гул гирифт.
Имтиҳони хома мекардам ба васфи рӯи дӯст,
Як рақам тай шуд, тамоми хома бӯи гул гирифт.
Дӯш Толибро ба васфи рӯи он рангинбаҳор,
Қатраи хун бар забони хома бӯи гул гирифт.

* * *

Дар оғӯшам гуле дӯшина ҷо дошт,
Ки ҳар баргаш баҳоре рӯнамо дошт.
Ба шамъе ҳамнишин будам шаби дӯш,
Ки чун хуршеду маҳ парвонаҳо дошт.
Нигоре, к-аз ғубори домани зулф,
Абири фитна дар ҷайби сабо дошт.
Парешон сунбуле, к-аз тори ҳар мӯй,
Хазор охуи чинро хунбаҳо дошт.
Ба дасте дастаи гул дошт чун субҳ,
Ба дасте домани зулфи дуто дошт.
Ба неъматхонаи васлаш, ки хуршед,
Дар ӯ коми ҳаловат ошно дошт.
Забонам сер буд аз гуфтугӯ, лек
Лабам дар бӯса хӯрдан иштиҳо дошт.
Булӯрин соиде, к-аз хуни умед,
Кафаш бӯи гулу ранги ҳино дошт.
Ҳарифаш бар тан аз оби назокат,
Чу хоро сар ба сар мавҷу сафо дошт.
Рухаш, к-аз боғи шӯхӣ навгуле буд.
Ниқоб аз пардаи чашми ҳаё дошт.
Ба теғи ғамза аз хайли шаҳидон,
Ба ҳар сӯ Карбало дар Карбало дошт.
Зи чини турра бар соқи нигорин
Чу бахтам анбарин халхолҳо дошт.
На бар оини хубон чашми бад дур,
Гули аҳдаш насиме аз вафо дошт.
Ҳазорон шеваи бегонагисӯз
Ниҳон дар ҳар нигоҳи ошно дошт,
Зи ҷайбаш нур мезад шӯъла, гӯӣ
Тани оина дар зери кабо дошт.
Ба наргис шеваҳои ишратафрӯз
Бар абрӯ укдаҳои дилкушо дошт.

Зи гирди доманаш то домани субҳ,
Назар доду ситад бо тӯтиё дошт.
Ба рӯяш мавҷ мезад ҳусн, гӯй
Гулаш бар чашмаи хуршед ҷо дошт.
Сухан кӯтаҳ зи боғи шева ҳар гул,
Ки бар каф дошт, хотирхоҳи мо дошт.
Ба чашми Толиб он оташ саропой,
Чу оби рӯи гул мавҷи сафо дошт.

* * *

Манам, ки тоири шавкам баландпарвоз аст,
Дари дилам чу дари файз муттасил боз аст.
Баёни нолаи ман мебарад зиҳӣ тавфиқ,
Ба ҳар чаман, ки яке булбули хушовоз аст.
Садафшикасти худам чун садаф зи бими сипехр,
Вагарна гавҳарам аз офтоб мумтоз аст.
Забон ба таънаи кӯтаҳкамандиям макшой,
Ки сайди лангари аршам каминаандоз аст.
Хазинадори гуҳарҳои рози худ мебош,
Ки соя ҳам ба забони бурида ғаммоз аст.
Чи фитнаҳо, ки ба ҳар гӯша нест дар таку тоз,
Ба наргиси ту, ки майдони ишваву ноз аст.
Ба зери нохуни ғам хунчакон дилест маро,
Тамом нола чу абрешиме, ки дар соз аст.
Чу кабк ханда ба лаб дораму зи доғ маро
Даруни сина чу беруни синаам боз аст.
Раҳини хомушии Урфиям, зиҳӣ инсоф,
Ки дар замони манаш мӯҳр бар лаби роз аст.
Бале, чу булбули Омул шавад таронасарой,
Чӣ ҷои замзамаи андалеби Шероз аст?

* * *

Зулфат чу паи итоб бишкаст,
Дар чашми ситеза хоб бишкаст.
Ҳусни ту намуд зӯри бозу,
Сарпанҷаи офтоб бишкаст.
Чашми ту пиёлаҳои мастӣ,
Як-як ба сари шароб бишкаст.
Фарьёд, ки чеҳраи маро ранг
Дар майкадаи ҳиҷоб бишкаст.
Оинаи дил чунон тунук шуд,
Қ-аз партави офтоб бишкаст.
Соқӣ зи карашма дод натвон,
Ҷоме, ки тунук шароб бишкаст.
Толиб, дили мо зи дурии ҷом
Чун бар сари май ҳубоб бишкаст.

* * *

Ошиқонро бар ҳарири ноз хуфтан расм нест,
Май задан оин наву гул-гул шукуфтан расм нест.
Мо, сафи мушкилписандонро ба чашми эътибор,
Гавҳаре ҷуз гавҳари андӯҳ суфтан расм нест.
То бувад паҳлуталаб хоре ба дашти изтироб,
Ҳамчу гул бар бистари ором хуфтан расм нест.
Лахти дил зинҳор аз мижгон маруб, эй остин,
К-аз рухи фарши чаман гулбарг руфтан расм нест.
Мезанад ҳар зарра дастоне ки меҳри офтоб,
Ғолибон рози муҳаббатро нуҳуфтан расм нест.
Рух матоб аз шоҳиди май шарм дор аз навбаҳор,
Дар чунин мавсим талоқи айш гуфтан расм нест.
Ғунча чун болу пар афшонад, ки дар гулзори мо,
Ғунчаи минқори булбулро шукуфтан расм нест.
Ҳушдилеро азл кун Толиб, ки дар девони ишқ,
Ҳашв гуфтан тарз не, ҳазьён шунуфтан расм нест.

* * *

Пираҳан бикшо, ки аз бӯят саборо қисматест,
В-аз сабо ҳам мағзи пурошӯби моро қисматест.
Остин бар мушти хуни мо маяфшон, шарм дор,
Қ-аз мулоқоти кафат ранги ҳиноро қисматест.
Дар тани мо хокиён аз оташи савдои дӯст,
Устухонҳоро насибе, мағзҳоро қисматест.
Қисмате аз тӯтиё гарди асирони турост,
Ҳамчунон, к-аз хоки поят тӯтиёро қисматест.
Арзи чандин муддао кардем, мепиндоштем,
Қ-аз сироят ноларо бахше, дуоро қисматест.
Баъди куштан, эй ғам, аъзои вуҷуди мо масӯз,
Раҳм кун, к-аз устухони мо ҳуморо қисматест.
Мӯҳр кун Толиб лабат занҳор, к-аз хунрези мо
Он булӯринпанҷаи теғозморо қисматест.

* * *

Ҳусни ту назаркардаи соҳибназарон аст,
Арбоби назарро ҳамагӣ чашм бар он аст.
Дил бар сари дил рехта дар кӯи ту то арш,
Он Қаъба магар коргаҳи шишагарон аст?
Ҳар ҳалқаи занҷири сари зулфи ту чашмест,
Қ-он чашм ба рӯи ту ба ҳасрат нигарон аст.
Дорӣ пару боли малакӣ садрнишин шав,
Парвози назар хосаи бе болу парон аст.
Май нӯш, ки туғёни баҳор аст, дар ин фасл,
Ҷабрил сабукрӯҳияш аз ратли гарон аст.
Бар бехабарӣ зан, ки ки чароғи ҳарами ғайб,
Афрӯхта аз шамъи дили бехабарон аст.

* * *

Ҳар насимеро, ки дар дил ёди зулфи ӯ гузашт,
Тухми сунбул гашт то як ҳафта аз ҳар сӯ гузашт.
Сурма бе дунбола каш бар наргиси дунболадор,
Гӯшаи чашме, ки он аз гӯшаи абрӯ гузашт.
Бас ки ҳар рухсораи ӯ дошт тире дар камол,
Маҳ зиреҳ пӯшида аз наздикии он кӯ гузашт.
Ҳар киро ангушт бар бодоми чашми мо расид,
Ранги уннобаш зи соид, балки аз бозу гузашт.
Раҳм кун, савдои мо бечорагон бар ҳам мазан,
Метавон охир ба ҷоне аз сари як мӯ гузашт.
Бошад аз паҳлӯи ӯ мумкин гузори бедилон,
Шӯъларо гар пунба мебитвонад аз паҳлӯ гузашт.
Ҷӯи захре, к-аз лаби ин ташна гардад шӯъланок,
Бод натвонад ба тамкин аз лаби он ҷӯ гузашт.
Дасти ҳуснаш чун ба по андохт зулфи анбарин,
Домани зулф омаду аз домани гесӯ гузашт.
Бахьяе аз захми дил бикшуд то огаҳ шудам,
Ҳамнишинро оби шамшер аз сари зону гузашт.
Дархури назми ту Толиб накди ҷон афшондааст,
Қори таҳсин аз адои гӯшаи абрӯ гузашт.
Меҷаҳад фаввораи мушк аз шикофи хомаат,
То чи боди анбарин бар нофи ин оҳу гузашт.

* * *

Бе ту базми шароб бенамак аст,
Намаки хӯрду хоб бенамак аст.
Бе шакархандаи туам ба мазоқ,
Байзаи офтоб бенамак аст.
Бе ту баракси хоҳишам маи ноб
Намакину кабоб бенамак аст.
Шӯхтабъони риндро ба мазоқ,
Дасти бахти ҳиҷоб бенамак аст.
Хомӯшӣ нест холӣ аз намаке,
Лек вақти ҷавоб бенамак аст.
Намакин аст майпарастӣ, лек
Ҷуз ба аҳди шубоб бенамак аст.
Бетакаллуф шаби фироқи ту марг,
Намакин асту хоб бенамак аст.
Базм рангин кун аз ҷавоҳири илм,
Маҷлиси бе китоб бенамак аст.
Набзи симоб нестӣ Толиб,
Бесабаб изтироб бенамак аст.

* * *

Сайри чаман вуболи дили доғ-доғи мост,
Буи баҳор ташна ба хуни димоғи мост,
Ҳар боғро шукуфтагӣ аз табъи булбул аст,
Пажмурдагӣ гулест, ки махсуси боғи мост.
Аз ҳусни тавба бар сари ноземм бо сабуҳ,
Вақти ниёзпошии мо бар аёғи мост.
Мо қумриёни сӯхта устоди нағмаем,
Булбул ба чанд восита шогирди зоғи мост.
Гу, барги лола дафтари даъвӣ ба ашк шӯй,
Доғе, ки ҳар баҳор шавад тоза, доғи мост.
Мо базми ғам наем, намедонам аз чӣ рӯй
Бегонагӣ миёнаи нуру чароғи мост?
Толиб, тазарви шавқ аз он сӯ кушода бол
Мо дар суроғи ғам на, ки ғам дар суроғи мост.

* * *

Нораво накде, ки дар дасти гул аст,
Гар бисанҷӣ, хунбаҳои булбул аст.
Васл дар толеъ пас аз чандин фироқ,
Ошиқонро з-он сӯи дарьё пул аст.
Он, ки заҳраш нӯшдоруи сабост,
Ақраби зулф асту моро кокул аст.
Бо руху зулфи ту сомони биҳишт,
Домане гул, остине сунбул аст...
Толиб оини тараннум тоза сохт,
Чун насозад, андалеби Омул аст.

* * *

Баҳор омад, ки гардад ҷисму ҷон маст,
Шавад дил маст, чун булбул забон маст.
Баҳор омад, ки аз бӯи гулу май
Замин беҳуш гардад осмон маст.
Чаро мастона меғалтад ба ҳар сӯй,
Ба ҷадвал нест гар оби равон маст?
Аз он паймона, к-омад аввалин давр,
Зи камзарфӣ шудам аз бӯи он маст.
Нашуд тағьир дар кайфиятам ҳеч,
Ҳамон мастам, ҳамон мастам, ҳамон маст.
Чу бар мастон набошад ҳеч таклиф,
Чаро Толиб набошад ҷовидон маст?
Шавам фориғ зи пурсиш, гар малоик
Ба он олам барандам з-ин ҷаҳон маст,
Чу май дар гардиш орад соқии мо,
Кунад кавнайнро дар як замон маст.
Замони мастии булбул баҳор аст,
Ту чун Толиб шудӣ фасли хазон маст!

* * *

Ба ҷонам ҳасрати ҷонон фитодаст,
Сипандам, оташам дар ҷон фитодаст.
На табхоласт, к-аз афсуни қатлам,
Бар он лаб сояи дандон фитодаст.
Зи хун гар пираҳан пӯшад аҷаб нест,
Диламро кор бо мижгон фитодаст.
Суханро қимате гар нест, саҳл аст,
Гуҳар дар аҳди мо арзон фитодаст.
Надорад чора аз таҳрики он зулф,
Саборо даст мушкафшон фитодаст.
Ба бозори рухат аз кисаи чашм,
Диламро маблағе нуқсон фитодаст.
Туро то гашта кокул бодпаймой,
Сари сад зулф аз сомон фитодаст.
Гуҳар ёқут гашта, ё бар он лаб
Зи хуни ғунча ранги ҷон фитодаст.
Миёни хат лабаш занбӯри шаҳдест,
Ки дар ҳангомаи мӯрон фитодаст.
Нашуд маҷрӯҳ дил дар чини он зулф,
Ҳамоно шонаро дандон фитодаст.
Ҳумой, магзар аз кошонаи чуғд,
Чу роҳат бар деҳи вайрон фитодаст...
Маяфшон ашк Толиб, к-ин гули тар,
Зи чашми булбули Эрон фитодаст.

* * *

Дар чаҳоне зодаам, к-он чо зи шодӣ ном нест,
Қосидони айшро сӯи диле пайғом нест.
Ҳуш дор, эй мурғи озодӣ, ки дар саҳрои ишқ
Донае, к-ӯро набошад решае, дар дом нест.
Меваи дил сояпарвард аст, з-ӯ ғофил мабош,
Менамояд хом дар чашми ту, аммо хом нест.
Ҳамчу он моҳӣ, ки дар оташ фитад ногаҳ зи об,
Метапам дар хок он соат, ки май дар ҷом нест.
Бо дилам розе ба саргӯшӣ намегӯяд, магар
Нешро дар аҳди он мижгон забон дар ком нест?
Чун диҳем аз равғани бодом тартиби димоғ,
Қ-андарин кишвар зи шарми чашми ӯ бодом нест!
Некномӣ худ намебошад ба олам, эй рафиқ,
Бас бувад гумноми даҳр он кас, ки ӯ бадном нест.
Он ҳилоли анбарин гар чошт бинмояд тулӯъ,
Рӯзҳо дидор бикшо эҳтиёҷи шом нест.
Назми рангомези Толибро хирад чун дид гуфт:
Нақшбанди ин сухан бе нашъаи илҳом нест.

* * *

Қу бедиле, ки аз ситамат синачок нест,
Ё зиндае, ки дар ғами рӯят ҳалок нест.
Тарсам мадеҳ ба теғ, ки сармасти ишқро,
Ғайр аз худову ҳаҷр зи кас биму бок нест.
Зоҳид чи сон намоз кунад, к-аз сиришки мо,
Як қабза хок дар ҳама офоқ пок нест.
Чашми ситорае ба фалак нест шоми ҳаҷр,
Қ-аз дуди оташи нафасам сурманок нест.
Шамшод, гӯ, бисӯз ба ҳасрат, ки пири мо
Безори он асост, ки аз чӯби ток нест.
Зулфат ғубори кӯчаи дил мехурад, бале,
Мор асту морро хурише ғайри хок нест.
Толиб, чи мазҳарӣ ту, ки дар базми қудсиён,
Тасбеҳашон ба ғайри вуҷуди фидок нест.

* * *

Дар боғи ишқ ҳам гулу ҳам хас ғанимат аст,
Аз ҳар чӣ бӯи ӯ шунавад кас, ғанимат аст.
Ҳар мева чун ба ком расад, гирад эътибор,
Ҷуз меваи висол, ки норас ғанимат аст.
Ҳарчанд шоми ғам гусилад риштаи ҳаёт,
Чун дар шумори умр бувад, бас ғанимат аст.
Аз хок бар гирифта маро имтиёзи дӯст,
Ин лутфи хос бо мани нокас ғанимат аст.
Меҳмони як-ду рӯзаи ин базми ишратам,
Ғофил машав, ки сӯҳбати мо бас ғанимат аст.
Аз файзи адли шоҳ Ҷаҳонгир хоби амн
Дарвешро ба бистари атлас ғанимат аст.
Толиб, рухи ибодат аз ин қибла бар матоб,
Меҳроби абрувони муқаввас ғанимат аст.

* * *

Ороми ту рафтор ба сарви чаман омӯхт,
Тамкини ту шӯхӣ ба ғизоли хутан омӯхт.
Илме, ки ба мактаб дилат омӯхта саҳл аст,
Он илми шариф аст, ки дар анҷуман омӯхт.
Рангин чу гул аз май ба шабистон шудиву шамъ
Аз шӯълаи рухсори ту афрӯхтан омӯхт.
Афрӯхтану сӯхтану ҷома даридан,
Парвона зи ман, шамъ зи ман, гул зи ман омӯхт.
Тӯтӣ ба заминбӯси ман аз боғчаи қудсӣ,
Бо мӯҳри забон омаду тарзи сухан омӯхт.
Лутфи тую қаҳри ту ба маънӣ ду халиланд,
К-ин сохтани каъбаву он сӯхтан омӯхт.
Толиб ҳаваси ғурбату андози сафар дошт,
Савдои туаш нуктаи ҳуб-ул-ватан омӯхт.

* * *

Қамони нолаам чун дӯш зеҳ гашт,
Ба тан пироҳани гардун зиреҳ гашт.
Рухи коҳӣ ба саҳни боғ бурдам,
Анори бӯстон ҳамранги беҳ гашт.
Димоғи орзу чун гарм гардид,
Ҳавас бар ҷони дилҳо доғнеҳ гашт.
Қадомин меҳр бар ман партав афканд,
Ки ҳар мӯям ба шамъе муштабеҳ гашт.
Чу лавҳи сим софиҷабҳа будам,
Ҷабинам дид зулфе, пургиреҳ гашт.

* * *

Зиндагонии ишқи ӯро тан якеву чон сад аст,
Ним дил дар сина, аммо дидаи ҳайрон сад аст.
Эй, ки бемори дилӣ, бишкан қадам дар кӯи дӯст,
К-андар он дорушшифо як дардро дармон сад аст.
Маргро ҳамсанг бо ҳичрон мадон, эй дил, ки ман
Борҳо санчидаам мурдан яке ҳичрон сад аст.
Сад нишон аз дил тарошидам ба нохун, чун кунам
Тири бесӯфори мижгони туро пайкон сад аст.
Мояи сад баҳр дар дил дорам аз хуноби талх,
Як танӯр аст ин дили гарму дар ӯ тӯфон сад аст.
Сад шикан дар зулфи ӯ омодаву як дил марост,
Чун кунам, эй дӯстон, Юсуф яке зиндон сад аст!
З-он хами абрӯ агар сандал ба хун ғалтад,
равост,
Чои ҳайрат нест гар як идро қурбон сад аст.
Мезанад мавч аз қадамфарсудагон саҳрои ишқ,
Як биёбон асту дар ҳар гӯша саргардон сад аст.
Ғам ба рӯи ғам нишинад бар дили Толиб мудом,
Кулбаи вайрони ӯро ҳар тараф меҳмон сад аст.

* * *

Гар бисоти ғам фурӯ чинам, дили ношод кист?
В-ар дам аз меҳнат занам,
Маҷнун киву Фарҳод кист?
Бикри ишрат бе насиб аз ҷуфт меояд ба чашм,
Қас намедонад арӯси айшро домод кист?
Гӯши дил бар рахнаи девори гулшан неҳ, бубин,
Қ-аз гурӯҳи булбулон хомуш ки, дар фарьёд кист?
Ҳар киро бинӣ, дам аз омӯзгорӣ мезанад,
Чун ҳарифон ҷумла шогирданд, пас устод кист?
Парниёни мо палос ояд ба чашми рӯзгор,
Даҳр агар биност, нобинои модарзод кист?
Андалебон лаҳзае гӯё, замоне хомушанд,
Ҷуз дили ошиқ ба афьюни фиғон мӯътод кист?
Хомии номаҳрамонам мӯхр бар лаб мезанад,
Варна мегуфтам дар ин дайри хароб обод кист?
Бори сад гардан ба имое зи дӯши тан фиканд,
Назри дасташ бӯсае дорам, бигӯ, ҷаллод кист?
Чанд гӯӣ нест Толиб мустаиди тарбият,
Мустаид гар нест Толиб, соҳибистеъдод кист?

* * *

Туро то кор бо теғозмоист,
Сару танро зи ҳам шавқи ҷудоист.
Надорад тоқати таннозии ишқ,
Чӣ созад ақли мискин, рустоист!
Хумори наргиси нозофаринат,
Ниҳон аз халқ дар машқи ҷудоист.
Зиихӣ толеъ, к-аз он пои нигорин
Саросар сафҳаи хокам ҳиноист.
Маро дил тира шуд з-он ошнорӯй,
Кӣ гуфтаст ошно бе рӯшноист?
Шикан гирад, дурустӣ низ бахшад,
Сухан парвардаи нозукадоист.
Диле дорам даруни синаи танг,
Ки ниме муму ниме мумиёист.
Ба корам гӯшаи чашме наёмад,
Сияхбахтам, ки корам сурмасоист.
Хамӯшӣ доди мазлумони ишқ аст,
Навои мурғи бисмил бенавоист.
Ба зулфаш то сабо гардида густох,
Маро чун соя кор ангуштхоист.
Рафиқони мусофир бош Толиб,
Ки рохашро ба мақсад ошноист.

* * *

Аз он ба майкадаам лаҳза-лаҳза оҳанг аст.
Ки андалебаму рухсори бода гулранг аст.
Ба ҳайратам, ки шаби тори мо сияҳбахтон,
Паланг нест, чаро бо ситора дар ҷанг аст?
Ниқоби кавкаби мо абри зулмат аст, бале,
Ғилофи оинаи бахти ошиқон занг аст.
Шудам, ки дар дили ӯ бигзарам, ба Қаъба маро,
Фитода раҳ, чӣ кунам ҳар ду хона ар санг аст?
Сукут лозими шарм аст, то гумон набарӣ,
Ки дастгаҳи сухан тӯтии туро танг аст.
Тариқи нағма чунон рав, ки раҳ ғалат накунӣ,
Агар касе зи ту пурсад, ки ин чӣ оҳанг аст?
Чи гуна чок занам ҷайби орзу, ки маро
Зи даст то ба гиребон ҳазор фарсанг аст.
Чу Толиб аз паи шӯҳрат марав, ки дар маъни,
Талош номи асирони ишқро нанг аст.

* * *

Ҳар кучо ашкест, саргардони домони ман аст,
Ҳар кучо чокест, дар сайри гиребони ман аст.
Бо ду олам бениёзӣ зери бори андуҳам,
Миннати ғамҳои олам ҷумла бар ҷони ман аст.
Ғам зи ҳар кас руйгардон шуд ба ман овард руй,
Қаъбаи андуҳ гӯй байтулэҳзони ман аст.
Бо висоли меҳнат аз роҳат фаромӯш кардаам,
Шишаи осудагӣ дар тоқи нисьёни ман аст.
Дар либоси осмонӣ осмони меҳнатам,
Дуди дил абри сиёҳу гирья бороңи ман аст.
Хору зорам бенасиб аз ҷилваи гулбарги тар,
Лахти дилро гӯшаи чашме ба мижгони ман аст.
Сар ба зери пар кашад андуҳ дар кошонаам,
Ошьёни тоири меҳнат шабистони ман аст.
Ҳусн дарбозад ҷаҳон чун ман шавам сомонпазир,
Зулфи ин маъшуқ аҳволи парешони ман аст.
Толиби ҳичроннасибам орзуманди висол,
Боғи дил рангин зи ҳасратҳои алвони ман аст.

* * *

Дар водии мо бахт мададгор кӣ дидаст?
Ёрон шакару шир ба ҳам ёр кӣ дидаст?
Дар кишвари мо тоифа, к-ошуфтадилонем,
Улфат ба миёни сару дастор кӣ дидаст?
Бар зулфи ту печида дили обиладорам,
Ҳамсӯҳбатии сабҳаву зуннор кӣ дидаст?
Бар дида зи як мил занад ғайрати ӯ теғ,
Хуршеди маро сояи девор кӣ дидаст?
Дар ҳуққа кӣ дидаст фалакро гуҳари меҳр,
Дандони садаф дар даҳани мор кӣ дидаст?
Озурдадилонро ҳазар аз офати он чашм,
Хунхора ба ин мартаба бемор кӣ дидаст?
Бардӯз даҳони дили озурда, ки имрӯз
Дар шаҳр мунодист, ки ҳушьёр кӣ дидаст?
Толиб, натавон шоириву зӯҳд ба ҳам дӯхт,
Ин силсила ҷуз ринди қадаҳхор кӣ дидаст!

* * *

Чунун ба сафшиканӣ, ақл дар сафороист,
Дили канора талаб дар миён тамошоист.
Ба кӯи ӯ шуҳадо зиндагони хомӯшанд,
Намезананд даму корашон масеҳоист.
Ман аз табассуми ӯ дар намакчаши шакарам,
Сипеҳри бемазаро навбати ҷигархоист.
Фурӯғи чехра вуболи дил аст дар хами зулф,
Ки дуздро шаби махтоб кор расвоист.
Ду пилки оина бар ҳам намехӯрад харгиз,
Ба аҳди ҷилваи ӯ дидаам тамошоист.
Ниҳоли ҳусни туро шоху баргу меваву гул,
Тариву тозагиву хуррамиву раъноист.
Қунун, ки доғи маро муми равғанаст алмос,
Ба бахти ман дару девор дар намаксоист.
Ҳамин манам, ки ба дарьё фикандаам дили хеш,
Дигар маломатиёнро сафина дарьёист.
Қанораҷӯй зи халқам, чунон ки дар назарам,
Назар ба кунҷи лаби ёр кунҷи танхоист.
Ба базми ишқ мабар номи дӯст, эй маҳрам,
Мабод ранги диле бишканад, ки расвоист.
Ба чарх нисбати мо нест ғайр аз ин Толиб,
Ки мо пиёлакашонему чарх миноист.

* * *

Бозам рух аз пиёла чаман дар чаман шукуфт,
Ҳар мӯи ман гуле шуду бар рӯи ман шукуфт.
Бар ҳар замин, ки сарвқади ман қадам ниход,
З-он хок даста-даста гулу ёсуман шукуфт.
Бар зулфу оразаш назар азбаски дӯхтам,
Сунбул зи дидаам бидамиду суман шукуфт.
Дар оташам зи ишқи ту хандону тозарӯй,
Ҳамчун гули чароғ, ки дар сӯхтан шукуфт.
Зери лаб аз табассуми ӯ рафт нуктае,
Ногаҳ маро чу ғунча забон дар даҳан шукуфт.
Субҳ аз насими кӯи ту ҳар мӯй бар танам
Ҳамчун дили ғариб зи бӯи ватан шукуфт.
Чун тухми лолае, ки бирӯяд ба ҳар баҳор,
Бас доғи тозае, ки зи доғи кӯҳан шукуфт.
Фарқе миёни бӯи туву бӯи ғунча нест,
Гӯй, ки ғунча бо ту ба як пираҳан шукуфт.
Гулро чаман мақоми шукуфтан бувад, бале
Рухсори ӯ гул аст, ки дар анҷуман шукуфт.
Дар навбаҳори адли Ҷаҳонгир подшоҳ,
Гулзори табъи Толиби рангинсухан шукуфт.

Нӯши гетӣ неши хоре беш нест,
Нашъаи даврон хуморе беш нест...
Бар сафи ҳиндуи оҳам чун занад,
Турки гардун худ саворе беш нест.
Чун дар он хилват тавонад ёфт бор,
Субҳдам оинадоре беш нест.
Қай расад нозаш ба чашми масти ёр,
Сурмаи мискин ғуборе беш нест.

Вазъи ҷаҳон дарҳаму замона хароб аст,
Қор парешону корхона хароб аст.
Манзили гулону аблаҳон ҳама обод,
Қулбаи фарзонаву ягона хароб аст.
Хонаи ақлу тамизро лаби девор
Ҷуғднишин асту ошьёна хароб аст.
Суҳбати ошуфтагон шикастагӣ орад,
Дар сари зулфи ту кори шона хароб аст.

* * *

Гирьяҳо дар дил гиреҳ доремӯ ҷои гирья нест,
Маҷлиси ишрат мақоми ҳойҳои гирья нест.
Рафта ангуштони мутриб ҳамчу бахти ман ба хоб,
Нағмаи нохунзани мушкилкушои гирья нест.
Мезанад абри тунук ҳам нӯшханди офтоб,
Гирди боридан намегардад ҳавои гирья нест.
Ҳар касеро нӯшханде аз қафои гирья ҳаст,
Заҳрханде низ моро дар қафои гирья нест.
Рехт ҳар хуне, ки буд акнун паи меҳмони ғам,
Дар сарои дидаам баргу навои гирья нест.
Чашми ман дар гард дорад осиёи гирьяро,
То намегардад ба гирдаш осиёи гирья нест.
Чун ба дард ояд дилам,
гирьям зи ҳар дар зор-зор,
Дар вуҷуди ман ҳамин чашм аз барои гирья нест.
Бар навои гирья зан Толиб, ки назди аҳли дард,
Вақти дилтангӣ навое чун навои гирья нест.

* * *

Шарҳи ҷунун ба турраи ҷонона хуштар аст,
Оре, ба шаб гузориши афсона хуштар аст.
Дил зебадам ба силсилаи зулфи ӯ рафиқ,
Девонаро рафоқати девона хуштар аст.
Масҷид хуш асту дайри муғон ҳам хуш аст, лек
З-ин ҳар ду хона гӯшаи майхона хуштар аст.

* * *

Қадри дил аз он аст, ки дилдор писанд аст,
Монанди матое, ки харидор писанд аст.
Корам зи ту душвор аз он аст, ки дар ишқ
Ман булъаҷабу хӯи ту душворписанд аст.
Бо чашми ту дорад сару коре дили бемор,
Бемор, бале, сӯҳбати бемор писанд аст.
Чун зулфи ту дидем, пару бол буридем,
Сад шукр, ки он доми гирифтор писанд аст.
Густох дар он чашм мапиндор, ки он чашм
Маст аст, вале шеваи хушьёр писанд аст.
Ман масти насими гули оғӯшписандам,
Он гул накунам бӯй, ки дастор писанд аст.
Парҳез назебад зи накӯён, ки муҳол аст,
Гул чидан аз он боғ, ки девор писанд аст.
Масҷидравию сабҳашуморӣ дилаш афсурд,
Толиб, пас аз ин хонаи хаммор писанд аст.

* * *

Он чӣ аз мавҷи насиме бишканад, боли ман аст,
В-он чи аз боде парешон гардад, аҳволи ман аст.
Тирарӯзу тирадил пайваста дар оташ манам,
Хол бар рухсораи ӯ сурати ҳоли ман аст.
Маҳв гардад аз хӯи пешонияш аз ин ҳиҷоб,
Қотиби аъмол то дар байти аҳволи ман аст.
Чун ба рӯи кӯдакон холи сипанди сӯхта,
Доғи савдои ту бар рухсори дил холи ман аст.
Дар тараққӣ вожгунсайр аст, Толиб, кавкабам,
Оре, оре, пори ман маҳсули имсоли ман аст.

* * *

Аз кишти умр хирмани ғам ҳосили ман аст,
Ин дона сабз кардаӣ обу гили ман аст,
Ин бода ранг мешиканад, з-ӯ ҳазар кунед,
Гӯё гили сабӯш зи хоки дили ман аст.
Пайваста дар иморати вайронаам чу бум,
Ҳар ҷо харобае нигарӣ, манзили ман аст.
Баҳри ғамам, зи ҳеҷ тараф соҳилем нест,
В-ар худ бувад, канори бутон соҳили ман аст.
Толиб, зи ғафлати дили худ сӯхтам, вале
Ин сӯхтан сазои дили ғофили ман аст.

* * *

Субҳам ба ғаму шом ба кулфат гузарон аст,
Алқисса мадорам ба маломат гузарон аст.
Шояд ба ниҳоят расад ин кулфату андӯх,
Навмед наям шукр, ки меҳнат гузарон аст.
Ман оби гилолуд наям ҷӯй ҷаҳонро,
Ё раб, ба чи умрам ба кудурат гузарон аст?
Ман ҷуз аламу меҳнату андӯҳ надидам,
Хуш умри ҳарифе, ки ба ишрат гузарон аст.
Мушкил, ки занам даст ба домони муроде,
Ман бехабару умр ба ғафлат гузарон аст.
Зоеъ накунам умр ба ҳангомаи авқот
Он аст ғанимат, ки ба ғафлат гузарон аст.
Толиб, зи дил осуд ғаме бар мани ранҷур,
Ҳар лаҳза чу сад рӯзи қиёмат гузарон аст.

* * *

Даври фалак шикаста диламро зи сар шикаст,
Хурдам шикаста буд аз он хурдтар шикаст,
Нав сохт захмҳои куҳан бар дилам сипеҳр.
З-ин нештар, ки тоза маро дар ҷигар шикаст,
Дасти аҷал, ки пушти амал зад, шикеб ёфт.
Ё раб, шикаста бод, ки маро камар шикаст,
Гуфтам: Яке баланд парам дар ҳавои айш,
Дардо, ки санги ҳодисаам болу пар шикаст,
Гуфтӣ, ки пур масоз мукаррар паёми хеш,
Хомӯш қосидо, ки дилам з-ин хабар шикаст.
Бо ҳеч кас чу бо мани дилхаста сар накард,
То осмон ба ҷавр кӯлаҳгӯша баршикаст.
Бо он ки ним даст набудаш дар остин,
Ҳар дам маро сипеҳр зи дасти дигар шикаст.
Аз рашки нури оразу шӯри лабат фитод,
Рӯи гул аз тарovати ранг аз шакар шикаст.
Толиб, ба даври чашми ту дар дасти рӯзгор,
Тасбеҳи ашку равнақи аҳди гуҳар шикаст.

* * *

Чун насим аз дари гулзор гузаштему гузашт,
Доманафшон зи гулу хор гузаштему гузашт.
Оҳи мо ҳамдами мо буд дар ин дашти самум,
Ҳама раҳ бар даҳани мор гузаштему гузашт.
Чун дар ифшои рамузе ,ки шунидем зи ғайб,
Бими ҷон буд, зи изҳор гузаштему гузашт.
Ҳеч кас ҷурми хамӯшӣ ба лаби мо нагирифт,
Умрҳо шуд, ки зи гуфтор гузаштему гузашт.
Накди ҳар гавҳари ноёб ба даст овардем,
В-он гаҳ аз ҷумла ба як бор гузаштему гузашт.
Дори Мансур паи ибрати мо буд магар,
Ки чу дидем, зи асрор гузаштему гузашт.
Бигзарад таънаи шайхону муғон аз мо низ,
Мо, ки аз сабҳаву зуннор гузаштему гузашт.
Ҳасрати хеч матое ба дили мо нахалид,
Чашм пӯшида зи бозор гузаштему гузашт...
Бигзарад бемазагиҳои сукун бар мо низ,
Мо, ки аз лаззати дидор гузаштему гузашт.
Бар пули тавба намонем муаттал, Толиб,
К-ин сироест, ки сад бор гузаштему гузашт.

* * *

Дар даври чарх ҷоми ҳарифон тиҳӣ чарост?
Гуед бо сипеҳр, ки ин кӯтаҳӣ чарост?
Гар давр худ накарда такаллуф ба чашми ёр,
Дар фасли гул пиёлаи наргис тиҳӣ чарост?
Марди тамиз мартабаи хору гул наӣ,
Эй рӯзгор, ин ҳама ноогаҳӣ чарост?
Эй бахт, пур малоф, ки ман шери шарзаам,
Эй шери шарза, бо манат ин рӯбаҳӣ чарост?
Моро ба ними раҳ магузор, эй рафиқи бахт,
Бо ҳамраҳонат ин ҳама ноҳамраҳӣ чарост?
Эй шохи шӯъла, гар на зи шамшод рустаӣ,
Ҳайрони ҷилваҳои ту сарви сиҳӣ чарост?
Гар дил зи ёди зулфи ту марҳампазир нест,
Захми синони он мижа рӯ дар беҳӣ чарост?
Чун ибтидои ишқ хушу интиҳош низ,
Беҳуда баҳси мубтадиву мунтаҳи чарост?
Толиб: қабули расм намудӣ ба облаҳӣ
Паҳлу тиҳӣ намуданат аз аблаҳӣ чарост?

* * *

Он бесухан, ки ҳаст суханофарин май аст,
В-он безабон, ки чанг ба дилҳо занад, най аст.
Кардӣ зи ман суол, ки умри дубора чист?
Умри дубора гардиши ҷоми паёпай аст.
Эй май, парӣ най, зи чӣ дар қайди шишаӣ?
Бигзар зи лаб, ки ҷои ту андар рагу пай аст.
Бо гулрӯхони шӯъламизоҷат агар сарест,
Магзар зи май, ки ҳусни гулӯсӯз бо май аст.
Май нест гавҳаре, ки тавон доданаш зи даст,
Соқӣ, ки бедареғ диҳад, Ҳотами Тай аст.
Толиб, ғубори ғам бинишон, к-ин сабӯи май
Дар чашми ман азизтар аз афсари Қай аст.

* * *

Ҳарфи даъвиро ба гӯши марди маънӣ роҳ нест,
Ҳар ки бар даъвӣ зад, аз маънӣ дилаш огоҳ нест.
Зоҳидон гоҳе шабехуне ба соғар мезананд,
Остиншон кутаҳ, аммо дасташон кӯтоҳ нест.
Мортабъони таҷарруд пӯст бар тан медоранд,
Анкабӯти кулбаи озодагон ҷулоҳ нест.
Ту дигар суратгарӣ, варна ба лавҳи рӯзгор,
Ҳаст аз мо низ нақше, лек хотирхоҳ нест.
Шаб шаби бадр асту маҳ дар ашкли нисфӣ дар буруҷ,
Дар ниқоби ӯ биҷӯедаш, ки ниме моҳ нест.
Ту ба сурат мезадӣ раҳ, мо ба маънӣ, эй фақеҳ,
Он агар роҳ аст, инсофе бидеҳ, ин роҳ нест?
Гар ту кайвонро ба роҳи бандагӣ дорӣ қабул,
Медиҳад хатти ғуломӣ, он қадар ҳам воҳ нест.
Қай фалак паймонаи моро тиҳӣ дорад зи ашк,
Доим аст ин лутф, аммо доиман ҳамроҳ нест.
Доштам чун дил рафиқе, монд аз дунболи чашм,
Меравам танҳо кунун, овораи гумроҳ нест.
Тифли оғӯши вафо нозода дар ҷон кандан аст,
Дар диёри ишқ Толиб мурдани ногоҳ нест.

* * *

Навгуле дорам, ки сад оинарӯ ҳайрони ӯст,
Сунбуле дорам, ки сад гул бандаву қурбони ӯст.
Чашми наргис гарчи бар рӯи суман гардид боз,
Ҳамчу ман ҳайрони пайванди гулу райҳони ӯст.
Чун дилам илми парешонӣ надонад баркамол,
Оқибат шогирди зулфи бе сару сомони ӯст.
Аз бурун парвона сӯзад в-аз дарун булбул бале,
Ҳар киро дардест дар дил, сӯхтан дармони ӯст.
Оламе рӯзихури хуни диланд аз хони ишқ,
Қоф то қофи ҷаҳон шармандаи эҳсони ӯст.
Дар назарҳо гарчи бевазн аст минои сипеҳр,
Бо дили ошиқ масанҷедаш, ки касри шони ӯст.
Нақши гардунро бисозам маҳв к-ин холи кабуд
Дар ҳақиқат ёдгори сӯзани мижгони ӯст.
Қасби ҳамворӣ кунад гар табъи Толиб, дур нест,
Чун дуруштиҳои хӯи осмон сӯҳони ӯст.

* * *

Гӯшаи чашми ту нозам, ки ҷаҳон дарҳам аз ӯст,
Фитнае ҳаст агар дар ҳама олам ҳам аз ӯст.
Олам аз холи кабуди ту сияҳ кард либос,
Ин чи нил аст, ки дилҳо ҳама дар мотам аз ӯст,
Баҳри ислоҳи ҷароҳат накашам нози табиб,
Ҳар чи бар синаи ман захм аз ӯ марҳам аз ӯст.
Миннат аз ақл надорам, ки аламро сабаб аст,
Ҳама тан шукри ҷунунам, ки дилам беғам аз ӯст.
Баъди сад захм, ки бар дил расад аз дӯст маро,
Роҳате гар ба ҷароҳот расад, он ҳам аз ӯст.
Боғи гул тозагӣ аз ашк пазирад, Толиб,
Шодам аз гирья, ки гулзори маро шабнам аз ӯст.

* * *

Ком аз фалаки сифла наҷӯй, ки хато нест,
Шоистаи хоридани сар нохуни по нест.
Чун зулфи ту яксар ҳама қайдам, ҳама бандам,
Як мӯи ман аз силсилаи ишқ раҳо нест.
Занҷир ба поям чӣ ниҳӣ, шавқ кафоф аст,
Маҷнуни туро силсилае ҳамчу вафо нест.
Дар қайди либосам мапинсандед, ки банде
Озодадилонро батар аз банди қабо нест.
Хуни дили мо ранги вафо дорад, аз он рӯ
Аз дасти ту ҳаргиз наравад, ранги ҳино нест.
Барге зи дилам з-ин чамани сабз наҷунбид,
Оре, асари меҳр дар ин обу ҳаво нест.
Аз дил талабам бӯи ту, к-ин накҳати ҷонбахш
Атрест, ки дар силсилаи боди сабо нест.
Зудат зи дари каъба расонад ба дари дайр,
Охир дили бутхона талаб, аз ту ҷудо нест.
Эй бахти сияҳ чун накунам шукр, ки чун ҳаст
Дар боли ту он юмн, ки дар боли ҳумо нест.
Бишкан дилам эй ишқ, ки ин шишаи хомӯш
Сад бор агар бишканияш, ним садо нест.
Толиб, ба дуо ком наҷӯй, ки дар ин аҳд
Таъсир дуоест, ки дар мулки дуо нест.

* * *

Моро ба чарх дӯстии обу равған аст,
З-ин дӯстӣ чӣ тарф тавон баст, равшан аст.
З-ин нанг дорадам ҷамани дӯстон бале,
Гулҳои ношукуфта дар ин сабз гулшан аст.
Мӯрони хокро чи таматтӯъ зи касби чарх,
Як хӯша чун захираи ин ҳафт хирман аст.
Акнун, ки гашт гӯшаи зиндон ватан маро,
Озод карданам ба ғарибӣ фикандан аст.
Эй чарх, поси нисбате охир нигоҳ дор,
Ту тавсаниву толеи мо низ тавсан аст.
Беҳосилист ҳосили носеҳ зи панди мо,
Бодаш ба даст бод, ки оташ ниҳодан аст.
Озодагист хосияти нашъаи шароб,
Ҳайронам аз қароба, ки тавқаш ба гардан аст.
Занҷири пой шуд мани узлатпарастро,
Занҷирае, ки таъбия бар атфи доман аст.
Чашме, ки оядаш ба назар захми кориям,
Абре шавад ба гирья, агар чашми сӯзан аст.
Шӯри ҷунуни ишқ ба доман расонд чок,
Пироҳани маро, ки гиребон зи оҳан аст.
Толиб, шаби фироқ зи қурби ҷавори дил,
Гӯшам чу базми мотамиён пур зи шеваи аст.

* * *

Офият бор дар ин синаи ранчур наёфт,
Хушдилӣ ҳалқа дар ин дар заду дастур наёфт.
Ғам саросема басе гашт ба ҳар ҷониб, лек
Роҳи берун шуд аз ин кулбаи бенур наёфт.
Ҷигар аз ковиши он ғамза панохе меҷуст
Ҳеҷ ҷо амнтар аз хонаи занбӯр наёфт.
Қаъба ҳар чанд зи наздикии дилҳо дам зад,
Рухсати тавфи сари кӯи ту аз дур наёфт.
Дил паи касби ҳаво манзарае металабид,
Солҳо ғашту равоқе чу дили мӯр наёфт.
Ишқ шамъе ба зиёратгаҳи ҳар болин бурд,
Хеҷ сар комравотар зи сари гӯр наёфт.
Қаъба бигзошт дилам роҳи харобот гирифт,
Чӣ кунад, файзе аз он манзили маъмур наёфт.
Роҳате, к-аз дами теғи ту маро ҳосил гашт,
Захм дар умри худ аз марҳами кофур наёфт.
Ба макидан ҳама худ ком гирифт аз лаби хеш.
Ҳеҷ тӯтӣ мазае аз шакари шӯр наёфт.
Ҳамчу Толиб ками ҳар нашъаву мастӣ нагирифт,
Ҳар ки коми дил аз он наргиси махмур наёфт.

* * *

Боди савдои ту бар ақлу тамизам бигузашт,
Ки ба ошӯби ҷунун умри азизам бигузашт.
Дастам аз чидани гул монду лаб аз рағбати ҷом,
Ҷуз дили ғам ҳама чиз аз ҳама чизам бигузашт.
Ҳама омезишу овезишам афсӯс-афсӯс,
Ёди умре, ки ба парҳезу гурезам бигузашт.
Ҳамчу мардон нагирифтам ками ҳар зевари умр,
Чун арӯсон ҳама дар фикри ҷиҳезам бигузашт.
Холӣ аз кавиши он ғамза набудам нафасе,
Умр гӯӣ ҳама бар дашнаи тезам бигузашт.
Дӯш чун нағмаи умри ту сурудам, Толиб,
Мавҷи оташ зи лаби замзамахезам бигузашт.

* * *

Чу гулро парда аз рухсор бархост,
Садои бӯса аз гулзор бархост.
Сабо зад оташе бар ҷони булбул,
Ки дуди талхаш аз минқор бархост.
Сабо чун дид, аз дидан фурӯ монд,
Зи ҳар сӯ муждаи дидор бархост.
Сабо дуди дилам сӯи чаман бурд,
Зи гулшан абри оташбор бархост.
На хор асту на хас, к-аз рашки он рӯй
Ҳама мӯ бар тани гулзор бархост.
Сабук бо дарди ӯ ҳар дил, ки биншаст,
Гарон чун нолаи бемор бархост.
Шабистон чун набошад сард, Толиб,
Ки биншаст офтобу ёр бархост.

* * *

Чарх бо аҳл аҳлозор аст,
Хоки номард одамихор аст.
Ҳар куҷо пой мениҳад доно,
Ё дами шер ё дами мор аст.
Рост гӯям дили ман оинаст,
Гар фалак дар ғилофи зангор аст.
Мазае дар ҷаҳон намебинам,
Даҳр гӯӣ даҳони бемор аст.
Гӯ, бикаш ҷаври осмон Толиб,
Ки сад ин ранҷро сазовор аст.

* * *

Боз аз табассуме ҷигарам хун намуду рафт,
Теғи карашмаро ба дилам озмуду рафт.
Гуфтам, ки роҳи гирья бубандам, маро зи лутф
Сад чашма хун зи ҳар буни мӯям кушуду рафт.
Наздики ӯ зи хоҳиши марҳам шудам зи дур,
Бар захми ҳасратам намаке чанд суду рафт.
Гуфтам: кабоби сӯхтагонро намакчашӣ,
Лахти диле, ки буд, зи дастам рабуду рафт.
Овехтанд сарву гулаш бар инони ноз,
Нанҳод шоҳидони чаманро вуҷуду рафт.
Гуфтам: даме барам бинишин, вақти рафтан аст,
Биншаст ҳамчу оташу бархост зуду рафт.
Бар зориям зи раҳм замоне надод гӯш,
Оҳанги нолае, ки намудам, шунуду рафт.
Толиб, даме чу гул ба канорам иншасту боз.
Бархост ҳамчу шуълаву сӯзам фузуду рафт.

* * *

Ҳар лаберо намаке ҳар даҳанеро мазаест,
Тарзи ҳар тӯтии шакаршиканеро мазаест.
Ҳарфи доно набувад бемаза, ғофил магузар,
Қ-аз лаби аҳли хирад ҳар суханеро мазаест.
Нест тарзе, ки дар ӯ чошние натвон ёфт,
Вазъи ҳар маҷлису ҳар анҷуманеро мазаест.
Сӯхтам сад раҳу бозам ҳаваси сӯхтан аст,
З-он ки дар ишқи ту ҳар сӯхтанеро мазаест.
Хоҳ нав хоҳ куҳан ҳарфи муҳаббат Толиб,
Ҳар навашро намаке ҳар куҳанеро мазаест.

* * *

Ҳамин на дилбари моро бадан зи барги гул аст,
Бадан зи барги гулу пираҳан зи барги гул аст.
Равост нози латофат насимтабъеро,
Ки ҷон зи бӯи баҳор асту тан зи барги гул аст.
Бараҳнапой ба сайри чаман марав, ҳарчанд
Насими субҳиву барги чаман зи барги гул аст.
Синони хор ба дил мезанад нигоҳи итоб,
Агарки ғунчаи ӯро сухан зи барги гул аст.
Зи бас латифбаёнӣ, гумон барам, ки туро
Забони шаҳдфишон дар даҳан зи барги гул аст.
Зи бас ба хуни ҷигар лаъл гашта, пиндорӣ
Шаҳиди ғамзаи ӯро кафан зи барги гул аст.
Ба ишқ бо ту маро кор нозук афтодаст,
Ки ҳам мизоҷи ту, ҳам табъи ман
зи барги гул аст.
Магар баҳорфишон гашт хомаи Толиб,
Ки фарши саҳни чаман анҷуман зи барги гул аст.

* * *

Зи чашмам то гули ҳасрат ба ҷӯш аст,
Харидори матоам гулфурӯш аст.
Зи бас лахти ҷигар пайваста бар ҳам,
Ту пиндорӣ, ки ҷисмам хирқапӯш аст.
Даме бе гуфтугӯ магзор лабро,
Лаби бегуфтугӯ лаб нест, гӯш аст.
Забон шамъест дар маънӣ сух,ансӯз,
Забони бесухан шамъи хамӯш аст.
Гуворо соз бар худ талхии дард,
Ки чун гардад гуворо, заҳр нӯш аст.
Нагардад ишқ ҳаргиз дӯст бо ақл,
Бале, беҳӯшдору хасми ҳуш аст.
Хурӯшон бошу ҷӯшон бош Толиб,
Ки ошиқро ҳунар ҷӯшу хурӯш аст.

* * *

Бозӣ махур, ки оби ҷаҳон ҷуз сароб нест,
Заҳрест дар таровиш аз ин чашма об нест.
Хубони даҳр мояи ошӯби оламанд,
Ку дилбаре, ки оламе аз вай хароб нест?
Худро ба хоб бурда, гумон халқ ғофиланд,
К-ин бехудӣ бародари хоб асту хоб нест.
Гомест то ба манзили амни ту, эй рафиқ,
Хоҳӣ расид, ҳоҷати чандин шитоб нест.
Бе лаъли ёр анҷумани айши рӯзгор,
Чун базми ишратест, ки дар вай шароб нест.
Селоби ғам, ки силсилаи коинотро
Аз сар гузашта, рахши маро то рикоб нест.
Чун бор дода ҳамчу манеро ба базми ёр,
Гар соя маҳрами ҳарами офтоб нест.
Назми ту ҳаст зевари дурҷи сипеҳру бас,
Гавҳар басест, лек бад-ин обу тоб нест.
Толиб, чакидаи қаламат ҷумла дилрабост,
Шеъри хуши ту дар гарави интихоб нест.

* * *

Эй даври фалак, қисмати шодиву ғам аз туст,
Ман тоби ғами ҳаҷр надорам, карам аз туст.
Эй дил, зи ту дорам гила, аз ғайр чӣ нолам?
Бар ҷони ман ин ҷавру ҷафову ситам аз туст.
Эй бахт, ба рӯям дари шодӣ ту кушодӣ,
Гӯ, чарх ҳамин дар бикушояд, на кам аз туст.
Эй дил, ту далели раҳи бедоди сипеҳрӣ,
Ҷавре, ки ба ман мерасад аз чарх, ҳам аз туст.
Эй ишқ, ту сармояи зулмӣ, дигаре нест
Айём ба ҷавру ба ҷафо муттаҳам аз туст.
Эй ишқ, ба ҳар сӯ, ки равӣ, рав ба ту дорем,
Яъне сари таслим зи мову қадам аз туст.
Безори вуҷуд аз ту шудам, эй дили хунхор,
Рав-рав, ки маро рӯй ба сӯи адам аз туст.
Ё раб, ба тақозои қазо сокини дайрем,
Моро чи гунаҳ қисмати дайру ҳарам аз туст.
Эй котиби аъмоли амалномаи Толиб,
Ҳар навъ, ки хоҳӣ, рақаме кун, қалам аз туст.

* * *

Чист гуфтӣ ба дилам, ғайри таманнои ту чист?
Ҷуз ҳавои ту чӣ, ҷуз оташи савдои ту чист?
Чашми бечора ба ҳайронии худ машғул аст,
Дил шиносад, ки ба ҷон завқи таманнои ту чист?
Хокро майл ба боло набувад, ҳайронам,
Ки маро ин ҳама дил моили болои ту чист?
Чӣ бувад кини ту, эй чарх, ки меҳрат ин аст,
Софи минои ту ин, дурдии саҳбои ту чист?
Он, ки хоид сарангушти надомат ҳама умр,
Қай шиносад мазаи ҳусни саропои ту чист?
Файзи ҷон, доруи ғамҳои ту ман ёфтаам,
Ту чӣ донӣ, ки ба ҷон лаззати ғамҳои ту чист?
Қош ғамҳои ту аз рух бикушоянд ниқоб,
То шавад фош, ки ҳоли дили шайдои ту чист?
Ҷуз ҳунар нест гуноҳе фалако, Толибро,
Охир аз вай сабаби ранҷиши беҷои ту чист?

* * *

Нишот ҳечу тараб ҳечу ҷому соғар ҳеч,
Зи ҳарчи ҳосили даҳр аст ишқу дигар ҳеч.
Бигир домани озодае, ки ҳамчу насим
Зи боғи даҳр гузашту набаст дил бар ҳеч.
Ба ғайри хотири ҷамъе, ки кас надид ба хоб,
Дигар чӣ ҳаст дар ин олам мукаррар ҳеч.
Ба боғи даҳр ниҳоли самарфишон ишқ аст,
Дигар чӣ баҳра аз ин наҳлҳои бебар? Ҳеч!
Набуд лоиқи он зарб ҷуз алоиқи даҳр,
Даме, ки зарб намуданд ҳечро дар ҳеч.
Ба роздонии афлок нақди умр мабоз,
Ки кас наёфта ин нӯҳ кулохро сар ҳеч.
Ба рӯзгор зи худ камтаре гумон набарам,
Чаро ки ҳечаму аз ҳеч нест камтар ҳеч.
Ба даст гавҳари нокомӣ оварам, Толиб,
Зи комҳои ҷаҳон нест чун муяссар ҳеч.

Дард аст сазовори дили зору дигар ҳеҷ,
Ишқ аст ба девони амал кору дигар ҳеҷ.
Имрӯз маро дарди талаб сӯхт, ки дар ишқ,
Ман будаму дил буду ғами ёру дигар ҳеҷ.
Гуфтам, ки вуҷуд аз чӣ шуморост? Хирад гуфт:
Боғест, дар ӯ як гули бехору дигар ҳеҷ.
Гаҳ пур кунаму гоҳ тиҳӣ дида чу дӯлоб.
Ин аст шаби ҳаҷри туам кору дигар ҳеҷ.
Гуфтам, ки ба савдои ту, эй ишқ, чӣ суд аст?
Бигрист ба афсӯси харидору дигар ҳеч.
Гуфтам: дами назъ, эй дили бемор чӣ хоҳӣ?
Гуфто: қадаре шарбати дидору дигар ҳеч.
Домон зи кафи хор кашидам, суманам, гуфт:
Ин аст насиби ту зи гулзору дигар ҳеч.
Гуфтам: чӣ гунаҳ боиси безории ёр аст?
Озурдадиле гуфт, ки озору дигар ҳеч.
Аз хӯрдани хун манъ макун чашми сияҳро.
Парҳез бувад офати бемору дигар ҳеҷ.
Гохе, ки кашам гӯшаи дил сӯи китобат,
Маҷмӯаи нисьён ба миён ору дигар ҳеч.
Мо дар ҳараму дайр намонд он чи надидем,
Зоҳид ту чӣ дидӣ? Дар ӯ девору дигар ҳеч...
Ҳифзи тани худ мекунад аз оташи дӯзаҳ,
Зоҳид ҳама худрост парастору дигар ҳеч.
Мову хати сабзи ту, ки захми дили моро
Ислоҳ кунад марҳами зангору дигар ҳеч.
Толиб, зи матои ду ҷаҳон ҳасрати ёр аст,
Ҷинсе, ки тавон бурд ба бозору дигар ҳеч.

* * *

Эй хуш он дил, ки ҳамоғӯши ҷароҳат бошад,
Дӯстдори аламу душмани лаззат бошад.
Соя бар тораки арбоби муҳаббат фиканад,
Ҳар ниҳоле, ки баровардаи ҳасрат бошад.
Ҳар шаробе, ки дар ӯ талхии дурдӣ набувад,
Ақлро нашъаи он мастии ғафлат бошад.
Мардро вақти фуруд омадани теғ ба фарқ
Чин фикандан ба ҷабин нанги шаҳодат бошад.
Ба дурустӣ наям аз шишаи гардун эмин,
Ки агар бишканамаш, бими ҷароҳат бошад.
Метавон сӯхт ба як нола ҷаҳоне Толиб,
Лек дар мазҳаби мо нанги мурувват бошад.

* * *

Ғамҳои мо ба савту наво кам намешавад,
Аз оби нағма оташи мо кам намешавад.
Ин шукр чун кунем, ки бо бедилони шавқ,
Ҷаври ту ҳамчу лутфи худо кам намешавад.
Гар чашмаи синони аҷал хушклаб фитад,
Як ҷуръа заҳр аз он мижаҳо кам намешавад.
Шуд устухони сӯхтаам хоку ҳамчунон,
Аз машҳадам ҳуҷуми ҳумо кам намешавад.
Гӯ, бе диле, даме зи ҷаман коми хеш гир,
Ҳусни баҳору файзи ҳаво кам намешавад.
Толиб, зи сӯзи ишқ чи нуқсон дили туро,
Ёқутро зи шӯъла сафо кам намешавад.

* * *

Навбаҳор асту гул аз чайби ҳаво мечушад,
Дили булбул зи сари зулфи сабо мечӯшад.
Навбаҳор аст ба завқи лаби мастони хумор,
Хуни май дар ҷигари майкадаҳо мечӯшад,
Ҷилваи пардагии замзама дар меъроҷест,
Қ-аз лаби ғунчаи тасвир наво мечӯшад.
Шӯхии номаи ом аст чунон, к-аз дили санг
Сад гулистони асар ҷилванамо мечӯшад.
Раҳравонро ба чунин фасл гуле серобест,
Оташин обилае, к-аз кафи по мечушад.
Файз бар файз фишондаст ҳаво то ҷое,
Қ-аз пару боли магас фарри ҳумо мечӯшад,
Толиб, аз синаи ҷон занги кудурат бурдӣ,
Ки баҳор асту зи оина сафо мечӯшад.

* * *

Гоҳе, ки лабат чошнии роз фурӯшад,
Оби намаки сеҳр ба эъҷоз фурӯшад.
Ман куштаи чашме, ки ду олам дилу динро
Ҳар дам ба адое хараду боз фурӯшад.
Парсӯхта мурғе, ки расад аз чамани ишқ,
Дар ҷилва ба товуси ҳарам ноз фурӯшад.
Ҳар нағмаи айше, ки занад аз дили мо ҷӯш,
Шеван ба лаби замзамапардоз фурӯшад.
Фарьёд, ки дар роҳи талаб мақсади мо нест,
Он роҳ, ки анҷом ба оғоз фурӯшад.
Ҷуз дидаи ҳасраткаши ошиқ натавон ёфт,
Мурғе, ки ба болу мижа парвоз фурӯшад.
Толиб, раҳи мо бо ду ҷаҳон завқи хамушӣ
Овоза ба мурғони хушовоз фурӯшад.

* * *

Баҳор омад, кунун айш аз ғами дерина мечӯшад,
Гули шодоби меҳр аз хорзори сина мечӯшад.
Баҳор омад, кунун баҳри нисори шоҳиду соқӣ,
Гуҳар чун қатраи хун аз лаби ганҷина мечӯшад.
Ба ёди ашк ҳар дам дидаҳо аз дида мерӯяд,
Ба завқи доғ ҳар дам синае аз сина мечӯшад.
Дил аз дил метаровад то намудӣ акси дидоре,
Ба ҷазби партавӣ оина аз оина мечӯшад.
На кирми пиллаӣ, то кай дар абрешим ниҳон бошӣ,
Муҷаррад шав, ки завқ аз хирқаи пашмина мечӯшад.
Мабин дар дидаи хуршед, бингар дар дили Толиб,
Ки нури зоҳиру ботин аз ин оина мечӯшад.

* * *

То каям рӯза ниқоби рухи машраб бошад,
Ман даҳонбаставу паймона лаболаб бошад?
Баҳри таскини дил аз ташнагии шарбати ноб,
Ҳамагӣ дидаи рӯзам ба раҳи шаб бошад.
Хуни тоат хӯру нури назари машраб бош,
Ҳайф набвад, ки касе уммати мазҳаб бошад.
Саъйро беҳ, ки занам санги надомат бар пой,
Чанд сайри талабам он сӯи матлаб бошад?
Мондаам дар хами ваҳшатгаҳи афлок асир,
Ҳамчу он тифл, ки зиндонии мактаб бошад.
Шӯъла ҳал карда паи дафъи судоам Толиб,
Хуш давоест ҳамоно, ки муҷарраб бошад.

* * *

Вах, чӣ бахт аст ин ки офат низ аз ман мерамад,
Шӯълаам аз хору хас, барқам зи хирман мерамад.
Гар саропо чун яди байзо шавам гетифурӯз,
Бахт мабрусам тасаввур карда аз ман мерамад.
Қатраи ашк аз гиребон боз мегардад ба чашм,
Тифл ҳам дар аҳди бахти мо зи доман мерамад.
Мерамад аз сояи бахтам сипеҳри бадлигом,
Оре, оре, аз палоси тира тавсан мерамад.
Шеваи сайди дилам рам кардан аз сайёд нест,
Мерамад аз ваҳшӣ, аммо аз рамидан мерамад.
Ман азоимхон наям, бахти мусоид дев нест,
Ҳайрате дорам, ки чун аз сояи ман мерамад?
Хашму нози шӯълаву гул гар накоҳад анқариб,
Толиб аз оташситон, булбул зи гулшан мерамад.

* * *

Тухми осоиш аз ин мазраа кам сабз шавад,
Ин гиёҳест, ки дар дашти адам сабз шавад.
Донаи айш нарӯяд зи гулистони ирам,
В-ар ба дӯзах фиканӣ, тухми алам сабз шавад.
Ба хаёли кафи ӯ мазраакорони умед,
Дона бар хок фишонанд, дирам сабз шавад.
Шӯхии нашву намо тухми таманнои туро
То ба ҷоест, ки нокошта ҳам сабз шавад.
Мижаи ашкфишонро шарафи шохи гул аст,
Қ-аз нами чашми ғизолони ҳарам сабз шавад.
Рӯз бошад, ки зи хунбории ин дида маро,
Донаи обила дар зери қадам сабз шавад.
Донаи меҳру вафо сабз нагардад Толиб,
В-ар шавад сабз, ба саҳрои адам сабз шавад.

* * *

Дидам гули рӯе нигаҳам ранг баровард,
Дил бар мижаам нола ба оҳанг баровард.
Гардун ба миёнаш камари шердилон баст,
Мӯре, ки ба озурдани мо чанг баровард
Даврон дами обе, ки насиби лаби мо кард,
Моно, ки ба нохун зи дили санг баровард.
Оинаи теғат рухи зангор набинод,
Қ-он покгуҳар номи ман аз нанг баровард
Ҳар гаҳ ба турунҷи заҳанаш дида кушудам,
Дар сина дилам гунаи норанг баровард.
Бе сунбули зулфе суманафшонии ашкам,
Аз хок гулу лола ба сад ранг баровард
Дерест, ки иқлими баёне нагирифтам,
Шамшери забонам ба даҳон занг баровард,
Гулҳо ҳама з-осеби асар гӯш гирифтанд,
Толиб чу фиғоне зи дили танг баровард.

* * *

Субҳ аз рухи ӯ тӯҳфа ба гулзор фиристод,
Шом аз хати ӯ нофа ба тотор фиристод.
Ҳар дил, ки ғубори хати мушкин ба рухаш дид,
Оина ба дарьюзаи зангор фиристод.
Моро фалаки сифла паи гавҳари мақсуд
Дар коми наҳангу даҳани мор фиристод.
Роҳат талабидам зи ҷаҳон, дида бипӯшид,
Ғам хостам аз даҳр ба хирвор фиристод.
Дар ҳайратам аз ҷаннати гардун, ки чи сон дил
Додаш, ки ба мо меҳнати бисьёр фиристод.
Бар чеҳраи зардам рақам аз хуни ҷигар зад,
Он кас, ки туро гунаи гулнор фиристод.
Бар таври таманно лаб аз ибром набастем,
То дӯст ба мо муждаи дидор фиристод.
Ман ҷинси бурун доданӣ аз даст набудам,
Бахтам ба ғалат ҷониби бозор фиристод.
Қамқадр аз онам, ки фурӯшандаи қисмат
Бе гуфту шунидам ба харидор фиристод.
Толиб зи раҳи каъба чу бар дайр гузар кард,
Аз сабҳа саломе сӯи зуннор фиристод.

* * *

Пеш аз замони мову ту мехру вафо набуд,
Дил бо дилу нигоҳ бо нигоҳ ошно набуд.
Гул буд лола дар чамани ҳусни ишқ, лек
Шабнам ниқоби ғунчаи шарму ҳаё набуд.
Ғафлат фишонд доманат ар не ба хосият,
Ин гарди озмуда кам аз тӯтиё набуд.
Дӯш аз ҳуҷуми шамъниҳолон дар анҷуман
Парвонаро ба ҳошияи базм ҷо набуд.
Як шева ҳосилам зи ту нозукадо нашуд,
Гӯё дили шаҳиди маро хунбаҳо набуд.
Амсоки юз, рахнаи девору дар чаро?
Гирам калиди боғ ба дасти сабо набуд.
Не лаълаш оташину на ёқуташ обдор,
Ҳаргиз арӯси гирья чунин бесафо набуд.
Толиб чаро ба хастагии ҳаҷр ҷон надод?
Чун ӯ мариз қобили файзи шифо набуд.

* * *

Дард ку, то ҳашаре бар сари дармон орад,
Ноларо аз асари нола ба афғон орад.
Ҳон хирад, нофеи туъғёни ҷунун бош, мабод
Лашкари чок шабехун ба гиребон орад.
Бурдаам ному надонад, ки кадомам оре,
Зикри ошиқ аҷабе нест, ки нисьён орад.
Шавқи наззораи рафтори ту аз пардаи дил
Ашкро рақскунон бар сари мижгон орад.
Ҳар насиме, ки вазад аз сари зулфи саҳарам,
Атре аз анҷумани шоми ғарибон орад.
Манам он каъбарави хаста, ки дарди талабам
Ашки хун бар мижжаи хори мағилон орад.
Ҷилваи тифли хаёлат ба дил аз ғояти меҳр
Модари чашми маро шир ба пистон орад.
Доғам аз маҳрамии шона, ки ҳар дам густох
Панҷа дар панҷаи он зулфи парешон орад.
Ҷазби шавқ аст, ки ҳар дам санами Мисриро
Аз ҳарам мӯйкашон то дари зиндон орад.
Ку ҷунуне, ки ба рағбат зи гиребони дилам
Чокро даст бигирад, сӯи домон орад.
Оҳро гар бувад ашке ба қафо, нест аҷаб,
Бодро хосият он аст, ки борон орад.
Толиб, ин нашъаи файзе, ки ба Ҳиндустон ёфт,
Шарм бодаш, ки дигар ёд зи Эрон орад.

* * *

Саропои дил аз захми забонам з-он фиғон дорад,
Ки чашмат ғайри мижгон аз нигаҳ чандин забон дорад.
Миёни шохи гул з-он сарвқад набвад чуз ин фарқе,
Ки он сар бар замин аз шарму ин бар осмон дорад.
Назокатрост дар иқлими ҳуснаш ҳукум то чое,
Ки мӯй турраи ту баҳс бо мӯи миён дорад.
Агар дил чун лаимон бар сари меҳри бутон ларзад,
Макун айбаш, к-аз асбоби чаҳон мискин ҳамон дорад.
Гумони ин қадар сӯзи муҳаббат нест бо булбул,
Магар парвонае бар шохи гулбун ошьён дорад?
Ба бозӣ лаъли майгунаш фишонам ҳар даму гӯям,
Лабат бе устухон аст, эй парӣ, ё устухон дорад?
Ба ғайр аз остинаш суфрае натвон гумон бурдан,
Дар ин қаҳти карам ҳар кас ба олам ним нон дорад.
Таҳаммулро мадеҳ раҳ беш аз ин бо нанг дар хотир,
Видои бурдборӣ кун, ки фитратро зиён дорад.

* * *

Даме зи хун ту сад кишвар аз ривоҷ афтад,
Мабод он ки касе осмонмиҷоз афтад.
Ҷудо зи базму сурохӣ ба хисраве монам,
Ки аз ҳаводиси даврон зи тахту тоҷ афтад.
Димоғ бехуда сӯзад Масеҳу чархи Масеҳ,
Чу кори дил ба марзҳои беилоҷ афтад.
Ҳазор турра шиканҷ оварам зи абруи бахт,
Гар остини туро чине эҳтиёҷ афтад.
Даҳони шӯри ту мулкест тангарса чунон,
Ки гар ба умре з-ӯ бӯсае хироҷ афтад.
Зи чарх кина ситонад ба хомӯшӣ, Толиб,
Наузубиллаҳ агар кор бо лаҷоҷ афтад.

* * *

Охир ба ишвае дили мо метавон харид,
Гулдастае ба нархи гиё метавон харид.
Дар байъи ман замона як имрӯз сабр кун,
Фардо маро ба ним баҳо метавон харид.
Ҷон дар баҳои бӯи ту дорам, зи аблаҳӣ
Пиндоштам зи боди сабо метавон харид.
Не зар диҳад мурод ба савдои дил на зӯр,
Ин ҷинсро ба накди ризо метавон харид.
Гар бигзарӣ ба қимати як ишва, балки ним,
Чун ман ҳазор бе сару по метавон харид.
Ҷазби каҳет нест зи девори кӯи дӯст,
Ин хосият зи коҳрабо метавон харид.
Гар накди ғам ба киса бувад, умри рафта боз
Чун рӯзаву намози қазо метавон харид.
Дар укдаи нигор дил афтад зи рӯзгор,
З-он нӯшханд укдакушо метавон харид.
Пои ту бенигору ба бозори чашми мо,
Хуни ҷигар ба нархи ҳино метавон харид.
Гар муштарӣ ту бошӣ дар байъгоҳи ҳашр,
Сад хун ба бозӣ аз шуҳадо метавон харид.
Толиб, ҳазор ишва харидӣ зи рӯзгор,
Як ишва ҳам ба хотири мо метавон харид.

* * *

Чун ба чаман ҷилваи мастона кард,
Шабнаму гулро маю паймона кард.
Гӯшаи бурқаъ чу ба саҳро кушуд,
Бодияро рашки парихона кард.
Чеҳра чу аз оташи май барфурӯхт,
Шамъ ниқоб аз пари парвона кард.
Наргиси масташ чу гарон шуд зи хоб,
Мӯъҷизаро бар лаби афсона кард.
Лаъли кӣ олудаи май шуд, ки боз
Бӯса ғулӯ бар лаби паймона кард?
Бе рухаш азбаски тиҳӣ шуд зи рӯз,
Шабпара дар дидаи ман хона кард.
Завқи парешонии зулфаш чу дид,
Мӯи миёнаш ҳаваси шона кард.
Гавҳари маънӣ ба лабам хӯша баст,
Чун назараш тарбияти дона кард.
Толиб аз ин даст сухан пеши дӯст,
Ҳар чи адо кард, бузургона кард.

* * *

Ба чашми мо гули май обу ранги ҷон дорад,
Пиёла дар кафи мо гардиши замон дорад.
Даме зи нола наёсояд ин бараҳмани дайр,
Забон магӯй, ки ноқус дар даҳон дорад.
Зи сӯзи ишқи ту ҳар дам самандаре ба ҳумой,
Ситеза бар сари ин мушти устухон дорад.
Ту он шикорфиребӣ, ки ҳар куҷо мурғест,
Ба сӯи доми ту роҳе зи ошьён дорад.
Гули дуои кӣ мечинад ин ғариб, ки боз
Саре ба хиркаву дасте бар осмон дорад.
Сухан сареҳ чӣ гӯӣ ҳадиси меҳру вафост,
Ба рамз гӯй, ки девору дар забон дорад.
Сипанди оташи рашкам зи коҳи деворат,
Ки он шикаста чу ман ранги ошиқон дорад.
Фирозн домани ҳар қатра гӯшаи ҷигар аст,
Чакидаги сари мижгони мо нишон дорад.
Чаро ба арш натозад касе, ки чун Толиб,
Самандн ботикаи мутлақ-ул-инон дорад.

* * *

Рафт ончунон ки гарди рикобаш касе надид,
В-аз ҳамраҳон ба ғайри шитобаш касе надид
Дардо, ки шуд насиби лаби ҷуръанӯши мо,
Хунобае, ки дуди кабобаш касе надид.
Эй аҳли дард, мужда, ки айш аз миёни мо,
Ғоиб шуд ончунон ки ба хобаш касе надид.
Чашмам чаман-чаман гули наззора чид дӯш.
Аз чеҳрае, ки ғайри ниқобаш касе надид,
То соя аз хати ту назад ғӯта дар шароб,
Мижгон ба гирди чашми ҳубобаш касе надид.
Гулзори айш вақфи сабо гашт ҳосилаш,
Ранги гулу насими гулобаш касе надид.
Диданд аҳли дил ҳамаро масти хоби ноз.
Хоби ман аст он, ки ба хобаш касе надид
Хомӯшиям зи ғояти хомист варна ишқ,
Фориғ зи нола мурғи кабобаш касе надид.

* * *

Пиёла нӯш, итоби ту ҳуш нашносад,
Фиғони беасараш роҳи гӯш нашносад.
Ҳамеша бод гирифтори сардмеҳрии даҳр,
Диле, ки лаззати ҷӯшу хурӯш нашносад.
Фаришта, гӯ, макишо мӯҳри лаб, ки ошиқи маст
Сафири мурғ зи бонги сурӯш нашносад.
Диле, ки навбари тобе накарда аз таби ишқ,
Ҳарорати лаби табхолаҷӯш нашносад.
Ту нақди ҷон ба кафи дил неҳ ин чи инсоф аст,
Чӣ шуд, ки қимати май майфурӯш нашносад?
Ба даври чашми ту кайфият он чунон шуда ом,
Ки нағма роҳи лаб аз роҳи гӯш нашносад.
Ба бӯи сабрмашом ошно мабод он ринд,
Ки қадри Толиби талхобанӯш нашносад.

* * *

Чу нозаш ғайрро аз ҷунбиши абрӯ бисӯзонад,
Ҳазорон доғи рашкам дар тани ҳар мӯ бисӯзонад.
Чу ороянд рухаш, машшота баҳри дафъи чашми бад,
Сипанде кошки дар оташи он хӯ бисӯзонад.
Гаҳе дар зери лаб машқи табассум метавон кардан,
Малоҳат хонумони захмҳоро гӯ, бисӯзонад.
Наям ҳиндуи хол, аммо зи гардун чашми он дорам,
Ки гар сӯзад, маро дар оташи он рӯ бисӯзонад.
Тилисми дил ба бозуяш набандам, б ми он дорам,
Ки ин таъвизи оташ ногаҳаш бозу бисӯзонад.
Муҳаббаат бин, ки гар боде вазад, бар кокули шамъе,
Зи ғайрат хешро парвона чун ҳинду бисӯзонад.
Чу гарми гирья гардам, раҳнаварди кӯи ӯ, Толиб,
Сиришкам аз кафи по то сари зону бисӯзонад.

* * *

Ман парешонам, туро дарди парешонӣ мабод,
Сунбулатро накҳати ошуфтасомонӣ мабод.
Хоки ашколуди мо атри ҷабин чун сандал аст,
Ин абири тар гиребониву домонӣ мабод.
Укдаи мушкилкушо ороиши мӯясту бас,
Сад гиреҳ бодат ба зулф, аммо ба пешонӣ мабод.
Захми шамшери надомат қобили ислоҳ нест,
Ҳеч оқил захмии теғи пушаймонӣ мабод,
Сад хатар пеш аст дар ҳар қатра аз ҷайҳуни ҳусн,
Киштии кофур дар ин ғарқоб тӯфонӣ мабод.
Шохи ҳасратро гуле гар бишканад, девонагист,
Дидаю дилро сару коре ба ҳайронӣ мабод
Бозуи ислом рӯзе буд боқувват, кунун
Такьяи мӯре ба девори мусулмонӣ мабод.
Назми Толиб мекунад нисбат ба Ҳоқонӣ дуруст,
Гӯ, хитобаш аз фалак Ҳоқонии сонӣ мабод.

* * *

Чун ғазаб ранги гулаш бар ёсумин меафканад,
Шуълаи чашм аз хиҷолат бар замин меафканад.
Чун нигорин соидаш аз доғ менушад либос,
Дасти гулчинро зи чашми остин меафканад.
Фарши гул меафканад боди баҳори ранг-ранг,
Соя ҳар ҷо сунбули ӯ бар замин меафканад.
Он гунаҳкорам, ки сабти дафтари аъмоли ман
Раъша бар дасти киромулкотибин меафканад.
Чархро даъвои симу зар ба маъдан баҳри чист,
Гу, бағал бикшо, ки лаъли оташин меафканад.
Табъи мо гар мушти симе аз лаиме карда вом,
Инак-инак дар иваз дурри самин меафканад.
Ҷайбу доман, эй фалак, бикшо, ки дасти муфлисам,
Ганҷҳо аз ҳар шиканҷи остин меафканад.
Тунбоди ҳимматам сад хирмани ошуфтаро,
Мекунад ҷамъу ба ҷайби хӯшачин меафканад.
Чархи рӯбаҳбозро озори Толиб сарфа нест,
Хешро гурге абас дар пӯстин меафканад.

* * *

Ҳар узви танат соддатар аз узви дигар буд,
Мӯе, ки бар андоми ту дидем, камар буд.
Аз дарди ҷудоӣ мижа барҳам назадам дӯш,
Бо он ки саропои ту дар мадди назар буд.
Зад бахти бадам нағмаи ҳиҷрони ту бар гӯш,
Ин зоғи сияҳрӯ чӣ бало шумхабар буд?
Дар кӯи ту дӯш аз асари тезии хӯят,
Пои мижаро бар дами шамшер гузар буд.
То субҳдам аз нола наёсуд, ҳамоно
Мурғи дилам аз қофиясанҷони саҳар буд.
Тӯтӣ нахӯрад хуни дил, аммо чӣ тавон кард,
Дар Ҳинд ба бахти бади мо қахти шакар буд,
Шуд коми дил азьёд зиҳӣ сустии толеъ,
Имшаб, ки дуо даст дар оғӯши асар буд.
Гуфтанд: чӣ будат ба ҷаҳон раҳзани иқбол?
Нолидаму гуфтам, ки ҳунар буд, ҳунар буд!
Толиб, чӣ аҷаб гар дилу дин дод ба тороҷ,
Ӯ навсафару бодия пурхавфу хатар буд.

* * *

Ба ман, ки хастадилам, дард улфатӣ дорад,
Ғам илтифотеву меҳнат муҳаббате дорад.
Маро ба бистари лахти ҷигар сару кор аст,
Қасе, ки хуфта дар оташ, фароғате дорад.
Ту шамъи анҷуманӣ, шӯълае дареғ мадор,
Аз ин магас, ки ба парвона нисбате дорад.
Қиёси ҳоли мани гармхун ба ғайр макун,
Ки хас мизоҷеву оташ табиате дорад.
Чу роз дар дили шамъ аст роҳи парвона,
Қиёс, кун, ки чи наздик хидмате дорад.
Зи домани мижа гарди намак мапош, эй чашм,
Ки тор-тори гиребон ҷароҳате дорад.
Фароғбол гуле аз баҳори гумномист,
Дар оташ аст мудом он, ки шӯҳрате дорад.
Зи изтироби дилу лакнати забон пайдост,
Ки шамъ ҳам, дами мурдан васияте дорад.
Зи субҳи тираи худ он қадар наем малул,
Ки сабзчеҳраи мо ҳам малоҳате дорад.
Бигӯ, сипеҳри ҷафопеша бо кадом ғариб
Ситам кунад, ки чу Толиб рияте дорад.

* * *

Зи мо эмин нишин, к-аз оташи мо гул намесузад,
В-агар дузах шавем, аз мо пари булбул намесӯзад.
Зи оҳи мо зиёне зулфи ӯро нест, ё дар гул.
Шарори ҳеҷ оташ хирмани сунбул намесӯзад.
Инон, эй барқ, бартоб аз хасу хошоки селобе,
Макун оташ талаф, к-ин хори тар дар гул намесузад.
Бувад вайронаи мо дар амон аз барқи ҳусн оре,
Шарори оташи гул хонаи булбул намесӯзад.
Зи ҳусни рӯи ӯ дар ҳайратам, к-ин шуълаи саркаш,
Чу бадхӯ мешавад, чун бар сараш кокул намесузад?
Ба дорулмарз шаҳре дар амон аз оҳи Толиб не,
Ба Сорӣ ҳам саре дорад, ҳамин Омул намесузад.

* * *

Зи гирья шому саҳар дида чанд дар монад,
Дуо кунед, ки не шому не саҳар монад.
Ба ғорати чаманат бар баҳор миннатхост,
Ки гул ба дасти ту аз шох тозатар монад.
Ду зулфи ёр ба ҳам он қадар намемонад,
Ки рӯзи мову шаби мо ба якдигар монад.
Ниходаам ба ҷигар доғи ишқу метарсам,
Ҷигар намонаду ин доғ бар ҷигар монад.
Кунед дохили аҷзои нӯшдоруи мо,
Ҳар он гиёҳ, ки баргаш ба нештар монад.
Агар ба ҷомаи оҳан даме фишонам ашк,
Аз ӯ на абра ба ҷову на остар монад.
Барои иззати мактуби ӯ ба даст оред
Фариштае, ки ба мурғони номабар монад.
Зи бас фитода ба ҳар гӯша пораҳои дилам,
Фазои даҳр ба дукони шишагар монад.
Зи шаҳди хомаи Толиб чу лаб кунам ширин,
Ду ҳафта дар даҳанам таъми найшакар монад.

* * *

Чархам ситез бо дили шабхез мекунад,
Ҳар ахтаре ба ман нигаҳи тез мекунад.
Ширинӣ аст дар паи ҳар талхиям зи сабр,
Заҳри маро қазо шакаромез мекунад.
Қунд аст дар мушоҳидаи дӯст дидаам,
Суҳони орзу нигаҳам тез мекунад.
Фарҳодро ба сина хаданғест ҷонгудоз,
Ширин инояте, ки ба Парвоз мекунад.
Ҳар лаҳза талх мешавадам ком то сипеҳр,
Паймонаи ҳаёт, ки лабрез мекунад.
Бемори чашми масти ту месӯзад эҳтиёт,
З-он сон ки аз мулоҳиза парҳез мекунад.
Толиб, дамид субҳу забон аз фиғон бубаст,
Шом он чи карда буд, саҳар низ мекунад.

* * *

Онӣ ту, ки субҳи талабат шом надорад,
Оғози таманнои ту анҷом надорад.
Дар раҳгузари муҳтасиб афтода аҷаб нест,
Гар наргиси ин боғ ба каф ҷом надорад.
Бебаҳраам аз касби ҳаво з-он ки сароям,
Чун хонаи мурғони чаман бом надорад.
Ҳусне, ки надорад хабар аз қоидаи ноз,
Ҳамчун хати софест, ки андом надорад.
Мардум талаби гумшуда аз ном намоянд,
Фарьёд, ки гумгаштаи мо ном надорад,
То кай талаби матлаби ноёб тавон кард,
Хомӯш дило, ин ҳама ибром надорад.
Ҳар тан, ки дар ӯ нест нишон аз дили гарме,
Афсурда чу шаҳрест, ки ҳаммом надорад.
Бурқаъ бикушо, боз раҳон аз ҳарами рӯҳ,
К-ин мурғи ҳаво дар қафас ором надорад.
Аз вусъати машраб ҳама ҷо тобеи куфр аст,
Мискин чи кунад ғайрати ислом надорад.

* * *

Чарх бо мо бар сари сулху сафо ҳаргиз набуд,
Бахтро ҳам гӯшаи чашме ба мо ҳаргиз набуд.
Баски бар сар кардамаш, дар дидаҳо қимат гирифт,
Варна хоки раҳ ба нархи кимиё ҳаргиз набуд.
Ҳусни тан з-ин пеш бо арзи латофат сулҳ дошт,
Тухмаи пироҳану банди қабо ҳаргиз набуд.
Доим аз хуни шаҳидон буд дасташ дар нигор,
Он булӯринпанҷа муҳтоҷи ҳино ҳаргиз набуд.
Дӯш чун барқ аз гиё бегона бигзашт аз барам,
Дар миён гӯё нигоҳи ошно ҳаргиз набуд.
Шишаҳо дар ҷӯши хун, паймонаҳо дар мавҷи заҳр,
Базми мискинон ба ин баргу наво ҳаргиз набуд.
Аз баҳори хотири Толиб сафои тоза ёфт,
Варна базми бодан̄ӯшон бесафо ҳаргиз набуд.

* * *

Ғам сафар карду тарабро ба дили мо ҷо дод,
Чашми чап ҷасту ба мо муждаи шодиҳо дод.
Он ки ҷамъияти асбоби ҷаҳон дод ба ғайр,
Шукриуллаҳ, ки ба мо гавҳари истиғно дод.
Бахтам аз кина ба сарпанҷаи афлок супурд,
Гавҳаре дар кафи як тоифа нобино дод.
Ҳамаро шишаи дил ҷоми тараб паймудам,
То фалак буд, ба мо бода аз ин мино дод.
Он ки тақвиму варақ дод ба зоҳид, Толиб,
Риндиву бесарупой ба мани шайдо дод.

* * *

Соя аз хуршед нашносам, ки нурам бурдаанд,
Равшанӣ якбора аз шамъи шуурам бурдаанд.
Ҳеч комеро намеёбам малоҳат дар мазоқ,
Ахтарон гӯӣ намак аз бахти шӯрам бурдаанд.
Ҷавրҳоро кардаам бар худ гуворо чун Калим,
Чун кунам, фиръавнӣ аз табъи ғаюрам бурдаанд.
Оҷизам, оҷиз камони дард натвонам кашид,
Чун кашам, ку бозуи сабрам, ки зӯрам бурдаанд.
Не шуурам монда дар сар, не ғурурам дар димоғ,
Қаҷкулоҳон бошуур аз сар ғурурам бурдаанд.
Куштаанд аз теғи ҳаҷр он гоҳ зорам куштаанд,
Бурдаанд аз мулки сабр он гоҳ дурам бурдаанд.
Нотавонам дур аз ӯ з-он сон ки чун дар пайкарам
Бингарӣ, гӯӣ магар сад раҳ ба гӯрам бурдаанд.
Дар дилам сад гуна ошӯбаст бар лаб баҳри ишқ,
Маҳшари дардам, вале дардо, ки шӯрам бурдаанд.
Не ба ғам шодам, на дар шодӣ ғамин, Толиб дареғ,
Ҷошнӣ аз мотаму лаззат зи шӯрам бурдаанд.

* * *

Сурмаи чашми сабо хоки сари кӯи ту бод,
Рӯи дилҳо ҳама чун қибланамо сӯи ту бод.
Қам мабод омаду рафт аз сари кӯи ту, вале
Рафтани ҳуши ману омадани бӯи ту бод.
Бодаи куҳна намакпарвари кунҷи лаби туст,
Моҳи нав тӯшакаши гӯшаи абрӯи ту бод.
Гарчи гулҳои бутон дар арақ аз тоби май аст,
Май дар обу арақ аз тоби гули рӯи ту бод.
Қори хуршед, ки фарроши бисоти фалак аст,
Остонрӯбии оташкадаи хӯи ту бод.
То бувад силсила дар силсила аз ишқ ба пой,
Сари ҳар силсила дар силсилаи мӯи ту бод.
Чун ба мизони хирад гавҳари Толиб санҷӣ,
Мардуми чашми садаф санги тарозуи ту бод.

* * *

Дил зи бими хуки гармаш аз тапидан боз монд.
Зери лаб нолид чандоне, ки аз овоз монд.
Бар чигар тоз, эй сипоҳи ғам, ки дил тороҷ гашт
Мулки дигар гир, к-ин кишвар зи дастандоз монд.
Лангари васлаш мақоми дил нашуд аз изтироб.
Болу пар афшонд чандоне, ки аз парвоз монд.
Баҳри дигар ошиқон таҳҷуръае нагзоштам,
Ман кашидам ҳарчи аз Фарҳоду Маҷнун бозмонд.
З-ин навосанчон, ки Толиб ҳолашон кардам қиёс.
Дар дилам завқи навои Ҳофизи Шероз монд.

* * *

Худфурӯшон зи паи гармии бозори худанд,
Қори динро ҳама бигзошта дар кори худанд.
Маънии қайд бувад банди шариат ишон,
На гирифтори шариат, ки гирифтори худанд.
Хонаи шаръ хароб аст, ки арбоби салох,
Ба иморатгарии гунбади дастори худанд.
Шона дар ришу дил андар паи ҷамъияти мол,
Сабҳа дар дасту дар андешаи зуннори худанд.
Аблаҳӣ карда чу иблис ба таррории ҷуфт,
Аблаҳ андар назари мардуму таррори худанд.
З-он ба савдои зиёноварашон суде нест,
Ки фурӯшандаи динанду харидори худанд.
Ҳамаро нақши забон ҳарфи парасторӣ, лек
На парастори худо, балки парастори худанд.
Парда пӯшанд ба рух гаҳ зи ридо гоҳ зи риш,
Баски шарманда зи авзову зи атвори худанд.
Менамоянд ҳаме гунбади дастор сафед,
Лек ғофил зи дарунҳои сияҳкори худанд.
Мункири ин сафи кӯтаҳхиради ришдароз,
Бош Толиб, ки худ он низ дар инкори худанд.

* * *

Дил бе ту ба гулшан зи гулу бед гурезад,
Бе рӯи ту чун мотамӣ аз ид гурезад.
Аз рӯи ту дил дар шикани зулфи ту бигрехт,
Чун шабпара, к-аз партави хуршед гурезад.
Таҳдиди ту наздиктар орад зи ҳалокам,
Ошиқ набувад он ки зи таҳдид гурезад.
Бигрехт ҳавас ояти ишқи ту чу бишнид,
Оре, чӣ аҷаб дев зи таъвид гурезад.
Бо лаззати таъсири навоҳои ту Толиб,
Гӯш аз асари нағмаи Ноҳид ғурезад.

* * *

Ҳар дам фалак ғаме ба саломи ман оварад,
Заҳре ба талх кардани коми ман оварад.
Ҳар бор ишрате, ки расад аз баҳори файз,
Бӯи мусибате ба машоми ман оварад.
Ҳар ғам, ки субҳи мотамиёнро кунад видоъ,
Шабгир карда рӯй ба шоми ман оварад.
Ҳар бодае, к-аз он набувад ҷонгудозтар,
Даври сипеҳр туҳфа ба ҷоми ман оварад.
Пайки адам куҷост, к-аз ин пайкари вуҷуд
Парвонаи наҷот ба номи ман оварад.
Гар филмасал ғаме шавад овораи диёр,
Ҷазби муҳаббаташ ба мақоми ман оварад.
Сӯзанд забонш дар сухани оташин чу шамъ,
Бечора қосиде, ки паёми ман оварад.
Толиб, зи донарезии нутқам аҷаб мадор,
Гар тоирони қудс ба доми ман оварад.

* * *

Ҳарф бе лаъли сухангӯи ту натвонам зад,
Оҳ бе оинаи рӯи ту натвонам зад.
Бар баёзе, ки бар ӯ тарҳ бувад сунбули ҳур,
Рақами силсилаи мӯи ту натвонам зад.
Машқи бегонагӣ аз Қаъба тавонам зад, лек
Фоли оворагӣ аз кӯи ту натвонам зад.
Дари наззора бубастам, чӣ кунам, к-аз сари аҷз
Панҷа бо нозукии хӯи ту натвонам зад.
Нақши ин сар, ки зи болини фалак дорад ор,
Ҷуз бар оинаи зонуи ту натвонам зад.
Ман, ки бар кокули шерон задамӣ шона далер,
Даст бар ҳалқаи гесӯи ту натвонам зад.
Рақами шӯъла тавонам задан аз хомаи мӯй,
Лек ҷуз бар вараqи рӯи ту натвонам зад.
Толибам бо ҳама густохзабонӣ, аммо,
Ҳарф бе маслаҳати хӯи ту натвонам зад.

* * *

Ҳар чй дидам, чуз лаби ширини чонон талх буд,
Умр талху айш талху коми даврон талх буд.
Шаккари умед ханзал, шахди чамъият шаро[illegible],
Ангубини умр захру шираи чон талх буд.
Сӯи наргис душ мекардам ба чашми у нигох,
Гарчи коми рағбатам з-он шӯхчашмон талх буд,
Ҳарчи аз талхӣ бувад ғунчоиши он дар хаёл,
Айши мо дур аз висоли ӯ дучандон талх буд,
Шаб, ки дар бустон набуд он норпистон дар боғам,
Ҳамчу ҳанзал дар мазоқам нори бустон талх буд
Дар мазоқам дур аз он лаб меваҳои боги буд,
То турунчи ғабғабу себи занахдон талх буд
Бе лаби ту мачлиси май ранги ширинӣ надошт,
Аз даҳони соқиён нуқли мастон талх буд.
Нисбати лаъли ту ширин сохташ дар чоми Хизр,
Варна чун коми Сикандар оби ҳайвон талх буд.
Гар бағал гарм аз баҳори тозае кардам равост,
Хоби беҳамхоба дар фасли зимистон талх буд.
Бетакаллуф душ Толиб дур аз он занчири зулф
Даҳр бар ман чун яке ториктзиндон талх буд.

* * *

Чу сӯи боғ равӣ, саҳни боғ даргирад,
Зи шамъи рӯи ту гул чун чароғ даргирад,
Тавон зи шӯълаи ҳусни ту барафрӯхт чароғ,
Даме, ки шамъи рухатро айёғ даргирад,
Чунон зи оташи май гарм гаштаӣ, ки агар.
Гули димоғи ту бӯям, димоғ даргирад,
Гирифта бахти сияҳ остини Толиб, лек
Аҷаб, ки суҳбати булбул ба зоғ даргирад.

* * *

Нест як дам, ки фалак қиматӣ афзун накунад,
Нафасе бе маю мутриб ҷигаре хун накунад.
Поктинат агар аз хок ба афлок расад,
Равиш аз каф надиҳад, вазъ дигаргун накунад.
Ғунчасон баски шаби ҳаҷри ту дилтанг шавам,
Бар гиребон кунам он зулм, ки Маҷнун накунад.
Нест тифле, ки чу бар вай бивазад боди ҷаҳон,
Маразы ишқ аз ӯ обила берун накунад.
Нахӯрӣ қатраи обе, ки ҳамон лаҳза сипеҳр
Ашк носохта аз чашми ту берун накунад.
Заҳри чашме нанамоӣ, ки ба коми ҳавасам
Шаҳдро талхтар аз шираи афьюн накунад.
Ҷисм рафти ба хуму рӯҳ баровардӣ сар,
Он чи кардӣ ту, майи ноби Фалотун накунад.
Чашми масти ту, ки бемори Масеҳонафас аст,
Нест вақте ки маро захр ба маъҷун накунад.
Бо чунин теғ, ки мижгони ту бар каф дорад,
Ҳар замон беҳуда сад хун накунад, чун накунад?
Ҳафтаи умр ба шодӣ гузаронад Толиб,
Нафасе нест, ки хун дар дили гардун накунад.

* * *

Ту чун маҷлис фирузӣ моҳи нав узлатгузин гардад,
Гузорад шамъи базмафрузиву хилватнишин гардад.
Бад-ин сомони хубӣ чун намоӣ арзи маҳбубӣ,
Ба гирди хирманат сад хирмани маҳ хӯшачин гардад.
Чу ҷои хеш дар кунҷи даҳонат гармтар бинад,
Раво, бошад, ки ширинӣ ҷудо аз ангубин гардад.
Малолам гар барад сӯи чаман пайғоми дилтанги,
Шиканҷи ханда бар рухсори гул чини ҷабин гардад.
Шикасти зулф доим дида он бадху, шикасти дил
Агар бинад, пушаймон аз шикасти остин гардад.
Маро боғест номаш хотири ғамгин, ки гар шодӣ
Гуле — з-он бустон бар сар занад, андуҳгин гардад.
Ба обу ранг назми Толиб он шоистагӣ дорад,
Ки лаъли нуктапардози ҷуро нақши нигин гардад.

* * *

Офият ҷӯяд дилам, андешаи кораш кунед,
Заъфарон бар чеҳрааш молида бемораш кунед.
Ҳар киро бинед коми орзу ширин зи айш,
Талх гӯед он қадар, к-аз умр безораш кунед.
Пир шуд бахтам, дареғ аз бас ба як паҳлу бихуфт,
Гарчи хуш дар хоби ширин аст, бедораш кунед.
Дил зи бӯи зулфи ӯ афтод чун мастон хароб,
Доруи беҳушияш пур бужа, ҳушьёраш кунед.
Осмонро дар гулӯ резед заҳре аз фироқ,
Он чи ӯ дар кори ман кардаст, дар кораш кунед.
Дилбарон, бе қайди зулфе нест Толибро қарор,
Қадри озодӣ намедонад, гирифтораш кунед.

* * *

Бо аҷал бе ту маро дӯш кашокашҳо буд,
З-ин тараф лобагарӣ з-он тараф истиғно буд.
Ҳама шаб аз ғами ҳиҷрони ту мерафт ҳадис,
В-он чи дар ёд нагунҷид, ғами дунъё буд.
Дил нашуд комраво дар шаби зулфат ҳарчанд,
Шаби зулфат ба дарозӣ чу шаби ялдо буд.
Дӯш бе шамъи рухат маҷлиси мо нур надошт,
Хона ториктар аз дидаи нобино буд.
Шишаи сабри маро санги ғамат зуд шикаст,
Ман тунукҳавсалаву нози ту бе парво буд.
Гар нагунҷид ба зарфам ғами ӯ хӯрда магир,
Ман яке қатраву сомони ғамаш дарьё буд.
Буд бо ғайр ниҳонӣ ҳама лутфаш Толиб,
Он қадар буд, ки рӯи суханаш бо мо буд.

* * *

Пас аз умре, ки он номехрубон ба ман даромезад,
На чун ширу шакар чун об дар равған даромезад.
Ҳавасро гирди сар гардам, магар гардад ба ман як дил,
Тарабро дасту по бӯсам, магар бо ман даромезад.
Зи бас бо тирабахтиҳо рафиқам то дами мурдан,
Аҷаб гар соғари ман бо ман равшан даромезад.
Ба таклифи ҷунун гоҳе равам сӯи чаман, аммо
На аз роҳе, ки табъам бо гулу савсан даромезад.
Чи сон бо сурма омезиш кунад чашм аз сари рағбат,
Танам з-он гуна бо хокистари гулхан даромезад.
Набошад меҳри оламтобро бо соя омезиш,
Аҷаб, к-ин даст бо он гӯшаи доман даромезад,
Чи гулҳо бишкуфад Яъқубро аз боғи бетобӣ,
Чу бӯи шавқи ӯ бо бӯи пироҳан даромезад.
Баъд-он берағбатӣ роҳат намояд бо ман омезиш.
Ки ҳангоми зарурат дӯст бо душман даромезад,
Чунин, к-аз ишқ бинам назми ҳар омӯзише Толиб,
Аҷаб дорам, ки ҷон бе ҳукми ӯ бо тан даромезад,

* * *

Ҳусне, ки зи пай сад дили девона надорад,
Афсурда чароғест, ки парвона надорад.
Шоистаи ҳамсуҳбатии дурдкашон нест,
Он кас, ки саре бо маю майхона надорад.
Қас нест дар ин гӯшаи майхона, ки дар дил
Ошӯб аз он наргиси мастона надорад.
Ҳар дам ба дилам мекунад аз булҳавасӣ ҷой,
Гӯё ғами харҷоии ӯ хона надорад.
Дӣ маҳви ту дар ҷоми назар шираи ҷон дошт,
Имрӯз ба ҷуз бодия паймона надорад.
Толиб, дари ороиши маънӣ зи чӣ бастӣ?
Бикшой, ки гесӯи сухан шона надорад.

* * *

Орифам, ориф аҷаб дорам, ки аз май бигзарад,
Ман зи май гирам гузаштам, май зи ман кай бигзарад?
То гузашт аз навхате хуштар ба чашм ояд, бале,
Ҳусни хат афзун шавад чанде, ки бар вай бигзарад.
Аввалин давр аст, вақти нағмаи Мансур нест,
Бош, то даври дуӣ бар ман паёпай бигзарад.
Даври афсурдан гузашт, айёми дилгирӣ расид,
Навбаҳор ояд, бале, чун мавсими дай бигзарад.
Ман ба аҳди зиндагӣ з-ӯ нагзарам дар марг низ,
Худ мабодо, к-ин тасаввур дар дили вай бигзарад.
Дарди ҳиҷрат дар хурӯш оварда, ту мутриб, ки боз
Нолаи ман бишнавад в-аз нолаи най бигзарад.
Қай сари фахраш фуруд ояд ба касби молу ҷоҳ,
Он ки дил дарьё кунад, аз ҳушмати Қай бигзарад.
Дар раҳи ишқат раво бошад гар истиллои ишқ,
Нақши по бар по кунад сабқат пай аз пай бигзарад.
Бӯи май бишниду шуд Толиб ба хосият мурид,
Гар бинӯшад ҷуръае, аз Ҳотами Тай бигзарад.

* * *

Шукр, к-аз зулмати андеша нацотам доданд,
Синае софтар аз оби ҳаётам доданд.
Шарбате, к-аз ҳавасаш Хизру Сикандар ҷон дод,
З-оби лаб нӯш ба вақти шакаробам доданд.
Солҳо ҳалкаи ибром задам бар дари чашм,
То зи дил қатраи хуне ба закотам доданд.
Сад раҳам ҷон ба лаб аз шавқ расонданд бутон,
Қ-аз лаби хеш яке бӯса баротам доданд.
Сад раҳам нӯшлабон ҳукми шаҳодат доданд,
Чун шудам кушта, дигар бор ҳаётам доданд.
Бас ба хун ғӯта задам рақскунон, к-охири кор
Раҳ ба он шоҳиди ширинҳаракотам доданд.
Холмонанд ба рух гарчи сипандам Толиб,
Бар сари оташи сӯзанда саботам доданд.

* * *

Зи ҳасрат соғари ишрат ба дастам зор мегирьяд,
Зи нокомӣ гулам бар гӯшаи дастор мегирьяд.
На сел аст ин ки мерезад ба саҳни хона аз бомам,
Ки бар ҳоли хароби ман дару девор мегирьяд,
Зи наргис шарм кун, эй абри тар, ҳар дам чӣ меборӣ,
Бувад душман касе к-ӯ бар сари бемор мегирьяд.
Ба болин ёру ман дар хоби марг аз ғафлати бахтам,
Ба хоби ман ҳазорон дидаи бедор мегирьяд.
Зи бас хӯ карда бо резиш саҳоби чашми гирьёнам,
Чу тифле, к-ӯ зи модар зод, бе озор мегирьяд.
Ба ҳасрат рӯзу шаб мегирьяд аз ҳиҷрони ӯ чашмам,
Бад — он талхӣ, ки гӯӣ аз даҳони мор мегирьяд.
Ба хосият дам аз тифлони бадхӯ мезанад чашмам,
Ки аз камбоисӣ мегирьяду бисьёр мегирьяд.
Лаби талхикашам бар чашми гирьён рашкҳо дорад,
Ки мегирьяд, вале аз лаззати дидор мегирьяд.

* * *

Ашкам ошӯбкунон ояду ҷӯшон гузарад,
Ҳамчу он сел, ки ҷӯшону хурӯшон гузарад.
Гар бувад хотираш озода, лабаш банда шавад,
Ҳар ки бар ҳалқаи мо — ҳалқабагӯшон гузарад.
Ту ба дин пайкари асбоб сабук чун гузарӣ,
Бош то қофилаи хонабадӯшон гузарад.
Бениёзона ба арбоби тааллуқ гузарем,
Ҳамчу навтавба, ки аз бодафурӯшон гузарад.
Бениёзона зи арбоби карам мегузарам,
Чун сияҳчашм, ки аз сурмафурӯшон гузарад.
Толиб, аз дашнаи килки ту ба фӯлод гузашт,
Он чи аз теззабонон ба хамӯшон гузарад.

* * *

Туро бинам зи буньёди дилам фарьёд бархезад,
Зи обам оташ афрӯзад, зи хокам бод бархезад.
Чу аз сангиндилиҳои ту ёд орам шаби ҳичрон,
Қашам оҳе, ки фарьёд аз дили фӯлод бархезад.
Нишинад ҳар ки дар базми мани мискин ба сад афсӯс,
Чу бархезам, фиғон аз турбати Фарҳод бархезад.
Агар бар турбати Фарҳод биншинам зи ҳамдардӣ,
Чу бархезам, фиғон аз турбати Фарҳод бархезад.
Муҳаббат чист? Боғе, бору барги ӯ гирифторӣ,
Ачаб дорам, ки сарве з-он чаман озод бархезад.
Зи бас муштоқ бар фармони ишқам, бар ҳалоки худ
Ба хун ғалтам, чу дасту ханчари чаллод бархезад.
Зи бас хӯ карда бо чавру чафоят ҳар кучо Толиб,
Зи бедоди ту тақрибе барорад дод бархезад.

* * *

Комҳо талх аст, нашносад ҳаловатхои дард,
Навниёзи ишқ донад лаззати ҳалвои дард.
Гар бимонад ҷои ҷон холӣ, гирифте бар ту нест,
Ҷаҳд кун то дар дилат холӣ намонад ҷои дард.
Эй, ки аз нозукмизоҷиҳои дардаш огаҳӣ,
Ҷои худ баркан зи дил то ки наранҷад пои дард.
Накди дармон ҳар қадар дорӣ ба каф, бар хок рез,
Гар ба бозори муҳаббат мекунӣ савдои дард.
Ашкро бар дида бинишонам, ки бо сад иззу ноз
Барканор афтода ин дурдона аз дарьёи дард.
Ҷонишини дардро дар ошиқӣ чун доғ нест,
Доғ мебояд, ки биншинад маро бар ҷои дард.
Сабри ман, Толиб, ҳарифи турктози дард нест,
Ошиқон расвои дармонанду ман расвои дард.

* * *

Шаби гузашта маро шамъи бахт равшан буд,
Ки гулузор дар оғӯшу гул ба доман буд.
Набуд дӯш ҳамоно зи ҷинси шаб в-ар буд...
Ба фаррухӣ шаби меъроҷи толеи ман буд,
Фузуд сӯзи ҳарифон зи бода, пиндорӣ,
Пиёла об бар оташ намуду равған буд.
Зи бас ки дида бар он чеҳра дошт сайри ҷамол,
Ба хотир он чи намегашт, сайри гулшан буд,
Нишаста моҳи ману ман баробар истода,
Ба хилвате, ки зи шамъи ҷамол равшан буд.
Зи рашки он ки бубинад гаҳе рухаш, чашмам
Ба рӯи дилбару гоҳе ба чашми равзан буд.
Ба даст дӯхтамӣ захми теғи ёр, ба дил,
Ҳазор риштаи ашкам ба чашми сӯзан буд.
Гузашт дӯш ба дидори дӯст Толибро,
Шабе, ки кӯрии чашми ҳазор душман буд.

* * *

Хору гул ҳар ду азизанд, ки аз як чаманананд,
Тани як пирахану шохиди як анҷуманананд.
Фарқ дар гавҳарашон нест на дар обу на ранг,
Ду лаби ӯ ду ақиқанд, ки аз як Ямананд.
Мижаву ғамзаи ӯ сар ба сар оварда ба меҳр,
Ду забонанд, ки пайваста ба ҳам дар суханананд.
Улфати ғам ба дили ишқи ту имрӯзӣ нест,
Ин ду муштоқ ҳам аз ҳамнафасони куҳананд.
З-ин ду Юсуф, ки яке ҳусн бувад дигар ноз,
Чашми бад дур, ки парвардаи як пираҳананд.
На дил аз сина кунад ёду на ором зи дил,
Ин ду ғурбатзада умрест, ки дур аз ватананд.
Ҳар дуро беҳ, ки ҳамоғӯш супорем ба хок,
Ҳасрату дил ду шаҳиданд, ки дар як кафананд.
Бар ғаму дард мапечед азизон зинҳор,
Даст аз ин ҳар ду бидоред, ки ёрони ҳаманд.
Захри хубои шакарест аз лаби нӯшин, Толиб,
Талх гӯянд, вале шукр, ки шириндаҳананд.

* * *

Бе гули рӯи ту нам дар чашми гирьёнам намонд,
Дида чандон бар ҳам афшондам, ки мижгонам намонд.
Сина чандон пур шуд аз афғон, ки бо чандин шикоф,
Тукмаеро ҷо дар оғӯши гиребонам намонд.
То гиребон пур зи гулҳои баҳорӣ сохтам,
Лахти дилро гӯшаи чашме ба домонам намонд.
Баски ком аз луқмаи лахти дилам лаззат гирифт,
Дар табиат орзуи мурғи бирьёнам намонд.
Ман, ки оламро намакдон кардаме аз бахти шӯр,
Як табассумвор шӯрӣ дар намакдонам намонд.
Луқмаи дилро хурам з-ин пас, ки аз пайкони дӯст,
Он қадар алмос хоидам, ки дандонам намонд.
Тӯтиёни ишқро азбаски дидам заҳрнӯш,
Лаззати осудагӣ дар шаккаристонам намонд.
Толиб, аз гулбун намегардам ҷудо монанди хор,
Бо вуҷуди он ки ранге аз гулистонам намонд.

* * *

Зиндонии савдоят бар сарви чаман хандад,
Ғурбатзадаи ишқат бар завқи Ватан хандад.
Ҳар дил, ки назар бозад, бо хору хаси кӯяш,
Лаб ғунча кунад в-он гаҳ бар сарву суман хандад.
Хар кас ба яке кисват хуррам буваду хандон,
Маъшуқ ба пироҳан, ошиқ ба кафан хандад.
Хун кардаву хӯ карда аз разм чу боз ой,
Бар ҳоли шаҳидонат чон гирьяду тан хандад.
Моро набувад хотир доми тарабу шодӣ,
Қабки дили мо қаҳқаҳ бар ханда задан хандад.
Рангест бар он ораз, к-аз баъди шикастан ҳам,
Хоки Хутан аз аксаш бар хуни Яман хандад.
Чун чарх ба каф гирад нопухта сафоламро,
Гӯям мафикан, ранчад, гӯям машикан, хандад.
Бо гирья даромезам девонагии амдо,
То хар ки лабе дорад, бар гирьяи ман хандад.
Онро, ки лабу чашме додӣ, бидеҳаш фурсат,
То як-ду нафас гирьяд, то як-ду даҳан хандад.
Чун чехраи худ бинад дар оинаи теғаш,
Захми навам аз шодӣ бар захми кӯҳан хандад.
Хам таъна занад бар гул рангин сухани Толиб,
Хам ғолияи килкаш бар мушки Хутан хандад.

* * *

Дили ошиқ ба пайғоме бисозад,
Ба ёди нома ё номе бисозад.
Маро кайфияти чашми ту кофист,
Риёзаткаш ба бодоме бисозад.
Надорам зарфи май дилро бигӯед,
Сафоле бишканад, ҷоме бисозад.
Агар мард аст гардун, бори дигар
Бад-ин нопухтагӣ хоме бисозад.
Қаноат беш аз ин набвад, ки умре
Ба ҷоми дурдиошоме бисозад.
Чу ман мурғе накарда сайди айём,
Магар к-аз зулфи ӯ доме бисозад.
Дуо гӯ, қахт шав, Толиб ҳарифест
Ки айёме ба дашноме бисозад.

* * *

Дар ин раҳ ҳар ки бинӣ, бо дили пурдард меояд,
Ба ҳар оина, к-андози назар, пургард меояд.
Ману дил ҳар ду бадномем дар шӯру фиғон варна
Лаби ҳар кас, ки бӯй, бӯи оҳи сард меояд,
Рафиқи дардбинам гарчи дорад панҷа аз марҳам,
Ба ҳар ҷо мениҳад оҳиста дасте, дард меояд.
Аҷалро дар ба рух ҳаргиз набастӣ хастаи ҳиҷрон,
Агар огаҳ шудӣ, гӯ, бо чи роҳовард меояд?
Назар бар боли шавқам ҳар киро афтод, медонад,
Ки қатъи роҳи меҳнат з-ин биёбонгард меояд
Чӣ хоки ҷуръатангез аст майдони муҳаббатро,
Ки гар худ меравад номард, он ҷо мард меояд.
Намеҷунбид аз сад нолаам бар шохи гул барге,
Кунун аз ёди оҳам осиё дар гард меояд.
Сапедӣ нест субҳи бахти моро бар ҷабин Толиб,
Зи Манҷриқ офтоби толеи мо зард меояд.

* * *

Ку он, ки бар ҷароҳати мо марҳамӣ кунад,
Ё кишти мо чу хушк шавад, шабнамӣ кунад.
Мо даст аз мувофақати бахт шустаем,
Замзам аҷаб, ки бо лаби мо замзамӣ кунад.
Мустағниёни водии ҳирмони ҳасратем,
Тӯфон бо дафъи ташнагии мо камӣ кунад.
Дар мулки ишқ лофи сулаймонӣ он занад,
Қ-аш доғи дил нигиниву дил хотамӣ кунад.
Эй дил, зи тарфи домани зулфаш бидор даст,
З-он пеш, к-ӯ муқаддимаи дарҳамӣ кунад.
Идест васли ёр, ки дилро зи интизор,
Хунобарез чун мижжаи мотамӣ кунад.
Сад кушта зинда карда ба ҳар сӯ, аҷаб мадор
Гар теғи ёр даъвии Иссодамӣ кунад.
Оташ ба парниён накунад, бод бо чароғ,
Онҳо, ки ғусса бо ҷигараи одамӣ кунад,
Толиб, мадеҳ инони ғам аз каф, ки дар ҷаҳон
Расвои халқ агар кунадат, беғамӣ кунад.

* * *

Тифли ишқам, гарму сӯзон чун шарорам зодаанд,
Нестам симоб, аммо бекарорам зодаанд.
Чун кунам оғӯши дил бозигаҳи атфоли айш,
Ман, ки ғамҳои ҷаҳонро дар канорам зодаанд,
Машраби базмам сароб аз хушкии зуҳҳод нест,
Оташам, аммо чу гавҳар обдорам зодаанд,
Ҳеҷ бар гирди дили тангам намегардад нишот,
Ғолибан дар домани хоки мазорам зодаанд.
Аз ҳуҷуми ғам дар аснои нуму гардам забун,
То бад-он ғоят, ки пиндорӣ дуборам зодаанд.
Ҳамчу Толиб ҳар нафас меоядам сад кор пеш,
Лек ҳайронам, ки аз баҳри чӣ корам зодаанд?

* * *

Гулфурӯшон ранги рухсораш ба сад ҷон мехаранд,
В-ин матои қиматеро сахт арзон мехаранд.
Муштарӣ ҳузну аламро нест дар ҳар байъгоҳ,
Ин нафоисро ба бозори ғарибон мехаранд,
Ошиқонро нест бар кӯтоҳии даст эътимод,
З-ин сабаб як пираҳанро сад гиребон мехаранд.
Гармсавдоёни бозори муҳаббат бе газоф,
Хоку оташро ба ҷои оби ҳайвон мехаранд.
Нозам арбоби мурувватро, ки бе қасди савоб,
Аз барои ним булбул сад гулистон мехаранд.
Менамояд аз баро зулфи ту мӯе, бедилон
Бас бад-он қимат ҳазорон сунбулистон мехаранд.
Бо ҳазорон коми ҳасратро харидорам, бале
Ҳарчи арзонтар барояд, тангдастон мехаранд,
Толиб, ин ҷинси суханро, к-аш ҳазорон ҷон баҳост,
Гар ба Эрон муштарӣ набвад, ба Тӯрон мехаранд.

* * *

Чу дари ҷуръатфишонӣ ба чаман бикшояд,
Ғунча чун моҳии лабташна даҳан бикшояд.
Дар табассум чу лаби лаъли ту дидам, гуфтам:
Ин калид аст, ки қуфли дили ман бикшояд.
Чун ту гул бар сари хоки шуҳадо афшонӣ.
Эй басо мурда, ки домони кафан бикшояд.
Ҷон шавад шод зи фикри сари кӯи ту, бале,
Дили ғурбатзада аз ёди ватан бикшояд.
Чун кушояд сари зулфи ту раги нофаи Чин
Ҷӯи хун аз дили оҳуи Хутан бикшояд.
Боғбон аз қаду рухсори ту дар ҷилваву ноз
Бас дари таъна, ки бар сарву суман бикшояд,
Кори ман дар гиреҳ аз бахти куҳанпири ман аст,
Корҳо гарчи зи пирони куҳан бикшояд.
Гиреҳ афтад ба забон аҳли баёнро Толиб,
Ёр лаб чун паи тақрири сухан бикшояд.

* * *

Вой агар пири муғон, раҳм ба ҳолам накунад,
Нафиристад қадаҳе, рафъи малолам накунад.
Чашми он ғафлатам аз бодаи хун гарм набуд,
Ки дар ин тангдилӣ ёди сафолам накунад.
Оҳанам баски сафо ёфта аз сайқали Ҳинд,
Тӯтие нест, ки оина хаёлам накунад.
Зери лаб дарди диле ҳаст ба дилдор маро,
Даҳшати ишқ умед аст, ки лолам накунад.
То бувад қатраи хуне ба таҳи шишаи дил,
Лаби хушк орзуи оби зулолам накунад.
Ман, ки бо нӯшлабон аз буни дандонам дӯст,
Халали ишқ чаро ҳамчу халолам накунад?
Гунаҳи тавбаи худ фош насозам, ки агар
Бишнавад модари раз шир ҳалолам накунад,
Ҳаст парвози баланде ба сарам чун Толиб.
Сустии толеъ агар бе пару болам накунад.

* * *

Наменолам гар имшаб кор бар сад изтироб афтад,
Ки метарсам хуморолуди ман аз завқи хоб афтад.
На ман эҷоди ин мушти заифон кардаам, то кай
Нафас ҳар гаҳ барорам аз ҳаво мурғи кабоб афтад?
Ба сад узр аз лаби худ боз мегардонам афғонро,
Ки як дил гар бисӯзад, беҳ, ки сад ҷон дар азоб афтад.
Чӣ сад бо толеи худ кардаам, ё раб, ки аз хасмӣ
Намехоҳад, ки бар вайронаи ман офтоб афтад.
Дуои хайри ман ин аст, к-аз токи дили мастон
Наяфтад ҳеч кас вар з-он ки афтад, дар шароб афтад.
Намегӯям машав гарми итобам, гӯям аз гармӣ
Маяфрӯз он чунон ораз, ки оташ дар ниқоб афтад.
Арақнюк омадӣ аз охи гармам чехра пинҳон кун,
Мабод он барги гулро бӯи дуде дар гулоб афтад.

* * *

Дарьё кашам, ба қатра лабам тар намешавад,
Дардам сабук ба шишаву соғар намешавад.
Маҷнунваше ба кор бувад шуғли ишқро,
Бе музди кор кор муяссар намеш°вад.
Ҳар қанд рафта-рафта мукаррар шавад ба чашм
Қандест он даҳон, ки мукаррар намешавад.
Танро равон ба кор бувад, базмро чароғ,
Дил равшан аз фатилаи анбар намешавад.
Бар оҳ банд нома, ки дур аст кӯи дӯст,
Ин роҳ тай ба боли кабӯтар намешавад.
Дил бори тан намедиҳад, эй ғам, ба теғи сабр,
Як бор шуд шаҳиди ту, дигар намешавад.
Хӯкардаи насими гиребони дӯстро
Аз бӯи гул димоғ муаттар намешавад.
Хайронам аз вуҷуд, ки ин дафтари куҳан,
Шероза бод додаву абтар намешавад.
Ақл заифи ишқ нагардад ба моҳу сол,
Моҳӣ ба рӯзгор самандар намешавад.
Хар риштаро сарест ба ҷое зи рӯи қадр,
Афсор мешавад расан, афсар намешавад.
Эй зулфи ёр, нест замоне, ки нофаро
Мӯ бар бадан зи рашки ту наштар намешавад.
Толиб, ба боли шавқ раҳи кӯи дӯст гир,
Қ-ин дашт тай ба қуввати шаҳпар намешавад.

* * *

Ончунон зӣ, ки ҷаҳон зиндагиатро талабанд,
На, ки чун шамъ сарафкандагиатро талабанд.
Бар худовандият ин нукта гувоҳ аст, ки халқ
Ба дуоҳо зи худо бандагиатро талабанд.
Ҳиммат он аст, ки бошӣ паи ҷамъияти халқ,
Гӯ, ҷаҳон ҷумла парокандагиатро талабанд.
Ту касеро хиҷил аз рӯи касе напсандӣ,
Шарми он қавм, ки шармандагиатро талабанд.
Оташи Толибу сӯзандагиат матлуб аст,
На чароғӣ, ки фурӯзандагиатро талабанд.

* * *

Шамъи доғам ба сар аз оҳ чу равшан гардад,
Чарх парвонасифат гирди сари ман гардад.
Дӯст хун дар ҷигарам мекунад, эй вой, агар
Вараҷи мехр бигардонаду душман гардад.
Чун диҳам рухсати оҳ аз ғами он чашми сиёҳ,
Нафасам сурмакаши дидаи равзан гардад.
Дидаам чоки гиребони ту, рӯзе бигузор,
Ки дилам ояду овезаи доман гардад.
Гар ба хокистари гулхан расадат файзи нигоҳ,
Сурма гирди сари хокистари гулхан гардад.
Оташ аз санг ба нохун макан аз баҳри дилам,
Ки ба ёди нафаси сӯхта равшан гардад.
Наравам сӯи чаман бо дили пурдоғ, мабод
Булбулам бинаду безор зи гулшан гардад.
Донае буд ғамаш дар дилам аз ҳиммати ишқ,
Хӯша гардид, умед аст, ки хирман гардад.
Толиб, ар назми туро нусха ба дарьё фикананд,
Об аз чарбии ашъори ту равған гардад.

* * *

Маро ба ваъдаи ҷаннат фиреб натвон дод,
Ки ташнаам, ба саробам шикеб натвон дод.
Зи нахли ӯ самари ҷилва чидаам ҳама умр,
Ба меваҳои биҳиштам фиреб натвон дод.
Дило, чу кор гузашт аз даво, ба дард бисоз,
Ки набзи мурда ба дасти табиб натвон дод.
Ҳадиси гӯшаи майхона бас дилам хун кард,
Ватан ҳамеша ба ёди ғариб натвон дод.
Қасе, ки хастаи бустони ғабғаби ёр аст,
Тасаллии дилаш аз нору себ натвон дод.
Ту бӯи гул нигар, аз захми хор дида бипӯш,
Ки тарки ёр зи ҷаври рақиб натвон дод.
Ба лафз ҷокиби маънӣ мадеҳ зи каф Толиб,
Ки ҳусн агар набувад, дил ба зеб натвон дод.

* * *

Ҷон супурдан ошиқон таслим з-ин сон кардаанд,
Дил тасаллӣ аз умеду бим з-ин сон кардаанд.
Дар шаҳодат ҷустаанд аҳбоб сабқат бар рафиқ,
Аҳли дил бар якдигар тақдим з-ин сон кардаанд.
Ҳар наворо медиҳам ороиш аз чандин харош,
Булбуломӯзон маро таълим з-ин сон кардаанд.
Ҷумла худ бигрифта дилро кай насибе додаанд,
Ошиқон дарди туро тақсим з-ин сон кардаанд.
Аз сари ҷон хостам, чун ёр пайдо шуд зи дур,
Ахли дил дилдорро таъзим з-ин сон кардаанд.
Чархро аз гӯшмоли оҳ дорам дар ҳарос,
Устодон кӯдаконро бим з-ин сон кардаанд.
Хуни дил Толиб дамодам каш, ки оташмашрабон,
Дарки завқи кавсару тасним з-ин сон кардаанд.

* * *

Аз ин чӣ ғам, ки ғами ишқ булҳавас нахӯрад,
Равост, агар шакари талхро магас нахӯрад.
Ҳазор меваи шодоб дар пай асту ҳанӯз,
Дилат фиреби самарҳои пешрас нахӯрад.
Ба нисбати лаби ки номи шаҳдро аҳбоб,
Ба оби заҳр нависанд, то магас нахӯрад.
Ба базми хоси ҳарифони ишқ маҳрам нест,
Ҳар он ҳариф, ки паймона бо асас нахӯрад.
Бад-ин умед, ки шояд шавӣ ту соқии базм,
Пиёла ҳеҷ кас аз дасти ҳеҷ кас нахӯрад.
Дили ман аст ба дасти ту, поси дил медор,
Ки шиша сахт заиф аст, бар нафас нахӯрад.
Дило, ба ҳусни адоегул аз гулистон чин,
Ки тарфи домани покат ба хору хас нахӯрад.
Зи сабру шукр ба зиндони ғам гурезе нест,
Ки мурғи ишқ ҷуз ин дона дар қафас нахӯрад.
На марди даъвии риндист он, ки чун Толиб,
Пиёла бар сари бозор бо асас нахӯрад.

* * *

Ба рақс он нозанин ҳар гаҳ қадам аз ноз бардорад,
Дилам дар сина чун халхоли ӯ овоз бардорад.
Гузорад он гул аз ширинии афсонаам ҳар дам,
Сарири ишва бар болини нозу боз бардорад.
Ба афсун гоҳ роҳи наргиси ғаммози худ мезан,
Мабодо сеҳри чашмат пардаи эъҷоз бардорад.
Дилам бетобӣ аз ҳад мебарад дар навҳапардозӣ,
Надорад сабр чандоне, ки мутриб сов бардорад.
Аҷаб набвад, ки бо ин изтироби шавқ ҳар узвам,
Раҳи кӯяш чу мурғони сабукпарвоз бардорад.
Зи бас бо бахт кардам созгорӣ талх шуд умрам,
Қасе то чанд нози толеи носоз бардорад?
Нагӯям рози ӯ бо дил, ки тарсам шаҳнаи ғайрат,
Кашад шамшеру аз гардан сари ғаммоз бардорад.
Дило, ту дардмандӣ саъй дар забти нафас мекун,
Мабодо роз оҳи пардаат аз роз бардорад.
Ғарибе, к-аз ҷафо дар кӯи ӯ мирад ба сад хорӣ,
Шукӯҳи ишқ тобуташ ба сад эъзоз бардорад.
Яке барканда ишқе — з-ошиён афтодаам Толиб,
Магар аз хоки аҷзам чангули шаҳбоз бардорад.

* * *

Сунбули ҷаннату мӯи ту зи як силсилаанд,
Офтобу гули рӯи ту зи як силсилаанд.
Мешавам зинда ба таҳрики сари зулфи насим,
З-он ки бӯи гулу бӯи ту зи як силсилаанд.
Ҳаст моро ба ту рабте зи азал, эй зоҳид
Кӯзаи мову сабӯи ту зи як силсилаанд.
Нола бар нолаи ман тоб деҳ, эй орифи маст
З-он ки ҳои ману ҳӯй ту зи як силсилаанд.
Хас наям, лек кашам хорӣ аз оташ ночор,
Чӣ кунам, оташу хӯи ту зи як силсилаанд.
Бӯи меҳре зи ғизолони ҳарам мешунавам,
Ғолибан Қаъбаву кӯи ту зи як силсилаанд.
Ба камоли худи нуқси ту бубинам Толиб,
З-он ки баҳри ману ҷӯи ту зи як силсилаанд.

* * *

Ёр ғофил зи кафам гавҳари имон заду бурд,
Гуфтамаш: ҳон набарӣ, бар дари ирфон заду бурд.
Нақди дилро, ки ба сад саъй ба чанг овардам,
Музди он даст, ки бар кӯчаи ирфон заду бурд.
Мижжаҳоро манамо ғорати дилҳо таълим,
Қас наёмухта дар гала ба гургон заду бурд.
Хат ба ҷодусифатӣ мӯҳраи лаълат бирабурд,
Ҳамчу он дев, ки Хотам зи Сулаймон заду бурд.
Шавқ боқӣ ҷаве аз хирмани умрам нагузошт,
Ҳамчу он бод, ки бар ҳосили деҳқон заду бурд.
Сад раҳ ин гӯи дил аз арса бурун овардам,
Зулфи шайтони туаш боз ба чавгон заду бурд.
Қилки Толиб, ки алам гашта ба ширинрақамӣ,
Тӯтие буд, ки бар сад шакаристон заду бурд.

* * *

Дило, гар ошиқӣ, офоқро дарди ту ороянд,
Ҷаҳонро гирьяи гарму дами сарди ту ороянд.
Занонро ҳафт зиннат мардро ҳар ҳафт он бошад,
Ки ҳафт андомро аз зевари дарди ту ороянд.
Битоз эй дил, ба оҳу нолае, к-он чашми он дорӣ,
Ки ғам сафҳои рангин бахри новарди ту ороянд.
Тани худро агар дар ишқ фарсоӣ, аҷаб набвад,
Ки чашми ақлро чун тутиё гарди ту ороянд.
Шикасти рангро тавфиқ дон Толиб ҳаминат бас,
Ки гулзори муҳаббатро рухи зарди ту ороянд.

* * *

Боз товусхироме сӯи мо меояд,
Бандаи омаданаш, ваҳ зи куҷо меояд?
Мегузорад қадам аз нозу чу мегардад боз,
Аз нишони қадамаш бӯи ҳино меояд.
Ин хироманда ба зуннор мапурсед, ки кист,
Ошноест, ки бегонанамо меояд.
Рӯи ҷаннат нанамоед ба ман, к-ин гулзор
Бӯи бедарияш аз обу ҳаво меояд.
Қай кунад рағбати ҳамроҳии арбоби ниёз,
Он, ки сад қофила нозаш зи қафо меояд.
Чун наёяд зи дилам хун, ки зи дилдор ҷудост,
Чӣ аҷаб, хун агар аз узв ҷудо меояд.
Ба фусуне, ки кунад ғорати сад қофила ҳуш,
Ин фиребандагӣ аз боди сабо меояд.
Ғам фиристодаи ишқ аст, азизаш доред,
Ки ғарибасту зи иқлими вафо меояд.
Толиб аз чеҳраи дилдор бубин сурати ҳол,
Ки чу оина ба сад нуру сафо меояд.

* * *

Хар киро дил гашт раҳбар дар ҷаҳон овора монд,
Сина решу пираҳан чоку гиребон пора монд...
Русиёҳӣ бин, ки чун борони раҳмат ронд сел,
Ҷурми ҳар кас маҳв шуд, ҷурми мани бечора монд.
Дӯш дар бар чашмаи оби ҳаёте доштам,
Рафт в-аз ҳаҷраш ба чашмаи ҷӯшиши фаввора монд,
Соиду соқаш чунон дар бар фушурдам, к-аз фишор.
Бар тани ман накши халхолу нишони ёра монд.
Маву гардун ҳар ду бо дилҳои сангин омадем,
Они ман чун мум шуд, они фалак чун хора монд.
Ман, ки мискин будам, аз ҳамвориям меҳнат расид,
Ӯ, ки саркаш буд, оханпорааш ангора монд.
Он, ки дар домони ишқ овехт, марди кор шуд,
В-он ки паҳлу кард холӣ, ҳамчу ман бекора монд.
Бас, ки шуд махви ҷамолаш, пири панҷаҳсоларо,
Дар даҳон ангушт ҳамчун кӯдаки гахвора монд.
Қай шикебад оташ андар об махви ҳайратам,
К-аз чи дар чашми тарам он оташи рухсора монд?
Як назар ҳар кас ҷамолаш дид, чун мурон шаҳид,
Хар сари мӯяш ҷудо дар лаззати наззора монд.
Ошиқон бечора гардиданду дурӣ дар гузашт,
Толиби мискин дар ин раҳ ҳамчунон овора монд.

* * *

Гар каъба сари кӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
В-ар қибла гули рӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
Дар мадди назар чанд бувад гӯшаи меҳроб,
Гар хуи ту чун рӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
Рӯи ту гулу хӯи ту оташ, аҷабе нест,
Гар хӯи ту чун рӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
Ин ғунчаи дил нашкуфад аз сунбули сад шох,
Шохе агар аз мӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
Эй ханҷари ёр оби хизир ташнатарам кард,
Обам агар аз ҷӯи ту мебуд, чӣ мебуд?
Ин сар, ки зи андеша маро бар сари зонуст,
Гар бар сари зонуи ту мебуд, чӣ мебуд?
В-ин ҷон, ки бувад, санги раҳи ман зи гаронӣ,
Гар санги тарозуи ту мебуд, чӣ мебуд?

* * *

Боз мехоҳад гулобе бар рухи олам занад,
Резабороне, ки бо гулҳо дам аз шабнам занад.
Қатра кам-кам мечаконад абри тар бар лавҳи хок,
Рост чун бозандаи нарде, ки нақши кам занад,
Ҳар касе ҳангомае созад тамошорову чарх
То тамошое кунад, ҳангомаҳо бар ҳам занад.
Захми мо мӯҳтоҷи марҳам нест, оре, захми ёр
Мезанад захме, ки дар роҳат дам аз марҳам занад.
Чун ту дар гулшан ҳиҷоб аз руҳ барандозӣ, зи шарм
Ғунча барбандад ниқоби худ, гиреҳ маҳкам занад.
Ишқ ҳам одамфиреб афтода, Толиб ҳуш дор,
Нест шайтон, лек чун шайтон раҳи одам занад.

* * *

Шароби айши мо аз рӯи хубои соф кай гардад?
Фалак бо бедилон пиромуни инсоф кай гардад?
Кучо санчад ғуборам осмон бе файзи биноӣ,
Набошад ҳар киро нури назар сарроф кай гардад?
Зи ошӯби замон озодагонро нест ташвише,
Маи софӣ зи барҳамхӯрдагӣ нософ кай гардад?
Машав парвонаи лоф, эй, ки шамъафрӯзи инсофӣ,
Қасе, к-ӯ марди инсоф аст, гирди лоф кай гардад?
Надорад ғам зи чандин харчи гавҳар чашми файёзам,
Бале, табъи каримозурдаро сарроф кай гардад?
Риёзат пеша кун, гар соф хоҳӣ бодаи маънӣ,
Сухан бе бодаполои риёзат соф кай гардад?
Зи сад хотир яке аттор шояд атри маъниро,
Зи бӯи нофа хуш ҳар оҳуеро ноф кай гардад?
Надорӣ табъи нозук, бигзар аз шуғли сухан, Толиб,
Ки марди бурьёбофе бирешимбоф кай гардад?

* * *

На ҳар тӯтӣ чу ман ширинкалому хушсухан гардад,
Зи сад булбул яке дар тозагӯӣ мисли ман гардад.
Нафас гарм аст, з-он рӯ нуқтаро дер оварам бар лаб,
Ки гар лахте муаттал дорам, об андар даҳан гардад.
Зи дарди нуктасанҷӣ ҳар ки огоҳ аст, медонад,
Ки маънӣ дар дил аввал хун шавад, он гаҳ сухан гардад.
Сипеҳр аз сардмеҳрӣ дорадам дилмурда то ҷое,
Ки гар пироҳани Исо кунам дар бар, кафан гардад.
Асар бар гирди оҳам сахт муштоқона мегардад,
Магар парвона з-инсон гирди шамъи анҷуман гардад.
Чунин, к-аз бӯи ӯ пироҳанам шуд гулфишон, Толиб,
Ба гулхан гар фишонам домане, гулхан чаман гардад.

* * *

Новаки таъна дилам чанд ба ҷон андозад,
Дида то кай ба рухам оби даҳон андозад.
Мутаҳайир шаваду рафтанат аз ёд равад,
Сарви ӯ соя чу бар оби равон андозад.
Чун ба таҳдид диҳад абрӯи ӯ ҷунбиши теғ,
Моҳи нав бинаду аз саҳм камон андозад.
Аз камингаҳ ба сӯи лашкари дилҳо нигаҳаш,
Гаҳ хаданг афканаду гоҳ синон андозад.
Дили Толиб фиканад сӯи фалак шӯълаи оҳ,
Ҳамчу тире, ки қазо сӯи нишон андозад.

* * *

Дар макидан тифли тадбири маро тақсир нест,
Лек чун созам, ки дар пистони қисмат шир нест.
Аҷз меборад зи бозу шаҳнагони ишқро,
Дасти домангирашон ҳаргиз гиребонгир нест.
Дарнасозад ишқ бо мӯи сафеди ошиқон,
Шаҳдро дар мулки мо омезише бо шир нест.
Ғозиёни ишқро Толиб зи асбоби набард
Ҷуз камони безеҳа ҷуз таркаши бетир нест.

* * *

Баски вуболи халқ шуд нолаи дардноки мо,
Аксари дӯстон кунанд орзуи ҳалоки мо.
Нест таваҷҷӯҳаш ба кас то чи адои зишт шуд,
Боиси саргаронӣ шуд шӯхи карашманоки мо,
Боғи баҳори хешро то ба май об додаем,
Қист хазон, ки тар кунад панҷа ба хуни токи мо,
Чун хасу хори сӯхта дуд бароядаш зи сар,
Оташ агар ба бар кунад, пираҳане зи хоки мо.
Моней васли мову ғам чанд бувад шугуфтагӣ,
Мо ҳамагӣ ҳалоки ғам, ғам ҳамагӣ ҳалоки мо.
Толиби комҷӯ куҷо навбари хоки мо кунад,
Нест насиби булҳавас рутбаи ишқи поки мо.

* * *

Бас, ки бар бистар гарон шуд ҷисми ғампарварди мо,
Баъди марг аз хок маъшуқона хезад гарди мо.
Мо ба анвори нафас бо субҳ тавъамзодаем,
Базми дилро шамъи кофурист оҳи сарди мо.
Даст бар домоии хуршедест моро, к-аз сафар
Нест фориғ лаҳзае чун сайти олам гарди мо
Он, ки бар дебои роҳат по ба истиғно занад,
Қай кунад бистар хасу хори балогустарди мо.
Сабр домангир шуд варна ба андак фурсате,
Турраи ғам дода буд аз каф дили номарди мо.
Эй, ки зеби ҷабҳаи ҳиндунажодон медиҳӣ,
Рӯи чин дорӣ урук бистар зи рӯи зарди мо.
Мо дари дил бар рухи анфоси Исӣ бастаем,
Барги резони даво кам дида боғи дарди мо.
Бо тани хокӣ зи бас оташмиҷоз афтодаем,
Шӯъла бигдозад агар паҳлу занад бар гарди мо.
Ҳаминони Толиб аз мисри балоғат мерасем,
В-ин ғазал баҳри азизон аст роҳоварди мо.

* * *

Чу ишқ ояд, куҷо осори ақли зуфнун монад,
Бале, селоб чун зӯр оварад, хошок чун монад?
Зи хӯяш оқилон парвоз гиранд аз сари кӯяш,
Ҳамин ман монаму пироҳанам лахте ҷунун монад.
Дари дил боз дорам рӯзу шаб чун дидаи ҳасрат,
Ки тарсам чун бубандам, ногаҳон дарде бурун ояд.
Чи сон пай гум кунам, к-аз ғирья ҳар ҷо лаҳзае монам,
Зи дил парголае он ҷо зи ман дар хоку хун монад.
Бад-ин ашки дамодам чун зиям, дар ҳайратам Толиб,
Чароғеро, ки равған об бошад, зинда чун монад?

* * *

Фалак чандон, ки дорад кина, бо донишварон дорад,
Надорад меҳру дорад гар, ки меҳре, бо хасон дорад.
Ба нософон надорад осмон нософие дар дил,
В-агар нософие дорад, ба софигавҳарон дорад.
Ба камқадрӣ зи иқболи баланди сурма ҳайронам,
Ки ин хоки сиёҳ чун ҷо ба чашми дилбарон дорад?

* * *

З-он хушдилам, ки ҳар чӣ малол аст, бигзарад,
Рӯзи мусибат ар ҳама сол аст, бигзарад.
Чун ҳаст умеди васл ғам аз бими ҳаҷр нест,
Даври фироқ гарчи муҳол аст, бигзарад.
Нақшам муқим нест, ки оинатинатам,
Аз дидаам ҳар он чӣ хаёл аст, бигзарад.
Дил бар тараб мабанд, ки даври бисоти айш
Ваҳшитар аз раманда ғизол аст, бигзарад.
Толиб, зи ошьёнаи дилгири рӯзгор
Ҳарчанд мурғи бепару бол аст, бигзарад.

* * *

Лаб шӯру нукта шӯру даҳан шӯру ханда шӯр,
Ин аст фитнае, ки ба олам фиканда шӯр.
Рӯи замину зери замин пурнамак зи туст,
Яъне ба мурда шӯр фикандӣ ба зинда шӯр.
Носеҳ хамӯш заҳрфишонӣ зи ҳад гузашт,
Нешат бурида бод, макун ин газанда шӯр.
Аз лаб намак фишону зи сар то ба по шакар,
Ширин хуш аст ҷумла адоҳову ханда шӯр,
Толиб, зи нӯки хома шакаррез шав, ки боз.
Ширин кунанд коми ҷаҳоневу банда шӯр,

* * *

Шаб аз дил сӯи гардун нолае кардам равон охир,
Ба торикӣ фикандам тире, омад бар нишон охир.
Ба савдое, ки дар сар доштам, з-ӯ шодмон будам,
Ғами суду зиёнам кард расвои ҷаҳон охир.
Зи дуди чарб олам тира шуд, он маҳ нагашт огаҳ,
Ки мағз аст ин ки месӯзад ғамаш бо устухон охир.
Муҳаббатро, ки чун хуршед мешуд худ ба худ зоҳир,
Ниҳон кардан набуд аз оқилӣ, кардам аён охир.
Адабро баски бар кӯяш ҷабин бар хоки раҳ дидам,
Ба ёди бӯсае қонеъ шудам з-он остон охир...
Чу аз ҳар шохсорам риштаи умед кӯтаҳ шуд,
Шудам бар шохи навмедӣ, гирифтам ошьён охир.
Ба чашми тарбият сӯям нигоҳе охир, эй гардун,
Зиёд ар нестам, кам нестам аз ину он охир.
Ба ҳар зарбат, ки аз теғи нигоҳаш сӯхтам доғе,
Ки гар рӯзе намонад захми ӯ, монад нишон охир...
Зи як соғар зи бас бадмастиву девонагӣ кардам,
Чу Толиб мунфаил гаштам зи рӯи майкашон охир.

* * *

Шӯхчашмо, назар аз наргиси масташ бардор,
Шонаи зулф най, даст зи дасташ бардор.
Эй булӯринкадаҳ, аз рашк дилам хун гардид,
Зудтар лаб зи лаби бодапарасташ бардор.
Эй сари зулфи санам, гар ба дилам ёбӣ даст,
Ҷасадаш пеши саг андозу шикасташ бардор.
Марди бебаргу наворо сабук аз ҷой магир,
Кӯза бедаста чу бинӣ, ба ду дасташ бардор.
Шоирӣ дарҳури Толиб набувад, эй гардун,
Дасти ҳиммат шаву з-ин пояи пасташ бардор.

* * *

Ҳаво хуш асту насими гул аз ҳаво хуштар,
Баҳор хуш, рухи муфлисфурӯзи мо хуштар.
Яке зи ёр хабар медиҳад, яке зи баҳор,
Навои мурғ хушу ҷилваи сабо хуштар.
Хуш аст хуш сухан аз сӯзи дил баён кардан,
В-аз ӯ маи куҳану пири босафо хуштар.
Ба ошноии тан лофи қурби дӯст мазан,
Ба дил гарой, ки дил бо дил ошно хуштар.
Сафои дил ба каф овар, ки дар ғилофи вуҷуд,
Дил аст оина, оина босафо хуштар.
Бигӯ, ки бар чӣ адои хуши ту дил бандем,
Ки ҳар адои ту бошад зи ҳар адо хуштар.
Бидор бар дари майхона гӯш, то лаби ҷом,
Бигӯядат, ки зи мулки ҷаҳон куҷо хуштар.
Махон чу Толибам аз ноз сӯи худ, ки маро
Маё хуш ояд аз он лаб, вале биё хуштар.

* * *

Маҳест дилбари ман з-офтоб равшантар,
Хате ба гирди узораш зи об равшантар.
Кунад ниқобу рухаш чашми ақл хира, ки ҳаст
Ниқобаш аз руху рух аз ниқоб равшантар.
Шароб кам шавад андар фурӯғи лаъли лабаш,
Ки ҳаст хӯрдани хунаш зи об равшантар.
Магар кушуда зи рух парда моҳи ман, к-имшаб
Намояд аз ҳама шаб моҳтоб равшантар.
Ҳисоби ҷаври ту бар халқ равшан аст, вале
Шавад ба рӯзи ҳисоб ин ҳисоб равшантар.
Ба хомӯшӣ зи дилам рози ишқ равшан буд,
Суол равшану аз вай ҷавоб равшантар.
Зи сурма хок ба лаб ку ҷамоли наргиси ёр,
Ки ҳаст бар ҳама аз офтоб равшантар.
Ҷавоби қурси маҳ он рӯй доду алҳақ буд,
Ҷамоли равшанаш аз моҳтоб равшантар.
Ба май мапӯш маҳи ман шикастарангии ишқ,
Ки ҳаст бар ҳама аз офтоб равшантар.
Нишон ба нуктае макун каломи Толибро,
Ки ҳаст ин рақами интихоб равшантар.

* * *

Моро зи ношиносии худ бохт рӯзгор.
Анқо ба домаш омаду нашнохт рӯзгор.
Бо мо, ки ростхонатар аз хатти мистарем,
То бохт, ҳамчу доира кач бохт рӯзгор,
Доғи ҷунун ҳаволаи Маҷнун агар набуд,
Мӯ бар сараш фатила чаро сохт рӯзгор?
Гоме бувад зи дарди дилам то мақоми дӯст,
Моро ба кӯчаи ғалат андохт рӯзгор.
Толиб набуд марди шабехуни мо ба рӯз,
З-он шоми бахт бар сари мо бохт рӯзгор.

* * *

Файзи пиёла бахшад обу ҳавои Кашмир,
Аз хишти хум ниҳоданд гӯй binои Кашмир.
Чун хоки ишқбозон ҳар лаҳза бар машомам,
Бӯи муҳаббат ояд аз кӯчаҳои Кашмир.
Кашмир меситонам аз ҳақ ба ҷои ҷаннат,
Аммо намеситонам ҷаннат ба ҷои Кашмир.
Машшотаи латофат аз баҳри равнақи кор,
Беруннамо нагардад бурқаъкушои Кашмир.
Ҷон бурд дӯст гирам монанди узрхоҳон,
В-он гоҳ барфишонам, к-ин рӯнамои Кашмир.
Шоҳаншаҳи Ҷаҳонгир ҷанд аз ҳавои ӯ гул,
Хуш мустаҷоб гардид охир дуои Кашмир.
Гарде зи нур бинмуд ҳамранги нур гуфтам,
К-ин сурмаи биҳишт аст, ё тӯтиёи Кашмир.
Ҷаннат куҷо тавонад бо ӯ баробарӣ кард?
Чун лутфи подшаҳ гашт равнақфизои Кашмир.
Васфи биҳишти ҷовид аз ошиқони ӯ пурс,
Моро забон нагардад ҷуз дар санои Кашмир.
Ҳар субҳ дар машомам аз роҳи ошноӣ,
Пайғоми ҷаннат орад боди сабои Кашмир.
Ҳар кас паи тамошо карданд хуш фазое,
Ризвон фазои ҷаннат, Толиб фазои Кашмир.

* * *

Сипеҳр аз дили бекинаам чӣ мехоҳад?
Ғубор гашта зи оинаам чӣ мехоҳад.
Ҳазор тири қазо дар дилам шикаст, дигар.
Қамонкаши қадар аз синаам чӣ мехоҳад?
Ба атласи назаре хоҳише надӯхтаам.
Фалак зи хирқаи пашминаам чӣ мехоҳад?
Аҷал захираи умри маро ба ғорат бурд,
Дигар зи ковиши ганҷинаам чӣ мехоҳад.
Чӣ дар либоси ман афтода осмон Толиб,
Зи кӯҳна хирқаи пашминаам чӣ мехоҳад?

* * *

Чӣ метозӣ шитобон умр, бе парво най охир,
Чӣ аз мо мегурезӣ, давлати дуньё най охир.
Биҳил ваҳшат, замоне роми мо улфатгиребон шав,
Рамидан чист охир, оҳуи саҳро най охир,
Чу коми бенасибон аз чӣ дуро-дур мегардӣ?
Чаро н-ой ба каф, домони истиғно най охир.
Мадор андеша аз санги ҳаводис, амн бош, эй дил,
Чӣ дар бими шикастӣ, муттасил мино най охир.
Чу оташ то ба кай дар сар ҳавое, мефикан гоҳе
Ба пастӣ сояе, аз олами боло най охир.
Ба торикӣ чӣ тан дардодай чун шоми маҳҷурон.
Чароғе баркун, эй дил, чашми нобино най охир,
Яке худро ба мо меҳнаткашон бинмой, эй роҳат,
Нишони хеш то кай гум кунӣ, анқо най охир.
Зи санги мо сабӯи кас нагардад ранҷа, эй зоҳид,
Чӣ паҳлу меканӣ аз мо, тиҳимино най охир,
Дило, дасти ҳавас чанде ба домони таллуқ зан,
Муҷаррад чанд гардӣ дар ҷаҳон, Исо най охир.
Шабистон тира шуд, эй моҳи ҷамъият, фурӯзон шав.
Чаро торик месӯзӣ, чароги мо най охир.
Ба хилват музди сӯҳбат боз бо дарьёдиле Толиб
Чӣ танҳо мнишинӣ, гавҳари якто най охир.

* * *

Шаҳди лабаш, ки ҳаст зи ҷон бештар лазиз,
Шаккар магӯ, ки нест шаккар ин қадар лазиз.
Аз бас назар ба лаъли лаби ёр кардаам,
Чашми тарам шудаст чу бодоми тар лазиз.
Баъд аз фано ба коми ҳумо устухони ман,
Бошад ба ёди лаъли ту чун найшакар лазиз.
Мо борҳо зи соғари Ҷамшеду ҷоми Ҷам,
Май хӯрдаем, нест чу хуни ҷигар лазиз.
Сахтӣ кунад ба халқ гуворо туро, ки об
То мехӯрад ба санг, шавад бештар лазиз.
Толиб, муҳити ташналабиро садаф манам,
Набвад, зи талхкомиам оби гуҳар лазиз.

* * *

Роҳат ояд ба диёри дилу баргардад боз,
Ғам кунад кӯчу пушаймон зи сафар гардад боз.
Рӯзгорест, ки ғам рафта ба тасхири дилам,
Вақти он шуд, ки ба фатҳу ба зафар гардад боз,
Остине чу лаб аз хуни ҷигар дорам хушк,
Имшаб ин гирья умед аст, ки тар гардад боз.
Нома бинвисаму худ аз паи қосид биравам,
Оқ қадар сабр надорам, ки хабар гардад боз.
Рӯзгорест, ки дил аз назари дӯст фитод,
Бошад он рӯз, ки манзури назар гардад боз?
Қист дил ,— к-ӯ ба фироқат бувад оромпазир,
Гар ба по рафта зи кӯи ту ба сар гардад боз,
Тарфи абрӯи ту чун даст ба меҳр афшонад,
Умри бигрехта чун нури басар гардад боз.
Шакаре, к-ӯ шавад аз нисбати лаъли ту шароб,
Чун барад номи даҳони ту шакар гардад боз.
Дил, ки дар оташи ҳиҷрони ту шуд, боз омад,
Кӣ гумон дошт, ки ин сӯхта баргардад боз?
Толиб аз неку бади халқ макун шикваву шукр,
К-ин ҳаводис ба қазову ба қадар гардад боз.

* * *

Хезу барги чилвае з-он шохи гул озод рез,
Хуни рашк аз дидаи сарву дили шамшод рез.
Мурғи рӯҳи сад шикорӣ дар тавофи доми туст,
Оре, оре, сайди ҳуснӣ, дона бар сайёд рез.
То ба кай номустаид резад шароби илтифот,
Ҷуръае ҳам бар лаби арбоби истеъдод рез.
То бидонӣ қадри хокамро барои имтиҳон,
Заррае дар чашми нобинои модарзод рез.
Мотамиро гирьяе охир зарур аст, эй саҳоб,
Чашми Ширин бошу ашке бар сари Фарҳод рез.
Ҷузве аз ошъори Толиб дар бағал неҳ ғунчавор,
Боқии аврокро дар раҳгузори бод рез.

* * *

Дар суханчинӣ чу тифлон табъро бадхӯ масоз,
Гӯшро ҷосуси рози ҳар парешонгӯ масоз.
Ҳар ки гӯяд нуктаи сарбастае ғаммозвор,
Хешро борик дар фаҳмиданаш чун мӯ масоз.
Зарфро дарьё кун аз вусъат чу орифмашрабон,
Гӯ, ба рӯ оранд сад айби ниҳонат рӯ масоз.
Созгарӣ пеша кун, шояд бисозад бо ту чарх,
В-ар насозад бо ту, аз носозгарӣ, гӯ, масоз.
То набинӣ з-ӯ вафое, дил ба меҳри кас мабанд,
Ҳарз ҷони хешро таъвизи ҳар бозу масоз.
Як ҷаҳон бас нест фурсатро маёло дасти хеш,
Чун ту сад дарьёи сафрой ба як лиму масоз.
Ё бубин дар ҳар чи пеш ояд ҷамоли кори хеш,
Ё ҷабинро сайқали оинаи зону масоз.
Чун мараз ишқ аст, ҳон эй дил, бикаш даст аз илоҷ,
Ин гиромӣ дардро олудаи дору масоз.
Ишқро дар сина пинҳон дор чун дар нофа мушк,
Хешро расво ба бӯи хеш чун оҳу масоз.
Резаи уди қуморӣ дар даҳон чун гул магир,
Ҷуз ба номи дӯст коми хешро хушбӯ масоз.
Бахр нопаймуда маъзурӣ ба истизҳор ҷӯй,
Чун канори бахр дидӣ, бо лаби ҳар ҷӯ масоз.
Чун сабӯи май фурӯ бар ҷумла талхиҳои май,
Лек Толиб хешро ҳаргиз турушабрӯ масоз.

* * *

Чи дорӣ бо дилам, эй шаб, намо рӯз,
Дурангӣ бартараф, шаб бош, ё рӯз.
На бар ман рӯзро раҳме на шаброст,
Ҷудо шаб мехӯрад хунам, ҷудо рӯз.
Рамад з-ин шоми зулматошно субҳ,
Гурезад з-ин шаби чун аждаҳо рӯз.
Куҷо Маҷнун ба нокомӣ, куҷо ман,
Куҷо шаб дар сияҳбахтӣ, куҷо рӯз.
Ба рӯз аз ваъдаи васли ту ёбам,
Кунам шабро ба иброми дуо рӯз.
Ту нури қадри зулмат кай шиносӣ,
Ки шабро шаб шиносад, рӯзро рӯз.
Зи бас дар зулматам з-ин бахти шабранг,
Намеояд ба чашмам ошно рӯз.
Шабам хуш бод дар айёми он зулф,
Ки хаффошам, намесозад маро рӯз.
Гарам шаб рӯ диҳад васлат хушо шаб,
В-агар рӯзам шавад рӯзӣ хушо рӯз.
Чу чархи пирзоли ғайратандеш,
Сари шаб мекунам фарьёд то рӯз.
Ту ҳарбоиву ман хаффош Толиб,
Туро шаб зинда медорад, маро рӯз.

* * *

Ба як дил оламе ғам дораму ғамгин наям ҳаргиз,
Чу субҳам хандарӯ бо ҷабҳаи пурчин наям ҳаргиз.
Чӣ ғам гар талхкомам субҳу шом аз заҳри нокомӣ,
Ба коми талх бе ёди лаби ширин наям ҳаргиз.
Сари болоравам чун шӯъла пастӣ барнаметобад,
Бад-ин сар зери бори миннати болин наям ҳаргиз.
Самумам, лек бар гулҳои доғи худ гузар дорам,
Вуболи ёсамину лолаву насрин наям ҳаргиз.
Фақеҳам номуқайяд аз чӣ мехонад, чу мебинад,
Ки ман ФориҒ зи қайди турраи мушкин наям ҳаргиз.
Дамодам бо маи дерина меҳрам тоза мегардад,
Зи ёрони куҳан бе бодаи дерин наям ҳаргиз.
Нагардам ром бо ором Толиб ман, ки чун оташ
Ҳалоки изтиробам, моили таскин наям ҳаргиз.

* * *

З-он ғофилӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳанӯз,
Меҳнат надида, дард нафаҳмидаӣ ҳанӯз.
Пурсӣ зи ман, ки нори ту норинҷ аз чӣ шуд?
Гӯё турунҷи ишқ набӯидаӣ ҳанӯз.
Гар беҳунаре арз намояд ҳунари хеш.
Дар хоку хун чу ашк нағалтидаӣ ҳанӯз.
Наншастаӣ зи рашк бар оташ ба сони уд,
Чун зулфи худ ба хеш напечидаӣ ҳанӯз.
Огаҳ зи беқарории Толиб наӣ, бале.
Бар хуни худ сипеҳр нагардидаӣ ҳанӯз.

* * *

Бирез гул ба гиребону май бинӯш имрӯз,
Ки рӯзи бодафурӯш асту гулфурӯш имрӯз.
Ҳаво бубину қадаҳ гиру сӯи дашт хиром,
На рӯзи гӯшанишин асту хирқапӯш имрӯз.
Хуш аст хотири доно чунон ки навҳаи зоғ,
Навои фохта меоядам ба гӯш имрӯз.
Чаро нарақсад оҳу, чаро нахандад кабк,
Нишот мезанад аз кӯҳу дашт ҷӯш имрӯз.
Чунонки аз асари айш ҳамчу мурғи ҳаво,
Зи дил ба сӯи замон меравад хурӯш имрӯз.
Чунон ки мурғ кунад қасди обу дона зи шох,
Зи чарх майли замин мекунад сурӯш имрӯз.
Гунаҳ ба гардани ман зоҳид ар нагирад ҷом,
Ба зӯри хеш бирезед дар гулӯш имрӯз.
Чу рӯзи айшу нишот аст, нӯш кун Толиб,
Қадаҳ ба ҳукми шаҳанш оҳи ҷурпӯш имрӯз.

* * *

Он қадар беҳуда гардидам, ки гардун гуфт бас,
В-он қадар девонагӣ кардам, ки Маҷнун гуфт бас.
Бо вуҷуди васл дӯш аз гирья оромам набуд,
Он қадар хун аз дил афшондам, ки Ҷайҳун гуфт бас!
Аз даруни парда менолад дил аз ҳиҷрони май,
Соқиё, бовар макун гар лаб зи берун гуфт бас!
Риштаи тасбеҳи ашкам ногаҳон бигаст дӯш,
Он қадар дурдона афшондам, ки Сайҳун гуфт бас.
Соҳиби ҳоли дарун қоли бурунро барнаёфт,
Баҳси ҳикмат чун муқаррар шуд, Фалотун гуфт бас.
Вожгун фаҳмида соқӣ муддао варна лабам,
Дар шитоби даври соғар сад раҳ афзун гуфт бас.
Ҳирсро чашм аз нисори ғирьяам гардид сер,
Сими ашк он қадр афшондам, ки Қорун гуфт бас.
Баски Толиб бар тару хушки ҷаҳон нолид зор,
Баҳр гӯш аз нолааш бигрифту ҳомун гуфт бас.

* * *

Чу баргирад ба ноз он нозанин рақс,
Кунад дар зери пои ӯ замин рақс.
Қадомин дил ба ҷо монад чу бинад,
Чунон раққосро дар инчунин рақс.
Кӣ мерақсад, шавам қурбони раққос,
Чӣ рақс аст ин, балогардон ин рақс.
Дил аз шавқи лабаш мерақсад оре,
Магас дорад ба ёди ангубин рақс.
Фалак бедаступо гардад, чу гирад
Нигорин тавсанаш дар зери зин рақс.
Туро гул дар гиребон менамояд,
Чу ҷони ошиқон дар остин рақс.
Май аз дасти кӣ нӯшидӣ, ки дорад
Туро бар остин бори ҷабин рақс?
Ба зулфи кофурат нозам, ки дорад
Ба куфрободи ӯ дил рақсу дин рақс.
Тазарвони чаман помол гаштанд,
Сарат гардам, ҳамин бошад ҳамин рақс.
Зи тамкин дар азобам ёди рӯзе,
Ки мекардам ба дасту остин рақс.
Чӣ ишрат рӯ ба олам карда Толиб.
Ки дорад осмон рақсу замин рақс?

* * *

Биншин нафасе ҳамдами дил маҳрами ҷон бош,
Лахте на бар оини ҷаҳони гузарон бош.
Даври фалак аст ин, ба як оҳанг наракcад,
Гӯ, рӯзи дувӣ ҳам ба муроди дигарон бош.
Эй, ёфта завқи тарабу чошнии айш,
Домони май аз даст мадеҳ, гӯ, рамазон бош.
Бе ҳасрати дидор тамошо гули бебӯст,
Асбоби нигаҳ ҷамъ кун, он гаҳ нигарон бош.
Оройиши маънӣ чӣ бувад? Нозукии лафз,
Дар нутқ сабукрӯҳтар аз ҷавҳари ҷон бош.
Хомӯш манишин, шамъи саҳар нестӣ, эй дил,
Дар зулмати шаб шӯълабарафрӯзи ҷаҳон бош.
Дур аст дил озурдан аз, оини мурувват.
Гӯ, теғи забонро асари теғи миён бош.
То чанд кунӣ саркашӣ аз тавсани умед,
Дастат ба ҳино нест, гулӯгири инон бош.
Сад ранги гул овезаи домони хамӯшист,
Каффораи гуфтор гаҳе қуфли забон бош.
Зӣ он ки чароғи дилат афсурдагӣ омӯхт,
Якчанд ба хокистари парвоз тапон бош.
Пирӣ гули кайфияти маҳрумии ишқ аст,
Маъҷуни муҳаббат хӯру ҷовид ҷавон бош.
Толиб, раҳи мастон ба ҳақиқат раҳи астист,
Гар бохабарӣ, дар қадами бехабарон бош.

* * *

Зи ғам сад неш дорам дар чигар беш,
Ба як сар мекашам сад дарди сар беш.
Мудомам бод дар мушт аст, ҳарчанд,
Ба ҳар ангушт дорам сад ҳунар беш...
На ҳур хислатам, хаффоштабъам,
Аз он майлам ба шом аст аз саҳар беш.
Фалак дарьё мисол афтода, з-он рӯй,
Чу дарьё нафъ кам дорад, зарар беш.
Лабаш захру шакар дорад дар оғӯш,
Валекин захр кам дорад, шакар беш.
Чу парвона ба рӯзи шавқ дорам,
Ба поси худ гумон аз болу пар беш.
Ҳазарҳо ҷумла дар қурб аст оре,
Қанори бахр медорад хатар беш.
Тафовут раҳ мадеҳ дар ризқи Толиб,
Агар кам мерасад рӯзӣ, агар беш.

* * *

Май ҳалол аст дар ин фасл, далерона бинӯш,
Гар нанӯшӣ ба сари кӯча, ба кошона бинӯш.
Мо, ки риндем, қадаҳ бар сари бозор кашем,
Ту, ки дар пардаи зӯҳдӣ, ба ниҳонхона бинӯш.
Ба ду ҷомат сару дастору хирад рафт ба бод,
Кӣ туро гуфт, ки май бо мани девона бинӯш.
Бо гулу шамъ чи ҷӯшӣ, ки туро фармон дод,
Ки бирав хуни дили булбулу парвона бинӯш.
Нашунидӣ масали майзадаро, май Толиб
Чанд махмур нишинӣ, ду-се паймона бинӯш.

* * *

Худ муштарии хешаму худ нархгари хеш,
Ман донаму ман қадри гиромӣ гуҳари хеш.
З-он ҳеч касам нест дар ин ришта харидор,
Қ-аз аблаҳиям худ шуда даллоли хари хеш.
Шарт аст, ки соҳибназарон айб нагиранд,
Гар беҳунаре арз намояд ҳунари хеш.
Гар бори дилам бар к?тифи кӯҳ гузоранд,
Кӯҳ аз асари дард бидарад камари хеш.
Рав-рав, ки зиёне накунӣ аз сафари хеш.
То дастаи дандон ба ҷигар дашна нишондам,
Дандон кӣ ниҳодаст чунон бар ҷигари хеш?
Оростани болу пар асбоби гурез аст
Гар мурғи асирӣ, бишикан болу пари хеш.
Гар хом бувад, пухта шавад з-оташи савдо,
Хиште, ки мани хаста ниҳам зери пари хеш.
Толиб, машав озурда гар обат надиҳад чарх,
Дарсоз ба серобии ашъори тари хеш.

* * *

Мечамад он сарв, гулзор аз қафо меоядаш,
Бӯи фатҳи ғунча аз банди қабо меоядаш.
Чун ба рафтан пай кунад гум, к-он тазарви хушхиром,
Меравад в-аз нақши по бӯи ҳино меоядаш.
То кучо май хӯрдаву дар сар чӣ дорад он савор,
Қ-аз даҳони теғ бӯи хуни мо меоядаш.
Меҳр мечӯяд ба хосият дилам з-абнои даҳр,
З-он ки мардум дар назар мардумгиё меоядаш.
Турки ман худро зи дилҷӯӣ наёрад боздошт,
Чун кунад имрӯз оини вафо меоядаш.
Дил зи бас хӯ карда дар ишқи ту бо пайғоми яъс,
Ҳар чи мегӯянд, бар гӯш ин садо меоядаш.
Қай фуруд орад зи истиғно ба мо тарфи кулоҳ,
Он, ки бӯи саркашӣ дар нақши по меоядаш.
Зеҳ ба таҳсин аз камон бар гӯши гардун мерасад,
Бар нишон чун новаки кокулрабо меоядаш,
Ғунча дар пеши дилам забти табассум мекунад,
Қ-аз рухи гулҳои доғи ӯ ҳаё меоядаш.
Шуд дилам, Толиб, заиф он сон, ки дар борони меҳр,
Ба сар аз ҳар қатра санги осиё меоядаш.



* * *

На он мор аст зулфи ӯ, ки густохона гирандаш,
Магар афсунгарони дил ба сад афсона гирандаш.
Дилам мурғест пурнақшу нигор аз дуди дил, аммо
На мурғе, к-аз ҳаво тифлон ба дому дона гирандаш.
Нагардад сайди дому дона шаҳбози дилам, шояд
Қаманди шӯълаи чин карда чун парвона гирандаш.
Ту, эй зоҳид, битарс аз сабҳа, к-ин дил нест он мурғе,
Ки то аз симтан дому булӯрин дона гирандаш.
Мадеҳ доман ба дасти бод зулфи анбарафшонро,
Мабодо мӯшикофон бар забони шона гирандаш.
Суроғи Толиб аз майхона ҷӯ, к-он ринди беғамро,
Ба ҳар ҷо гум намоянд, аз дари майхона гирандаш.

* * *

Меравад мастона, гӯё буда пур паймонааш,
Қабк хун мегирьяд аз рафтори товусонааш,
Мехиромад бо абирафшонии боди баҳор,
Ҳушҳо масту харобаш, ақлҳо девонааш.
Ҷинси ин майхона кайфият намебахшад маро,
Эй дареғ, он май, ки чашми ӯ бувад майхонааш.
Мешавад сандал зи таъсири шамими ӯ насим,
Вақти ороиш, ки аз шамшод бошад шонааш.
Бо ду рух шамъ асту гул он шӯълахӯ, Толиб, ки боз
Ҳам дили ман булбулу ҳам ҷони ман парвонааш.

* * *

Карашма нозуку лаб нозуку сухан нозук,
Зи фарқ то ба қадам ҳамчу табъи ман нозук,
Қасе, ки дида баногӯши ӯ шабе дар хоб,
Наёядаш ба назар барги ёсуман нозук,
Ба аҳди нозукии лолазори оряз ӯ,
Гумон мабар, ки гуле рӯяд аз чаман нозук.
Ҳазор сӯзани рашкам фузуд бар мижгон,
Қасе, ки бар тани ӯ дӯхт пираҳан нозук.
Фиғон, ки аз гулу оби санам намеҷӯшад,
Карашмае, ки шавад табъи барҳаман нозук,
Магар зи ғамзае Ширин ба теша дод алмос,
Ки лавҳи фитна тарошида Кӯҳкан нозук
Чунон гудохта ҷӯши хаёл Толибро,
Ки мӯ ба мӯ шуда чун фикри хештан нозук.

* * *

Чи ғофил хуфтай, бархез, субҳ инак, шароб инак,
В-агар бовар надорӣ, дида бикшо, офтоб инак.
Маро ранг аз рухи чун офтобаш моҳтобӣ шуд,
Дило, гар мункирӣ, ранги ман инак, моҳтоб инак.
Ба ғорат бурда ҳусни оразат сомони гулшанҳо,
Вагар бовар надорӣ, сад гулистони хароб инак.
Шитобе кун дило, шояд гиребонаш ба чанг орӣ,
Ки хуш масту хиромон меравад аҳди шубоб инак,
Зи ғайрат, эй ки мӯе бар бадан дорӣ, биё, бингар.
Ки ёди зулфи ӯ чун дордам дар печу тоб инак,
Хуш он толеъ, ки гӯяд шоҳиди мақсуд, к-ин мискин
Ба дасти орзу бикшо гиреҳ, банди ниқоб инак,
Дило, гар душманӣ бо роҳат, инак завқи бедорӣ
В-агар бар бистари нозат сару кор аст, хоб инак,
Яке бар оташи дилҳо фишон бар ҷӯи ғам обе,
Ки халқеро ба зери теғ дорад изтироб инак,
Дили бирьёну ашки лолагун пеш ораму гӯям,
Чаро афсудай Толиб, шароб инак, шароб инак!

* * *

Дорам чу нуки хома забоне зи дуди дил,
Чун чашми сурмадор даҳоне зи дуди дил.
Гӯ, ҷисму ҷон бисӯз, ки мо бе ту сохтем,
Ҷисме зи гарди хотиру ҷоне зи дуди дил.
Як лаҳза нест, к-ин фалаки теғбозро,
Дар сина нашканем синоне зи дуди дил.
Бар сафҳаи вуҷуди ту гар ошиқӣ, куҷост,
Нақше зи хуни дида, нишоне зи дуди дил?
Гар нолае ба марги мурувват бароварам,
Мушкин кунанд ҷома чаҳоне зи дуди дил.
Бе сурма ранги наргиси гулоразон гирифт,
Оре, надида дида зиёне зи дуди дил.
Чун зулфи ёр тори нафас анбарин шавад,
Гар зери лаб кунем баёне зи дуди дил.
Гар ҳамчу хома машқ кунем, сина бингарӣ,
Чун ботини давот ниҳоне зи дуди дил.
Толиб, чӣ сон ба хоҳиши худ раҳ равад, ки дод
Бар дасти рӯзгор иноне зи дуди дил.

* * *

Эй пеши чеҳраи ту арақнок рӯи гул,
Хӯи ту хӯи оташу бӯи ту бӯи гул.
З-он чеҳра оташе ба чаман бар, к-аз инфиол,
Минбаъд булбуле накунад орзуи гул.
Дар оби заҳр ғӯта диҳам нури дидаро,
Гар бе ту ногоҳам назар афтад ба сӯи гул.
Рафтӣ ба сӯи гулшану ҳангоми бозгашт
Кардӣ ҳазор гирья гиреҳ дар гулӯи гул.
Он хор нест бар тани гулбун, ки гаштааст
Аз ғайрати ту теғ бар андоми мӯи гул.
Аз шарми наргиси ту ба таклифи сад баҳор,
Ранге, ки рафта буд наёмад ба рӯи гул.
Гум кардаам турову ба бӯи ту бар танам,
Ҳар мӯ ба сад чароғ кунад ҷустуҷӯи гул.
Дар пояи гулбун аз сари ҳасрат нишастаам,
Чашме ба сӯи булбулу чашме ба сӯи гул.
Гулшан дар ин баҳор басе бетароват аст,
Гӯӣ, нарафта қатраи обе ба ҷӯи гул.
Бебаргии чаман ба хазон андалебро
Дар шишаи гулоб дарорад ба бӯи гул.
Аз иттиҳоди ошиқу маъшуқ дур нест,
Гар оҳи андалеб харошад гулӯи гул.
Шуд боз оби дидаи Толиб чаманшинос,
З-ин пас ҳаром гашта ба шабнам вузӯи гул.

* * *

Риштаи меҳру муҳаббат нагсилам з-он дилгусил,
То маро аз зулфи ӯ боқӣ бувад бӯе зи дил.
Гӯшаи чашме ба гулҳои баҳорӣ доштам,
Чун баҳори рӯи ӯ дидам, хиҷил гаштам, хиҷил,
Роҳи ишқ аст ин, матарс аз ташнагӣ, мардона бош,
К-андарин раҳ даҷлаҳо бинӣ зи хунҳои биҳил.
Ашки берангам гувоҳӣ бар дили пурхун надод,
Мунфаил гаштам зи изҳори муҳаббат, мунфаил.
Пои дил аз гил бурун оварда будам мардвор,
Боз то оинаи зону фурӯ рафтам ба гил.
Мастро ҳушьёр набвад дилнишин маъзур дор,
Бехудам гардон, ки дар базми ту нанмоям хиҷил.
Гар туро рӯ соддаи бадхӯ, маро дил содда аст,
Ту ба ҳусни рӯй менозиву ман бар ҳусни дил.
Шӯълае будам бағоят саркашу беэътидол,
Сардмеҳриҳои даҳрам кард з-инсон мӯътадил.
Чандам аз дӯзах диҳӣ таҳдид воиз нестӣ,
Лол шав, Толиб, маро лахте ба ҳоли худ биҳил.

* * *

Мо неши куфр дар дили имон фушурдаем,
Дар соғари амал маи исьён фушурдаем.
Шамшер карда нолаву бар дил кашидаем,
Алмос карда нохуну дар ҷон фушурдаем.
Дар ҳам шугуфта ғунчаи дил, лолаи ҷигар,
Бар ҳар замин, ки домани мижгон фушурдаем.
Ғайрат ниғар, ки чошнии ханҷари туро
Дар қатра-қатра хуни шаҳидон фушурдаем.
То талхии ҳаёти абад имтиҳон кунад,
Дар коми Хизр чашмаи ҳайвон фушурдаем.
Сад Қаъба дар таҳияи эҳром тавфи мост,
То мо қадам ба хори мағелон фушурдаем.
Толиб, ту файз гир зи васли бутон, ки мо
Пои талаб ба домани ҳирмон фушурдаем.

* * *

Вагар по дар салосил дорам аз ғам,
Саре бар зонуи дил дорам аз ғам.
Ба қасри дил ниҳон аз чашми ғаммоз,
Яке худро шамоил дорам аз ғам
Ҷарасҷунбони ишқам аз дили хеш,
Ба ҳар мӯ сад ҷалоҷил дорам аз ғам.
Чаро лабташнаам чун шишаи дил,
Пур аз заҳри ҳалоҳил дорам аз ғам.
Тапиданҳои набзи дил гувоҳ аст,
Ки ҳоли мурғи бисмил дорам аз ғам.
Аз он бар шӯъла чун парвона ҷӯшам.
Ки шамъе дар муқобил дорам аз ғам.
На Маҷнунам, вале бар ноқаи дил
Яке зебанда маҳмил дорам аз ғам.
Чу деҳқонам, ки дар тухмафкани дил,
Гиёҳи барқ ҳосил дорам аз ғам.
Паризодони айшам камфиребанд,
Ки таъвизе ҳамоил дорам аз ғам.
Маро зебад хироми гулшани айш,
Ки то по арш дар гил дорам аз ғам,
Нагирьям бесабаб ҳар дам чу Толиб,
Ба каф зулфи расоил дорам аз ғам.

* * *

Як субҳдам аз айш суроғе нагирифтем,
Бо тоза гуле гӯшаи боғе нагирифтем.
Ёрон ҳама асбоби тараб ҷамъ намуданд,
Моем, ки сомони фароғе нагирифтем.
Бо навҳа ба як парда навое насурудем,
Бо сабҳа ба як даст аёғе нагирифтем.
Сад рӯзи мусибат гузарондем, ки як шом
Бо шамърухе пои чароғе нагирифтем.
Мурдем ба захми дилу з-ин шӯълафурӯшон
Як раҳ ба ғалат пунбаи доғе нагирифтем.
В-аз обу ҳавои чамани Ҳинд чу Толиб
Файзи асар аз нағмаи зоғе нагирифтем.

* * *

Сари осудагон ошуфтасомон аз ту мебинам,
Ҳазорон турраи ҳастӣ парешон аз ту мебинам,
Самои барги гул бар тарфи домон аз ту медидам,
Кунун рақси ҷигар бар нӯки мижгон аз ту мебинам.
Ба тифли ғунча дар як пираҳан нолидаи умре,
Таровишҳои доғи андалебон аз ту мебинам.
Насими ҳайрати ҳусн аз ту дорад дасти хокангез,
Бутонро ғунчаҳои ҷалб хандон аз ту мебинам.
Фитод аз домани хӯи ту то гулбарги бебокӣ,
Сабо гар шӯх тозад бар гулистон, аз ту мебинам.
Супурдам хешро бо маҳрамонат пас дор, эй ғам,
Гар аз айшам расад гарде ба домон, аз ту мебинам.
Забони нағмаи шукри ту чун кӯтаҳ кунам Толиб,
Ки ҳар файзе, ки бинад ҷисм аз ҷон, аз ту мебинам.

* * *

Мастам дигар он сон, ки сар аз по нашиносам,
Соғар зи лабу бода зи мино нашиносам.
Нашнохтани дӯст бувад шоҳиди мастӣ,
Мастӣ на ҳамин аст, ки худро нашиносам.
Ман гесуи ошуфта надонам чӣ гиё ҳаст,
Аз мӯй ба ҷуз зулфи чалипо нашиносам.
Қу нашъаи завқе, ки тани Юсуфи дилро
Гар хор бувад ҳулла, зи хоро нашиносам.
Дорам диле, аммо зи сияҳкории савдо.
Ҳар қатраи хунаш зи сувайдо нашиносам.
Ё қуфл задан бар мижа, ё сел кушудан,
Ман воситаи ин ду сифатро нашиносам.
Файзи нафаси дӯст муродам бувад ар не
Он нест, ки ман қадри Масеҳо нашиносам.
Дил мекунадам шонагии турраи Юсуф
Ошуфтаи гесуи Зулайхо нашиносам.
Толиб, талаби ваъдаи васле кунам имрӯз,
Ман чошнии суҳбати фардо нашиносам.

* * *

Шуд умру гуле аз чамани айш начидем,
Бар гӯшаи дастори касе низ надидем.
Дар обу ҳавое, ки гул аз шӯъла дамонад,
Бо сабзвашон аз лаби ҷӯе надамидем
Бо он ки ба гулзори ҷаҳон тоири атрем,
Ҳаргиз ба пару боли насиҷе напаридем.
Шуд гӯш пур аз замзамаи тоири андӯх,
В-аз мурғи тараб низ навое нашунидем.
Ҳаргиз ба ҳавас тарфи лабе ғайри лаби хеш
В-он низ ба таклифи таассуф нагазидем.
Нагзашт ба дил ёди ту, к-аз шавқ нагаштем,
Як қатраи хун в-аз сари мижгон начакидем.
Чун меваи сармозада дар нашъаи хомӣ
Пажмурда шудему ба расидан нарасидем.
Бо ин ҳама шодем, ки аз шоҳиди айём
Сад ноз чу Толиб ба ниёзе нахаридем.

Мондем дар нишемани ғам то фано шудем,
Гаштем хоку сурмаи чашми сабо шудем.
Иксири ишқ то миси моро ривоҷ дод,
Дар дидаҳо азизтар аз кимиё шудем.
Бегона гашт шоҳиди осудагӣ зи мо,
Рӯзе, ки бо карашмаи ӯ ошно шудем.
Огаҳ на аз хироми ту будем барқи сайр,
Дидем ҳусни ҷилваву бедаступо шудам.
Мо орамида, даҳр зи мо орамидатар,
Бар рӯзгор фитнаву бархуд бало шудем.
Базми хирад нишемани ошуфтагон набуд,
Дасти ҷунун гирифта ба дорушшифо шудем.
Бекадр буд шохи гули эътибори мо,
Аз дасти рӯзгор чу ранги ҳино шудем.
Толиб зи шарми гирья нуҳуфтем рӯ зи халқ,
Маснаднишини зовияи инзиво шудем.

* * *

З-он чеҳра гул ба домани андеша мекунам,
Хуршед мефишораму дар шиша мекунам.
То кай чарида қатъ тавон кард, роҳи шавқ
Як чанд ҳаминонии дил пеша мекунам.
Хунам маҳӯр ба тӯҳмати олудагӣ, ки ман
Заҳр аст, ин на бода, ки дар шиша мекунам.
Меоядам гаҳе гилае бар забон вале
Аз нозукии хӯи ту андеша мекунам.
Тухми муҳаббатам, ки ба ҳар шӯразори дил,
Қисмат ҳавола мекунадам, реша мекунам,
Ҷинсе муносиби ту намеоядам ба чанг,
Ҳарчанд кунҷковии андеша мекунам.
Толиб, ба ёди он лаби ширин чу Кӯҳкан
Бар Бесутуни дил мижаро теша мекунам.

* * *

Баландӣ нанги ҳиммат буда, ман бовар намекардам,
Вагарна шеваи ҳимматбаландон сар намекардам.
Тамошои гулам бар бод дод, эй кош дар гулшан
Саре чун ғунча аз чоки гиребон бар намекардам.
Гули парвоз мечидам, дареғо гар чу мурғи дил,
Шикасти зулфи ӯ дар кору бори пар намекардам.
Муҳаббат шӯълаи хаспӯш хоҳад, кошки ман ҳам
Саре аз ҷайби хокистарнишинон барнамекардам.
Агар кайфияти беҷавҳарӣ мегашт маълумам,
Чу теғи ёр ҳаргиз такья бар ҷавҳар намекардам.
Дар ин бӯстони қисмат меваи талхи муҳаббатро
Ба ҳасрат кошки мемурдаму навбар намекардам.
Насими уди шавқам, изтиробам мекашад варна
Саре берун зи оташхонаи миҷмар намекардам.
Ба марги Хизр шодам, ёди айёме, ки дар водӣ
Лаби хушке намедидам, ки чашме тар намекардам.
Таманнои шаҳодат Хизри раҳ шуд варна чун Толиб
Зи оби теғи ӯ ҳарғиз гулӯе тар намекардам.

* * *

Гузашт умру маи дерсолае назадем,
Ба ҳукми гӯшаи чашме пиёлае назадем.
Накарда сайд гузаштем аз ин шикористон,
Сари каманд ба пои ғизолае назадем.
Зи турктози алам дӯш лаҳзае нагзашт,
Ки дасти аҷз ба фитроки нолае назадем.
Ба саҳни боғ ниёфрӯхтем чеҳра дареғ,
Ба ҳар пиёла дам аз барги лолае назадем.
Сиёҳнома аз инам дар ҷаҳон Толиб,
Ки фоли ишқ ба мушкинкулолае назадем.

* * *

Мо машрабиёни майпарастем,
Ороиши тавба чун шикастем?
Бо иллати кутаҳостинӣ
Бар соғари май дароздастем.
Сад шиша шикастаем дар рақс,
Бо он ки ҳанӯз ниммастем.
Инкор ба кеши мо ҳаром аст,
Фирдавсу ҷаҳим ҳар ду ҳастем.
Дасти ҳама кас ба мо дароз аст,
Мо шеваи шохсори пастем...
Қай тораки фаршиён бисудем?
Қай синаи аршиён бихастем?
Қай абрӯи ӯ ишора фармуд,
Қ-аз кунгури ломакон нахастем?
Бо неъмати ӯ зи серчашмӣ
Бар хони сипеҳр нангаристем.
То панҷаи мо ба домани ӯст
Бар ҳайби фалак дароздастем.
То домани давлаташ гирифтем,
Бар маснади офият нишастем.
То қиблаи худ насохтемаш,
Аз ишваи осмон нарастем.
Дам даркаш аз ин ҳадис, Толиб,
Мо шишаи ториғ аз шикастем.

* * *

Мо бо гули баҳор чу булбул нишастаем,
З-он рӯ шукуфтаем, ки бо гул нишастаем.
Боди саҳаргаҳем ба ошуфтагӣ масал,
Гохе ба зулфу гоҳ ба кокул нишастаем.
Бар қалби баҳр аҳли таваккул заданду мо
Аз бетаваккалӣ ба сари пул нишастаем.
То чанд интизори шаҳодат, кунун бас аст
Умре ба зери теғи тағофул нишастаем.
Шустанд халқ зи оби тараққӣ ҷабини мо,
То сина дар ғубори таназзул нишастаем.
Як сӯ ниҳода бар сари ҳиммат кулоҳи фақр,
Чун хисравон ба тахти таваккул нишастаем.
Хокистарест бар тани мо ҷома, з-он ки мо
Дар мотами баҳор чу булбул нишастаем.
Бар хор фарши мо мафикан, з-он ки шабнамем,
Яъне ҳамеша бар гулу сунбул нишастаем.
Толиб, зи сабзгулшани Аҷмир чун насим
Бигзар, хаёл кун, ки ба Омул нишастаем.

* * *

Шарафишон дамад азбас гул аз гулситонам,
Қунад чилои ватан булбул аз гулситонам.
Қунун, ки гирьяи ман раҳ ба боғ бурда ачаб,
Ки булбуле гузарад бе пул аз гулситонам.
Ба ёди зулфи ту азбас гиристам, то ҳашр
Ба чои сабза дамад сунбул аз гулситонам.
Навои булбули мо холи хоричоҳанг аст,
Бурун кунед ба чӯби гул аз гулситонам.
Зи чӯши нолаи дилҳо замон-замон Толиб
Ба гӯши арш расад ғулғул аз гулситонам.

* * *

Гули рухсори ту рангаш ба қарор аст мудом,
Чамани ҳусни туро ҷӯши баҳор аст мудом.
Дар хами ҳалқаи зулфи ту, ки чашмаш мараеод,
Пои мӯри нигаҳам бар дами мор аст мудом.
Насаби сина ба танбӯр расад ошиқро,
З-он ки бо нолаи зораш сару кор аст мудом.
Гар дилам сурати мақсуд нанамояд, чӣ аҷаб,
З-он ки ин оина дар зери ғубор аст мудом.
Ҳар куҷо равзанае ҳаст, кунад навбари нур,
Равзани ғамкадаи мост, ки тор аст мудом.
Чун ба сар хок наафшонам аз ин ғабн, ки умр
Нест бӯи гулу бар бод савор аст мудом.
Дар шабистони ғам аз ёди рухе Толибро,
Гули хуршед дар оғӯшу канор аст мудом.

* * *

Ман, ки дар хун дасту пои сайди бисмил мезанам,
Бо лаби ҷон бӯса бар шамшери қотил мезанам.
Чун ба саъям домани Лайлӣ намеояд ба чанг,
Дасти дил ночор бар домони маҳмил мезанам.
Хок гардад санг, бовар кун, ки умраш пеш аз ин
Бар сарам буд хок ин санге, ки бар дил мезанам.
Гар занад чархам лагад бар сар, намегардам забун,
Бӯсае бар пош ман ҳам дар муқобил мезанам.
То нагардам монда худро ланг месозам зи ҷаҳл,
Тешае бар по чу муздурони коҳил мезанам.
Лангарам бигсаста з-онам дар вуҷуд ором нест,
Киштии девонаам, худро ба соҳил мезанам.
Чун магас, к-андар фироқи шаҳд нолад зор-зор,
Машқи шевам дур аз он шириншамоил мезанам.
То намонад хотири ёрони мушфиқ, чокро
Бар гиребон менамоям, лек бар дил мезанам.
Ростонро сарфаи тадбир гоҳе дар каҷист,
З-он ба дасти рост шамшери ҳамоил мезанам.
Гарчи хомӯшам, зи ман ғофил машав Толиб, ки ман
Шаст ногаҳ мекушоям, тир ғофил мезанам.

* * *

Ман ҳамон сайдам, ки сад найранг бо дил кардаам,
Сози сулҳу ҷангро оҳанг бо дил кардаам.
Аз лабам бӯи шароби фатҳ меояд чу теғ,
Шишаи ишқам, ки ҷанги санг бо дил кардаам.
Ҷуз дилам набвад силоҳе дар масофи дӯстӣ,
Қор бар ёрони мушфиқ танг бо дил кардаам.
Ман ҳамон тифлам, ки бо килки мусибат солҳо
Машқи шеванҳои сероҳанг бо дил кардаам.
Ғайри дил дар водии ишқам нашуд ёре рафиқ,
Қатъи чандин манзилу фарсанг бо дил кардаам.
Чун дами теғе, ки баргардад зи ҷанги устухон,
Нохӯнам баргашта, азбас ҷанг бо дил кардаам.
Маҳрами розе чу ғайри дил набинам дар ҷаҳон,
Ҳамчу Толиб рӯи ному нанг бо дил кардаам.

* * *

Диле аз қайди ин вайронсаро ворзста мехоҳам,
Паи озодӣ он дар бозу ин дар баста мехоҳам.
Басе озурдадил з-ин нешгуфторони иғроқам,
Яке марҳамтабиат ҳамдами оҳиста мехоҳам.
Сипехрам байзаи рангини дил бишкасту мегирьям,
Ки тифлам, баҳри бозӣ байзаи нашкаста мехоҳам.
Биҳишт аз боғи лутфаш барги сабзеву ман аз ҳиммат
Ба барги сабз розӣ нестам, гулдаста мехоҳам.
Гаҳе бо ин дили вораста дорам гӯшаи чашме,
Вале он абрӯи пайвастаро пайваста мехоҳам.
Димоғи интихобам нест дар бозори неку бад,
Асал бо мум меҷӯям, рутаб бо ҳаста мехоҳам.
Намедонам нишасту хост алҳақ то биёмӯзам,
Замин бархоста аз ҷо, фалак биншаста мехоҳам.
Ба ҳар мавзунтабиат сар намеорам фурӯ, Толиб,
Басе мушкилписандам шоири барҷаста мехоҳам.

* * *

Хоҳам аз рӯю лабат бар гулу май ноз кунам,
Сеҳри чашми ту шавам, ханда бар эъҷоз кунам.
Пар баровардаам аз новаки шавқат чу ҳумо,
Вақти он аст, к-аз ин кунгура парвоз кунам.
Тори қонуни вафо гашта куҳан, мехоҳам
Хешро тофта абрешими ин соз кунам.
Дида созанд халоиқ ба тамошои ту боз,
Мани ҳайратзада аз шавқ даҳан боз кунам.
Дили маҷрӯҳ хушоянда бувад, мехоҳам,
Ки хароше шуда ҷо дар дили овоз кунам,
Шевани сел надорад асаре, эй маҳрам,
Бош, то нола ба оҳанги дигар соз кунам.
Толиб, он кабки заифам, ки ҳам аз синаи хушк
Битарошам наю дар нохуни шаҳбоз кунам.

* * *

Мо душманӣ ба мардуми олам накардаем,
Муе чӣ бошад, аз сари кас кам накардаем.
Бар мо ҳар он қадар, ки ғами ишқ карда зӯр,
Пушти камони ҳавсаларо хам накардаем.
Розе, ки пардаи дили мо карда ихтиёр,
Он розро забонзади маҳрам накардаем.
Будаст резачинии алмос кори мо,
Захмем, лек такья ба марҳам накардаем.
Лабташна сабзаем, вале дӯши худ зи ор
Дар зери бори миннати шабнам накардаем.
Айби бузург шиша тиҳӣ буданаст, аз он
Дар умри хеш дил тиҳӣ аз ғам накардаем.
Ваҳши ғизоли айш ба мо дӯстони ғам
Ҳаргиз нагашта ром, ки мо рам накардаем.
Накшудаем бар рухи ёре дари нишот,
Қори калиди майкадае ҳам накардаем.

* * *

Чӣ хуш болидаӣ, эй нахл, бар болиданат нозам,
Ба гул чидан саре дорӣ, сари гул чиданат нозам.
Иноятро ба лутф омезише пайдост пинҳонӣ,
Забон дар ҷангу дил дар оштӣ, ранҷиданат нозам.
Гумон дорам, ки дар оинаи мо дидаӣ худро,
Аз он бар хеш менозӣ, ба худ нозиданат нозам.
Қабо якнима то пӯшида, товусони ҷаннатро
Зи ғайрат сохта урьён, қабо пӯшиданат нозам.
Ман аз тарзи иборат ҳолҳо маълум медорам,
Ту аз басту кушоди лаб, адо фаҳмиданат нозам.
Зи ҳуснат нест афсӯсе, вале пайваста лаб хой,
Мазоқи тӯтиён дорӣ, шакар хоиданат нозам.
Иёри дониши Толиб ба назму наср санҷидӣ,
Ҳамин бошад сухансанҷӣ, сухан санҷиданат нозам.

* * *

Мо дар канори сабзаву сунбул нишастаем,
Шабнам наему бар вараќи гул нишастаем.
Бархез, гӯ, ба арбада сад фавҷи ғам, ки мо,
Омодаи ҳазор таназзул нишастаем.
Зоғ аз кучову нағма кучо, шарми мо бидор,
Бас нест ин ки паҳлуи булбул нишастаем.
Ҳар мӯи мо ба дасти ғаме дар шиканҷа аст,
Ошуфтатар зи буттаи сунбул нишастаем.
Дар сояи васила гурезанд халқу мо,
Осуда дар паноҳи таваккул нишастаем.
Овози сел мешунавему зи аблаҳӣ,
Бо пой дар ҳино ба таҳи пул нишастаем.
Эй лутфи ёр, гӯшаи чашме, ки умрҳо
Ларзон ба зери теғи тағофул нишастаем.
Мушкил ғубори домани чинем, к-аз шараф,
Гоҳе ба зулфу гоҳ ба кокул нишастаем.
Гӯ, ишқ дасти зилзила аз остин барор,
Мо низ мустаъиди тазалзул нишастаем.
Афтодаем аз намаки изтироби хеш,
То дар ҷавори сабру таҳаммул нишастаем.
Толиб, гумон мабар, ки ба сумбулистони Ҳинд,
Фориғ зи ёди гулшани Омул нишастаем.

* * *

Ёди сӯҳбатҳо, ки бо ёрони якдил доштем,
Ханда бар гул мезадем, ар пой дар гил доштем.
Ғам намегаштӣ ба гирди табъи мо девонавор,
Гарчи зулфи ӯ саропо дар салосил доштем.
Сурати сад айш моро дар назар чун моҳ буд,
Гарчи чун гул дар хазон оина дар гил доштем.
Аз сафои синаи мо дар муқобил буд ёр,
Гарчи чандин оҳанин девор ҳоил доштем.
Теғ мехӯрдему абрӯ хам намекардем ҳеч,
Кушта мегаштему миннатҳо ба қотил доштем.
Ӯ ҳамоил дошт бар дӯши тағофул теғи ноз,
Мо ба гардан ҳасрати теғаш ҳамоил доштем.
Нақши пои ноқа медидему мерафтем шод,
Гарчи сад хунхори водӣ то ба манзил доштем.
Дар миёни варта аз тӯфон намекардем хавф,
Тан ба киштӣ, дил ба дарьё рӯ ба соҳил доштем.
Гарчи хори раҳ зи шамшери маломат тез буд,
Мо қадам з-ӯ тезтар дар қатъи манзил доштем.
Зери теғ аз хуни худ бикшуда чун товус бол,
Даъвии парвоз бо мурғони бисмил доштем.
Хорҳо дар ҳар қадам бо мо синонҳо карда тез,
Мо ба водии чунун дунболи маҳмил доштем.
Мешуд осон бар дили мо аз кароматҳои ишқ,
Гар ба ҷои мӯи бар андом мушкил доштем.
Талхии заҳри сафар, Толиб, намекардем фаҳм,
Баски бар сар шӯри он шириншамоил доштем.

17—386

* * *

Мо дар канори сабзаву сунбул нишастаем,
Шабнам наему бар вараки гул нишастаем.
Бархез, гӯ, ба арбада сад фавҷи ғам, ки мо,
Омодаи ҳазор таназзул нишастаем.
Зоғ аз куҷову нағма куҷо, шарми мо бидор,
Бас нест ин ки паҳлуи булбул нишастаем.
Ҳар мӯи мо ба дасти ғаме дар шиканҷа аст,
Ошуфтатар зи буттаи сунбул нишастаем.
Дар сояи васила гурезанд халқу мо,
Осуда дар паноҳи таваккул нишастаем.
Овози сел мешунавему зи аблаҳӣ,
Бо пой дар ҳино ба таҳи пул нишастаем.
Эй лутфи ёр, гӯшаи чашме, ки умрҳо
Ларзон ба зери теғи тағофул нишастаем.
Мушкил ғубори домани чинем, к-аз шараф,
Гохе ба зулфу гоҳ ба кокул нишастаем.
Гӯ, ишқ дасти зилзила аз остин барор,
Мо низ мустаъиди тазалзул нишастаем.
Афтодаем аз намаки изтироби хеш,
То дар ҷавори сабру таҳаммул нишастаем.
Толиб, гумон мабар, ки ба сумбулистони Ҳинд,
Фориғ зи ёди гулшани Омул нишастаем.

* * *

Ёди сӯҳбатҳо, ки бо ёрони якдил доштем,
Ханда бар гул мезадем, ар пой дар гил доштем.
Ғам намегаштӣ ба гирди табъи мо девонавор,
Гарчи зулфи ӯ саропо дар салосил доштем.
Сурати сад айш моро дар назар чун моҳ буд,
Гарчи чун гул дар хазон оина дар гил доштем.
Аз сафои синаи мо дар муқобил буд ёр,
Гарчи чандин оҳанин девор ҳоил доштем.
Теғ мехӯрдему абрӯ хам намекардем хеч,
Кушта мегаштему миннатҳо ба қстил доштем.
Ӯ ҳамоил дошт бар дӯши тағофул теғи ноз,
Мо ба гардан ҳасрати теғаш ҳамоил доштем.
Нақши пои ноқа медидему мерафтем шод,
Гарчи сад хунхори водӣ то ба манзил доштем.
Дар миёни варта аз тӯфон намекардем хавф,
Тан ба киштӣ, дил ба дарьё рӯ ба соҳил доштем.
Гарчи хори раҳ зи шамшери маломат тез буд,
Мо қадам з-ӯ тезтар дар қатъи манзил доштем.
Зери теғ аз хуни худ бикшуда чун товус бол,
Даъвии парвоз бо мурғони бисмил доштем.
Хорҳо дар ҳар қадам бо мо синонҳо карда тез,
Мо ба водии чунун дунболи маҳмил доштем.
Мешуд осон бар дили мо аз кароматҳои ишқ,
Гар ба ҷои мӯи бар андом мушкил доштем.
Талхии заҳри сафар, Толиб, намекардем фаҳм,
Баски бар сар шӯри он ширииншамоил доштем.

* * *

Хуш он ки бо ту соясифат ҳамраҳӣ кунам,
Дар сояи ту ноз ба сарви сиҳӣ кунам.
Қу мутрибе, ки дар қадамаш сар кунам суруд,
Ӯ роҳи нағма гираду ман ҳамраҳӣ кунам.
Захми тағофулам ҳамагӣ дар камин, ки боз
Рӯи диле бубинаму рӯ дар биҳӣ кунам.
Он бахт, ку, ки дар дами охир чу ҷоми май
Лаб бар лабаш гузораму қолаб тиҳӣ кунам.
Толиб, камина ҳамраҳиям то ба ҷон бувад,
Ҳошо, ки ман ба роҳи вафо кутаҳӣ кунам.

* * *

Гаҳ аз малол ба хори шикаста мемонам,
Гаҳ аз шааф ба хумори шикаста мемонам.
Чу кор бишканад аз равнақ уфтад ночор,
Мани фасурда ба кори шикаста мемонам.
Нисор мекунам аз дида нордонаи ашк,
Дилам пур аст, ба нори шикаста мемонам.
Ҳамеша дар дили худ кори ман чу ғамзаи ёр
Халидан аст, ба кори шикаста мемонам.
Шикастагист далели муҳаббатам, Толиб,
Бале, ба ранги узори шикаста мемонам.

* * *

Дар ҳар саре чу нашъаи савдо нишастаем.
Дар ҳар диле чу доғи таманно нишастаем.
Дар дил нишаста он ки бувад дилнишини табъ,
Мо дилнишин наему ба дилҳо нишастаем.
Гӯ, пои ҳарфу роҳи нигаҳ дар миён мабош,
Эй айш, баски бо ту ба як ҷо нишастаем.
Чун лаъли оташину чу ёқути обдор,
Дар хуни дил нишаста ба як ҷо нишастаем.
Миност чарху софии ӯ рӯҳи поки мост,
Мо таҳнишин, ки дар таҳи мино нишастаем.
Ӯ арзи ҷилва мекунаду мо ба сад ниёз,
Дар кунҷи чашми худ ба тамошо нишастаем.
Толиб, чу софи ишқ кашӣ, ҷуръае фишон
Бар мо, ки дар кудурати дуньё нишастаем.

* * *

Ҳаргиз рухи ниёз ба сӯе накардаем,
В-аз ҳеч гул таваққӯи бӯе накардаем.
Гар чархи тезмағз ба нармӣ накарда хӯ,
Мо низ хӯ ба тундии хӯе накардаем.
Машраб васеъ сохта, бар ҳеч мазҳабе
Чун аблаҳон ба ҷаҳл ғулӯе накардаем.
Чун умр будаем шабу рӯз дар гузар,
Як дам қарор бар сари кӯе накардаем.
Қонеъ ба дафъи ташнагие буда аз муҳит,
Як раҳ захира оби вузӯе накардаем.
Ҷон додаем хастадилу захми хешро,
Мамнуни бахьяеву руфӯе накардаем.
Сад раҳ гузаштаем ба майхона в-аз ғурур,
Рӯи ҳавас ба ҷому сабӯе накардаем.
Аз Даҷла кардаем гузар бо даҳони хушк,
Ҳарчанд карда, тоза гулӯе накардаем.
Доим чу об марди сафар буда, ҳеч гоҳ
Манзил чу сабза бар лаби ҷӯе накардаем.
Бар хатти устувои фано буда сайри мо,
З-он ҷода инҳироф ба мӯе накардаем.
Толиб, накардаем чу риндон шабе ба рӯз,
То фикри бодаву бари рӯе накардаем.

* * *

Чу шер ошуфтаам, бо чархи рӯбаҳбоз мекӯшам,
Басе кӯшидаам бо ин фусунгар, боз мекӯшам.
Ба ҳусни табъ нозам мерасад бо ҷумла маҳбубон,
Мукаррар шуд бинозам баъд аз ину боз мекӯшам.
Диле бемор дорам тоби фарьёдам намеорад,
Ба ҳангоми фиғон дар пастии овоз мекӯшам.
Ғамат розест дар дил ҳамчу ҷон медорамаш пинҳон,
Даме то ҳаст дар пӯшидани ин роз мекӯшам.
Ба мазлумӣ гулӯгоҳи тазарву синаи кабкам,
Вале аз пурдилӣ бо чангули шаҳбоз мекӯшам.
Зи уду Зӯҳра дар авҷи фиғон покам, намеорам,
Ба тори нола бо абрешими ин соз мекӯшам.
Набошад ишқро оғозу анҷоме бад-ин маънӣ,
Дар анҷоми муҳаббат, к-аз сари оғоз мекӯшам.
Зи кӯшиш ногузирам, то бағоят як нафас дорам,
Чӣ созам, з-ин сабаб бо толеи носоз мекӯшам.
Зи шогирдони Саъдӣ мешуморам хешро, аммо,
Ба ҷон дар эҳтироми Ҳофизи Шероз мекӯшам.
Наям мӯъҷизнамо, астағфуриллаҳ соҳирам Толиб,
Вале з-ин сеҳр бо ҳар мункири эъҷоз мекӯшам.

* * *

Мефурӯзӣ базми мо эй ёр кам,
Менамоӣ чун парӣ дидор кам.
Чун пазирад назми ин олам низом,
Қор бисьёр асту музди кор кам.
Бо сари ошуфта аз савдои ишқ,
По намеорам зи зулфи ёр кам.
Ғам бикоҳад чун шавӣ тоиб зи ишқ,
Ҷурмҳо гардад зи истиғфор кам.
Барги ғам, Толиб, бувад бешам зи пеш,
Мояи шодӣ каму бисьёр кам.

* * *

Аз ғам чу захмхурда паланге нишастаем,
Чун теғи кӯҳ бар сари санге нишастаем.
Нисбат ба тири чарх расонем з-ин сабаб
Бар синаи фалак чу ханданге нишастаем.
Биншаста дар нишемани дахрем в-аз изтироб
Гӯй, магар ба коми наҳанге нишастаем.
Чун шиша тан ба ҳодиса дардода аз сипехр
Омодаи навозиши санге нишастаем.
Майдони дахр аз дили танге зиёда нест,
Мо ҳамчу роз дар дили танге нишастаем.
Дорем шӯришеву итобе ба зери лаб,
Бо хеш боз бар сари ҷанге нишастаем.
Ёрон чу барқи тавсани тавфиқ тохтанд,
Мо дар халоб чун хари ланге нишастаем.
Гардун паи зудудани мо сайқал асту мо,
Бар теғи рӯзгор чу занге нишастаем.
З-ин коргоҳи бӯқаламун гарчи якдилем,
Ҳар дам чу рӯзгор ба ранге нишастаем.
Ҷоме ба каф ба гӯшаи майхонаи вуҷуд
Фориғ зи қайди номеву нанге нишастаем.
Доим чу Толибем гурезон зи рӯзгор,
Гӯй, магар ба қайди фаранге нишастаем.

* * *

Захмҳо дорему марҳамҳои бетаъсир ҳам,
Заҳр дар паймонаи айш аст моро, шир ҳам.
Чашм равшан мекунад ҳусни хату рухсори ёр,
Дар биҳишт ин сабзаву гул нест дар Кашмир ҳам.
Баъд аз ин шамшер бар каф гир, к-ин девонагон,
Қорашон аз чӯбу гил бигзашта аз занҷир ҳам.
Роҳи бетобони ишқи ӯ ба як таҳрики шавқ
Тай нашуд, мушкил, ки тай гардад ба сад шабгир ҳам,
Бигзару магзор дилро, к-ин куҳан бутхона нест,
Қобили вайрон намудан лоиқи таъмир ҳам.
Арсаи Кашмирро дидему мебинем боз,
Гар амон ёбем Толиб, арсаи Аҷмир ҳам.

* * *

Баски дар савдои ӯ худро парешон ёфтам,
Сӯи домон даст агар бурдам, гиребон ёфтам.
Ҳуққаи марҳам ҳамечустам паи islоҳи захм,
Номусоид буд бахти бад, намакдон ёфтам.
Бо ҳама бедастгоҳӣ гарм будам дар газоф,
Чун натозам рахши лоф инак, ки майдон ёфтам.
Обурӯи рафтаро бисьёр кардам ҷустуҷӯ,
Оқибат дар пардаҳои чашми гирьён ёфтам.
Дар шиносоӣ макун таъҷил Толиб, з-он ки ман
Ҳар киро кофир гумон бурдам, мусулмон ёфтам.

* * *

Мо, булбулон лаб аз талаби ком бастаем,
Чашми ҳавас зи гулшани айём бастаем.
Ҳар укдае, ки дар шикани доми зулфи мост,
Пайванди улфатист, ки бо дом бастаем.
Симоб маҳви ҷошнии изтироби мост,
Бар худ ба ҳарза тӯҳмату ором бастаем.
Хуш каъбаест кӯи ту, к-аз лаззати тавоф
Мо роҳравон ба ҳар қадам эҳром бастаем.
Бо сад ҳазор дарди ниҳонӣ ба рӯи халқ,
Чун субҳдам кушода, на чун шом бастаем.
Толиб, ба ҳарфи ёва маёло забон, ки мо
Қулфи хумор бар даҳани ҷом бастаем.

* * *

Гоҳ - гоҳе,к - аз ҳуҷуми айш ёди ғам кунам,
Гиряро шодоб созам, хандаро дарҳам кунам.
Дар гулистоне, ки ман оҳе кашам, то рӯзи ҳашр,
Ғунчаро ҳасратфурӯши ҷилваи шабнам кунам.
Захми дил дар изтиробу ман дар ин ҳасрат, ки боз
Ҷазби алмос аз кадомин ҷилваи марҳам кунам?
Лаззати хуноби ҳиммат бод бар завқам ҳаром,
Гар ба ин лабташнагӣ андешаи замзам кунам.
Дар ғамистоне, ки ишратро наёбӣ хандарӯй,
Ман ба сад ҷӯши табассум гирьяи мотам кунам.
Дар дилам ҳар шӯълае Толиб, забони нотиқ аст,
Оҳ гар бо ин забонҳо шикваи олам кунам.

* * *

Рӯзгоре шуд, ки аз ҷому сабӯ бебаҳраем,
В-аз лаби кишту канори оби ҷӯ бебаҳраем.
Аз ҳилоли ҷом моро дил намеёбад фурӯғ,
Қ-аз висоли соқии хуршедрӯ бебаҳраем.
Оташи гулбӯст ишқ аз шӯъла мехоҳад димоғ,
Мо бад-ин афсурда мағз аз бӯи ӯ бебаҳраем.
Рангу бӯ аз мо маҷӯ, эй шоҳиди ишрат, ки мо
Чун гули умеди хеш аз рангу бӯ бебаҳраем.
Коми дуньё дар хаёли мо намегардад, ки нест
Орзуе пеши мо, аз орзу бебаҳраем.
Коми мо, Толиб, муяссар мешавад бе ҷустуҷӯ,
З-он ки медонад, ки мо аз ҷустуҷӯ бебаҳраем.

* * *

Қуфр аст дар тариқати мо кина доштан,
Оини мост сина чу оина доштан.
Парвоз дар қафас нашунидаст ҳеҷ кас,
Дилро зи чист ин ҳама дар сина доштан?
Накди сиришк сарф кун, эй дил, захира чист?
Пур баднамост шеваи ганҷина доштан.
Саҳл аст тарки айш дар айёми нестӣ,
Чун поси тавба дар шаби одина доштан.
Толиб, либос нест ба завқи либоси фақр,
Шоҳаншаҳист хирқаи пашмина доштан.

* * *

Чу баҳори чилва резӣ ба чаман зи пои рангин,
Зи саросари гулистон бидамад ҳинои рангин.
Ба ниёзи булбул оям ба дари дӯкони ҳуснат,
Ки ба гулфурӯш монӣ зи карашмаҳои рангин.
Гули ёсумин фиристад ба чаман зи паҳлуи дил,
Мижаам гадост, аммо чӣ бало гадои рангин?
Ба фиреби нақш ғофил машав аз газанди гетӣ,
Ки ба кори даст н-ояд дами аждаҳои рангин.
Сари пурумед ҳаргиз ба дари ту рӯ наёрам,
Ки зи селии надомат набарам қафои рангин.
Чу пари тазарв алвон зи чӣ набвад обу хокаш,
Ки зи файзи гиря дорад чаманам ҳавои рангин.
Ба ҳавои қумриёнам сари булбулон надорам,
Ману як навои содда, туву нағмаҳои рангин.
Зи чӣ сад равиш бирақсам, ки зи сад шароб мастам,
Мазза мухталиф пазирад даҳан аз ғизои рангин.
Ба саводи шеъри Толиб назарам фитод, дидам,
Ҳама фикрҳои нозук, ҳама қасдҳои рангин.

* * *

Намегардад ҷудо як лаҳза ашки лолагун аз ман,
Наям гар теғи ӯ бахри чӣ ояд бӯи хун аз ман.
Ба ҳангоми хамӯшӣ нои дамбигсастаам, аммо
Ба вақти нола меояд садои арғунун аз ман.
Ба вақти қисмат аз ҳар мӯи ман фарьёд бархезад,
Ки ақл аз душманони ишқу ошӯби ҷунун аз ман.
Далели нокасиву хомиву нокомиям ин бас,
Ки ҳар соат шикоят мекунад бахти забун аз ман.
Ба рӯи оташи ишқ он сипанди музтарибҳолам,
Ки месӯзанду медоранд умеди шугун аз ман.
Зи бас комам ба нокомӣ бадал шуд дар ҷаҳон, Толиб,
Манам шарманда аз бахти забун, бахти забун аз ман.

* * *

Эй шӯълазори орази ту гулситони ҳусн,
Ҳал карда ноз бар суманат арғувони ҳусн.
Хуршеди чарх бо ҳама сармояҳои ноз
Дуздад матоъ чун ту кушоӣ дукони ҳусн.
Дар ҷони меҳру моҳ фитад ков-кови ишқ,
Чун дар хаёли хеш кунӣ имтиҳони ҳусн.
Ҳар ғунчае, ки аз чамани ноз бишкуфад,
Орад ба тӯҳфа сӯи дарат боғбони ҳусн.
Толиб, хаёли рӯи ту дар сина нақш баст,
То файзҳо барад зи гули бӯстони ҳусн.

* * *

Шукуфтагӣ накунад навбар анҷуман бе ту,
Чароғи гул надиҳад нур дар чаман бе ту.
Маро хасак ба гиребон гул аст бо ту, вале
Чу мор мегазадам тори пираҳан бе ту.
Аз он ба боли сафар мепарам чу мурғи насим,
Ки ғурбат аст ба чашми дилам ватан бе ту.
Чу зулфи сунбулу ҷаъди суман диле дорам,
Зи дастбурди ҳаводис шикан шикан бе ту.
Чи нашъаӣ ту, надонам дар ин сарои вуҷуд,
Ки тан ба ҷон набувад рому ҷон ба тан бе ту.
Пиёла бе маю ғул бе шамиму дил бе ишқ,
Чунон зи хеш набошад хиҷил, ки ман бе ту.
Чи гуна лаб гуҳарафшон кунам, ки чун Толиб
Забон намекунадам рағбати сухан бе ту.

* * *

То кай халад аз ғам ба дилам хори шикаста,
Умрам гузарад дар таҳи девори шикаста.
Боре чу фалак дода шикастам, ту маёзор,
Берун зи мурувват бувад озори шикаста.
Лашкар чи кашӣ баҳри шикасти сафи дилҳо,
Қофӣ бувад аз зулфи ту як тори шикаста.
Хуш бар сари ҳам рехта сад дил зи хадангат,
Пайкони хам овардаву сӯфор шикаста.
Лаълат шиканад гавҳари гуфтори ту аз ноз,
Ман бандаи он шеваи гуфтори шикаста.
То аз кафам он себи зақан рафта ба рухсор,
Хуни ҷигарам рехта чун нори шикаста.
Гармим зи ҳангома шуду равнақам аз кор,
Чун маҷлиси афсурдаву бозори шикаста.
Шоҳини дили Толиб аз он сайдгаҳи ноз,
Боз омада бо чангулу минқори шикаста.

* * *

Эй дил, дари фиреб мазан, аҳриман наӣ,
Талхӣ макун ба халқ, шароби куҳан наӣ.
Чун шаб нафас фурӯ бирав, мурғони субҳро
Аз оҳи худ кабоб макун, бобзан наӣ.
Бар ҳар саре мабош гарон, нестӣ кулоҳ,
Бар ҳар тане матан ба ҳавас, пираҳан наӣ.
Бо ин макун низову ба он дар маё ба ҳазл,
Худро бигир, масхараи анҷуман наӣ.
Ман дар вафои дӯст бурун омадам зи пӯст,
Эй дил, ту ҳам зи пӯст баро, кам зи ман наӣ.
То кай малул бошиву то кай малолхез,
Байтулҳазаннишин наву байтулҳазан наӣ,
Толиб, бикӯшу маънии ҷондор дар каф ор,
Бар лафзҳои мурда чӣ печӣ, кафан наӣ.

* * *

Ту ин аҳде, ки бо ман баста будӣ,
Магар баҳри шикастан баста будӣ?
Басе дер омадӣ, гӯё ба ҳар гом
Ҳино бар пои тавсан баста будӣ!
Ба хотир ҳеч дорӣ, к-аз сари меҳр
Маро чун ҷома бар тан баста будӣ.
Гиребонам зи каф медодӣ он гоҳ,
Ки домонам ба доман баста будӣ.
Бигӯ, чун меҳалидӣ дар дилам дӯш,
Ба ҳар мӯ чанд сӯзан баста будӣ?
Сари мо дар камандат буд варне
Фалакро дасту гардан баста будӣ.
Дило, монеъ чӣ будат аз фиғон дӯш,
Ки боли мурғи шеван баста будӣ.
Кӣ будат шамъи маҷлис дӯш, к-аз рашк
Зи рӯяш чашми равзан баста будӣ.
Чӣ суҳбат доштӣ дӯшина Толиб,
Ки бар дар қуфли оҳан баста будӣ?

* * *

Завқи мастӣ ку, ки ҳар соат тиҳӣ созам хуме,
Нохуне гардам, ба фарьёд оварам абрешиме.
Фитнаи афлоку анҷум кам намегардад, куҷост
Оламе, к-онҷо на афлоке бувад на анҷуме
Борҳо аз ҳам ҷудо кардам ҷаҳонро пуду тор,
Ҳамчу кори худ надидам риштаи сардаргуме.
Ҳон, маҳон гандумнамои ҷавфурӯшам, з-он ки ман
На ҷаве дорам дар ин деҳқонсаро на гандуме.
Сулҳ ҷанги халқро ҳаргиз наям ҳангомасоз,
Не занам обе бар оташ, не гузорам ҳезуме.
Нест дар олам диле, к-аз неши оҳам реш нест,
Синаам гӯй, ба ҳар сӯрох дорад гаждуме.
Ҷуз дили хунобанӯши тангмайдонам кӣ дид
Қатрае, к-аз остинаш сар барорад қулзуме.
Ношикебоям, дари меҳнат паи ороми мо
Гар надорӣ бистари хоре, бигустар қоқуме.
Эй, ки аз мулки адам ҷустӣ нишонобод, бод
Кишваре, оромбуньёде хушу хуш мардуме.
Ҷуз дили Толиб наёбӣ гавҳари волонажод,
Чор арконро агар то ҳашр ҷӯй бехаме.

* * *

Дило, хокат ба сар то чанд з-он барқи нигаҳ сӯзӣ,
Ту хокистарнишин, то кай чу оташ бегунаҳ сӯзӣ?
Ҳаво оташфишонаст, эй нафас, боли фиғон макшо,
Мабодо ҳамчу мурғони ҳаво дар ними раҳ сӯзӣ.
Мадори хешро бар сӯхта натвон ниҳод он сон,
Ки гаҳ чун шамъ бо афсурдагӣ созиву гаҳ сӯзӣ.
Макун густох гирди хирмани ҳуснаш тавоф, эй дил,
Мабод аз барқи як наззора ҳамчун барги каҳ сӯзӣ.
Нишони доғи ҳиҷрон бар ҷабинат ҳаст, эй ҳамдам,
Ту ҳам гӯӣ чу Толиб з-оташи бахти сияҳ сӯзӣ.

* * *

Бе муштарӣ чу натвон кардан гуҳарфурӯшӣ,
Он беҳ, ки бар надорам даст аз лаби хамӯшӣ.
Дар кори ин харонам ҳайрон, ки аз чӣ ҳастанд,
Қӯтоҳ аз шунидан бо ин дарозгӯшӣ.
Чун муштарӣ надидам дар байъи хеш инсоф,
Худро зи худ харидам, растам зи худфурӯшӣ.
Толиб, ману маломат минбаъд чун надидам,
Файзе зи тундфаҳмӣ, чизе зи тезҳушӣ.

* * *

Лаб лаъл карда, хуни кӣ нӯшидаӣ, бигӯӣ?
В-аз оташи ниёзи кӣ ҷӯшидаӣ, бигӯӣ?
Бозат қабои сурх далели сиёсат аст,
Ин ҷомаро ба қатли кӣ пӯшидаӣ, бигӯӣ?
Сад савти хуш ба гӯш харошида мерасад,
Эй гул, ба мотами кӣ хурӯшидаӣ бигӯӣ?
Дилхастаӣ, қадаҳ задаӣ, ҳуш бурдаӣ,
Ин шеваҳои хуш ба чӣ кӯшидаӣ, бигӯӣ?
Гӯям ба тарзи мовизае Толиби малул,
Панде ба умри хеш нигӯшидаӣ, бигӯӣ?

* * *

Эй хоки қаноат, ки чу гул бар сари мой,
Аз сар нафишонем туро, к-афсари мой.
Дар толеат, эй шамъи ҳунар, нест фурӯғе,
Гӯё ту ҳам аз силсилаи ахтари мой.
Мо оинаи тира чу доғи дили хешем.
Эй сайқали тавфиқ, ту равшангари мой,
Эй шӯълаи парвоз бисӯзад пару болат,
Ҳарчанд, ки ороиши болу пари мой.
То кай талаби ҷомаву нон аз ту намоем,
Охир на ту, эй золи ҷаҳон, шавҳари мой.
Эй ҷинси вафо, чун ту матое ба ҷаҳон нест,
Айби ту ҳамин аст, ки аз кишвари мой.
Ҷонӣ магар, эй май, ки ба тан нест қарорат,
Гаҳ бар лаби мо, гаҳ ба лаби соғари мой.
Эй абр, зи ҳамчашмии Толиб накунӣ ор,
Ҳарчанд. вале неъмати ҷашми тари мой.

* * *

Субҳ асту ҳавои мою ҳангоми сабӯҳӣ,
Соқӣ ба мани ташна расон ҷоми сабӯҳӣ.
Аз шоми ғарибон батарам дар назар ояд,
Субҳе, ки ба гӯшам нарасад номи сабӯҳӣ.
Гӯ, соқии сархуш ба тағофул гузарон давр,
Субҳ аст расонандаи пайғоми сабӯҳӣ.
Шарманда зи файзи саҳарем оҳ, ки ногоҳ
Шуд субҳу накардем саранҷоми сабӯҳӣ.
Ҷом аз ту нанӯшем дами субҳ, ки ногоҳ
Чун мурғи тараб донахури доми сабӯҳӣ.
Нокоми ҷаҳон кист? Ҳарифе, ки дами субҳ
Нагрифта зи лаъли лаби май коми сабӯҳӣ.
Дар субҳдамон, эй дили савдозада, мебош
Чун лолаву наргис қадаҳу ҷоми сабӯҳӣ.

* * *

Ман он наям, ки шикаст оварам ба кори касе,
Ба хоки раҳ фиканам нақди эътибори касе.
Ба рӯзгор чу корам фитод, донистам,
Ки ғайри ёр наояд касе ба кори касе.
Мурувввате тамаъ аз дӯстон бувад варна,
Надоштаст касе шамъ бар мазори касе.
Шикасти халқ наҷӯям ба ғояте, ки агар
Маи сабӯҳ шавам, нашканам хумори касе.
Қоманди меҳри туро диду сайд шуд Толиб,
Вагарна ваҳшии мо кай шудӣ шикори касе.

* * *

На рух зи Қаъба на аз дайр менамой ту,
Ба ҳеч ҷой намеёбамат, куҷой ту?
Ба ҳар, ки менигарам, аз ту ҳаст бегона,
Ба ман бигӯй дило, бо кӣ ошноӣ ту?
Ҳамеша дар сафарӣ, эй сипеҳри по бар ҷо,
Агар ғалат накунам, санги Осьёй ту.
Гиреҳкушо дигар, эй осмон, гиреҳ дигар аст,
Бо ман бигӯ, гиреҳӣ ё гиреҳкушой ту?
Намешиносамат эй шоҳиди булӯрниқоб,
Даро зи парда, ки бегона менамоӣ ту.
Чу мири қофилаи Хизр лол шав Толиб,
Намерасад, ки зани лофи раҳнамоӣ ту.

аб,

шаб.

# РУБОИЁТ

Ғам дод ба мавҷи гирья домони маро,
Гирдоби гуҳар сохт гиребони маро.
Ангуштари лаъл дил ба тангӣ фарсуд,
Ангушти ҳинобастаи мижгони маро.

Толиб, бубар аз ёд парешониро,
Тай кун вараҷи бесарусомониро.
Бикшой забон, ки аҳли Тӯрон бинанд
Дастонзании булбули Эрониро.

Чун ғунча дилест атрпарвар моро,
Чун нофа димоғест муаттар моро.
Аз гулшани табъи хештан меоям,
Гардун сабади гулест бар сар моро.

Хоҳад-чу рухат шикор созад дилро,
Дар силсила пойдор созад дилро.
Нанҳода ҳанӯз доми хат бар буни гӯш,
Аз холи ту донавор созад дилро.

Тай карда лабам тарзи хушоҳангиро,
Бигзошта нағмаҳои садрангиро.
З-онгуна ситабр гашт, к-андар ҷинсаш,
Гулбарг тавон хонд лаби зангиро.

Чун шамъ гузидам лаб афсурданро,
Бар носия хондам рақами мурданро.
Олуда накарда ком аз луқмаи айш,
Дарбохтам иштиҳои ғам хӯрданро.

Бо он, ки бувад мақоми савдо дили шаб,
Нозад ба сиёҳии дили мо дили шаб.
Алқисса миёни ин ду оинаи тор,
Фарқе набувад, ҳо дили мо, ҳо дили шаб.

Толиб, нафасе файзи ҳаворо дарьёб,
Парвардаи гулшани саборо дарьёб.
Алмос дар остини марҳам дорӣ,
Оғӯш кушода захмҳоро дарьёб.

Дар сина нафас Юсуфи зиндони ғам аст,
Дар дида нигоҳ пири Канъони ғам аст.
Инак чу лола дар биёбони дилам
Ҳар пораи дил бар сари пайкони ғам аст.

То аз ғами ишқ бар забон фарьёдест,
В-аз ҳаҷри бутон ба мулки тан бедодест.
Ҳар оҳ ба саҳрои ҷигар Маҷнунест,
Ҳар нола ба Бесутуни дил Фарҳодест.

Дур аз ту зи пайкарам намуде боқист,
В-аз обу гилам гарди вуҷуде боқист.
Боз ой, ки дар фироқи ҷонфарсоят,
Аз оташи зиндагим дуде боқист.

Толиб, манам он, ки хокам оби гуҳар аст,
Хунам зи чакидаҳои доғи ҳунар аст.
Он ҷаннати пурнаими файзам, ки маро,
То реша дарахтони сухан борвар аст.

Боз ин сари меҳнатзада савдо бигирифт,
В-аз сина ниҳоли оҳ боло бигирифт.
Печид чунон ба қолабам дуди нафас,
К-ин дил ҳамагӣ ранги сувайдо бигирифт.

Хотир зи ғубори дард руфтан ҳайф аст,
Ҷуз бар сари неши ғусса хуфтан ҳайф аст,
Дар боғи ҷаҳон чун гули хуршед мабош,
Бе лаззати ғунчагӣ шукуфтан ҳайф аст.

Домони насими субҳ гулгун зи гул аст,
Дар кишвари булбулон шабехун зи гул аст.
Толиб мекушой дил, ки дар гулшани даҳр
Ӯммеди сабо зи ғунча афзун зи гул аст.

Гумроҳаму раҳбарам муҳоландеш аст,
Сад қофила оворагиям дар пеш аст.
Чун водии умед кунам тай, ки маро,
Раҳ мушкилу пои орзу пурнеш аст.

Дар ҷаҳл гузашт соли умрам аз бист,
Бояд ҳама дида гашту бар ман нигарист.
Он тухм накиштам, ки пас аз марг тавон
Бар турбати ман навишт, к-ин машҳади кист?

Моем, ки нола нахли беҳосили мост,
Сад хирмани тухми орзу дар дили мост.
Торикии шамъи базми мо аз кӣ бувад,
Чун ришта зи оҳи мову мум аз дили мост?

Гуфтӣ, ба ҷаҳон чу ман суханварзе нест,
В-ин тарз ба ҳеҷ бумеву марзе нест.
Гӯше ба таронаҳои Толиб бикшой,
К-ин замзама низ холӣ аз тарзе нест.

Хар лаҳза туро сӯи ман андозе ҳаст,
Бо ман ба забони нигаҳат розе ҳаст.
Ноз ар накунӣ, наранҷам аз хӯи ту ҳеҷ,
Донам, ки гаҳе нози туро нозе ҳаст.

Кӯтаҳ гӯянд фитна дорад дар пӯст,
Гар ҳаст чунин, баҳри чӣ, эй нодира дӯст.
Дастам кӯтоҳу фитнае дар вай нест,
Зулфи ту дарозу оламе фитна дар ӯст?

Онам, ки матоам ҳама кини фалак аст,
Дастам холӣ чу остини малак аст.
З-асбоби ҷаҳон ба сина дарде дорам,
В-он низ миёни ману дил муштарак аст.

Саҳл аст агар тавба шикастам ман маст,
Қ-ав ранҷи хумор рафта будам аз даст.
Дил бад накунам, ки тавба ҳам соғар нест,
Гар ҳодисае бишканадаш, натвон баст.

Ошуфта димоғем, маи ноб куҷост,
Торикшабем, дурри шабтоб куҷост.
Чандаст, к-аз изтироби дил маҳрумем,
Он оташи ҳал карда ба симоб куҷост?

Дар боғи ҷаҳон гуле ба ҷуз ғам нашукуфт,
Чун навбати мо расид, он ҳам нашукуфт.
Субҳе нашукуфтем, ки олам нагирист,
Шоме нагиристем, ки олам нашукуфт.

Онам, ки забонам аз баён дилгир аст,
Ҷонам зи тану танам зи ҷон дилгир аст.
Он ғамзадаам, ки андалеби ҳавасам,
Аз қурби ҷавори бӯстон дилгир аст.

Онам, ки ба қолаби сухан ҷон зи ман аст,
Гулзори баён пургулу райҳон зи ман аст.
Ороиши табъи тозагӯён зи ман аст,
Шамъи мутаахирин фурӯзон зи ман аст.

Эй нахли қадат ба ноз ҳамдӯшӣ дошт,
Лаъли ту ба ранги май ҳамоғӯшӣ дошт.
Дар ҷунбиши пироҳанат аз худ рафтам,
Бӯи ту магар доруи беҳушӣ дошт?!

Онӣ, ки ба гулшан аз рухат оин аст,
Таркиби вуҷудат зи гулу насрин аст.
Хомӯш манишину чин дар абрӯ зинҳор,
Ҳарфат намакин, табассумат ширин аст.

Қош ин дили хаста раҳ ба ҷое медошт,
Ё дар ҳама олам ошное медошт.
Хоке, ки замона бар сарам мебезад,
Гул будӣ агар нишони пое медошт.

Гар даҳр дили маҳфурӯзе медошт,
Ҳар тирашабе умеди рӯзе медошт.
Шаб рози сияҳдилӣ бирун меовард,
Гар гирьяи шамъ низ сӯзе медошт.

Онам, ки забони шикваам гӯё нест,
Лабрези шикоятам, вале ёро нест.
Хосияти оби чашма дорам дар ишқ,
Меҷӯшаму ҳеч оташам пайдо нест.

Бе тобу табам зи умр як шаб нагузашт,
Нагзашт ба ман шабе, ки дар таб нагузашт.
Аз касрати заъф оҳи оташборам,
Бигзашт зи осмону аз лаб нагузашт.

Шӯхе, ки ба ишва хонасӯзи даҳр аст.
Қаҳраш ҳама лутфу илтифоташ қаҳр аст.
З-омезиши ханда поси лаб медорад,
Гӯё ба мазоқи ӯ табассум заҳр аст.

Шабгир кун аз ҷаҳон, ки ҷое аҷаб аст,
Чун чашми лаим тангное аҷаб аст.
Шаҳрест ба чашми ваҳм ороста, лек
Дар дидаи ақл рӯсиёе аҷаб аст.

Онӣ, ки дари ҳусн ба рӯят боз аст,
В-аз лолаи фирдавс рухат мумтоз аст.
Монанди магас ба гирди сарчашмаи нӯш,
Бар гирди лаби ту бӯса дар парвоз аст.

Онам, ки зи исьён шаби ман бесаҳар аст,
Ҳар тоатам обистани ҷурми дигар аст.
Он рӯсияҳам, ки номаи ман ба гуноҳ,
Аз чашми бутон ба сурма муштоқтар аст.

Ошӯби ҷаҳон нолаи ҷонкоҳи ман аст,
Саркӯби замона дасти кӯтоҳи ман аст.
Чун мори сияҳ, ки рӯядаш мӯй зи фарқ,
Дуди дили ман утоқаи оҳи ман аст.

Оҳам ба сипеҳри нилгун дар сайр аст,
Ашкам ба дилу дилам ба хун дар сайр аст.
Ҳиндустонист кавкаби шабрангам,
З-он рӯ ҳама умр всжгун дар сайр аст.

Чашмам бигудохт варна об ин ҳама нест,
Сармояи баҳр бо саҳоб ин ҳама нест.
Умрам бигузашту бахт бедор нашуд,
Пайдост, ки мурда, варна хоб ин ҳама нест.

Ҳамчашмии ман ҷамоатеро ҳавас аст,
Қ-ашъори баландашон танини магас аст.
Аз дафтарашон чӣ ҷои маъниву чӣ лафз,
Ҳар нуктаи чор гӯша аз чор кас аст.

Ҳар мӯй ба сар нахли малоли дигар аст,
Ҳар ашк ба чеҳра ранги оли дигар аст.
Бар гулшани тан, ки доғ меруяд аз ӯ,
Ҳар як алифи сина ниҳоли дигар аст.

Дашти дили мо вақфи саворони ғам аст,
Нахчиргаҳи шершикорони ғам аст.
Бар лавҳи мазори орзу бинвисед,
К-ин кушта шаҳиди дӯстдорони ғам аст.

Толиб, гули гулшани ту шабнамсӯз аст,
Овозаи шевани ту мотамсӯз аст.
Ҳамхонагии дарди ту дармонгоҳ аст,
Ҳамсоягии захми ту марҳамсӯз аст.

Доғам, ки дилам чошнии ғам нагирифт,
Захме ба ҳазор завқ марҳам нагирифт.
Як субҳ ба ҷилваи алам шод назист,
Як шом ба марги айш мотам нагирифт.

Толиб, нафасам шамъи шабистони ғам аст,
Лахти ҷигарам зиннати домони ғам аст.
Ранги рухи сабрам гули бӯстони балост,
Чоки дили айшам лаби хандони ғам аст.

То дасти муҳаббатам раги ҷон бигирифт,
Сад нештарам гулӯи шарьён бигирифт.
То гирьяи шавқам раҳи мижгон бигирифт,
Дил мансаби тукмаи гиребон бигирифт.

Эй ҳаҷр, бигӯ, шабам тиҳӣ аз саҳар аст,
Ё нур дар адхоли узори қамар аст.
Субҳо, ки маро дамид аз машриқи бахт,
Аз шоми ту як ду пираҳан тиратар аст.

Афканда ниқоби сина аз рӯ дили мост,
Овехта аз дида ба як мӯ дили мост.
Мотамзада кас надид бе чини ҷабин,
Мотамзадаи кушодаабрӯ дили мост.

Пеши ту ба шиква лаб кушодан ғалат аст,
Бар хок чу нақши по фитодан ғалат аст.
Захм аз намаки сиришк бояд анбошт,
Тасдеъи табассуми ту додан ғалат аст.

Онам, ки зи гирья доманам ғирболест,
В-аз нола саропои вуҷудам нолест.
Ҳар донаи ашк бар рухам обилаест,
Ҳар гавҳари роз бар лабам табхолест.

Дил дар бари мо роҳи сипоҳи ғами туст,
Ҷон дар тани мо тӯшаи роҳи ғами туст.
Ҳар ғам, ки гирехт аз ту ҷояш дили мост,
Гӯӣ дили мо гурезгоҳи ғами туст.

Аз захми нигаҳ барги гулат нолон аст,
В-аз ёди насим сунбулат печон аст.
Бар табъ гарон аст туро ҷунбиши бод,
Гар худ ҳама бод домани мижгон аст.

Онам, ки дилам зи файз моломол аст,
Товуси таҷаррудам мурассаъбол аст.
Хам гашта камони қомати иқболам,
Фардост, ки соқи аршро халхол аст.

Онам, ки шиори мастиям пайваст аст,
Паймона чу гул рӯзу шабам дар даст аст.
Гар зуд шавам маст, маломат макунед,
Булбул ба насими соғари гул маст аст.

Хокам, ки ба бод рафта дар гулшани туст,
Дастам, ки ғубор гашта дар домани туст.
Умрест, ки ошуфтадимоғам чу насим,
З-он бӯй, ки хоназоди пироҳани туст.

Боз ин мижа базми гирья оростааст,
Бар ашк фузуда бар ҷигар костааст.
Мушкил, ки ба коми дил бигирьям имрӯз,
Абри тунуке зи дида бархостааст.

Толиб, агарат ҷисм зи ҷон маъюс аст,
Бар бекафанихот чаро афсӯс аст?
Хуш бош, ки шамъи мурдаро нест кафан,
В-ар ҳаст, ҳамон пираҳани фонус аст.

То зулфи ту бо риштаи ҷонам пайваст,
Куфраш ба нафас шишаи ислом шикаст.
Акнун зи шараф сиёҳии доғи дилам,
Чун ҷомаи Каъба меравад даст ба даст.

Эй килки казо, дасти нисори қаламат,
Кавсар хиҷил аз оби даҳони қаламат.
Тӯтӣ ба лабам нисор пошад гӯӣ,
Дар хоб макидаам забони қаламат.

Дар тан дилу дар дил орзуям гиреҳ аст,
Дар ҷон ғами он фариштахуям гиреҳ аст.
Ҳамчун гиреҳи мӯй зи бисьёрии заъф,
Пайдост ,ки гирья дар гулӯям гиреҳ аст.

Толиб зи ғамат бе сару сомоне ҳаст,
Бо заъфи ғамат қуввати афғоне ҳаст.
Дарьюзаи чок метавон карда зи тер,
Дасте агарат нест, гиребоне ҳаст.

Рӯи ту беҳин нусхаи боғи ирам аст,
Лаъли ту маи чакида аз ҷоми Ҷам аст.
Зулфи ту мусаввирест, к-аз хомаи мӯй,
Бар сафҳаи оина парешон рақам аст.

Оҳам шаҷари боғчаи умед аст,
Ашкам гули рӯи сабади хуршед аст.
Шодиву ғамам даст дар оғӯши ҳаманд,
Идам ҳама мотам асту мотам ид аст.

Сард аз талаб ин дили ҷавонмард нагашт,
Ҷон дод ба дарди ишқу бедард нагашт.
Шуд хоку ба бод рафту нагрифт қарор,
Ин мурда қиёмат омаду сард нагашт.

Онам, ки ба сӯзи нафасам барқе нест,
Дар хун чу танам сафинаи ғарқе нест.
Азбаски зи ҳаҷр нотавон гашта дилам,
Оҳи ману мӯи синаро фарқе нест.

Ҳар рӯз дилам зи нола ранҷуртар аст,
Роҳам ба диёри офият дуртар аст.
Қони намаку лаъли ту ин ҳар ду ба тамъ,
Шӯранда, вале бахт ба ман шӯртар аст.

Зоҳид, ки бисоти анҷуманро шиканад,
В-аз тавбаи дил тавбашиканро шиканад.
Он моя ғаюр аст, ки гар аз хокаш,
Созӣ хуми бода, хештанро шиканад.

Осуда лабе, ки соғари Ҷам накашид,
Хушдил захме, ки нози марҳам накашид.
Ман булбули он гулам, ки дар гулшани даҳр,
Пажмурда шуду миннати шабнам накашид.

Ошӯби ҷунун зи ҳушмандӣ беҳ буд,
В-он бехирадӣ зи худписандӣ беҳ буд.
Дар гулшани яъс шабнами завқе нест,
Бар оташи орзу сипанде беҳ буд.

То гирья тарашухе зи мижгон накунад,
Як раҳ дили хаста ёди дармон накунад.
То нола зи мағзи дил нагирад ҷӯше,
Як шӯъла зиёрати гиребон накунад.

Оҳам рухи доғро сияҳ месозад,
В-ин дуд димоғро сияҳ месозад.
Айём, ки тира мекунад бахти маро,
Гӯй пари зоғро сияҳ месозад.

Ушшоқ фиғон ба савти булбул надиҳанд,
Хоре ба ҳазор зулфи сунбул надиҳанд.
Азбаски мазоқашон ба ғам наздик аст,
Як ғунчаи нашкуфта ба сад гул надиҳанд.

Рӯи ту шавад меҳр, чу тобон гардад,
Лаъли ту шавад субҳ, чу хандон гардад.
Ҷуз рӯи ту дар ҳимояти зулф кӣ дид,
Хуршед, ки аз соянишинон гардад?

Дар аҳди рухат хору суман меболад,
Ҳар барги гуле чаман-чаман меболад.
Бар ёди лаби ту ғунча дар ҷомаи пӯст,
Ҳар лаҳза ҳазор пираҳан меболад.

Яъқубдилон ба сар сиёҳӣ бандед,
Дар бар рухи қосидони роҳӣ бандед.
Гар нома фиристед ба Юсуф, зинҳор,
Бар боли кабӯтарони чоҳӣ бандед.

Ҳар шом фалак чеҳра мулавван созад,
Ороста хешро чу гулшан созад.
Алқисса ҳазор ҳиллаву фан созад,
То анҷумани туро музайян созад.

Зулфат, ки ба сунбул ҳаму тоб омӯзад,
Атрафшонӣ ба мушки ноб омӯзад.
Таълими рухат кунад нуҳуфтан ба никоб,
Дар абр шудан ба офтоб омӯзад.

Аҳбоб дари ту қиблаи ҷон созанд,
Хоки дарат обу рӯи имон созанд.
Дар кӯи ту зоирон ба ҳангоми тавоф,
Сайди ҳарам оваранду қурбон созанд.

Толиб, ки ҷаҳон ба оҳ вайрона кунад,
Бо кавкаби худ талоши хасмона кунад.
Чине накушояд зи ҳазорон марғул,
Хуршед ғараш зулфи шабе шона кунад.

Онон, ки ба ман дурри баён бикшоянд,
Захми дили сина бар синон бикшоянд.
Он беҳ, ки чу ман кеши балоғат банданд,
Арбоби сухан теғи забон бикшоянд.

Онам, ки зи боғи ишқ бӯям нарасид,
Рашҳи маи завқ бар гулӯям нарасид.
Бигзашт баҳору аз гулистони ҳавас,
Бӯе ба машоми орзуям нарасид.

Фарьёд, ки тоби рашки мо хар мӯ монд,
Як силсила чин ба гӯшаи абрӯ монд.
Сад умри абад тай шуду субҳе надамид,
Дӯшизаи шоми мо сияҳгесӯ монд.

Фарьёд, ки уди шавқ дар миҷмар монд,
Андешаи сояи ҳумо дар сар монд.
Аз тирагии кавкаби мо сӯхтагон,
Хуршед ду рӯз шуд, ки дар ховар монд.

Гулшан ба навои булбулат менозад,
Саҳро ба насими сунбулат менозад.
Булбул ба таровати гулат менозад,
Товус ба чини кокулат менозад.

Ҳар лаҳза ғаме раҳи дили ман гирад,
З-он сон, ки самуме раҳи гулшан гирад.
Дар боғи ҷахон шукуфта гардад дили ман,
Гар ғунчаи тасвир шукуфтан гирад.

Ногаҳ ба дилам ёди ту қотил резад,
Чун дузд, ки бар қофила ғофил резад.
Ашке, ки ба ёди туам аз дил хезад,
Бозам зи шикофи сина бар дил резад.

Дар куфри ту нангам аз мусулмон ояд,
Рашкам бар кеши бутпарастон ояд.
Саҷҷода на аз зӯҳд бар оташ ниҳам,
Метарсам аз ин ки бӯи имон ояд.

Маҷнунаму донишам ба тасхир бувад,
Қори фалакам ҷумла ба тадбир бувад.
Занҷири ҷунун ба пой дорам, аммо,
Чашми хирадам ҳалқаи занҷир бувад.

Дур аз ту хаёли хӯрду хобам нашавад,
Симоб ғуломи изтиробам нашавад.
Гар бе ту бияфшурам гули дидаи хеш,
Минои фалак зарфи гулобам нашавад.

Чун ханда занем, тарзи мотам резад,
Чун гирья кунем, лаззати ғам резад.
Гар бар лаби захми мо зани ангуште,
Олам-олам шикваи марҳам резад.

Мадҳуши муҳаббат рақами кин назанад,
Дил хояду бар тарфи ҷабин чин занад.
Сармасти маи ишқ махон кабкеро,
Қ-ӯ қаҳқаҳа бар чангули Шоҳин назанад.

Май ранг зи лаъли сташинат гирад,
Хуршед тароват аз ҷабинат гирад.
Аз саҳни чаман чу азми кошона кунӣ,
Гул домону булбул остинат гирад.

Чашмони ту фитнаҳои оламгиранд,
Дар ҳусн ғизолу дар табиат шеранд.
Натвон зи қаламрави нигоҳи ту гузашт,
Мижгону карашма даст бар шамшеранд.

Нанги ману номи ман ба ҳам мемонад,
Яъси ману коми ман ба ҳам мемонад.
Гар нисбати хешӣ ба миён нест, чаро,
Субҳи ману шоми ман ба ҳам мемонад?

Наврӯз чароғи гул ба гулзор овард,
В-аз ғунча шабехун ба сари хор овард.
Ҳар шохиди афсурда, ки дар гулшан дид,
Бозаш ба карашма бар сари кор овард.

Ҳар субҳдам аз пай шаби торе дорад,
Ҳар нашъа дар остин хуморе дорад.
Ҷуз ашк ба олам ғули бе хоре нест,
В-он низ ба мижгон сару коре дорад.

Дӯшам, ки зи бас хаёли хоб омада буд,
Дар хоб дилам ба изтироб омада буд.
Нуре дидам, зи ҷой ҷастам, ки магар,
Ёр омада бошад, офтоб омада буд.

Ҳар мағзи гуле нашъа зи мӯл мечинад,
Ҳар ҷузв бисоти ақли кул мечинад.
Ангези нишот бин, ки дар саҳни чаман,
Гул низ ба дасти хеш гул мечинад.

Гӯш аз ту ҳадиси ҷонфизо мехоҳад,
Чашм аз ту нигоҳи ошно мехоҳад.
Оина, ки бар ту медиҳад ҷилва туро,
Ҳам ҷилвае аз ту рӯнамо мехоҳад.

Ҷовид ба дидаи манат маскан бод,
Оромгаҳат фазои ин гулшан бод.
В-ар азми сафар кунӣ, чу нур аз назарам,
Боз омаданат бештар аз рафтан бод.

Чашмам, ки чу абр домани тар дорад,
Сад баҳр ба ҳар қатра шиновар дорад.
Дилро набувад зиёне аз оташи ишқ,
Парвонаи мо боли самандор дорад.

Май дар қадаҳат ба оташи тар монад,
Гул дар чаманат ба шамъи ховар монад
Аз ҷавҳари аслӣ, ки заволаш марасад,
Теғи ту ба иқдхои ғавҳар монад.

Бар табъи ту нуру нор ҳам менозад,
Хуршеди фалаксавор ҳам менозад.
Бар гавҳари покат мани оиназамир,
Менозаму рӯзгор ҳам менозад.

Мотамзадагон ба айш кам мепечанд,
Чун домани дил ба пои ғам мепечанд,
Монанди ду афъии сиёҳ то дами субҳ,
Оҳи ману зулфи шаб ба ҳам мепечанд.

Лаб чошнии каломи ман нашносад,
Оре, маззаи рӯҳ бадан нашносад.
Идроки ҳаловати сухан кори дил аст,
Ширинии ҷон кому даҳан нашносад.

Чун шер аз ин беша бурун хоҳам зад,
З-ин вартаи андеша бурун хоҳам зад.
Гар ҳамчу маям ба фарз дар шиша кунанд,
Чун ранги май аз шиша бурун хоҳам зад.

Абнои замон ба меҳр фатво надиҳанд,
Дастури мувофиқат ба дилҳо надиҳанд,
Хасманд ба иттиҳод навъе, ки зи бим
Дар паҳлуи ҳам ду зоғро ҷо надиҳанд.

Гар неъмати мунъим нафасе дер шавад,
Дар як нафас аз худой дилгир шавад.
Сад шукр, ки на мунъиму на муҳтоҷем,
Осон бибарем ҳар чӣ тақдир шавад.

Ҳар рӯз мусибати навам пеш ояд,
Ҳар лаҳза дилам нишинаду ғам зояд.
Сад укдакушои оҳанин фарсояд,
В-ин кургиреҳ зи абрӯям накшояд.

Гар коми дил аз замона хоҳам, надиҳад,
В-ар ҳасрати ҷовидона хоҳам, надиҳад.
Оям ба дари Каъба, зи ман тобад рӯй,
В-ар бӯса зи остона хоҳам, надиҳад.

Чашмам ба тамошои чаман накшояд,
Чинам зи ҷабин гулу суман накшояд.
Аз ҳеч насиме дили ман накшояд,
Ин ғунчаи оҳаниндаҳан накшояд.

Хок аст ҷаҳон дар назари ҳиммати мард,
Ин хок ба бод метавон дод чу гард.
Дуньё на матоест, ки натвонш фурӯхт,
Олам на бисотест, ки тай натвон кард.

Ҳаргиз чашмам ҷамоли мақсуд надид,
В-ин даст ба домани муроде нарасид.
Бисьёр дар ин мазрааи офатхез,
Сунбул киштам, ки афъӣ аз хок дамид.

Бе ишқ чу аблаҳон шабу рӯз магард,
Ҷуз дар талаби ҳусни гулӯсӯз магард.
Парвона шаву домани шамъе ба каф ор,
Гирди сари ҳар кирми шабафрӯз магард.

Афсуни лабат мӯҳри ҳамӯшӣ бикшод,
Роҳи сухани пиёланӯшӣ бикшод.
То шуд зи баҳори оразат акспазир,
Оина дӯкони гулфурӯшӣ бикшод.

Имшаб дилам осуда зи тобу таб буд,
Сафрошиканам турунҷи он ғаб-ғаб буд.
Ширин зи ду шаҳд буд комам, ки маро,
Ҳам ҷон ба лабу ҳам лаби ӯ бар лаб буд.

Ғул бим зи ҳамрангии хӯи ту кунад,
Сунбул назар аз нисбати мӯи ту кунад.
Чун масти ғазаб пой дарорӣ ба рикоб,
Тавсан арақ аз гармии хӯи ту кунад.

Ҷинсе, ки дар ӯ рахна падидор шавад,
Қамқадр ба дидаи харидор шавад.
Дил чок шуду фитод аз қимати хеш,
Чун косаи чиние, ки мӯдор шавад.

Аз бӯи хушат, ки қоф то қоф ояд,
Оҳуи хутан ба печиши ноф ояд.
Мо сарви гулафшону туӣ шаккари Ҳинд,
Шояд, ки ба кор бурьёбоф ояд.

Гулшан ба навои булбулат менозад,
Саҳро ба насими сунбулат менозад.
Булбул ба таровати гулат менозад,
Товус ба чини кокулат менозад.

Эй он, ки дилат ор зи машраб дорад,
Ин шева туро дур зи матлаб дорад.
То кай гӯӣ мазҳаби ҳақ мазҳаби мост,
Дар гӯшам гӯ, ки ҳақ чӣ мазҳаб дорад?

Ерон ба сари меҳру вафо по манихед,
Буньёди низою ҷангу ғавғо манихед.
Ин афъиро заҳр надорад тарьёк,
По бар дами мори нолаи мо манихед.

То ҳаст сипеҳри нилгунам бар сар,
Душман бувад аз мӯй фузунам бар сар.
Булбул накунад сӯи гулистон оҳанг,
То дида гули доғи ҷунунам бар сар.

Толиб, гули ин чаман ба бӯстон бигзор,
Бигзор, ки мешавӣ пушаймон, бигзор.
Ҳинду набарад ба тӯҳфа кас ҷониби Ҳинд,
Бахти сиёҳи хеш ба Эрон бигзор.

Азбас ба ҷаҳон зи фурқати ёру диёр,
Доғи наву кӯҳна бар танам гашта қатор.
Аз ҷома бурун омаданам душвор аст,
З-он гуна, ки аз пӯст бурун ояд мор.

Гар бар сари роҳат, эй ба каф абри баҳор,
Омад зи қазо мор мабар бад зинҳор.
З-он рӯй, ки чун дасти ту ганҷафшон дид,
Омад чу гадоён ба сари роҳат мор.

Помоли раҳат зи сарварӣ дорад ор,
Хоки қадамат зи афсарӣ дорад ор.
Маҷнуни ту дорад аз хирадмандӣ нанг,
Дарвеши ту аз тавонгарӣ дорад ор.

Толиб, дилу дин дар раҳи савдояш рез,
Ҷон дар сари кӯчаи таманнояш рез,
Дилро, ки ба сад парда ниҳон медорӣ,
Як қатраи ашк созу дар пояш рез.

Шодам, ки накард коми завқам эҳсос,
Ҳар шарбати заҳре, ки чашидам з-ин тос.
Ёр раб, захмам чӣ завқ дарьёфт, ки сохт,
Марҳам-марҳам ба дил ба алмос-алмос.

Рахши суханам гаронлигом аст ҳанӯз,
З-он рӯ, ки навомӯзхиром аст ҳанӯз.
Нопухта бувад гар суханам, маъзур аст,
Сархуши табиат асту хом аст ҳанӯз.

Ошиқ дили хуррам написандад бар хеш,
Ҷуз талхии мотам написандад бар хеш.
Гар сар ҭо пой захми носур шавад,
Олоиши марҳам написандад бар хеш.

Эй нахли ту чун шуъълаи оҳам саркаш,
В-эй зода зи ҳусн ҳамчу нур аз оташ.
Дар чеҳра, қарини оташ, аммо бе дуд,
Дар гуна шабеҳи бода, аммо беғаш.

Ин равза, ки ном гашт Ҳиндустонаш,
Хулдест тару тоза гулу райҳонаш.
Хокаш намакин аст ба ҳадде, ки бувад,
Дар сабза ҳамон малоҳати сабзонаш.

Онам, ки ба коми хоҳиши хештанам.
Онам, ки ба май сафои андеша диҳам,
Зуҳҳодаму дар савмааи зуҳҳодам,
Тасбеҳаму дар силсилаи барҳаманам.

Гаҳ саҷдабари куништу гаҳ бутшиканам,
З-он нашъа ба Фарҳоди хирад теша диҳам.
Таҳҷуръа ба гулшани ҳаёт афшонам,
То гулбуни умри хешро реша диҳам.

Моем, ки ҷоми ишқ бар лаб дорем,
Хун дар дили сад ҳазор матлаб дорем.
Бартофта аз савмааи мазҳаб руй,
Сар дар раҳи майхонаи машраб дорем.

Онам, ки ба буи ғам диле шод кунам,
Вайронаи тан ба дарде обод кунам.
Ҳар тоири айше, ки фитад дар домам,
Қурбонии ғам созаму озод кунам.

Мо бода зи даст дар ҷавонӣ надиҳем,
Як ҷуръа ба умри ҷовидонӣ надиҳем.
З-он май, ки хумораш чу хумори аҷал аст,
Як қатра ба оби зиндагонӣ надиҳем.

Ман боғи замонаро баҳор овардам,
Ман ранг ба рӯи рӯзгор овардам.
Ин тарзи сухан, ки дар миён аст имрӯз,
Обест, ки ман ба рӯи кор овардам.

Бо лаъли ту ғоибона розе дорам,
Дар парда ба он ғунча ниёзе дорам.
Не кабкаму не тазарв, лек аз ғами ту,
Бар дил асари чангули бозе дорам.

Ногуфта чу тӯтӣ ба сухан меоям,
Нохонда чу булбул ба чаман меоям.
Ҳар ҷо, ки нишони Юсуфе мешунавам,
Чун гург ба бӯи пираҳан меоям.

Мо сӯхта мурғони ҷароҳатнафасем,
Дар авҷи фиғон дӯш ба дӯши ҷарасем.
Маҳбуси қафас накарда моро сайёд,
Мо аз пару боли хештан дар қафасем.

Мо, булбули масти нағмапардози ғамем,
Бар шохи фиғон нишаста дамсози ғамем.
Ҳаргиз дили мо сафири айше назадаст,
Мо синахарошидаи овози ғамем.

Дардам, ки ба ҷилваи даво дар ҷангам,
Доғам, ки ба доғи ошно дар ҷангам.
Ишқам, ки ба ҳар бе дилу дин дар сулҳам,
Ҳуснам, ки ба ҳар бе сару по дар ҷангам.

Мо нағмафурӯшони ҷигарпардозем,
Мотамзада булбулони соҳиброзем.
Мурғон ҳамагӣ дар чаман ором зиянд,
Мо сӯхтагон дар қафаси парвозем.

Ку ҳиммат, к-аз сари ҷаҳон бархезам,
Чандон, ки маро пой бувад, бигрезам.
Гилмӯҳраи хокро чу хармӯҳраи чарх
Дар гардани абнои замон овезам.

Золест фалак хонабарандоз чу мум,
Симои адоват зи ҷабинаш маълум.
Чун неш газандаву чу дандон хунрез,
Чун заҳр кушанда ҳасту ҷун нохун шум.

Ғам бурд ҳар он чи буд бар буму барам,
Нагзошт ба ёдгор нам дар ҷигарам.
Аз хушку тари замона дар даст намонд,
Ғайр аз гулӯи хушкаму мижгони тарам.

Бархез, ки рӯ ба гӯшаи боғ кунем,
Гӯше ба фиғони булбулу зоғ кунем.
Роҳат ҷӯему дардро рашк диҳем,
Марҳам талабему доғро доғ кунем.

Ишқам, ки ба ранҷурии худ менозам,
Ҳуснам, ки ба мағрурии худ менозам.
Доғам, ки ба маҳрумии худ меболам,
Захмам, ки ба носурии худ менозам.

Ман фитнаи зулфи сияҳат медонам,
Ошӯби рухи ҳамчу маҳат медонам.
Аз шӯхии наргисат касе огаҳ нест,
Ҷуз ман, ки забони нигаҳат медонам.

Ку ишқ, ки тайласони зӯҳд андозам,
Авроқи риё тӯъмаи оташ созам.
Бар тавсани бепову саре гашта савор,
Афтон-хезон ба кӯю барзан тозам.

Шодам, ки раҳини ному номӯс наям,
Дил дар гарави ҳуллаи товус наям.
Чун аҳли замона шамъи ороишро,
Аз бехабарӣ ҷомаи фонус наям.

Шабҳо, ки камони кина зеҳ сохтаем,
Чун зулфи ту ҷабҳа пургиреҳ сохтаем.
Аз захми хаданги нола пироҳани субҳ,
Бар пайкари осмон зиреҳ сохтаем.

Шаб тай шуду беғамона оҳе назадем,
Чун барқ шабехун ба гиёҳе назадем.
Сад фавҷи ситам гузашту мо бехабарон,
Бо ин сафи нола бар сипоҳе назадем.

Моем, ки хотири мушавваш дорем,
Чашмеву диле пуробу оташ дорем.
Як лаҳза наем фориғ аз маъракае,
Пайваста ба бахти худ кашокаш дорем.

Онам, ки фароғат аз рухи гул дорам,
Озодагӣ аз турраи сунбул дорам.
Ёрон ҳама ошуфта зи бӯи гулу ман,
Ошуфтагӣ аз нолаи булбул дорам.

Моем, ки дурдикаши минои ғамем,
В-аз пардаи дида бодаполои ғамем.

Бӯе нашунидаем аз олами айш,
Мо ғунчадилон зодаи дуньёи ғамем.

Дар роҳи ту нақди зиндагонӣ додам,
Ҷон дар талабат чунон, ки донӣ, додам.
Он кас, ки насиме аз ту оварл ба ман,
Аввал худро ба муждагонӣ додам.

Домон барчин зи айш, домон барчин,
Об аз гулу оташ аз гулистон барчин.
Бар кӯчаи орзу гарат роҳ афтод,
Домони умед то гиребон барчин.

Аз ман дили ҷамъу хотири ободон,
Ҷӯянд сафе зи соддалавҳони ҷаҳон.
Ёрон, дили Толиб, он гаҳе ҷамъият,
Ҳайҳот, сари бурида он гаҳ сомон?!

Хуш танг гирифта оламе танг ба ман,
Дилҳо ҳама сахт гашта чун санг ба ман.
Аз бода агар гунаи мастон талабам,
Ҷуз ранги хиҷолат надиҳад ранг ба ман.

Рӯзе, ки ба марги гул нишинад гулшан,
Булбул шавад аз марсияхонони чаман.
Мероси гулу лола чу тақсим кунанд,
Ранг аз тӯю накҳат аз тӯю доғ ба ман.

Олам чаманест, гулшани хор ниҳон,
Дар оқибаташ ҷаҳони озор ниҳон.

Роҳат нахлест з-он чаман, к-ӯро ҳаст,
Дар шохи адам барг ниҳон, бор ниҳон.

Зулфест туро чу бахти ман ҷомасиёҳ,
Афшонда ғубори ҳола бар домани оҳ.
Ё шаъшаи Хур аст печида ба абр,
Ё дуди дили ман аст печида ба оҳ.

То кай гардӣ сипеҳр, дӯлоб най,
Дорӣ зи чӣ изтироб, симоб най.
Даст аз ҳаракат бидор, ҷунбиш то чанд?
Гаҳвораи кӯдакони бехоб най!

Эй давр, маи сабӯи мо рез ҳама,
Бар хоки раҳ обрӯи мо рез ҳама.
Ҳар заҳр, ки дар соғари имкон дорӣ,
Шарбат куну дар гулӯи мо рез ҳама.

Хушдил манишин, ки нозгустар нашавӣ,
Меҳнатфарсою айшпарвар нашавӣ.
Бе хеш нишин пораи авқоти ҳаёт,
То дар назари хеш мукаррар нашавӣ.

Аз майкада сохтам ҷаҳони дигаре,
Дар торуми ток осмони дигаре.
Гар умр амон диҳад, чу мастон созам,
Аз риштаи оҳ каҳкашони дигаре.

Дар ишқ ба ҷилва ҳамбару ҳамдӯшӣ,
Дар ҳусн ба ишва тифли як оғӯшӣ.

Аз партави рӯи хеш гулшан бошӣ,
В-аз сояи зулфи хеш ҷавшанпӯшӣ.

Чун лола диле дораму доғе бар вай,
Дарде ҳама ҷо, чашми чароғе бар вай.
Инак дили доғдори ман шохи гулест,
К-аз бахти сияҳ нишаста зоғе бар вай.

Бас таҷриба кардем зи маҳ то моҳӣ,
Касро набувад зи ҳоли мо огоҳӣ.
Ҷое, ки зи мо ному нишон аст, он ҷо,
Зарбулмасал аст хизр дар гумроҳӣ.

Эй он, ки ба водии ҳавас меронӣ,
Бартоб инон, ки шармгин мемонӣ.
Мақсуд ҳамин шабоҳати зоҳир нест,
Дилро чӣ либоси Каъба мепӯшонӣ?

Бар ҳулла тирози лӯъбати Чин дорӣ,
Бар чеҳра нишони гулу насрин дорӣ.
Бо дин ба карашмаиву бо куфр ба ноз,
Бераҳм надонам, ки чӣ оин дорӣ?

Эй маҳ, кӣ бад-ин хубият орост, бигӯй?
Бӯстони туро кӣ нахл пирост, бигӯй?
Шохи гулат аз чӣ гулситон хост, бигӯй?
Товуси кадом гулшанӣ, рост бигӯй?

Ҳар нуқтае аз килки ту меҳреву маҳе,
Офоқ кафи ҷуди туро дастгаҳе.

Ё раб, чӣ каримӣ ту, ки дар ҳар нигаҳе,
Сад мулк бубахшиву набахшӣ гунаҳе.

Ин даҳр, ки ҳосилаш наярзад ба ҷаве,
Кишташ ҳама ҳанзал асту ҳанзал даравӣ.
Аз кӯҳнаву нав насиби аҳбоб дар ӯ,
Дарди кӯҳанест бар сари доғи наве.

Дил чист? Қатони ишқро маҳтобе,
Чун турраи дилбарон саросар тобе.
Дар гулшани гирья шабнами рангине,
Бар гулбуни шуъла ғунчаи шодобе.

Гар дар ҳама ҳол пой берун зи гилӣ,
Озода равӣ бари тааллуқ гусилӣ.
Инҳо, ки ту аҳли дилашон мехонӣ,
Аҳли шикаманд ҷумла, ку аҳли диле?

# ҚАСОИД

## ДАР ҲАСБИ ҲОЛ

Зи токи дилам осмон уфтода,
Зи чашмам замину замон уфтода.
Бисӯзод гардун, к-аз ин хирмани ҳусн,
Маро шуъла дар хону мон уфтода.
Бимирод шамъи кавокиб, к-аз эшон,
Маро дуд дар мағзи ҷон уфтода.
Диламро аз ин чор бозори аркон,
Ба ҳар байъ чандин зиён уфтода.
Танамро аз ин ҳафт гулзори гардун,
Гули шуъла дар парниён уфтода.
Ҷаҳон расми афсурдагӣ карда шоеъ,
Ба навъе ки шамъ аз забон уфтода.
Ба саъе, ки охир касе хезад аз ҷо,
Замин уфтода замон уфтода.
Зи афсурдагӣ булбулони чаманро,
Гиреҳҳои дил бар забон уфтода.
Гуле нашкуфад бар дил аз даҳр гӯӣ,
Ки оташ дар ин гулситон уфтода.
Ҷаҳонро яке бешае дон, ки дар вай,
Аҷал ҳамчу шери жиён утфода.
Гавазнони он беша гофил, к-аз инсон,
Ҳарифон ба дунболашон уфтода.
Яке баҳри мушти алаф дар таку дав,
Яке сер хӯрда синон уфтода.
Яке з-он сӯи хобгаҳ масти ҷавлон,
Яке дар нишеман чарон уфтода.
Яке ғофил аз кор дар хоби ғафлат,
Яке андаке дар гумон уфтода.
Якеро зи ғафлат дил аз бим холӣ,
Яке ларза бар устухон уфтода.
Дар охир мар он шерро ин гавазнон,
Ба навбат ба чангу даҳон уфтода.

Тазарве, ки бар шох ғофил нишаста,
Ба як ҷунбиш аз ошьён уфтода.
Макун кибр, к-аз шумии кибру шайтон,
Ба таҳтуссарӣ з-осмон уфтода.
Сухан осмонӣ сазад, гӯ, суханвар,
Бувад паст чун остон уфтода.
Сари нукта бояд, ки бар арш сояд,
Чӣ ғам гар бувад нуктадон уфтода?
Маро бо баландии фитрат назар кун,
Ки дар пои халқам чӣ сон уфтода.
Суханҳои чарб аз наи килки хушкам,
Чу мағзест, к-аз устухон уфтода.
Аз он поймолам, ки мурғи хаёлам,
Ба ғоят баландошьён уфтода.
Арӯсони табъи маро аз латофат,
Зи имо ба ораз нишон уфтода...
Ба бахти ман ин гунбади тӯтиёӣ,
Сияҳдилтар аз сурмадон уфтода.
Сиришкест сайёраи толеи ман,
Ки аз чашми ҳафт осмон уфтода.
Зи бетолеӣ, соғари эътиборам,
Зи тоқи дили дӯстон уфтода.
Зи ашки ҷигарфом шаб то саҳаргоҳ,
Ба рӯи ҳарирам ситон уфтода.
Надонам чӣ андешам, охир чӣ созам,
Маро кор бо осмон уфтода.
Ба гирдобе уфтода киштии саъям,
В-аз ӯ лангару бодбон уфтода.

## БАҲОРИЯ

Боз мисри чаман ободон аст,
Неъмати хони баҳор алвон аст.
Вароқи гул табақи лаъл бар он,
Дили мурғони чаман бирьён аст.

Боғ неъматкадаи хулду баҳор,
Мизбонест, ки худ меҳмон аст.
Бӯстон хони Халил аст ба файз,
Хандаи гул намаки он хон аст.
Наварӯсони чаманро гӯй,
Боз ҳангоми ҳинобандон аст.
Аз ҳуҷуми гулу анбӯҳи гиёҳ,
Хок фаввораспфат ҷӯшон аст.
В-аз дили тираи шаб то дами субҳ,
Пӯст бар ғунчаи гул зиндон аст.
Дар парихонаи рангини баҳор,
Ҷӯши мурғони азоимхон аст...
Гулбун ошуфта тазарвест, ки бед
Бар сараш бошаи болафшон аст.
Бед дар зери пари баҳрии абр,
Чун кабӯтарбачагон ларзон аст.
Ҳамчу масте, ки биғалтад ба шароб,
Об бар лолаву гул ғалтон аст...
Аз раҳи ғайрати гулзор ба чашм
Хор наздиктар аз мижгон аст.
Баски шуд хуни гулу лола сабил,
Боғ чун идгаҳи қурбон аст.
Ғунча дар зери пари тӯтии шох,
Байзаи булбули хушилҳон аст.
Гул яке бачаи товус, к-аз ӯ
Сар баровардаву болафшон аст...
Аз рутуботи ҳаво селии путк
Бӯсаи тар ба рухи сандон аст.
Сарвро ҷилвагарӣ рафта зи ёд,
Баски бар сояи худ ҳайрон аст.
Доман аз панҷаи хуршед кашад,
Соя азбаски ба худ нозон аст.
Боғро булбули гӯёи фасеҳ,
Шоири коҳири хушдевон аст...

Шохи насрин ба ҳақиқат фалакест,
Ки ҳазораш қамари тобон аст.
Гулшан оташкадаи бедуд аст,
В-агараш дуд бувад, райҳон аст...
Мавзеи бӯсаи шабнам аз лутф,
Бар лаби гул асари дандон аст.
Базми мастони сабӯҳист чаман,
З-он лаболаб зи лаби хандон аст.
Хок сандалсифат ар нест, чаро
Об чун мор бар ӯ печон аст?
Сояи абр ба гулшан гӯй,
Аз паи ғорати гул домон аст...
Раги санг аз асари файзи баҳор,
Мутаҳаррик чу раги шарьён аст.
Гоҳ бӯсад рухи ғул гаҳ лаби ҷӯй
Об дар базми чаман тархон аст.
Дар раги ток ба ангези баҳор
Бода хунест, ки дар туғьён аст.
Ғунча гӯй даҳани кабки дарист,
Ки ба таклифи саҳар хандон аст...
Бод абрест зи атрофи чаман,
Ки ҳама барги гулаш борон аст.
Абр гӯй қалами дастур аст,
Ки аз ӯ рашҳаи ҷон резон аст.

## БЕ ЧУНУН МАҒЗИ ҶАҲОН БЕНАМАК АСТ

Бе чунун мағзи ҷаҳон бенамак аст,
Намаки нутқу баён бенамак аст.
Шӯрише гар набувад бо ҳар мӯй,
Дар бадан ҷилван ҷон бенамак аст.
Гар намаксоии ашкам набувад,
Ҳар кафи хоки ҷаҳон бенамак аст.
Лаб маёлой ба ҷайҳуни ҳавас,
К-аз карон то ба карон бенамак аст.

Дачлаи айши дукомӣ зи канор,
Намакин асту миён бенамак аст.
Эй шаби ғолиягун субҳ мачӯй,
Хандаи мотамиён бенамак аст...
Сад намакзори бало бар дили айш,
Вақф кардему ҳамон бенамак аст.
Чулваи качравишон дар раҳи сидқ,
Чун хироми саратон бенамак аст.
Тоати машрабиён беасар аст,
Шарбати тоатиён бенамак аст.
Зӯхди паймонакашон дар шаввол,
Хамчу шурби рамазон бенамак аст.
Ноз махсуси баҳор аст, гузашт,
Шоҳидихои хазон бенамак аст...
Комати хамчу камонро ба масал,
Нози абрӯи камон бенамак аст.
Ман кучо, шӯхии парвоз кучо,
Саъваи болфишон бенамак аст.
Қафасам тираву беравзан бод,
Мокиёнро таярон бенамак аст
Намаки халқ намакчаш кардем,
Обашон бемазза, нон бенамак аст.
Ту ҳам ангушти ниёзе бирасон,
То бидонӣ, ки чӣ сон бенамак аст.
Луқман ком чашидӣ ҳайҳот,
То абад комат аз он бенамак аст.
Мархам аз мағзи намак созаму боз,
Захми дилро ба даҳон бенамак аст.
Исмати нола замингирам сохт,
Беш аз ин забти фиғон бенамак аст.
Ох, з-ин базласароёни замон,
Ки замоншон чу баён бенамак аст.
Чуръаи сӯҳбаташон беасар аст,
Байзаи улфаташон бенамак аст.

Сайри захми дили ёрон кардем,
Рӯ намакпӯшу миён бенамак аст.
Доғ бар каф, зи кӣ марҳам ҷӯям,
Қоф то қофи ҷаҳон бенамак аст.
Марҳами шӯр ба захмам нафиканд,
Даст з-ин марҳамиён бенамак аст.
Хомаро кунд забон кун Толиб,
Беш аз ин тайи лисон бенамак аст.

## ЛОҲУР

Хушо Лоҳуру файзи оби Лоҳур,
Ба тоат майли шайху шоби Лоҳур.
Наёбӣ з-аҳли Ҳиндустон гурӯҳе,
Ба дил наздикии арбоби Лоҳур,
Гумонам нест, к-андар ҳафт кишвар
Бувад шаҳре ба обу тоби Лоҳур.
Сикандар гӯ, ки оби хизр ёбад,
Зи оби ҳамчу шаҳди ноби Лоҳур.
Ки гар як хизр оби зиндагӣ дошт,
Ҳазорон хизр дорад оби Лоҳур.
Ба мизони фалаксанҷон шаби дӯш
Назар кардам дар устурлоби Лоҳур...
Бувад Лоҳур шаҳре ҷумла ором,
Наёбӣ музтариб симоби Лоҳур.
Ба осоиш гарат майл асту воиз,
Ба рӯи бистари санҷоби Лоҳур.
Миён бикшову хуш во каш, ки дар Ҳинд
Фароғат нест ҷуз дар хоби Лоҳур.
Ҳазорон зинда ҷовид бинӣ,
Зи оби ханҷари қассоби Лоҳур.
Ба расми косибон аз шом то субҳ
Қатонбофӣ кунад маҳтоби Лоҳур.
Ба ҷанги Зӯҳра мушкин тор бандад,
Сари зулфи бирешимтоби Лоҳур.
Ба захми сикка пешонӣ харошад,

Зари хуршедро зарроби Лоҳур.
Зи токи абрӯи зуннориён пурс,
Нишони масҷиду меҳроби Лоҳур.
Қалам гар тез созам нақш гирад,
Ҳазорон дафтари алқоби Лоҳур.
Кунам з-он рӯ муридосо шабу рӯз,
Қароматҳо баён дар боби Лоҳур.

## ҚАШМИР

Навои мурғи тараб ин бувад ба гоҳи сафир,
Ки бода-бодаи Ҳинд асту гул гули Қашмир.
Зи Ҳинд гарчи гулу бода нодиранду муфид,
Маи Ироқу гули Форсро ба муфт магир.
Чу маҷлис аз маю соқӣ тамом асбоб аст,
Бигир коми дил аз ишрату баҳона магир.
Маро, ки сурати боғи биҳишт дар назар аст,
Сазад, ки тоза кунам рӯҳи булбулон ба сафир.
Чу васфи гулшани Қашмир мекунам, фарз аст,
Ки шӯям ин даҳани талхро ба шаккару шир.
Зиҳӣ мақоми саломат, к-аз эътидоли ҳаво
Ба умри Хизр нагарданд сокинонаш пир.
Чу дида сурма кашад аз саводи ӯ аҷаб аст,
Ки дил ба сина тавон доштан ба сад занҷир.
Гар ин намунаи ҷаннат ба хоб бинад хур,
Дилаш зи лаззати сайри биҳишт гардад сер.
Зи хоб ношуда бедору об нозада рӯй,
Бараҳнапой кунад суи ин чаман шабгир.
Зи истиқомати обу ҳавои ӯ азоб аст,
Ки ранги гул зи ниҳеби хазон кунад тағьир.
Назар зи шавқи раёҳини ӯ ба сайри чаман
Тамом рағбати парвоз ҳамчу мурғи асир.
Ба ғояте асари нағма ом дар дилҳо,
Ки сайд рақс кунад бар ҳавои нолаи тир.
Дар ӯ на мурғи чаман бозмонад аз оҳанг,
Дар ӯ на боди сабо суст гардад аз шабгир.

...Ба пеши сабздарахтон шох бар шохаш
Ниҳоли тӯбии бебарг ҳамчу ҷавҳари тир.
...Ба бӯстонш яке нахлу сад ҳазор самар,
Ба гулситонш яке булбулу ҳазор сафир.
Зи эътидоли ҳаво халқ дар хазону баҳор,
Қашанд рахт ба саҳро сағир то ба кабир.
Зи бас, ки хонанишинӣ гарон шавад бар табъ,
Ба чашми хона нагирад қарор чашми басир.
Зи шавқи дил ба нишоти чаман аҷаб набвад,
Ки дард аз дили ушшоқ ҷо кунад тағьир.
Зи бас ба нақли макон майли табъҳо, чӣ аҷаб
Нигин ба кунҷи нигинхона гар шавад дилгир.
...Зи меваҳои тараш чун забон кунам сероб,
Зи таъми рӯҳ шавад коми завқ лаззатгир.
Ба саҳни боғ зи таъсири меҳри шоҳ олу,
Чакида шир зи пистони нор чун анҷир.
Зи обдории нораш лаби рутаб чу сафол,
...Зи сурхрӯии себаш узори беҳ чу зарир.
Чу боғи хулд дар ӯ чанд мева бар як шох,
Чашида лаззати пайванд ҳамчу шаккару шир.
...Ба гулшанаш чу дарой, бағал кушуда дарой,
Ки ҳар тараф сафи ҳурест дар либоси ҳарир.

## ГУЛИ МЕҲРУБОНӢ

Не халқи ин ҷаҳонаму не он ҷаҳониям,
Не хокиям ба рутбаву не осмониям.
Ман худ зи ҳоли хеш наям огаҳ, эй сипеҳр,
Боре ту во намой ба навъе, ки дониям.
Банди гарон ниҳода зи ҳайрониям ба пой,
Беҳуда нест бо фалак ин саргарониям.
Бегонавор баски намудам ба халқ рӯй,
Нашнохт рӯзгор ба чандин нишонаям.
Бо гул дугона зодаам аз модари баҳор,
Хорам, вале на раҳгузари гулситониям.
Табъам гули шукуфтаву ман сабзаи заиф,

Аммо на сабзаи дамане, бустониям.
Азбас ба вахшиёни ғам улфат гирифтаам,
Битвон далер гуфт, ки Маҷнуни сониям.
Сарҷӯши умр баски ба ғам сарф кардаам,
Пири фалак дареғ хӯрад бар ҷавониям...
Хору хаси нифоқ махонам, ки мӯ ба мӯй,
Райҳони дӯстиву гули меҳрубониям.
Қаф бар лабам сареҳ намояд, ки лоязол
Дар ҷӯши гавҳараст муҳити маониям.
Аз ман хато нагашта қазое, ки субҳу шом
Дар шоҳроҳи ҳодиса дар дидабониям.
Сад Даҷла захр бинаму н-орам ба рӯи хеш,
Борони ғуссаро намади туркмониям...
Бо дому дона ром нагардидаам ҳанӯз,
Бар дасту остин мафишон мизбониям.
Он ҷо ки бе силоҳ равам дар сафи масоф,
Як шаҳрро ҳариф бад-ин нимҷониям.
Имрӯз чун матои гаронмоя камбаҳост,
Арзониям далел бувад бар гарониям.
Харбандай ту, эй фалаку ман харам, вале
Не ончунон харе, ки ту дар об рониям...
Не, не, зи килки ман маҳу хуршед мечакад,
З-ин даст, эй сипеҳр, бидон гар бидониям...
Гуянд бандагони шикам шукри обу нон,
Ман шукргӯи неъмати беобунониям.
Аз заҳри марг талхтаре нест дар ҷаҳон,
В-ар ҳаст, ҳаст чошнии зиндагониям...
Хорам ба хоки раҳ, магузореду магзаред,
Харчанд оташам, на ҳаме корвониям.
Он ҷузви абтарам, ки нагирӣ маро ба даст,
Лек аз бағал ҷудо накунӣ, гар бихониям.
Дар пурсишам малоика гарданд хандаруй,
Бинанд дар лаҳад чу рухи заъфарониям.
Ғамгин наям, ки рӯи ман аз чист коҳранг,
Шодам, ки ҳаст рӯи сухан арғавониям.

# ФУРӮҒИ БАСТОМӢ





# ҒАЗАЛСАРОИ МУМТОЗ

Ғазал, ки аз латифтарину нафистарин шаклҳои назми тоҷику форс буда, барои ифодаи эҳсосу андешаҳои рангину дилнишини инсон, ангезишҳои гуногуни олами ботинии ӯ василаи хеле муносиб аст, дар эҷодиёти Саъдиву Ҳофиз ва Камолу Ҷомӣ ба дараҷаи баланди камолу ҷамол расида буд. Бо ин ҳама ғазал аз ривоҷу нумӯъ бознамонд ва сайри таҷомулу таҳаввули худро дар асрҳои минбаъда ҳам идома дода, ба адабиёти халқҳои дигари олам гузашт ва то имрӯз бо рангу ҷилваи тоза арзи ҳастӣ мекунад.

Яке аз суханварони мумтозе, ки дар нимаи аввали асри XIX дар инкишофу интишори ин шакли шоиставу овозадори шеър саҳми арзандае гузоштаанд, Фурӯғии Бастомӣ мебошад. Фурӯғӣ анъанаҳои ғазалсароии Саъдиву Ҳофизро давом дода, тамоми қудрату маҳорати шоириашро ба инкишофи ин шакли шеър бахшидааст ва намунаҳои беҳтарини ғазали замони худро эҷод намудааст.

Ғазалҳои Фурӯғӣ, ки танҳо қисмати каме аз онҳо то имрӯз боқӣ мондааст, дар ниҳояти соддагиву равонӣ офарида шуда, саршори эҳсосу андешаҳои латифи ошиқона мебошанд, ки аз мутолиаи онҳо дили хонанда ҳам маломоли ҳиссиёти гарму нарм мешавад ва муҳаббату дилбастагиаш ба зиндагиву хушиҳои олами ҳастӣ афзунтар мегардад.

Ғояву мазмунҳои ҳаётдӯстиву башарпарварона ва соддагиву латофати ғазалиёти Фурӯғӣ боиси беш аз ҳама паҳн

шудани ашъори ӯ гашта, онхо аз марзу худуди кишвараш берун баромадаанд ва дар байни мардуми тоҷик низ шӯхрати зиёде пайдо намудаанд. Ғазалхои диловези Фурӯғӣ низ монанди сурудахои дӯсту хамзамони дигараш Қоонии Шерозӣ хатто ба ганчинаи маданияти мусиқии халқи тоҷик «Шашмақом» дохил шуда, аз сурудхои махбубу дилписанди тоҷикон гаштаанд.

* * *

Мирзоаббос Фурӯғии Бастомӣ соли 1798 дар оилаи Оқомӯсои Бастомӣ, ки соли 1795 аз дарбори Оқомухаммадхони Қоҷор ронда шуда ба Наҷаф омада сукунат ихтиёр карда буд, ба дунё омадааст. Ҳангоми 16-солагии Аббос падараш аз дунё чашм мепӯшад ва ӯ бепарастор монда бо модараш азми сафари Эрон менамояд. Ӯ аввал дар шахрчаи Сорӣ таваққуф карда сипас хамрохи амакаш Дӯсталихон, ки вазифаи хазинадории шохро иҷро мекард, ба Техрон меояд. Аббос ду сол дар Техрон мемонад ва дар ин муддат амакаш ӯро ба ахли дарбор ва худи Фатхалишох шиносо менамояд.

Муаллифони баъзе сарчашмахо то ин овон, яъне то 18—20-солагӣ бесавод будани Аббосро таъкид кардаанд. Эхтимол аз сабаби надоштани имконияти мусоид ӯ дар мактаб ва ё дар назди муаллимони алохида тахсил накарда бошад. Ҳангоми дар Техрон будан ба воситаи худомӯзӣ савод баровард ба таври ҷиддӣ ба омӯзиши назми гузаштагон, махсусан, девонхои ашъори Саъдиву Ҳофиз мепардозад. Аз хамин давра ӯ бо тахаллуси Мискин ба навиштани ғазал шурӯъ мекунад.

Фатхалишох барои хидмат Аббосро ба назди Шуҷоъуссалтана, ки хокими Хуросон буд, мефиристад. Волии Хуросон Аббосро муншии боргохаш таин менамояд. Ходисаи мухиме, ки дар ин давра дар хаёти ӯ ба вуқӯъ меояд, шиносоӣ бо шоири маъруф Қоонӣ буд. Дӯстии онхо бо мурури солхо мустахкам шуда то охири умрашон идома меёбад. Аббос дар пайравии дӯсташ Қоонӣ, ки тахаллусашро ба му-

нисбати фарзанди Шуҷоъуссалтана — Уктои Қоон гирифта буд, ба нисбати номи фарзанди дигари Шуҷоъуссалтана — Фурӯғуддавла тахаллусашро ба Фурӯғӣ табдил медиҳад.

Фурӯғӣ муддати на он қадар тӯлоние дар Машҳад ва Қирмон зиндагӣ карда, сипас ба Теҳрон меояд ва хидматро дар боргохи Фатҳалишоҳ идома медиҳад. Пас аз марги Фатҳалишоҳ шоир аз дарбор дур шуда ба маслаки тасаввуф рӯй меорад ва махсусан, ба андешаҳои ваҳдати вуҷуди Мансури Ҳаллоҷ, ки аз сӯфиёни маъруфи асрҳои IX—X буда, дар тасаввуф равияи хосе ба вуҷуд оварда буд ва мақому мартабаи инсонро хеле баланд бардошта ба дараҷаи худоӣ мерасонд, пайравӣ мекунад. Хитоби «аналҳақ»-и (яъне «ман худо») Мансури Ҳаллоҷ ба эътирози сахти зимомдорони исломи расмӣ ва ҳилофат дучор шуда, вайро ба кофирӣ айбдор ва ба қатлаш фатво медиҳанд. Ниҳоят ӯ бо амри вазир Обидин Аббос дар Бағдод ба дор кашида мешавад.

Ҳосидони Фурӯғӣ низ дар назди Носириддиншоҳ нисбат ба шоир бадгӯӣ намуда ӯро дар пайравӣ ба «аналҳақӣ» гунаҳгор мекунанд. Аз нақли дӯсти шоир Асадуллои Қоҷор маълум мешавад, ки шоҳ ӯро даъват намуда ҷазо доданӣ шудааст, вале ҷавоби лутфомези шоир боиси афви ӯ гаштааст. «Дарҳол замин бӯса доду ҷабҳа бар хок ниҳод ва маърӯз дошт, ки ин сухан ифтирои (тӯҳмати) маҳз ва маҳзи ифтирост. Ман аз куҷову даъвии худоӣ аз куҷо? Зеро ки ҳафтод сол давидам, ҳол ба «сояи худо» расидам».

То чӣ андоза саҳеҳ будани ин маълумотро ҳукм кардан хеле душвор аст. Вале аз маълумоти ҳамзамон ва дӯсти дигари шоир Ризоқулихони Ҳидоят маълум мегардад, ки Фурӯғӣ дар солҳои охири умр дарборро тарк намудааст. Ҳарчанд ӯ сабаби «қабули мулозамат нанамудани» шоирро нишон надодааст, вале тахмин меравад, ки яке аз сабабҳои асосии он мувофиқ наомадани андешаҳои пешқадаму озодихоҳонаи шоир бо аҳли ҳукмрони давр бояд бошад. Беҳуда нест, ки Иброҳими Нишопурӣ пас аз вафоти шоир ба диндории вай шак оварда навиштааст:

Дар эътиқодаш мардум басе сухан гӯянд,
Ҳаме надонам дар куфр мурд ё ислом?

Санаи вафоти Фурӯғиро аксари муаллифони сарчашмаҳо 25 муҳаррами 1274 (5 сентябри 1857) шуморидаанд, ки саҳеҳ ба-назар мерасад.

Фурӯғӣ аз ҷавонӣ ба шеъргӯӣ шуғл варзида ашъори зиёде эҷод намудааст. Вале аз шеърҳои фаровони шоир осори ниҳоят каме боқӣ мондааст. Зеро худи шоир ба тартибу танзими девони ашъораш машғул нашуда, дар охири умр дафтарҳои мусаввадаи шеърҳояшро ба дӯсташ Асадуллои Қоҷор васият намудааст. Асадуллои Қоҷор, ки он вақт ба чопи девони Қоонӣ машғул будааст, аз бист ҳазор байти Фурӯғӣ, ки дар ихтиёр доштааст, танҳо панҷ ҳазор байтро интихоб намуда ба девони Қоонӣ илова кардааст. Тақдири ашъори боқии шоир то ҳол маълум нест. Нусхаҳои хаттиву чопии девони шоир, ки маълуманд, асосан ҳамон ғазалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба девони Қоонӣ илова шудаанд. Осори боқимондаи Фурӯғӣ ҳоло асосан аз ғазал иборат аст. Девони мунтахаби шоир, ки борҳо дар Теҳрон ба табъ расидааст, 318—321 ғазалро фаро мегирад. Фурӯғӣ устоди беҳамтои ғазали замонааш буда, ба қавли Ризоқулихони Ҳидоят «дар сиёқи ғазалсароӣ мартабаи баланде доштааст».

Мавзӯи асосии ғазалиёти Фурӯғӣ низ ишқ ва пайваста ба он ангезишҳои гуногуни оламн ботинии инсон аст. Ишқ аз назари шоир оташи сӯзандаест, ки пинҳон доштани он аз имкон берун аст. Ҳеҷ қуввае наметавонад садди он бошад. Ӯ ишқро бо ҳама ранҷу азобҳо, талхиву ширинихо, гармиву сардиҳояш азиз мешуморад. Ишқ василаи пухта гаштани хомҳову обутоб ёфтани шахс аст. Табъу илҳоми шоир аз сарчашмаи файзбори ишқ об мехӯрад. Шоир ҳамеша ошиқ буданро талқин намуда, умреро, ки бидуни ишқварзӣ гузаштааст, ботилу беҳосил медонад. Ишқ аст, ки ба рӯзгори инсон сафову рӯҳ мебахшад, онро ширину зебо мегардонад:

Умре, ки сарфи ишқ нагардад, батолат аст,
Роҳе, ки рӯ ба дӯст надорад, залолат аст.

Ишқ барои Фурӯғӣ яке аз муҳимтарин василаҳои ташаккули такомули шахс аст ва ҳеҷ воситае наметавонад ҷои онро бигирад. Аз ин рӯ шоир баҳравар шудан аз ин василаи расидан ба камолотро талкин менамояд:

Вудуди одамӣ аз ишқ мерасад ба камол,
Гар ин камол наёбӣ, камоли нуқсон аст.

Фурӯғӣ ишқро аз ҳама гуна қоидаву қонунҳои расмиву динӣ боло медонад ва худи ишқро аз қоида холӣ мешуморад:

Гоҳ кофир кунадам, гоҳ мусулмон, чӣ кунам?
Ишки беқоидаро қоидае пайдо нест.

Дар аксари ғазалҳои Фурӯғӣ хушиву хуррамӣ, шодиву нишоти олами ишқ тараннум гашта, ҳусну ҷамоли зебои маъшуқ, лаҳзаҳои висолу ишқварзӣ бо ӯ тасвир шудаанд. Ҳатто ғазалҳое, ки бештар ба тасвири лаҳзаҳои ғамангези ишқ монанди ҷудоиву фироқ аз маъшуқ, нозу истиғно ва ҷавру ҷафои ёри бераҳм, ранҷу азобҳои ошиқ дар роҳи висол, нокомиву номуродиҳо, саргардониву сарсониҳои ӯ бахшида шудаанд, комилан ноумедона набуда, аз оҳанги дуньёбезорӣ холианд ва дар зимни чунон тасвирҳо ҳам гоҳ-гоҳ шӯълаи умеду хушиҳо забона мезанад.

Дар маркази ғазалиёти Фурӯғӣ низ асосан образҳои ошиқ ва маъшуқ қарор гирифта тамоми масъалаҳо алоқамандона ба онҳо шарҳу ифода ёфтаанд. Маъшуқ мазҳари зебоиву малоҳат буда ҳатто зеботарин ашьёву падидаҳои табиат дар назди ҳусну ҷамоли дилфиреби ӯ қадру арзише надоранд. Моҳ «ғуломи руҳи зебои ӯсту сарв камарбастаи қомати болояш». Ҳар як узви ӯ дар ҳадди камолу зебоӣ қарор ёфта дар якҷоягӣ зебоии беҳамтои ӯро ҷилвагар месозанд. Вале маъшуқ ҳарчанд зоҳиран хеле зебост, ботинан нисбат ба ошиқ ситамгару ҷафокор, бераҳму шафқат ва бевафову сангиндил аст:

Дар эътиқодаш мардум басе сухан гӯянд,
Ҳаме надонам дар куфр мурд ё ислом?

Санаи вафоти Фурӯғиро аксари муаллифони сарчашмаҳо 25 муҳаррами 1274 (5 сентябри 1857) шуморидаанд, ки саҳеҳ ба назар мерасад.

Фурӯғӣ аз ҷавонӣ ба шеъргӯӣ шуғл варзида ашъори зиёде эҷод намудааст. Вале аз шеърҳои фаровони шоир осори ниҳоят каме боқӣ мондааст. Зеро худи шоир ба тартибу танзими девони ашъораш машғул нашуда, дар охири умр дафтарҳои мусаввадаи шеърҳояшро ба дӯсташ Асадуллои Қоҷор васият намудааст. Асадуллои Қоҷор, ки он вақт ба чопи девони Қоонӣ машғул будааст, аз бист ҳазор байти Фурӯғӣ, ки дар ихтиёр доштааст, танҳо панҷ ҳазор байтро интихоб намуда ба девони Қоонӣ илова кардааст. Тақдири ашъори боқии шоир то ҳол маълум нест. Нусхаҳои хаттиву чопии девони шоир, ки маълуманд, асосан ҳамон ғазалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба девони Қоонӣ илова шудаанд. Осори боқимондаи Фурӯғӣ ҳоло асосан аз ғазал иборат аст. Девони мунтахаби шоир, ки борҳо дар Теҳрон ба табъ расидааст, 318—321 ғазалро фаро мегирад. Фурӯғӣ устоди беҳамтои ғазали замонааш буда, ба қавли Ризоқулихони Ҳидоят «дар сиёқи ғазалсароӣ мартабаи баланде доштааст».

Мавзӯи асосии ғазалиёти Фурӯғӣ низ ишқ ва пайваста ба он ангезишҳои гуногуни оламн ботинии инсон аст. Ишқ аз назари шоир оташи сӯзандаест, ки пинҳон доштани он аз имкон берун аст. Ҳеҷ қуввае наметавонад садди он бошад. Ӯ ишқро бо ҳама ранҷу азобҳо, талхиву ширинихо, гармиву сардиҳояш азиз мешуморад. Ишқ василаи пухта гаштани хомҳову обутоб ёфтани шахс аст. Табъу илҳоми шоир аз сарчашмаи файзбори ишқ об мехӯрад. Шоир ҳамеша ошиқ буданро талқин намуда, умреро, ки бидуни ишқварзӣ гузаштааст, ботилу беҳосил медонад. Ишқ аст, ки ба рӯзгори инсон сафову рӯҳ мебахшад, онро ширину зебо мегардонад:

Умре, ки сарфи ишқ нагардад, батолат аст,
Рохе, ки рӯ ба дӯст надорад, залолат аст.

Ишқ барои Фурӯғӣ яке аз мухимтарин василаҳои ташаккули такомули шахс аст ва ҳеч воситае наметавонад ҷои онро бигирад. Аз ин рӯ шоир бахравар шудан аз ин василаи расидан ба камолотро талкин менамояд:

Вудуди одамӣ аз ишқ мерасад ба камол,
Гар ин камол наёбӣ, камоли нуқсон аст.

Фурӯғӣ ишқро аз ҳама гуна қоидаву қонунҳои расмиву динӣ боло медонад ва худи ишқро аз қоида холӣ мешуморад:

Гоҳ кофир кунадам, гоҳ мусулмон, чӣ кунам?
Ишки беқоидаро қоидае пайдо нест.

Дар аксари ғазалҳои Фурӯғӣ хушиву хуррамӣ, шодиву нишоти олами ишқ тараннум гашта, ҳусну ҷамоли зебои маъшуқ, лаҳзаҳои висолу ишқварзӣ бо ӯ тасвир шудаанд. Ҳатто ғазалҳое, ки бештар ба тасвири лаҳзаҳои ғамангези ишқ монанди ҷудоиву фироқ аз маъшуқ, нозу истиғно ва ҷавру ҷафои ёри бераҳм, ранҷу азобҳои ошиқ дар роҳи висол, нокомиву номуродиҳо, саргардониву сарсониҳои ӯ бахшида шудаанд, комилан ноумедона набуда, аз оханги дуньёбезорӣ холианд ва дар зимни чунон тасвирҳо ҳам гоҳ-гоҳ шӯълаи умеду хушиҳо забона мезанад.

Дар маркази ғазалиёти Фурӯғӣ низ асосан образҳои ошиқ ва маъшуқ қарор гирифта тамоми масъалаҳо алоқамандона ба онҳо шарҳу ифода ёфтаанд. Маъшуқ мазҳари зебоиву малоҳат буда ҳатто зеботарин ашьёву падидаҳои табиат дар назди хусну ҷамоли дилфиреби ӯ қадру арзише надоранд. Моҳ «ғуломи рухи зебои ӯсту сарв камарбастаи қомати болояш». Ҳар як узви ӯ дар ҳадди камолу зебоӣ қарор ёфта дар якҷоягӣ зебоии беҳамтои ӯро ҷилвагар месозанд. Вале маъшуқ ҳарчанд зоҳиран хеле зебост, ботинан нисбат ба ошиқ ситамгару ҷафокор, бераҳму шафқат ва бевафову сангиндил аст:

Бедодгар нигоро, то кай чафо тавон кард?
Подоши он чафохо як рах вафо тавон кард?

Шоир дар хар маврид зебоии хусну чамоли маъшукро таъкид карда дар баробари он аз носозгории хислату рафтораш шикоят мекунад ва аз маъшуқ хамохангии зебоии зохириву маънавиро дархост менамояд.

Бар хилофи маъшуқ дар ғазалиёти Фурӯғӣ ошиқ хеле содиқу вафодор аст ва дар рохи ишқ устувору матин буда аз нобаророриву душворихо намехаросад. Вале аз маъшуки зебояш аксаран ба чои вафо чафо мебинад:

Хар чи кардам ба рахи ишқ вафо буд, вафо
В-он чи дидам ба мукофот чафо буд, чафо.

Бо ин хама ошиқ рӯхафтодаву ноумед нест ва дар лахзахои душвортарин хам дар дили ӯ умеди васли маъшуқ шӯъла мезанад. Аз ин чост, ки пас аз ранчу азиятхо ӯ нихоят комгору муваффақ мешавад. Аз паси ранч рохат ва аз паи фироқ висол фаро мерасад:

Захри ачал чашидаам, талхии марг дидаам
То зи лабат шунидаам қиссаи ношунидаро.

Хамин тавр дар ишқияхои Фурӯғӣ ошиқ харчанд ранчу азоби зиёде мекашад вале дар нихояти кор ӯ комёбу комраво ва хушхолу фарахманд мешавад.

Қахрамони лирикии Фурӯғӣ дар баробари ошиқи чафокашу содиқ будан инчунин ринди лоуболу бебок хам хаст, ки инро ошкоро изхор менамояд:

Ман масти майпарастам, ман ринди боданӯшам,
Эмин зи макри ақлам, фориғ зи қайди хӯшам.
Ман бо хузури соқӣ кай тавба менамоям?
Ман бо вучуди мутриб кай панд менаюшам?

Ринди Фурӯғӣ дар бебокиву лоқайдӣ бо ринди Хофиз хеле монанд буда бодапарастиро шиори худ қарор медихад

ва фақат ба пири майфурӯш итоат мекунад. Вале ӯ шахси майзада набуда, инсони хушбину комгор аст ва мақсад аз нӯшидани бода пеш аз ҳама бархӯрдор шудан аз неъматҳои моддӣ ва раҳой ёфтан аз ҷавру ҷафои замонаву гардиши фалак аст:

Майгусорон фориғанд аз фитнаи даври замон,
Кас ҳарифи осмон ҷуз гардиши паймона нест.

Фурӯғӣ майро давои ҳама гуна дардҳо, қуввати дилу тан шуморида, онро василаи пайдо кардани боввариву иқтидори тоза медонад. Андешаҳои нисбатан озодихоҳонаи шоир аксаран тавассути образи май ифода ёфтаанд. Агар зимомдорони шариат нӯшидани майро манъ карда, онро ҳаром хонанд, Фурӯғӣ майро танҳо барои касони нодон ҳаром мешуморад ва бо лутфи сухан он гурӯҳи нодонро ба ҳайвон монанд мекунад:

Додани бода ҳаром аст ба нодоне чанд,
Қ-оби ҳайвон натавон дод ба ҳайвоне чанд.

Образи май ва васфи маю майгусорӣ дар ғазалиёти Фурӯғӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир ба узлатнишиниву яуъсу навмедӣ дода нашуда, хушгузаронии умру шодкомиву комрониро талқину ташвиқ кардааст.

Қаҳрамони лирикии Фурӯғӣ шахси ҳаётдӯстест, ки саъй мекунад рӯзгорро ба хушӣ гузаронад. Ӯ аз ҳар лаҳзаи хушии зиндагӣ ба хубӣ истифода мебарад. Бар хилофи зоҳид, ки нақди умрро бо гардондани субҳаву зикри дуо мегузаронад, ӯ лоуболиву хушгузаронии вақтро пеша кардааст:

Зоҳиду субҳаи саддонаву зикри саҳарӣ,
Ману паймудани паймонаву девонагарӣ.
Чун ҳама вазъи ҷаҳони гузарон дар гузар аст,
Магзар аз олами шайдоиву шӯридасарӣ.

Дар ғазалиёти боқимондаи Фурӯғӣ оҳангҳои иҷтимоиву ахлоқӣ хеле кам ба назар мерасад. Вале дар зимни байт-

ҳои ишқияҳои ӯ баъзан шикояту эътирози ӯро нисбат ба замонаву аҳли ҳукмрони давр мушоҳида кардан мумкин аст:

Як тоифаро баҳри мукофот сириштанд,
Як силсиларо баҳри мулоқот гузиданд,
Як фирқа ба ишрат дари кошона кушоданд,
Як зумра ба ҳасрат сари ангушт газиданд.

Ҳарчанд шикояту эътирозҳои Фурӯғӣ заиф аст, вале қобили қайд аст, ки ӯ мақоми инсонро арҷманд медонад ва на зӯҳду тақво, риёкориву чоплусӣ, дурӯягиву маккорӣ, салтанату ҳукмронӣ, ки дар замони шоир ривоҷ дошт, балки дар пайравии Ҳофиз ҳаётдӯстиву хушҳолӣ, манфиат гирифтан аз неъматҳои моддӣ, некиву накӯкорӣ ва амсоли инҳоро аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ медонад:

Дар майкада хидмат кун, бе маърака султон бош,
Фармонбари соқӣ шав, фармондеҳи даврон бош...
Сарчашмаи ҳайвонро нисбат ба лабаш кам кун,
Аз олами ҳайвонӣ берун раву **инсон** бош!

Чунон ки зикр шуд, Фурӯғӣ муддате ба тасаввуф гаравида буд, ки ин ба ғазалиёти ӯ низ бетаъсир намондааст ва дар зимни ишқияҳои латифи вай гоҳо баёни андешаҳои ирфонӣ ба назар мерасад. Сабаби беш аз ҳама ба Мансури Ҳаллоҷ ва ғояи «аналҳақ»-и ӯ пайравӣ кардани шоир ҳам бояд пеш аз ҳама дар он бошад, ки дар асоси ғояи мазкур бузургдошти инсон ва то ба дараҷаи худой баланд бардоштани мақоми он қарор гирифта буд.

Аз мутолиаву баррасии ашъори Фурӯғӣ чунин нукта ба назар мерасад, ки шоир ҳам дар ифодаи ғояву мавзӯъ, ҳам дар образу тасвирсозӣ ва ҳам дар сабку нигориш ба шоирони асрҳои пешин пайравӣ намудааст. Ӯ ҳам монанди намояндагони дигари ҷараёни «бозгашти адабӣ» аз сабки маъмули ҳиндӣ даст кашида, ба сабкҳои қадимтари адабӣ ва махсусан, ба сабки ироқӣ рӯй овардааст. Фурӯғӣ дар ғазалсарой пеш аз ҳама ба устодони беназири ин навъи шеър Саъдӣ

ва Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст. Вале пайравии ӯ аз пайравии шоирони асрҳои пешин, ки ба ҳукми анъана даромада буд, фарқ мекунад. Агар шоирон одатан дар ҷавобияҳову татаббӯот ва назираҳои худ ба шоирони пайравӣ кардаашон ишора намоянд ва ё байте ё мисраеро иқтибос оранд, дар ғазалиёти Фурӯғӣ ба истиснои ду-се маврид ин ҳолат асосан ба назар намерасад.

Фурӯғӣ монанди дигар шоирони назирасаро дар пеши худ вазифа нагузоштааст, ки ғазалҳои муайянеро ҷавоб гӯяд. Вале дар ғазалиёти ӯ аксаран дар байту порчаҳои ҷудогона ҳамоҳангии зиёдеро аз лиҳози шакл, мазмуну мундариҷа, образу тасвирҳо, таъбиру тавсифҳо ба ашъори саромадони назми тоҷику форс аз қабили Абуабдулло Рӯдакӣ, Фаррухии Систонӣ, Қоонӣ ва амсоли инҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Таъсири анъанаҳои Ҳофизу Саъдӣ бошад дар ғазалиёти Фурӯғӣ хеле барҷаставу равшан зоҳир шуда дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Умумияти ғазалиёти Фурӯғӣ бо ғазалиёти Ҳофиз пеш аз ҳама аз образи асосии ашъори онҳо — ринд сар мезанад. Ринди Фурӯғӣ низ монанди ринди Ҳофиз ошиқи бебоку беparво, содиқу вафодор буда ба хушгузаронии вақт майл дорад. Зимнан бояд гуфт, ки ҳамчун фарди иҷтимоӣ онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Ринди Ҳофиз дар баробари ошиқи содиқу вафодор будан фарди исьёнхоҳест, ки ба носозгории замона эътироз мекунад. Фурӯғӣ ба мисли як қатор пайравони дигари Ҳофиз танҳо ҷиҳатҳои алоҳидаи эҷодиёти ӯро пайравӣ намуда идома додааст. Ринди Фурӯғӣ асосан ошиқ аст, ошиқи инсон, ошиқи зиндагиву хушиҳои он ва монанди ринди Ҳофиз фарди фаъоли иҷтимоӣ нест.

Ин тафовутро дар мисоли як байт ҳам нишон додан мумкин аст. Фурӯғӣ дар зимни ғазале навиштааст:

Рӯзи торику шаби тираву иқболи сиёҳ,
Ҳама з-он ҳолу хату турраи мушкин дорам.

Байти мазкур беихтиёр байти машҳури Ҳофизро ба хотир меорад:

Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?

Дар мисраи аввали ҳар ду байт се ҳолати душвору сахти табиату ҳаёт тасвир шудааст, ки ба ринд ё худ қаҳрамони лирикӣ пеш омадааст. Дар мисраи дуюм Фурӯғӣ зуд ҷавоби ин мушкилотро баён мекунад ва маълум мешавад, ки маншаи онҳо ҳусни маъшуқ будааст. Вале дар байти Ҳофиз ҷавоби равшану ошкоро дида намешавад. Яъне ин мушкилот на аз ишқ, балки аз носозгории замона, аз рӯзгори ноороми давр сарчашма мегирад, ки Ҳофиз ошкоро ба он ишора накардааст, вале пай бурдан душвор нест. Аз ҳамин як байт ҳам умумият ва тафовути фардияти эҷодии Ҳофиз ва Фурӯғиро дарк кардан мумкин аст.

Таъсири эҷодии Ҳофиз ба Фурӯғӣ бо роҳу василаҳои гуногун зуҳур мекунад. Фурӯғӣ аз ғазалҳои Ҳофиз мисрае ё байтеро иқтибос накардааст, вале дар аксари ғазалҳои ӯ образҳои ҳофизона, маъниву мазмунҳои байтҳои ҷудогонаи ашъори Ҳофизро мушоҳида метавон кард. Масалан, дар байти зерини Фурӯғӣ:

Гар мукаррар сухани талх бигӯяд маъшуқ,
Ошиқ он аст, ки ин нукта мусаллам дорад.

таъбиру ифода ва маънии байти зерини Ҳофиз ба назар мерасад:

Гул бихандид, ки аз рост наранҷем, вале
Ҳеҷ ошиқ сухани талх ба маъшука нагуфт.

Ё худ байти зайли Фурӯғӣ:

То ҷавон гардад Фурӯғӣ дар ҷаҳон пиронасар,
Тоза кун аҳди куҳан бо маҳҷабини тозае.

байти машҳури Ҳофизро ба хотир меорад:

Гарчи пирам ту шабе танг дар оғӯшам гир,
То саҳаргаҳ зи канори ту ҷавон бархезам.

Дар девони Фуруғӣ байту порчаҳои шеърие, ки дар онҳо образу мафҳумҳои ҳофизона ва оҳангҳои ғазалиёти ӯ ифода ёфтаанд, фаровон буда, ҳоло танҳо бо зикри чанде аз онҳо иктифо менамоем:

Гуфтан набувад қоидаи ишқ вагарна
Ҳам нуктатирозам ману ҳам қофиягӯям.

Бегона раҳмат овард бар заҳмати дили мо,
Қай он қадар татовул бар ошно тавон кард?

Соқии анҷуман шуд шӯхи шакаркаломе,
К-аз дасти ӯ ба сад ҷон натвон гирифт ҷоме.

Аз мисолҳои зикршуда ҳам пай бурдан душвор нест, ки Фуруғӣ ашъори Ҳофизро хеле амиқ дарк намуда, сарчашмаи эҷодии худ қарор додааст. Зеро пайрави Фуруғӣ ба Ҳофиз зоҳирӣ набуда, танҳо дар доираи назиранависии анъанавӣ аз назар гузарондани он кофӣ нест.

Ҳамин гуна ҳолатро дар пайравии Фуруғӣ ба устоди дигари ғазалсарой — Саъдии Шерозӣ ҳам метавон мушоҳида кард. Дар ҳақиқат, дар байни ғазалиёти Фуруғӣ ва Саъдӣ низ умумияти зиёдеро аз лиҳози мазмуну мундариҷа, образу тасвир, ифодаву ибора ва амсоли инҳо дидан мумкин аст. Вале пеш аз ҳама умумияти ғазалиёти ин ду шоир дар соддагиву равонии услуби нигориши онҳо мебошад.

Дар ғазалиёти Фуруғӣ баъзан маъниву образҳои ҷудогонаи ашъори Саъдӣ ба назар мерасад. Барои мисол байти зерини Фуруғиро гирем:

Шаби гузашта куҷо будай, ки чашмонат
Ҳанӯз масту хароб аз шароби дӯшин аст.

Ҳамоҳангии байти мазкур бо ин байти машҳури Саъдӣ ҳувайдост:

Дӯш, эй писар, май хӯрдай, чашмат гувоҳӣ медиҳад,
Боре ҳарифе ҷӯ, ки ӯ мастур дорад розро.

Дар баъзе ғазалҳои Фурӯғӣ ва байтҳои ҷудогонаи онҳо оҳангу образҳои Ҳофизу Саъдӣ ва хусусиятҳои услубии он ду ғазалсарои бузургро дар омехтагӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин бобат байти зерини яке аз ғазалҳои Фурӯғӣ далели равшшан шуда метавонад:

То домани қиёмат аз сарв нола хезад,
Гардад чаман чамоне он қомати расоро.

Мисраи аввали байти мазкур оҳангу маънӣ ва образи байти зерини яке аз ғазалҳои Саъдиро

Бигзор то бигирьям чун абр дар баҳорон,
Қ-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон

ба хотир меорад. Мисраи дуюми он бошад ба байти зерини Ҳофиз ҳамоҳанг аст:

Дил меравад зи дастам соҳибдилон, худоро,
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро!

Ҳамин тавр, Фурӯғӣ ғазалиёти Ҳофиз ва Саъдиро амиқу ҳарҷониба аз худ намуда дар натиҷаи эҷодкорона омӯхтану истифода бурдани унсурҳои услуби эҷодии онҳо сабки нигориши худро ба вуҷуд овардааст, ки ҳарчанд комилан наву тоза нест, вале бо соддагиву равонӣ аз услубӣ бисьёр шоирони муосиру пешгузаштааш ва, махсусан, аз намояндагони сабки ҳиндӣ фарқ мекунад.

Яке аз хусусиятҳои асосии услуби ғазалиёти Фурӯғӣ бешубҳа соддагиву латофати он аст. Ин соддагӣ ҳам дар мазмуну мундариҷа, образу тасвирҳои бадеъ, ҳам дар услубу тарзи нигориш ва ба иборати дигар аз маъниву матлаб то калимаву оҳанги шеъри ӯ зоҳир гаштааст. Шоир саъй намудааст, ки аз такаллуфоту печдарпечии баён дурӣ ҷуста, маъниву матлабро дар ниҳояти соддагиву равонӣ ифода намояд ва беҳуда нест, ки баъзе ғазалҳои ӯ таронаҳои халқиро ба хотир меоранд:

Маро бо чашми гирьён офариданд,
Туро бо лаъли хандон офариданд.
Ҷаҳонро тирарӯ эҷод карданд,
Туро хуршеди тобон офариданд...
Парешон зулфи ту то ҷамъ гардад,
Дили ҷамъе парешон офариданд.
Фурӯғиро шабе парвона карданд,
Ки он шамъи шабистон офариданд.

Яке аз омилҳои соддагӣ дар ғазалиёти Фурӯғӣ низ риояи таносуби сухан аст, ки он аз шартҳои муҳимми фасоҳату балоғати шеър буда, мутобиқату мувофиқати ҳамаи унсурҳои онро бо ҳам дар бар мегирад. Масалан ғазали болоиро гирем, ки дар он на танҳо мазмуну матлаби соддаи ишқӣ бо образу тасвирҳои ҳаётӣ, калимаву ибораҳои содда, қофияву радифҳои хушоҳанг ва вазну оҳанги равон ифода шудааст, балки тамоми калимаву ибораҳои ҳар байт бо ҳам робитаи зичи маънавӣ низ доранд. Аз ҷумла дар байти охири ғазал тамоми калимаҳои асосӣ аз қабили **парвона, шамъ, шабистон** бо **шаб** алоқаманданд ва ҳатто тахаллуси шоир **Фурӯғӣ** ҳам ки маънии аслиаш рӯшноиву тобиш аст, бо шаб робитаи маънавӣ дорад.

Васила дигаре, ки дар ғазалиёти Фурӯғӣ соддагиро фароҳам меорад, ин бештар истифода бурдани образҳои заминӣ ва моддиву махсусгардонии мафҳумҳои абстрактиву умумӣ ба монанди «чашми уммед», «нахли мурод», «боғи муҳаббат», «мулки хубӣ», «меваи айш», «Қаъбаи мақсуд» мебошад.

Ташбеҳу истиораҳои Фурӯғӣ низ бо соддагиву латофати худ фарқ мекунанд ва аксари онҳо моддиву ҳисшаванда мебошанд:

Дӣ ба раҳаш фикандаам тифли сиришки дидаро,
Дар кафи доя додаам кӯдаки наврасидаро.

* * *

Андӯҳи ту шуд вориди кошонаам имшаб,
Меҳмони азиз омада дар хонаам имшаб.

Маҷмӯае, ки ба мутолиаи хонандагони арҷманд пешкаш мешавад, намунаҳои дилангези ғазалиёти Фурӯғии Бастомиро дар бар гирифта, дар асоси матни девони шоир, ки солҳои 1957, 1963, 1969 бо кӯшиши Мансури Мушфиқ ва Хусейни Нахаъӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст, таҳия шудааст. Дар баъзе мавридҳо барои тасҳеҳи байтҳои ҷудогона чопи сангии девони шоир низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Зимнан ба дӯсти арҷмандам Ғ. Қодиров, ки дар дастрас кардани нашрҳои ҷудогонаи девони шоир мадад расондааст, миннатдории самимӣ изҳор менамоям. Умед аст, ки ин гулчини ғазалиёти Фурӯғии Бастомӣ завқи ҳаводорони шеърро шодоб хоҳад кард.

**МИРЗО МУЛЛОАҲМАД.**

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Қай рафтаӣ зи дил, ки таманно кунам туро?
Қай будаӣ нуҳуфта, ки пайдо кунам туро?
Ғайбат накардаӣ, ки шавам толиби ҳузур,
Пинҳон нагаштаӣ, ки ҳувайдо кунам туро.
Бо сад ҳазор ҷилва бурун омадӣ, ки ман
Бо сад ҳазор дида тамошо кунам туро.
Чашмам ба сад муҷоҳида оинасоз шуд,
То ман ба як мушоҳида шайдо кунам туро.
Болои худ дар оинаи чашми ман бубин
То бохабар зи олами боло кунам туро.
Мастона кош дар ҳарами дайр бигзарӣ
То қиблагоҳи муъмину тарсо кунам туро.
Хоҳам шабе ниқоб зи рӯят барафканам,
Хуршеди Каъба, моҳи калисо кунам туро.
Гар афтад он ду зулфи чалипо ба чанги ман,
Чандин ҳазор силсила дар по кунам туро.
Тӯбиву сидра гар ба қиёмат ба ман диҳанд,
Якҷо фидои қомати раъно кунам туро.
Зебо шавад ба коргаҳи ишқ кори ман,
Ҳар гаҳ назар ба сурати зебо кунам туро.
Расвои оламе шудам аз шӯри ошиқӣ,
Тарсам, худо нахоста, расво кунам туро.
Бо хайли ғамза гар ба висоқам гузар кунӣ,
Мири сипоҳи шоҳи сафоро кунам туро...

* * *

Ҷон ба лаб омаду бӯсид лаби ҷононро,
Талаби бӯсаи ҷонон ба лаб орад ҷонро.
Сари савдозада биспор ба хоки дари дӯст,
Ки аз ин хок тавон ёфт сару сомонро.
Сад ҳазорон дили гумгашта тавон пайдо кард,
Гар шабе шона кунад мӯи абирафшонро.
Зад раҳи ақли маро ҳури биҳиштирӯе,
Ки ба як ишва занад роҳи дусад шайтонро.
Сустаҳде, ки бад-ӯ аҳди муваддат бастам,
Тарсам охир, ки ба сахтӣ шиканад паймонро.
Абри дарьёи ғамаш сели бало меборад,
Ё раб, аз киштии мо дур кун ин тӯфонро.
Ҳайфу сад ҳайф, ки дарьёи дами шамшераш
Ин қадар нест, ки сероб кунад атшонро.[1]
Бо дами новаки дилсӯзи ту осуда дилам,
Хуштар он аст, ки аз дил накашам паймонро.
Айни мақсуд зи чашми ту касе хоҳад ёфт,
Ки занӣ тирашу бархам назанад мижгонро.
Гар сияҳ чашми ту як шаҳр кушад дар мастӣ,
Лаъли ҷонбахши ту аз бӯса диҳад товонро.
Дӯш он турки сипоҳӣ ба Фуруғӣ мегуфт,
Ки мусаххар натавон сохт дили султонро.

---

[1] Атшон — ташна.

* * *

Гар боғбон назар ба гулистон кунад туро,
Бар тахти гул нишонаду султон кунад туро.
Гар субҳдам ба домани гулшан гузар кунӣ,
Дасти насим гул ба сар афшон кунад туро.
Машриқ ҳазор пора кунад ҷайби хештан,
Гар як назар ба чоки гиребон кунад туро.
Эй кош чеҳраи ту саҳар бингарад сипеҳр,
То қиблагоҳи меҳри дурахшон кунад туро.
Даври фалак ба чашми ту таълими сеҳр дод
То чашмбанди мардуми даврон кунад туро.
Чун мори захмхӯрда дил афтад ба печутоб,
Ҳар гаҳ ки ёди турраи печон кунад туро.
Дар ҳеҷ ҳол хотири мо аз ту ҷамъ нест,
Қурбони ҳолате, ки парешон кунад туро.
Бо ҳеҷ кас ба куштани ман машварат макун,
Тарсам, худо накарда, пушаймон кунад туро...
Донад ҳалоки ҷони Фуруғӣ ба дасти кист,
Ҳар кас, ки сайри наргиси фаттон кунар туро.

* * *

Соқиё, камтар май имшаб аз карам додӣ маро,
То саҳар паймона пур кардиву кам додӣ маро.
То шароболуда лаълат гуфт ҳарфе аз кабоб
Рухсате бар сайди мурғони харам додӣ маро.
Шом агар қути равонам додӣ аз хуни ҷигар,
Субҳ ёқути равон аз ҷоми Ҷам додӣ маро.
Дӯш гуфтӣ моҷарои васлу ҳиҷронат ба ман,
Ҳам умеди лутфу ҳам бими ситам додӣ маро.
Дар муҳаббат як нафас осоишам ҳосил нашуд,
К-аз паси ҳар офият чандин алам додӣ маро.
Ман, ки дар аҳдат сари мӯе наварзидам хилоф
Мӯ ба мӯ ноҳақ ба гесӯят қасам додӣ маро.
Ман намедонам, ки дар чашми хуморинат чӣ буд,
К-аз ҳама туркони оҳучашм рам додӣ маро.
То хати сабзи ту сар зад фориғ аз райҳон шудам,
Ҳатти озоде аз ин мушкин рақам додӣ маро.
То ниҳодам гом дар кӯят раво шуд коми ман,
Мунтаҳои ком дар аввал қадам додӣ маро.
То фиканди ҳалқаҳои зулфро дар печу хам
Бар сари ҳар ҳалқае сад печухам додӣ маро.
Гоҳеам дар Каъба овардиву гоҳе дар куништ,
Гаҳ мусулмону гаҳе кофир қалам додӣ маро.
Чун муяссар нест дидори ту дидан ҷуз ба хоб
Пас чаро бедорӣ аз хоби адам додӣ маро?..

* * *

Ёр бепарда камар баст ба расвоии мо,
Мо тамошоии ӯ, халқ тамошоии мо.
Қоматафрохта мерафту ба шӯхӣ мегуфт,
Ки буте чеҳра наяфрӯхт ба зебоии мо.
Ӯ зи мо фориғу мо толиби ӯ дар ҳама ҳол,
Худписандидани ӯ бингару худроии по.
Қатли худро ба дами теғи муҳаббат дидам,
Гӯ адӯ кӯр шав аз ҳасрати биноии мо.
Ҷон биёсуд ба як зарбати қотил моро,
Яъне аз умр ҳамин буд таносоии мо.
Ҳолиё масту харобем зи кайфияти ишқ
Пас аз ин то чӣ расад бар сари савдоии мо.
Ҳар куҷо ҷоми май он кӯдаки хандон бахшад,
Бода гӯ пок бишӯ дафтари доноии мо.
Нақди дунъё ба баҳои лаби соқӣ додем,
То куҷо сарф шавад мояи уқбоии мо.
Шаби мо то ба қиёмат нашавад рӯз, ки ҳаст
Пардаи рӯзи қиёмат шаби танҳоии мо.
Магараш зулфи ту занҷир намояд варна
Дар ҳама шаҳр нагунҷад дили саҳроии мо.
Дил зи васлат натавон канд биҳил то биканад
Сели ҳиҷрони ту буньёди шикебоии мо.
Нотавон чашми ту барбаст Фурӯғиро даст
Варна кай хеста марде ба тавоноии мо.

* * *

Маяфшон ҷаъди анбарфоми худро,
Бубин дилҳои бейороми худро.
Супурдам ҷону бӯсидам даҳонат,
Ба ҳеҷ охир гирифтам коми худро.
Ба дашноме тавон олуда кардан
Лаби ширини дурдошоми худро.
Дилам дар аҳди он зулфу баногӯш
Муборак дид субҳу шоми худро.
Дар оғози муҳаббат кушта гаштам,
Бинозам бахти неканҷоми худро.
Забон аз панди ман, эй хоҷа, барбанд,
Ки бастам гӯши истифҳоми худро.
Зи савдои сари зулфи расояш
Бадал кардам ба куфр исломи худро.
Ман он рӯзе, ки дил бастам ба зулфаш,
Парешон хостам айёми худро.
Ба ишқ аз ман маҷӯ ному нишоне,
Ки гум кардам нишону номи худро.
Фурӯғӣ, сӯхтам, аммо накардам
Зи сар берун хаёли хоми худро.

* * *

Он ки ниҳода дар дилам ҳасрати як назораро,
Бар лаби ман куҷо ниҳад лаъли шаробхорароро.
Риштаи умр пора шуд баски зи дасти ҷаври ӯ
Дӯхтаам ба якдигар синаи пора-порароро.
Куштаи ишқро лабаш дода ҳаёти тозае,
Варна касе наёфтӣ зиндагии дубораро.
Бо ҳама бетараҳҳумӣ боз ба раҳмат омадӣ,
Лахте агар шумурдаме заҳмати бешумораро.
Бурда нигоҳи чашми ӯ аз ҳама нақди ҳушро,
Баста сипоҳи ишқи ӯ бар ҳама роҳи порароро.
З-оҳи шарарфишони ман нарм намешавад дилаш
Оташи ман намекунад чораи санги хорароро.
То нанихӣ вуҷуди худ бар сари кори бандагӣ,
Хоҷаи мо намехарад бандаи ҳеҷкорароро.
Ханҷари хунфишон бикаш он гаҳ истихора кун,
Аз паи қатли ман бубин хубии истихорароро.
Чанд зи дуди оҳи худ шаб ҳама шаб, Фурӯғиё,
Тира кунам рухи фалак, хира кунам ситорароро.

* * *

Гирифт хатти рухи зебои гулъузори маро,
Фиғон, ки даҳр хазон кард навбаҳори маро.
Қашид сурма ба чашму фишонд турра ба рӯ,
Бад-ин баҳона сияҳ кард рӯзгори маро.
Фаришта бандагияшро ба ихтиёр кунад
Парирухе, ки зи каф бурда ихтиёри маро.
Рабуд ҳуши маро чашми ӯ ба сармастӣ,
Ки чашми бад нарасад масти ҳушьёри маро.
Чӣ гуна кори ман аз кор нагзарад шаби ҳаҷр,
Ки туррааш ба худ андохт корубори маро.
Надодааст касе рӯзи бекасӣ ҷуз ғам
Тасаллии дили бесабру беқарори маро.
Гирифтаам ба дурустӣ шиканҷи зулфи буте,
Агар сипеҳр нахоҳад шикаст кори маро.
Азизи ҳар ду ҷаҳон бошӣ, эй муҳаббати дӯст,
Ки хории ту фузун сохт эътибори маро.
Фурӯғӣ, он ки ба ман тавба медиҳад аз ишқ
Худо кунад, ки бубинад ҷамоли ёри маро.

* * *

Эй зулфи ту барҳамзани фарзонагии мо
В-ин силсила сармояи девонагии мо.
Сар бар дами теғи ту ниҳодем ба мардӣ
Қас нест дар ин арса ба мардонагии мо.
Бо мо нашудӣ маҳраму аз халқи ду олам
Савдои ту шуд иллати бегонагии мо.
Он мурғи асирем ба доми ту, ки хӯрданд
Мурғони гулистон ғами бедонагии мо.
Гуфтам, ки касе нест ба бечорагии ман,
Гуфто, ки буте нест ба ҷононагии мо.
Гуфтам, кӣ бувад қотили соҳибназарон? Гуфт:
«Чашме, ки бувад маншаи мастонагии мо».
Олам ҳамаро сӯхт ба як шӯъла, Фурӯғӣ,
Шамъе, ки бувад боиси парвонагии мо.



* * *

Дӣ ба раҳаш фикандаам тифли сиришки дидаро,
Дар кафи доя додаам кӯдаки наврасидаро.
Бахти рамида ром шуд, ваҳшати ман тамом шуд,
Қ-он сари зулф дом шуд пои дили рамидаро.
Аз лаби шаккарини ӯ бӯса ба ҷон харидаам,
З-он ки ҳаловате бувад ҷинси гаронхаридаро.
Гар ба сари ман он парӣ аз сари ноз бигзарад,
Бар сари роҳаш афканам пираҳани даридаро.
Парда зи рух кушодай, доди карашма додай,
Доғи дигар ниҳодай лолаи доғдидаро.
Дил ба нигоҳи аввалин гашт шикори чашми ту
Захм дигар чӣ мезанӣ сайди ба хун тапидаро.
Чашми сиёҳи худ нигар, ҳеҷ надидай агар
Масти каминкушодаро, турки камонкашидаро,
Заҳри аҷал чашидаам, талхии марг дидаам
То зи лабат шунидаам қиссаи ношунидаро.
Ҳеҷ насиби ман нашуд аз даҳанаш, Фурӯғиё,
Чун ба мазоқ биспурам шарбати ночашидаро?

* * *

Аввалам ром намудӣ ба дилоромиҳо,
Охирам сӯхтӣ аз ҳасрати нокомиҳо.
Туву нӯшидани паймонаву хушнудии дил,
Ману хоки дари майхонаву бадномиҳо.
Чашми сармасти ту то соқии ҳушьёрон аст,
Қай тавон даст кашид аз қадаҳошомиҳо.
Қадаме ранҷа кун, эй сарви сумансоқ, ба боғ
То санавбар назанад лофи хушандомиҳо.
Меҳӯрад мурғи дил аз дурии холу хати ту
Ғами бедонагиву ҳасрати бедомиҳо.
Оқибат чашми ман афтод бад-он талъати нек,
Чашми бад дур аз ин нек саранҷомиҳо.
Сарупо оташам аз ишқ, Фурӯғӣ, лекин
Пухтагиҳо натавон кард бад-ин хомиҳо.

* * *

Дўш ба хоб дидаам рўи надидаи туро
В-аз мижа об додаам боғи начидаи туро;
Қатраи хуни тозае аз ту расида бар дилам,
Беҳ, ки ба дида ҷо диҳам тоза расидаи туро.
Бо дили чун кабўтарам унс гирифта чашми ту,
Ром ба худ намудаам бози рамидаи туро.
Ман, ки ба гўши хештан аз ту шунидаам сухан,
Чун шунавам зи дигарон ҳарфи шунидаи туро.
Тиру камони ишқро ҳар ки надида гў бубин,
Пушти хамидаи маро, қадди кашидаи туро.
Қоматам аз хамидагӣ сурати чанг шуд, вале
Чанг наметавон задан зулфи хамидаи туро.
Шом намешавад дигар субҳи касе, ки ҳар саҳар
З-он хами турра бингарад субҳи дамидаи туро.
Хастаи турраи туро чора накард лаъли ту
Муҳра надод хосият мўргазидаи туро.
Эй, ки ба ишқи ў задӣ ханда ба чоки синаам,
Шукри худо, ки дўхтам ҷайби даридаи туро.
Даст макаш ба мўи ў, мот машав ба рўи ў
То накашад ба хуни дил домани дидаи туро.
Боз Фурўғӣ аз дарат рўи талаб куҷо барад?
З-он ки касе намехарад ҳеч харидаи туро.

* * *

Чашми бемори ту шуд боиси бемории мо,
Ба Масеҳо нарасад фикри парастории мо.
То зи бандат шудам озод, гирифтор шудам,
Сахт озодии мо, банд гирифтории мо.
Сари мо бод фидои қадами ишқ, ки дод
Бе ту омезиши мо аз ҳама безории мо.
Баски тан хаставу дил зор шуд аз бори ғамат
Тарсам охир, ки ба гӯшат нарасад зории мо.
Субҳи мо шом шуд аз тирагии бахти сиёҳ.
Оҳ, агар шабрави зулфат накунад ёрии мо.
Дӯш дар хоб лаби нӯши туро бӯсидам,
Хоби мо беҳ бувад аз олами бедории мо.
Бекасӣ бин, ки накардаст ба шабҳои фироқ
Ҳеҷ кас ғайри ғами рӯи ту ғамхории мо.
Дилу дин тобу тавон рафту бирафтам аз даст,
Бар сари кӯи вафо кист ба подории мо?
Гуфтам: «Аз дасти кӣ шуд зор дили аҳли назар?»
Зери лаб гуфт, ки аз дасти дилозории мо.
Ҳушам афзуд, Фурӯғӣ, карами бодафурӯш
Мастии мо чӣ бувад? Мояи ҳушьёрии мо...

* * *

Ошно хоҳӣ гар, эй дил, бо худ он бегонаро,
Аввал аз бегона бояд кард холӣ хонаро.
Ошноиҳои он бегонапарвар бин, ки ман
Меҳӯрам дар ошноӣ ҳасрати бегонаро.
Чашм аз он чашми фусунгар бастан ар номардумист,
Воизи кӯтаҳназар кӯтаҳ кун ин афсонаро.
Гар гурезад ошиқ аз зсхид аҷаб набвад, ки нест
Улфате бо якдигар девонаву фарзонаро.
Қош меомад шабе он шамъ дар кошонаам
То бисӯзонам зи ғайрат шамъи ҳар кошонаро.
Ним ҷав шодӣ дар обу донаи сайёд нест,
Шодмон мурғе, ки гӯяд тарки обу донаро.
То дарун омад ғамаш аз сина берун шуд нафас
Нозам ин меҳмон, ки берун кард соҳибхонаро.
Дурри ашкамро аҷаб набвад, агар лаълаш харид,
Ҷавҳарӣ донад баҳои гавҳари якдонаро.
Ҳаски дорад нисбате бо гардиши чашмони дӯст,
З-он Фурӯғӣ дӯст дорад гардиши паймонаро.

* * *

То лаъли ту бода дода ёронро,
Бас тавба шикаста тавбакоронро.
Хоҳӣ нарасӣ ба ноумедиҳо,
Навмед макун умедворонро.
Сарпанҷаи ишқат аз сари кина
Бар хок нишонда тоҷдоронро.
Раҳмонии хешро чӣ хоҳӣ кард,
Раҳм ар накунӣ гуноҳкоронро.
Чавгони муҳаббати ту дар майдон
Чун гӯй фиканда шаҳсаворонро.
Танҳо на маро ба як назар куштӣ,
Куштӣ ба гуноҳ садҳазоронро.
То бар лаби ҷоми май ниҳодӣ лаб,
Май нашъа фузуд майгусоронро.
Бинмой чу моҳи нав хами абрӯ,
Бикшой даҳони рӯзадоронро.
Ҷамъияти турраи парешонат
Бурдаст қарори бекароронро.
Насрини руху бунафшаи хаттат
Беранг намуда навбаҳоронро.
Оҳи дилу ашки дидаам дорад
Хосияти барқу файзи боронро.
Як умр Фурӯғӣ аз ғамаш ҷон дод
То ёфт мақоми ҷонсупоронро.

* * *

Эй кош ҷон бихоҳад маъшуқи ҷонии мо,
То муддаӣ бимирад аз ҷонфишонии мо.
Гар дар миён набошад пои висоли ҷонон,
Мурдан чӣ фарқ дорад бо зиндагонии мо.
Тарки ҳаёт гуфтем, ком аз лабаш гирифтем,
Алҳақ, ки ҷои рашк аст бар комронии мо.
Савдои ӯ гузидам, ҷинси ғамаш харидам,
Ё раб, зиён мабодо дар безиёнии мо.
Дар олами муҳаббат улфат ба ҳам гирифта
Номеҳрубонии ӯ бо меҳрубонии мо.
Дар айни безабонӣ бо ӯ ба гуфтугӯем
Қайфияти ғарибест дар безабонии мо.
Сад раҳ зи нотавонӣ дар пош уфтодем,
То чашми раҳмат афканд бар нотавонии мо.
То бенишон нагаштем аз вай нишон наҷустем
Ғофил хабар надорад аз бенишонии мо.
Аввал назар даридем пироҳани сабурӣ
Охир шуд ошкоро рози ниҳонии мо.
То васфи сураташро дар нома сабт кардем,
Монданд аҳли дониш пеши маонии мо.
Тадбирҳо намудем дар ошиқӣ, Фуруғӣ,
Қоре наёмад охир аз кордонии мо.

* * *

Сафи мижгони ту бишкаст чунон дилҳоро,
Ки касе нашканад ин гуна сафи аъдоро.
Неши хоре агар аз наҳли ту хоҳам хӯрдан
Қофарам, кофар, агар нӯш кунам хурморо.
Гар ситонад зи сабо гарди раҳатро наргис,
Эй басо нур диҳад дидаи нобиноро.
Бебаҳо ҷинси вафо монд, ҳазорон афсӯс,
Ки надонист касе қимати ин колоро.
Ҳолиё гар қадаҳи бода туро ҳаст, бинӯш,
Ки нахӯрдаст кас имрӯз ғами фардоро.
Қасе аз шамъ дар ин ҷамъ напурсад охир,
К-аз чӣ рӯ сӯхта парвонаи бекарворо...
Селе аз гирьяи ман хост, вале метарсам,
Ки балое расад он сарви соҳиболоро.
Ба ҷуз аз ашк, Фурӯғӣ, ки зи чашми ту фитод,
Қатра дидӣ, ки наёрад ба назар дарьёро.

* * *

Ба як паймона бо соқӣ чунон бастем паймонро,
Ки то ҳастем бишносем аз кофар мусулмонро.
Ба кӯи майфурӯшон бо ҳазорон айб хушнудам,
Ки пӯшидаст хокаш айби ҳар олудадомонро.
Такаббур бо гадоёни дари майхона камтар кун,
Ки ин ҷо мӯр барҳам мезанад тахти Сулаймонро.
Ту ҳам хоҳӣ гиребон чок зад то домани маҳшар,
Агар чун субҳи содиқ бинӣ он чоки гиребонро.
Нахоҳад ҷамъ шуд ҳаргиз парешон ҳоли муштоқон
Магар вақте, ки созад ҷамъ он зулфи парешонро.
Дилу ҷони назарбозон ҳама бар якдигар дӯзад,
Ниҳад чун дар камон абрӯи ҷонон тири мижгонро.
Куҷо хоҳад ниҳодан пои раҳмат бар сари хокам,
Қасе к-аз саркашӣ бар хок резад хуни поконро.
Гар он шоҳид, ки дидам ман бубинад дидаи зоҳид,
Нахуст аз сар гузорад мояи савдои ризвонро.
Ман ар маҳбуби худро мепарастам, дам мазан воиз,
Ки аз куфри муҳаббат авлиё ҷустанд имонро.
Даме, эй кош соқӣ, лаъли он зебо ҷавон гардад,
Ки Хизр аз бехудӣ бар хок резад оби ҳайвонро.
Фурӯғӣ, з-он дилам дар тангнои сина танг ояд,
Ки натвон дошт дар кунҷи қафас мурғи гулистонро.

* * *

То ба мастӣ нарасад бар лаби соқӣ лаби мо,
Барнаёяд зи хароботи муғон матлаби мо.
Ишқ пирест, ки соғар задаем аз кафи ӯ,
Ақл тифлест, ки доно шуда дар мактаби мо.
Тавба аз шурби дамодам натавонем намуд,
Ки ҷуз ин шеваи ширин набувад машраби мо,
Миллате нест ба ҷуз куфри муҳаббат моро
Ҳеҷ кеше натавон ҷуст беҳ аз матлаби мо.
Ё раби мо асаре дар ту надорад варна
Ларза бар арш фитод аз асари «ё раби» мо.
Қас мабодо ба сияҳрӯзии мо дар раҳи ишқ,
Ки ҷуз ин шеваи ширин набувад машраби мо.
Дӣ саҳар дод ба мо ваъдаи дидор, вале
Тарсам аз бахти сиях рӯз нагардад шаби мо.
То назад ишқ ба сархатти саодат моро.
Хидмати ҳазрати маъшуқ нашуд мансаби мо.
Гар раҳи водии мақсуд, Фурӯғӣ, ин аст,
Ланг хоҳад шудан ин ҷо қадами маркаби мо.



* * *

Ҳар чӣ кардам ба раҳи ишқ вафо буд, вафо
В-он чи дидам ба мукофот ҷафо буд ҷафо.
Шарбати ман зи кафи ёр алам буд, алам,
Қисмати ман зи дари дӯст бало буд, бало.
Сиккаи ишқ задан маҳзи ғалат буд, ғалат,
Ошиқи турк шудан айни хато буд, хато.
Бори хубони ситампеша гарон буд, гарон,
Қори ушшоқи ҷигархаста дуо буд, дуо...
Ашки мо нусхаи сад ришта гуҳар буд, гуҳар,
Дарди мо мояи сад гуна даво буд, даво.
Нафси мо аз мадади ишқ қавӣ буд, қавӣ,
Сари мо дар раҳи маъшуқ фидо буд, фидо.
Даъвии пири харобот ба ҳақ буд, ба ҳақ,
Амали шайх муноҷоти риё буд, риё.
Ҳар ки ҷуз меҳри ту андӯхт ҳавас буд, ҳавас,
Он ки ҷуз ишқи ту варзид, ҳаво буд, ҳаво.
Ҳар ситам, к-аз ту кашидем, карам буд, карам,
Ҳар хато, к-аз ту ба мо рафт, ато буд, ато.
Захмкорӣ зи фироқи ту ба ҷон буд, ба ҷон,
Ҷонсупорӣ ба висоли ту ба ҷо буд, ба ҷо.
Дар ҳама умр, Фурӯғӣ, ба талаб буд, талаб,
Дар ҳама ҳол вуҷудаш ба риҷо буд, риҷо.

* * *

Бӯса охир назадам он даҳани нӯшинро,
Лаби Фарҳод набӯсад лаби Ширинро.
Сад ҳазорон дили девона ба занҷир кашам,
Гар ба чанг оварам он силсилаи пурчинро.
Гар шабе ҳалқаи он турраи мушкин гирам,
Мӯбаму арза диҳам ҳоли дили мискинро.
Сим агар бар забари санг надидӣ ҳаргиз,
Бингар он синаи симину дили сангинро.
Раҳ ба сарчашмаи хуршеди ҳақиқат бурдам
То кушудам ба рухаш чашми ҳақиқатбинро.
Қасе аз хоки сари кӯи ту бистар созад,
Ки сараш ҳеҷ надидаст сари болинро.
Гар ба рух ашки маро дар дили шаб роҳ диҳӣ,
Бишканӣ равнақи бозори маҳу парвинро.
Гар ту дар боғ қадам ранҷа кунӣ фасли баҳор,
Барканӣ решаи сарву сùману насринро.
Гар ту дар буткада бо зулфи чу зуннор ой,
Бутпарастон напурсанд бути симинро.
Куфри зулфи ту чунон зад раҳи дину дили ман,
Ки мусулмон натавон гуфт мани techдинро.
Тарсам аз тирагии бахт, Фурӯғӣ, охир,
Гирди хуршед кашӣ доираи мушкинро.

* * *

Дар қимори ишқ охир бохтам дилу динро,
Возадам дар ин бозӣ ақли маслиҳатбинро.
Фасли навбаҳор омад ҷоми Ҷам чӣ меҷӯӣ,
Аз маи кӯҳан пур кун косаи сафолинро.
Он ки дар назарбозӣ айби Кӯҳкан кардӣ,
Қош як назар дидӣ ишваҳои Ширинро.
Боди ғайрат оташ зад дар сарои атторон
То ба чеҳра афшондӣ чини зулфи мушкинро.
Гар зи қадду рухсорат муждае ба боғ оранд,
Боғбон бисӯзонад шохи сарву насринро.
Чун зи тоби май рӯят аз арақ биёлояд,
Осмон бипӯшонад рӯи моҳу парвинро.
Дар камоли хурсандӣ неши ғам тавон хӯрдан,
Гар ба ханда бикшоӣ он ду лаъли нӯшинро.
Гар ту парда аз сурат бар канор бигзорӣ,
Аз миёна барчинӣ нақши Чину Мочинро.
Дафтари Фурӯғӣ шуд пур зи анбари соро
То ба рух рақам кардӣ хатти анбаргинро.

* * *

Пояи умри гаронмоя бар об аст, бар об,
Ҳама ҷо шоҳиди ин нукта ҳубоб аст, ҳубоб.
Бода хӯр, бода, ба бонги наю фатвои ҳаким,
З-он ки дилдарди туро чора шароб аст, шароб.
Бар сари кӯи харобот касе обод аст,
Ки мудом аз маи деринна хароб аст, хароб.
Гар ба теғам назанад, маҳзи гуноҳ аст, гуноҳ
В-ар ба хунам бикашад, айни савоб аст, савоб.
Расми ушшоқи ҷигархаста ниёз аст, ниёз,
Хӯи хубони ситампеша итоб аст, итоб.
Он ки ишқи ту наварзид, ҷамод аст, ҷамод
В-он ки май бо ту нанӯшид, давоб[1] аст, давоб.
То туро аҳли назар ҳеҷ тамошо накунанд,
Хам ба хам зулфи ту бар чеҳра ниқоб аст, ниқоб.
Дар сафолин қадаҳ аз шиша макун май ба даранг,
Ки мадори фалаки сифла шитоб аст, шитоб.
Гар Фурӯғӣ наравад аз сари кӯят чӣ кунад?
Ки мулоқоти рақиби ту азоб аст, азоб.

---

[1] Д а в о б — ҳайвон.

* * *

Андӯҳи ту шуд вориди кошонаам имшаб,
Меҳмони азиз омада дар хонаам имшаб.
Сад шукр худоро, ки нишастаст ба шодӣ,
Ганҷи ғамат андар дили вайронам имшаб.
Ман аз нигаҳи шамъи рухат дида надӯзам
То пок насӯзад пари парвонаам имшаб.
Бикшо лаби афсунгарат, эй шӯхи паричеҳр,
То шайх бидонад зи чӣ афсонаам имшаб.
Тарсам, ки сари кӯи туро сел бигирад,
Эй бехабар аз гирьяи мастонаам имшаб.
Як ҷуръаи он маст кунад ҳар ду ҷаҳонро,
Чизе, ки лабат рехт ба паймонаам имшаб.
Шояд, ки шикорам шавад он мурғи биҳиштӣ,
Гохе шикани дому гаҳе донаам имшаб.
То бар сари ман бигзарад он ёри қадимӣ,
Хоки қадами маҳраму бегонаам имшаб.
Уммед, ки бар хайли ғамаш даст биёбад
Оҳи саҳару тоқати мардонаам имшаб.
Аз ман бигурезед, ки май хӯрдаам имрӯз,
Бо ман манишинед, ки девонаам имшаб.
Беҳосилам аз умри гаронмоя, Фурӯғӣ,
Гар ҷон наравад, дар паи ҷононаам имшаб.

* * *

Дар сина дилат моили ҳар шуълаи оҳест,
Дар сими сафеди ту аҷаб санги сиёҳест.
Ҷон аз сари майдони ту берун натавон бурд,
Қ-аз сафзада мижгони ту ҳар гӯша сипоҳест.
Якбора нашояд зи касе чашм бипӯшӣ,
Қ-осуда дил аз чашми ту гоҳе ба гуноҳест.
Фарьёд, ки дил дар сари савдои ту моро
Андохт ба роҳе, ки бурун аз ҳама роҳест.
Гар шоҳиди дарди дили ошиқ рухи зард аст,
Дар даъвии ишқи ту маро турфа гувоҳест.
Аз хатти ту меҳри кӯҳанам тоза шуд имрӯз
Нозам сари хаттат, ки аҷаб меҳргиёҳест,
Чун хуни маро теғи ту ҳар лаҳза нарезад,
Қ-аз ишқи туам ҳар нафасе тоза гуноҳест.
Ҳаргиз накашам миннати хуршеди фалакро
То бар сари ман сояи каҷ карда кулоҳест.
Дар кӯи касе ишқ фикандаст ба чоҳам,
Қ-аз ҳар тарафаш Юсуфе афтода ба чоҳест.
Андешае аз фитнаи афлок надорад
Онро, ки зи хоки дари майхона паноҳест.
Гӯянд Фурӯғӣ, ки маҳу соли ту чанд аст,
Дар мамлакати ишқ на солеву на моҳест.

* * *

Паёми боди баҳор аз висоли ҷонон аст,
Биёр бода, ки ҳангоми мастии ҷон аст.
Қадам ба кӯчаи девонагӣ бизан чанде,
Ки ақл бар сари бозори ишқ ҳайрон аст.
Вуҷуди одамӣ аз ишқ мерасад ба камол,
Гар ин камол наёбӣ, камоли нуқсон аст.
Бақои ошиқи содиқ зи лаъли маъшуқ аст,
Ҳаёти Хизри паямбар зи оби ҳайвон аст.
Ба ростӣ ҳама кас қадри васл кай донад?
Магар касе, ки ба меҳнатсарои ҳиҷрон аст.
Писанди хотири мушкилписанди ҷонон нест
Вагарна ҷони гаронмоя додан осон аст.
Аҷаб мадор, ки дар айни дард хомӯшам,
Ки дарди ёри паричехра маҳзи дармон аст.
Чароғи чашми ман он рӯи маҷлисафрӯз аст
Таноби умри ман он мӯи анбарафшон аст.
Ба ёди кокули пуртобу зулфи пурчинаш
Дили ман аст, ки ҳам ҷамъу ҳам парешон аст.
Маҳе, ки рози ман аз парда ошкоро кард,
Ҳанӯз сурати ӯ зери парда пинҳон аст...

* * *

Ёр агар ҷилва кунад, додани ҷон ин ҳама нест,
Ишқ агар хайма занад, мулки ҷаҳон ин ҳама нест.
Нуктае ҳаст дар ин парда, ки ошиқ донад,
Варна чашму лабу рухсору даҳон ин ҳама нест.
Магар аз кӯчаи инсоф дарояд Юсуф,
Варна сармояи савдозадагон ин ҳама нест.
Кӯҳкан то ба дил андешаи Ширин дорд,
Гар ба мижгон биканад кӯҳи гарон ин ҳама нест.
Аз дубинӣ бигузар то ба ҳақиқат бинӣ,
Ки миёни ҳараму дайри муғон ин ҳама нест...
Гар ниҳон ишваи чашми ту нагардад пайдо,
Фитнаангезии пайдову ниҳон ин ҳама нест.
Асари шасти ту хуни ҳамаро рехт ба хок,
Варна дар кашмакаши тиру камон ин ҳама нест.
Хеҷ кас раҳ ба миёни ту зи мӯи ту набуд
Бо вуҷуде ки зи мӯ то ба миён ин ҳама нест.
Худ магар рӯзи ҷазо рух бинамоӣ, варна
Ҷилваи ҳуру тамошои ҷинон ин ҳама нест.
Ту надонӣ натавон нақши ту бастан ба гумон
3-он ки дар ҳавсалаи ваҳму гумон ин ҳама нест...
Он чи ман з-он даҳани танг, Фуруғӣ, дидам,
Қай тавон гуфт, ки тақрири забон ин ҳама нест.

* * *

Қатъи назар зи душмани мо кард чашми дӯст,
Дарде, ки доштем, даво кард чашми дӯст.
Дар айни хашм аҳли ҳавасро ба хун кашид,
Коме, ки доштем, раво кард чашми дӯст.
Бар мо назар фиканду зи бегона баргирифт,
Диди, чӣ илтифот баҷо кард чашми дӯст.
Ҷамъе бикушту ҷамъи дигар зинда сохт боз.
Бингар ба як назора чиҳо кард чашми дӯст.
Аз баҳри як нигоҳи балохези хештан
Моро ба сад балия ризо кард чашми дӯст.
Дӯшина дод ваъдаи хунрезиам ба ноз,
Вақти саҳар ба ваъда вафо кард чашми дӯст...
Ташбеҳи худ ба оҳуи дашти Хутан намуд,
Магзар зи ҳақ, ки айни хато кард чашми дӯст...
Ҳар сӯ, Фурӯғӣ, аз паи ошӯби мулки дил
Чандин ҳазор фитна бапо кард чашми дӯст.

* * *

Қоидаи қадди ту фитна ба по кардан аст,
Машъалаи зулфи ту бастану во кардан аст.
Хуррамии саҳни боғ бо ту хиромидан аст,
Фаррухии субҳи ид бо ту сафо кардан аст.
Ҳар кӣ ба ночор кард аз сари кӯят сафар,
Манзилаш аввал қадам рӯ ба қафо кардан аст.
Чун накунад чашми ту чораи дилхастагон,
З-он ки қарори табиб хаста даво кардан аст.
Ишқи ту озод кард аз ҳама қайде маро,
З-он ки сулуки мулук баста раҳо кардан аст.
Ваъдаи қатли маро ҳеҷ накардӣ хилоф,
З-он ки тариқи вафо ваъда вафо кардан аст.
Шояд агар чашми ту мекушадам бехато,
Шеваи турки Хутан айни хато кардан аст.
Бӯса пас аз май бидеҳ, коми дилам ҳай бидеҳ,
З-он ки шиори лабат ком раво кардан аст.
Ман ба дуо кардаам муддаиёнро ҳалок,
З-он ки хавоси дуо дафъи бало кардан аст.
Равшании чашми ман рӯи накӯ дидан аст,
Маслиҳати кори ман кор ба ҷо кардан аст...
Қосиди фархундапай аз дари ҷонон расид,
Ҷони гаронмояро вақти фидо кардан аст...

* * *

Шеваи хушманзарон чехра нишон додан аст,
Пешаи аҳли назар дидану ҷон додан аст.
Чун ба лабаш мерасӣ, ҷон бидеху дам мазан,
Нархи чунин гавҳаре накди равон додан аст.
Хоҳӣ агар васли ёр, аз ғами ҳиҷрон манол,
З-он, ки вусули баҳор тан ба хазон додан аст.
Чашми вай ороста абрӯи пайвастаро,
З-он ки тақозои турк зеби камон додан аст.
Сунбулаш ар мебарад сабру қарорам, чӣ бок
То сифати наргисаш тобу тавон додан аст.
Ёри хароботиям ратли гарон доду гуфт:
«Шуғли хароботиям ратли гарон додан аст».
Дӯш ҳалоки маро хоҷа ба фардо фиканд,
Чун равиши хоҷагӣ банда амон додан аст.
Гар ба ту дил додаам, ҳеҷ маломат макун,
Одати пири кӯхан дил ба ҷавон додан аст...
Нутқи Фурӯғӣ хуш аст бо сухани ишқи дӯст,
Варна адои сухан ранҷи забон додан аст.

* * *

Он ки муродаш туӣ, аз ҳама ҷӯётар аст
В-он ки дар ин ҷустуҷӯст аз ҳама пӯётар аст.
Гар ҳама суратгарон сурати зебо кашанд,
Сурати зебои ту аз ҳама зеботар аст.
Чун ба чаман саф зананд хайли сиҳиқоматон,
Қомати раънои ту аз ҳама раънотар аст.
Сунбули мушкини ту аз ҳама ошуфтатар,
Наргиси шаҳлои ту аз ҳама шаҳлотар аст.
Ҳусни дилорои ту аз ҳама машҳуртар,
Ошиқи расвои ту аз ҳама расвотар аст.
Масти мақомоти шавқ аз ҳама ҳушьёртар,
Пири хароботи ишқ аз ҳама барнотар аст.
Он ки ба меҳроб гуфт аз ҳама мӯъминтарам,
Гар ду-се ҷомаш диҳанд, аз ҳама тарсотар аст.
Бодаи поядагӣ аз кафи соқӣ гирифт,
Он ки ба пои қадаҳ аз ҳама бепотар аст.
Сирри ғами ишқро дар дили андӯҳнок
Ҳар чи ниҳон мекунӣ, аз ҳама пайдотар аст.
Чунки салотин кунанд даъвии болотарӣ,
Рояти султони ишқ аз ҳама болотар аст...
Мурғи чаман дам назад пеши Фурӯғӣ, бале,
Он ки забонаш туӣ, аз ҳама гӯётар аст.

* * *

Бори муҳаббат аз ҳама боре гаронтар аст
В-он кас кашад, ки аз ҳама кас нотавонтар аст.
Дигар зи паҳлавонии Рустам сухан магӯй,
Зеро ки ишқ аз ҳама кас паҳлавонтар аст.
Чун шарҳи иштиёқ диҳад дар ҳузури дӯст,
Бечорае, ки аз ҳама кас безабонтар аст.
Ҳар дил, ки шуд нишонаи он тири дилнишин,
Фардои маҳшар аз ҳама соҳибнишонтар аст.
Ҳар дам ба талхкомии мо ханда мезананд,
Шаккарлабе, ки аз ҳама шириндаҳонтар аст
Монанди мӯй карда танамро ба лоғарӣ,
Фарбеҳ тане, ки аз ҳама лоғармиёнтар аст.
Донӣ, ки ман ба маҷмаи он шамъ кистам?
Парвонае, ки аз ҳама оташ баҷонтар аст.
Қай медиҳад зи меҳр ба дасти ман осмон
Дасти маҳе, ки аз ҳама номеҳрубонтар аст?
Ҳар бӯстон, ки меравад ашки равони ман,
Сарви равонаш аз ҳама сарве равонтар аст...
Ҳар су камин кушода, Фурӯғӣ, ба сайди ман
Тирафкане, ки аз ҳама абрӯкамонтар аст.

* * *

Дилам аз наргиси бемори ту бемортар аст,
Чора кун дарди касе, к-аз ҳама ночортар аст.
Ман бад-ин толеи баргашта чӣ хоҳам кардан,
Ки зи мижгони сиёҳи ту нагунсортар аст?
Гар туаш ваъдаи дидор надодӣ имшаб,
Пас чаро дидаи ман аз ҳама бедортар аст?
Тӯтӣ ар пистаи хандони ту бинад, гӯянд,
Ки зи тунги шакар ин писта шакарбортар аст.
Ҳар гирифтор, ки дар банди ту меболад зор,
Мебаранд ҳасрати сайде, ки гирифтортар аст.
Ба ҳавои ту азизон ҳама хоранд, аммо
Гул ба савдои рухат аз ҳама кас хортар аст.
Гар кашонанд ба як силсила тарроронро,
Турраи пуршиканат аз ҳама таррортар аст.
Гар нишонанд ба як доира айёронро,
Чашми мардумфиканат аз ҳама айёртар аст.
Гар кушоянд бутон дафтари маккориро,
Бути ҳилатгари ман аз ҳама маккортар аст.
Ақл пурсид, ки душвортар аз мурдан чист?
Ишқ фармуд фироқ аз ҳама душвортар аст.
Теша бар сар заду по аз дари Ширин накашид,
Қӯҳкан бар дари ишқ аз ҳама подортар аст.
Дар ҳама шаҳр надидаст касе мастии ман,
З-он ки масти маи ишқ аз ҳама ҳушьёртар аст.
Дӯш он сафзадамижгон ба Фурӯғӣ мегуфт,
Ки дами ханҷари шоҳ аз ҳама хунхортар аст...

* * *

То дидани он моҳи фурӯзанда муҳол аст,
Фирӯзиям аз ахтари фархунда муҳол аст.
То зулфи парокандаи ӯ ҷамъ нагардад,
Ҷамъияти дилҳои пароканда муҳол аст.
То аз ҳама шириндаҳанон чашм напӯшӣ,
Бӯсидани он лаъли шакарханда муҳол аст.
Мушкил, ки ба дастам расад он лаъли гуҳарбор,
Бар дасти гадо гавҳари арзанда муҳол аст.
Гар ишқи ман аз парда аён шуд, аҷабе нест,
Пӯшидани ин оташи сӯзанда муҳоласт.
Ман дар ҳама аҳвол хушам то ту нагӯӣ,
Қ-аз баҳри касе шодии поянда муҳол аст.
Гар хоҷаи мушфиқ бикушад, ё ки бибахшад,
Илло равиши бандагӣ аз банда муҳол аст.
Бишнав, ки дами теша чӣ хуш гуфт ба Фарҳод:
«Рафтан зи сари кӯи вафо зинда муҳол аст».
Кас дар ақибаш қувваи рафтор надорад,
Ҳамроҳии он сарви хироманда муҳол аст.
Огоҳ нашуд ҳеҷ кас аз бозии гардун,
Огоҳӣ аз ин гунбади гарданда муҳол аст...

* * *

Эй фитнаи ҳар давре аз қомати фаттонат,
Ошӯби қиёматро дидем ба давронат.
Як қавм ҷигархунанд аз лаъли майолудат,
Як ҷамъ парешонанд аз зулфи парешонат.
Ҳам ҷораи ҳар неше аз хандаи нӯшинат,
Ҳам роҳати ҳар ҷоне аз ҳуққаи марҷонат.
Ҳам нашъаи ҳар ҷоме аз чашми хуморият,
Ҳам шаккару ҳар коме аз пистаи хандонат.
Кайфияти ҳар мастӣ аз наргиси махмурат,
Печидани ҳар коре аз сунбули печонат.
Фирӯзии ҳар фоле аз талъати фирӯзат,
Тобидани ҳар нуре аз ахтари тобонат.
Сармояи ҳар теғе аз хамшуда абрӯят,
Баргаштани ҳар бахте аз сафзада мижгонат.
Нутқи ҳама гӯё шуд аз ғунчаи хомӯшат,
Рози ҳама пайдо шуд аз ишваи пинҳонат.
То турраи таррорат зад даст ба тарророрӣ,
Дасти ҳама барбастӣ, фарьёд зи дастонат.
То тири туро хӯрдам, парранда шудам, оре,
Парвоз тавон кардан аз новаки парронат.
Саҳл аст ғар аз дастат шуд чок гиребонам,
Тарсам нарасад дастам бар чоки гиребонат...
То чанд Фурӯғиро ҳайратзада мехоҳӣ?
Эй моҳи фурӯғафкан мoти рухи рахшонат.

* * *

Туву он қомате, ки мавзун аст,
Ману ин толеъе, ки Ворун аст.
Туву он туррае, ки мафтул[1] аст,
Ману ин дидае, ки мафтун аст.
Туву он пайкаре, ки матбӯъ аст,
Ману ин хотире, ки маҳзун аст.
Туву он панҷае, ки рангин аст,
Ману ин синае, ки конун аст.
Туву он хандае, ки нӯшин аст,
Ману ин гирьяе, ки қонун аст.
Туву он нихвате, ки беҳад аст,
Ману ин ҳасрате, ки афзун аст.
Туву рӯе, ки ламъаи нур аст,
Ману чашме, ки чашмаи хун аст.
Туву зулфе, ки анбари сорост,
Ману ашке, ки дурру макнун аст.
Ману хуни диле, ки мақсум аст,
Туву лаъли лабе, ки майгун аст.
Ман надонам ғами Фурӯғӣ чист?
Ту напурсӣ, ки хастаам чун аст?

---

[1] Мафтул — тобдор.

* * *

Гар на зулфаш паи шабехун аст,
Пас чаро ҳоли дил дигаргун аст.
Дарди Ширин давои Фарҳод аст,
Ғами Лайлӣ нишоти Маҷнун аст.
Сабр дар чанги шавқ мағлуб аст,
Ақл дар кори ишқ мафтун аст.
Чун нанолам, ки теғ бар фарқ аст,
Чун нагирьям, ки бахт ворун аст.
Хуни ман рехт қотиле, ки ба ҳашр,
Куштааш аз ҳисоб берун аст.
Қисмати ман зи корхонаи ишқ
Доғу дарде, ки аз ҳад афзун аст.
Май ҳаром аст хоса дар рамазон
Ҷуз бар он лаъли лаб, ки майгун сат.
Гар зи дасти ту гирья сар накунам,
Чӣ кунам бо диле, ки пурхун аст.
То Фурӯғӣ ғазалсарои ту шуд,
Соҳиби сад ҳазор мазмун аст.

* * *

Имрӯз надорам ғами фардои қиёмат,
К-афрӯхта рух омаду афрохта қомат.
Дар кӯи вафо чора ба ҷуз додани ҷон нест,
Яъне, ки маҷӯ дар талабаш роҳи саломат,
Тире зи камонхонаи абрӯш нахӯрдам,
То сина накардам ҳадафи тири маломат.
Фархунда мақомест сари кӯи ту, лекин
Аз рашки рақибон набувад ҷои иқомат.
Чун даъвии хун бо ту кунам дар сафи маҳшар,
К-аз масти муарбад натавон хост ғаромат.
То маҳшар агар хоки заминро бишикофанд,
Аз хуни шаҳидони ту ёбанд аломат.
Бо халқаи зуннори сари зулфи ту зоҳид,
Тасбеҳ зи ҳам бигсалад аз дасти надомат.
Ман пайрави шайхе, ки зи хосияти мастӣ
Дар пои хум андохта дастори имомат.
Кайфияти паймона гар ин аст, Фурӯғӣ,
Чун аст сабӯкаш назанад лофи каромат?

* * *

То бар атрофи рухат чаъди чалипое ҳаст,
Ҳар тараф пой ниҳӣ силсила дар пое ҳаст.
Қатли ушшоқи ту холӣ зи тамошое нест,
Ваҳ, ки аз ҳар тарафат турфа тамошое ҳаст.
Баъди куштан тани садчоки маро бояд сӯхт,
Ки ҳанӯз аз ту ба дил боз таманное ҳаст.
Гар ба танг омадӣ аз нолаи дилсӯхтагон,
Теғи хунрезеву бозуи тавоное ҳаст.
Дӣ паи таҷриба аз кӯи ту берун рафтам,
Ба гумоне, ки маро аз ту шикебое ҳаст.
Ҷони ширин зи ғами ишқ ба талхӣ дорам,
Ба умеде, ки туро лаъли шакархое ҳаст.
Лаби ҷонбахши ту гар бӯса ба ҷон бифрӯшад,
Мани савдозадаро ҳам сари савдое ҳаст.
Воиз аз сояи тӯбӣ сухане мегӯяд,
Ғайри қадди ту магар оламӣ болое ҳаст.
Ману савдои ту то домани саҳро барҷост,
Ману андӯҳи ту то ишқи ғамафзое ҳаст
Эй, ки беҷурм хӯрӣ хуни Фурӯғӣ ҳар рӯз,
Ҳеҷ гӯё хабарат нест, ки фардое ҳаст.

* * *

Бар сари роҳи ту афтода саре нест, ки нест,
Хуни ушшоқи ту дар раҳгузаре нест, ки нест.
Ғайрати ишқ аён ҳуҷҷ маро хоҳад рехт,
Қи ниҳон бо ту касеро назаре, нест ки нест.
Ман на танҳо зи сари зулфи ту маҷнунаму бас,
Шӯри он силсила дар ҳеҷ саре нест, ки нест.
На ҳамин лола ба дил доғи ту дорад, эй гул,
Доғи савдои рухат бар ҷигаре нест, ки нест.
Асаре оҳи саҳар дар ту надорад, фарьёд,
Варна оҳи саҳариро асаре нест, ки нест.
Сели ашк ар биканад хонаи мардум на аҷаб,
Қ-аз ғамат гирьякунон чашми таре нест, ки нест.
Ҷуз шаби тираи моро, ки зи пай рӯзе нест,
Паи ҳар шоми сиёҳе саҳаре нест, ки нест.
Чун хиромӣ, ба қафо аз раҳи раҳмат бинигар,
Қ-аз паят дидаи ҳасратнигаре нест, ки нест.
Бехабар шав агар аз дӯст хабар мехоҳӣ,
З-он ки дар бехабариҳо хабаре нест, ки нест.
Тарки сар то накунӣ, пой манеҳ дар раҳи ишқ,
Ки дар ин водии ҳайрат хатаре нест, ки нест.
Мани мискин на ҳамин хоки дараш мебӯсам,
Хокбӯси дари ӯ тоҷваре нест, ки нест.
Қобили бандагии хоҷа нагардид, афсӯс
Варна дар табъи Фурӯғӣ ҳунаре нест, ки нест.

* * *

Гар на хуршеди фалак хокнишини рахи туст,
Пас чаро ҳар саҳар афтода ба ҷавлонгаҳи туст?
Ҳар куҷо мегузарӣ, шӯълаи оҳи дили мост,
Ҳар тараф менигарӣ, ҷилваи рӯи маҳи туст.
Хоки даргоҳи ту сарманзили осудагияст,
Некбахт он сари шӯрида, ки бар даргаҳи туст.
Дида то зулфу занахдони туро Юсуфи дил
Гоҳ дар гӯшаи зиндону гаҳе дар чаҳи туст.
Ҳеҷ аз кори дили ғамзада огоҳӣ нест,
То маро огаҳӣ аз ғамзаи корогаҳи туст.
Қошки хуни маро теғи муҳаббат мерехт,
Бар сари хоки шаҳиде, ки зиёратгаҳи туст.
Ту сиҳӣ сарви хиромон зи куҷо меоӣ?
Ки дилу ҷони Фурӯғӣ ҳама ҷо ҳамраҳи туст.

* * *

Кори ман то ба зулфи ёри ман аст,
Сад ҳазорон гиреҳ ба кори ман аст.
Ҳар кучо рӯзи тирае бинӣ,
Дастпарварди рӯзгори ман аст.
Шодмонӣ ба душман арзонӣ,
То ғами дӯст дӯстдори ман аст.
Носеҳи тирадил чунон донад,
Ки муҳаббат ба ихтиёри ман аст.
Он ки дар ҳеҷ чо карораш нест,
Дили бесабру бекарори ман аст.
Пайи тифлони нӯшлаб гирад,
Тифли ашке, ки дар канори ман аст.
Субҳи маҳшар, ки гуфт воизи шаҳр
Аз паси шом интизори ман аст.
Он қиёмат, ки ошиқон хоҳанд,
Қомати сарви гулузори ман аст.
Маҷлисорои олами маънӣ
Сурати нозанин нигори ман аст.
Ман, Фурӯғӣ, паямбари суханам,
Мӯъҷизам назми обдори ман аст.



* * *

Ғамашро ғайри дил сарманзиле нест,
Вале он ҳам насиби ҳар диле нест.
Қасе ошиқ намебинам, вагарна
Миёни ҷону ҷонон ҳоиле нест.
Қаяш Маҷнуни Лайлӣ метавон гуфт
Қасе, к-афсона дар ҳар маҳфиле нест?
Куҷо гардад қабули хоҷаи мо
Ғуломеро, ки бахти муқбиле нест?
Нишоте хаст дар қурбонгаҳи ишқ,
Ки мақтуле малӯл аз қотиле нест,
Шаробе хӯрдаам аз ҷоми тифлӣ
Ки дар хумхонаи хар комиле нест.
Ман аз бехосилӣ ҳосил гирифтам
В-аз ин хуштар касеро ҳосиле нест.
Сари кӯи адам гаштам, ки он ҷо
Ду оламро вуҷуди қобиле нест.
Шудастам ғарқи дарьёе, ки ҳаргиз
Ғариқашро умеди соҳиле нест.
Ману он сурати зебо, Фурӯғӣ,
Ки ин маънӣ ба ҳар обу гиле нест

* * *

Умре, ки сарфи ишқ нагардад, батолат аст,
Рохе, ки рӯ ба дӯст надорад, залолат аст.
Ман муҷрими муҳаббату дӯзах — фироқи ёр
В-оҳи дарун ба сидқи мақолам далолат аст.
Гирам ба хуни дида нависам рисоларо,
Касро дар он ҳарим чӣ ҳадди рисолат аст?
Дар умри худ ба ҳеҷ қаноат намудаам,
То рӯзиям ба танг даҳонаш ҳаволат аст.
Ком ар ба истимолат[1] аз ӯ метавон гирифт,
Ҳар нолаам аломати сад истимолат аст.
Гар сар ниҳам ба пои ту айни саодат аст
В-ар ҷон кунам фидои ту ҷои хиҷолат аст.
Омад баҳору хотири ман шуд малӯлтар,
Зеро ки боғ бе ту маҳалли малолат аст.
Гуфтам, ки бо ту сурати ҳоле баён кунам,
Дардо, ки ҳоли ишқ бурун аз мақолат аст.
Бархез то ба пой шавад рӯзи растахез
В-онгаҳ бубин шаҳиди ғамат дар чӣ ҳолат аст.
Кай мекунад қабул Фурӯғӣ ба бандагӣ,
Фармондеҳе, ки соҳиби чандин ҷалолат аст.

---

[1] Истимолат — дилҷӯиву муомилаи лутфомез.

* * *

Ахди ҳама бишкастан дар бастани паймонат,
Доман макаш аз дастам, дасти ману домонат.
Ҳасрат хӯрам аз хуне, к-аш рехта шамшерат,
Ғайрат барам аз чоке, к-аш дӯхта паймонат.
Бас чабҳа, ки бар хок аст аз талъати фирӯзат,
Бас чома, ки садчок аст аз чоки гиребонат.
Бас хона, ки вайрон аст аз лашкари бедодат,
Бас дида, ки гирьён аст аз ғунчаи хандонат.
Ҳам хуни ҳариндорон пирояи бозорат,
Ҳам чони талабкорон пиромуни дӯконат.
Аз куштани мазлумон очиз шуда бозуят
В-аз касрати муштоқон танг омада майдонат.
Уммеди назарбозон аз чашми сияҳмастат,
Ташвиқи сахархезон аз чунбиши мижгонат
Дебочаи зебоӣ рухсори дилороят,
Мачмӯаи дилбандӣ гесӯи парешонат.
Хуни ҳама дар мастӣ хӯрдӣ ба забардастӣ,
Дасти ҳама барбастӣ гирди сари дастонат.
Он рӯз қиёматро барпой кунад эзид,
К-ой пайи дилчӯӣ бар хоки шаҳидонат.
Илҳом тавон гуфтан ашъори Фурӯғиро
То чашми вай афтодаст бар лаъли сухандонат.

* * *

Куфри зулфаш раҳзани дин аст, гӯӣ нест? Ҳаст,
Кофарӣ сармояаш ин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То чӣ кард он сунбули навраста дар гулзори ҳусн,
Қ-аш қадам бар фарқи насрин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То ҳавои анбарин мӯяш маро бар сар фитод,
Мӯ ба мӯям анбарогин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Шона то зад чини зулфашро ба ҳамроҳи сабо,
Корвони нофаи Чин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Бо сафи мижгон ба қатли мардуми соҳибназар
Чашми масташ маслиҳатбин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Бо назарбозе, ки ҳаргиз тарки меҳри ӯ накард,
Тарки чашмаш бар сари кин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То зи дастам сар кашид он гулбуни боғи мурод,
Дидаам пурашки рангин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Васли ҷонон қисмати аҳли ҳавас шуд, эй дареғ,
Гул насиби дасти гулчин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Ҳар куҷо, к-аз ишқи ӯ ушшоқ зикре сар кунанд,
Алҳақ, он ҷо ҷои таҳсин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Аз дили хунинам, эй зулфи мусалсал, сар мапеч,
З-он ки аввал нофа хунин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Гар Фурӯғӣ гуфт: «Ман ошиқ наям», бовар макун,
Кӯҳканро шӯри Ширин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.

* * *

Аҳди ҳама бишкастан дар бастани паймонат,
Доман макаш аз дастам, дасти ману домонат.
Ҳасрат хӯрам аз хуне, к-аш рехта шамшерат,
Ғайрат барам аз чоке, к-аш дӯхта паймонат.
Бас ҷабҳа, ки бар хок аст аз талъати фирӯзат,
Бас ҷома, ки садчок аст аз чоки гиребонат.
Бас хона, ки вайрон аст аз лашкари бедодат,
Бас дида, ки гирьён аст аз ғунчаи хандонат.
Ҳам хуни харидорон пирояи бозорат,
Ҳам ҷои талабкорон пиромуни дӯконат.
Аз куштани мазлумон оҷиз шуда бозуят
В-аз касрати муштоқон танг омада майдонат.
Уммеди назарбозон аз чашми сияҳмастат,
Ташвиқи саҳархезон аз ҷунбиши мижгонат
Дебочаи зебоӣ рухсори дилороят,
Маҷмӯаи дилбандӣ гесӯи парешонат.
Хуни ҳама дар мастӣ хӯрдӣ ба забардастӣ,
Дасти ҳама барбастӣ гирди сари дастонат.
Он рӯз қиёматро барпой кунад эзид,
К-ой пайи дилҷӯӣ бар хоки шаҳидонат.
Илҳом тавон гуфтан ашъори Фурӯғиро
То чашми вай афтодаст бар лаъли сухандонат.

* * *

Куфри зулфаш раҳзани дин аст, гӯӣ нест? Ҳаст,
Кофарӣ сармояаш ин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То чӣ кард он сунбули навраста дар гулзори ҳусн,
Қ-аш қадам бар фарқи насрин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То ҳавои анбарин мӯяш маро бар сар фитод,
Мӯ ба мӯям анбарогин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Шона то зад чини зулфашро ба ҳамроҳи сабо,
Корвони нофаи Чин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Бо сафи мижгон ба қатли мардуми соҳибназар
Чашми масташ маслиҳатбин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Бо назарбозе, ки ҳаргиз тарки меҳри ӯ накард,
Тарки чашмаш бар сари кин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
То зи дастам сар кашид он гулбуни боғи мурод,
Дидаам пурашки рангин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Васли ҷонон қисмати аҳли ҳавас шуд, эй дареғ,
Гул насиби дасти гулчин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Ҳар куҷо, к-аз ишқи ӯ ушшоқ зикре сар кунанд,
Алҳақ, он ҷо ҷои таҳсин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Аз дили хунинам, эй зулфи мусалсал, сар мапеч,
З-он ки аввал нофа хунин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.
Гар Фурӯғӣ гуфт: «Ман ошиқ наям», бовар макун,
Кӯҳканро шӯри Ширин аст, гӯӣ нест? Ҳаст.

* * *

Як шаб охир домани охи сахар хоҳам гирифт,
Доди худро з-он махи бедодгар хоҳам гирифт.
Чашми гирьёнро ба тӯфони бало хоҳам супурд,
Нӯги мижгонро ба хуноби ҷигар хоҳам гирифт.
Наърахо хоҳам заду дар баҳру бар хоҳам фитод,
Шӯълахо хоҳам шуду дар хушку тар хоҳам гирифт.
Интиқомамро зи зулфаш мӯ ба мӯ хоҳам кашид,
Орзуямро зи лаълаш сар ба сар хоҳам гирифт.
Ё ба зиндони фироқат бенишон хоҳам шудан,
Ё гиребони висолат бехабар хоҳам гирифт.
Ё баҳори умри ман рӯ бар хазон хоҳад ниҳод,
Ё ниҳоли қомати ӯро ба бар хоҳам гирифт.
Ё ба пояш нақди ҷон бегуфтугӯ хоҳам фишонд,
Ё зи дасташ остин бар чашми тар хоҳам гирифт.
Ё ба ҳоҷат дар бараш дасти талаб хоҳам кушод,
Ё ба ҳуҷҷат аз дараш роҳи сафар хоҳам гирифт.
Ё лабонашро зи лаб ҳамчун шакар хоҳам макид,
Ё миёнашро ба бар ҳамчун камар хоҳам гирифт.
Гар нахохад доди ман имрӯз дод он шоҳи ҳусн,
Доманаш фардо ба назди додгар хоҳам гирифт.
Бар сарам котил агар бори дигар хоҳад гузашт,
Зиндагиро бо дами теғаш зи сар хоҳам гирифт.
Боз агар бар манзараш рӯзе назар ҳоҳам фиканд,
Коми чандинсоларо аз як назар хоҳам гирифт.
Ё сару пои маро дар хоку хун хоҳад кашид,
Ё бару дӯши варо дар симму зар хоҳам гирифт.
Гар Фурӯғӣ, моҳи ман буркаъ зи рӯ хоҳад фиканд,
Сад ҳазорон айб бар шамсу қамар хоҳам гирифт.

* * *

Нахустнағмаи ушшоқи фасли гул ин аст,
Ки доғи лоларухон беҳ зи боғи насрин аст.
Фиғон зи домани боғе, ки боғбон он чо
Ҳамеша чашми умедаш ба дасти гулчин аст.
Супурда марҳами захмам фалак ба дасти маҳе,
Ки соҳиби хатти хушбӯю холи мушкин аст.
Илоҷ нест халос аз каманди ӯ варна,
Зи пой то ба сарам чашми маслиҳатбин аст.
Ба аҳди орази гулгуни ӯ, биҳамдуллаҳ,
Ки кори аҳли назар з-ашки дида рангин аст.
Қасе, ки шахди муҳаббат чашида медонад,
Ки талхӣ аз он лаби нӯшин ба таъми ширин аст,
Асири он хати сабзаш, ки мӯ ба мӯ дом аст,
Ғуломи он сари зулфат, ки сар ба сар чин аст.
Ба ҳар куҷо, ки манам, шуғли ахтарон меҳр аст,
Ба ҳар замин, ки туй, кори осмон кин аст.
Саводи зулфи ту маҷмӯаи шабу рӯз аст,
Нигоҳи чашми ту ғоратгари дилу дин аст.
Қади ту вақти равиш рашки сарву шамшод аст,
Рухи ту зери арақ шарми моҳу парвин аст.
Фурӯғӣ аз сухани дӯст лаб намебандад,
Ки нуқли маҷлиси Фарҳод нақли Ширин аст.

* * *

Биншасту зи рух парда барандохта бархост,
Кори мани дилсӯхтаро сохта бархост.
Мохест чу бо талъати афрӯхта биншаст,
Сарвест чу бо қомати афрохта бархост.
Пайдост зи болидани болои баландаш,
Қ-аз бахри ҳалоки мани дилбохта бархост.
Чашмаш паи хун рехтани мардуми хушьёр
Мастест, ки бо теғи ситам охта бархост.
Афсӯс, ки аз анҷуман он моҳи сиёҳчашм
Моро ҳама нодидаву нашнохта бархост.
Он турки навозанда ба сарҳалқаи ушшоқ
Фарьёд, ки наншаставу нанвохта бархост.
Дар оташи дӯзах наравад сӯхтаҷоне,
К-аз хоки дараш бо тани нагдохта бархост.
То сояи шамшоди ту афтод ба бӯстон,
Бар сарви сиҳӣ дуди дили фохта бархост.
Хандид ба оинаи хуршед Фурӯғӣ,
То сахфаи дил аз ҳама пардохта бархост.

* * *

Шаби ҷудоии ту рӯзи вопасини ман аст,
Ки нола ҳамнафасу гирья ҳамнишини ман аст.
Миёни габру мусулмон аз он сарафрозам.
Ки зулфу рӯи ту оёти куфру дини ман аст.
Ба арсае, ки дароянд хайли сӯхтагон,
Манам, ки доғи ту ороиши ҷабини ман аст.
Фитода то назарам бар камони абрӯи ту
Чӣ дидаҳо, ки зи ҳар гӯша дар камини ман аст.
Аз он замон, ки заминбӯси остони туам,
Сари мулуки ҷаҳон ҷумла бар замини ман аст.
Ба тахтгоҳи муҳаббат ман он Сулаймонам,
Ки исми аъзами ту нақш бар нигини ман аст.
Ман он вуҷуди шарифам, ки дар қаламрави ишқ
Қамина хоки раҳат ҷони нозанини ман аст.
Ба шодии ду ҷаҳонаш наметавон додан
Ғаме, ки аз ту насиби дили ғамини ман аст.
Фурӯғӣ, аз шарафи хоки остонаи дӯст,
Таҷаллии кафи Мӯсо дар остини ман аст.

* * *

Кайфияте, ки дидам аз он чашми ниммаст,
Бо сад ҳазор ҷом наёрад касе ба даст.
Як ҷисми нотавон зи сари роҳи ӯ нахост,
Як сайди нимҷон зи камингоҳи ӯ наҷаст.
Ку он диле, ки наргиси фаттони ӯ набурд?
Ку синае, ки ханҷари миժгони ӯ нахост?
Ҷуз ёди ӯ умед буридам зи ҳар чи буд,
Ҷуз рӯи ӯ канора гирифтам зи ҳар ки ҳаст.
Аз ман дуӣ маҷӯй, ки як бинам аз азал
В-аз ман адаб маҳоҳ, ки сармастам аз аласт.
Миннат худойро, ки зи ҳар сӯ ба рӯи ман
Дар боз шуд зи ҳиммати риндони майпараст.
Бо ман магӯ, ки баҳри чӣ девона гаштаӣ,
Бо он парӣ бигӯй, ки занҷири ман гусаст...
Зулфи гиреҳкушои ту пайванди ман бурид,
Чашми дурусткори ту паймони ман шикаст.
Аз ҷаъди сарбаландии ту як қавм дастгир
В-аз анбарин каманди ту як ҷамъ пойбаст.
Сарви баланди ман ниниҳад по, Фурӯғиё,
Бар фарқи он касе ки нагардад чу хок паст.

* * *

Турки камонкашида ду чашми сиёҳи туст,
Тире, ки бар нишона нишинад, нигоҳи туст.
Имрӯз ҳар тане, ки ба шамшер куштай,
Фардои растахез ба ҷон узрхоҳи туст.
Бар дидааш фаришта кашад аз паи шарар
Хуни касе, ки рехта бар хоки роҳи туст.
Пои ғурур бар сари сайди ҳарам ниҳад
Ҳар охуе, ки қобили нахҷиргоҳи туст.
Бас дил асири зулфу занахдон намудай,
Бас Юсуфи азиз, ки дар банди чоҳи туст.
Шохон ба ҳеҷ ҳила мусаххар накардаанд
Мулке, ки дар тасарруфи хайлу сипохи туст.
Рӯзе, ки саф кашанд халоиқ паи ҳисоб
Ҷурме, ки дар ҳисоб наёяд, гуноҳи туст.
Мастон зи бодаҳои дамодам надидаанд
Қайфияте, ки дар нигаҳи гоҳ-гоҳи туст.
Рахшанда офтоби Фуруғӣ фурӯ равад,
Ҳар ҷо, ки ҷилваи рухи тобанда моҳи туст.

* * *

Пештар з-он ки маҳе ҷилва дар ин маҳфил дошт,
Муҳраи меҳри ту дар ҳуққаи дил манзил дошт.
Ман ҳамин аз назар афтодаи чашмат будам
В-арна сад масъала бо мардуми соҳибдил дошт.
Дӯш бо сарв ҳадиси ғами худ мегуфтам,
Қ-ӯ ҳам аз қадди ту хун дар дилу по дар гил дошт,
Хунбаҳои дилам аз чашми ту натвонам хост,
Ки ба як ғамза дусад ғарқа ба хун бисмил дошт.
Ҳар тане дар талабат лоиқи ҷон додан нест,
Некбахт он ки тани поку дили қобил дошт.
Холи ҳиндуи ту бар оташи ораз шабу рӯз
Паи эҳзори дили сӯхтагон филфил дошт.
Дар раҳи ишқ маро ҳасрати мақтулӣ кушт,
Ки нигоҳе гаҳи куштан ба руҳи қотил дошт.
Сохт фориғ зи ғами рафтаву оянда маро,
Ваҳ, ки соқӣ хабар аз мозиву мустақбил дошт.
Бо ҳама нохушии ишқ Фуруғӣ хуш буд,
Шодком, он ки ғами рӯи туро ҳосил дошт.

* * *

Дӣ дар миёни мастӣ ханҷар кашида бархост
В-аз мо ба ҷуз муҳаббат ҷурме надида бархост.
Чашми сиёҳи масташ оё чӣ дида бошад?
Қ-аз кӯи тирабахтон май ночашида бархост.
Ҳам бар ҳавои бомаш мурғи парида биншаст,
Ҳам бар умеди домаш сайди рамида бархост.
Дӯш аз рухаш насиме бигзашт сӯи гулшан,
Гул аз фарози гулбун бурқаъ дарида бархост.
Ҳар бехабар, ки хандид бар ҳасрати Зулайхо,
Охир зи базми Юсуф кафро бурида бархост.
Сайди дили ҳарисам аз шавқи тири дигар
Аз сайдгоҳи хубон дар хун тапида бархост.
Дӯшина моҳи навро дидам ба рӯи моҳе,
Қ-аз баҳри пойбӯсаш чархи ҳамида бархост.
Ҳар нимшаб, ки кардам ёде аз он баногӯш,
Аз машриқи умедам субҳи дамида бархост.
Ман бар рухаш, Фурӯғӣ, офоқро надидам,
Бархост то зи чашмам, нурам зи дида бархост.

* * *

Қайфияти нигоҳи ту аз ҷом хуштар аст,
Лаъли лабат зи бодаи гулфом ҳуштар аст.
Наззораи рухи ту ба исрор хубтар,
Бӯсидани лаби ту ба ибром хуштар аст.
Гар холи туст донаи мурғони некбахт,
Аз саҳни бӯстон шикани дом хуштар аст.
Ман кофари муҳаббатам, аммо ба ростӣ
Куфри муҳаббати ту зи ислом хуштар аст.
Номӯси мо ба боди фано рафту хушдилам,
Зеро ки нанги ишқи ту аз ном хуштар аст.
Акнун, ки номуродии мо айни коми туст,
Гар хӯ кунем бо дили ноком, хуштар аст.
Худро ба оташи ғами рӯи ту сӯхтем,
Чун рӯзгори сӯхта аз хом хуштар аст.
Мо хушдилем бо ту ба ҳар шому ҳар саҳар,
К-он рӯю мӯ зи ҳар саҳару шом хуштар аст.
Баҳри шаробхораи бӯстони маърифат
Чашмат ҳазорбора зи бодом хуштар аст.
Алҳақ, Фурӯғӣ, аз паи асбоби хушдилӣ
Аз ҳар чӣ ҳаст васли дилором хуштар аст.

* * *

Эмин аз тири нигохи ту дили зоре нест,
Мардумозортар аз чашми ту беморе нест.
Боз дар фикри асирони кӯҳан афтодӣ,
Ба каманди ту магар тоза гирифторе нест?
Кай тавонад, ки ба сар тоҷи сулаймонӣ зад,
Ҳар ки аз лаъли туаш хотами зинҳоре нест?
Ҳаргиз он давлати бедор насибаш нашавад,
Хар киро вакти сахар дидаи бедоре нест.
Домани гавҳари мақсуд ба дасташ нафитад,
Хар киро дар дили шаб чашми гуҳарборе нест.
Қадаме беш намондаст миёни ману дӯст,
Лекин аз заъф маро қуввати рафторе нест.
Эй, ки гуфтӣ ғами дил дар бари дилдор бигӯ,
Худ чӣ гӯям, ки маро қудрати гуфторе нест.
Қошкӣ бори ғамаш бар камари кӯҳ ниҳанд,
То бидонанд, ки сангинтар аз ин боре нест.
Ёр аз парда ҳувайдо шуду ёрон ғофил,
Юсуфе ҳаст дареғо,ҳ ки харидоре нест.
Асаре дар нафаси пири муғон аст, ар не
Субҳаи шайх кам аз ҳалқаи зунноре нест.
Аз лаби соқии сармаст, Фурӯғӣ, моро
Нашъае ҳаст, ки дар хонаи хамморе нест.

* * *

Кай дил аз халқаи он зулфи дуто хоҳад рафт?
Он ки ин ҷо ба каманд аст, куҷо хоҳад рафт?
Ҳаргиз озодӣ аз ин банд нахоҳад ҷустан
Пои ҳар дил, ки дар он зулфи расо хоҳад рафт.
Чеҳраи шоҳиди мақсуд нахоҳад дидан,
Ҳар ки дар ҳалқаи риндон ба хато хоҳад рафт.
Гар бад-ин сон камари ҷавру ҷафо хоҳӣ баст,
Аз миён қондаи меҳру вафо хоҳад рафт...
Гар шабе ваъдаи дидор туро хоҳад дод,
Ҳар саре дар қадами пайки сабо хоҳад рафт.
Дил зи нӯшин даҳанат комраво хоҳад шуд,
Ташнакоме ба лаби оби бақо хоҳад рафт.
Нӯшдорӯи даҳони ту ҳаромаш бодо
Дардманде, ки ба дунболи даво хоҳад рафт.
Ба умеде, ки ба хоки сари кӯи ту расад,
Қолаби хокиям охир ба ҳаво хоҳад рафт.
Ҳама аз хоки дари дӯст ба ҳасрат рафтанд,
То дигар бар сари ушшоқ чиҳо хоҳад рафт?
З-он сари зулфи ба ҳам хӯрда, Фурӯғӣ, пайдост
Ки ба савдои муҳаббат сари мо хоҳад рафт!

* * *

Тӯтӣ вазифахори лаби нӯшханди туст,
Шаккарфурӯши Миср харидори қанди туст.
Дӯзах кинояте зи дили сӯзноки ман,
Ҷаннат ҳикояте зи рухи дилписанди туст.
Бигсехтам дил аз хами гесӯи ҳури айн
То ҳалқи ман ба ҳалқаи мушкин каманди туст.
Тӯбӣ сар аз хиҷолати хеш афканад ба зер,
Ҳар ҷо ҳадиси ҷилваи сарви баланди туст.
Рух барфурӯзу аз назари бад ҳазар макун,
Зеро ки хол бар сари оташ сипанди туст.
Азбаски дар қаламрави хубӣ мусалламӣ,
Чашми замона дар паи дафъи газанди туст.
Ҳар сар сазои арсаи майдони ишқ нест,
Илло саре, ки бар суми раъно саманди туст.
Гуфтӣ зи шаҳрбанди хаёлам бадар марав,
Берун касе нарафт, ки дар шаҳрбанди туст,
Донад чӣ гуна ҷони Фурӯғӣ ба лаб расид,
Ҳар кас, ки дар тариқи талаб дардманди туст.

* * *

Эй тунги шакар тангдил аз танг даҳонат
В-эй сарви чаман по ба гил аз сарви чамонат.
Хурсанд шикоре, ки нишинӣ ба каминаш,
Қурбони ҳаданге, ки раҳо шуд зи камонат.
То ойина аз хӯи худ бохабарат кард,
Худро нигарониву ҷаҳоне нигаронат.
Монанди ту бар рӯи замин нодирае нест,
З-он хонда фалак нодираи даври замонат.
Мӯе, ки бад-он бастагии риштаи ҷонхост,
Дар шаҳр надидем ба ҷуз мӯи миёнат.
Моему саре дар сари савдои муҳаббат,
Он ҳам ба фидои қадами номарасонат.
Гӯянд, ки болот балои тану ҷон аст,
Бар ҷону танам бод балои тану ҷонат.
Он ҷо ки, Фурӯғӣ, ба сухан лаб бикушоӣ,
Тӯтӣ зи чӣ рӯ дам занад аз шарми лабонат.

* * *

Васли ту насиби дили соҳибназаре нест,
Ёқути лабат қисмати хунинҷигаре нест.
Алминатулиллаҳ, ки ба аҳди руху зулфат
Бар гардани ман миннати шому саҳаре нест.
Пайдост зи нолидани мурғони гулистон,
Қ-осуда зи савдои ғамаш ҳеҷ саре нест.
Фарьёд, ки ҷуз ашки шабу оҳи саҳаргоҳ
Андар сафари ишқ маро ҳамсафаре нест.
Дар роҳи хатарноки талаб гум шудам охир,
Зеро ки дар ин варта маро роҳбаре нест.
То он санам омад ба дар аз парда фалак гуфт:
«Алҳақ, ки дар ин парда чунин пардадаре нест».
Гуфтам, ки чӣ дорӣ ба харидории лаълаш?
Ҷуз ашки гаронмоя ба дастам гуҳаре нест.
То худ нашавӣ шона ба зулфаш назанӣ чанг,
Ангушти касе коркушои дигаре нест.
Дар кӯи харобот расидам ба мақоме,
Қ-он ҷо зи каромотфурӯшон асаре нест.
Ҷуз дарди сар аз дурдкашӣ ҳеҷ надидам,
Афсӯс, ки дар бехабарӣ ҳам хабаре нест.
Шарманда шуд охир зи дили танг, Фурӯғӣ,
Пиндошт зи тунги шакараш тангтаре нест.

* * *

Туву он ҳусни диловез, ки тағйираш нест,
Ману ин ишқи ҷунунхез, ки тадбираш нест.
Туву он зулфи саросема, ки сомонаш нест,
Ману ин хоби пароканда, ки таъбираш нест.
Дарде андар дили мо ҳаст, ки дармонаш не,
Оҳе андар лаби мо ҳаст, ки таъсираш нест.
Зирехе нест, ки дар хатти зиреҳсозаш не,
Гирехе нест, ки дар зулфи гиреҳгираш нест.
Лашкаре нест, ки дар сояи мижгонаш не,
Кишваре нест, ки дар қабзаи шамшераш нест.
Кӯ саворе, ки дар ин арса гирифтораш не?
Ку шикоре, ки дар ин бодия нахчираш нест?
Ҳеҷ сар нест, ки савдоии гесӯяш не,
Ҳеҷ дил нест, ки девонаи занҷираш нест.
То дарояд зи камин турки камонабрӯи ман[1],
Синае нест, ки омоҷгаҳи тираш нест.
Хами абрӯи касе хуни маро рехт ба хок,
Ки сари тоҷварон қобили шамшераш нест.
Он чунон каъбаи дилро санаме вайрон сохт,
Ки кас, аз баҳри худо, дар паи таъмираш нест,
Шайх гар шуд ба раҳи зуҳд чунин пиндорад,
Ки касе бохабар аз ҳиллаву тазвираш нест.
Коме аз охуи мақсуд, Фурӯғӣ, набарад,
Ҳар ки дар дашти муҳаббат ҷигари шераш нест.

---

1 Вазни ин мисраъ сакта дорад. Эҳтимол дар асл ин тавр бошад: «То дарояд зи камин турки камонабрӯям».

* * *

Ҳама чо чилваи он соҳиби ваҷҳи ҳасан аст,
Ҳама кас бастаи он зулфи шикан бар шикан аст.
Рухи афрӯхтааш хиҷлати моҳи фалак аст,
Қади афрохтааш ғайрати сарви чаман аст.
Баҳри қурбонии он чашми сияҳ бояд рехт
Хуни ҳар охуи мушкин, ки ба дашти Хутан аст.
Гар наёрад ба назар сими сиришкам, на аҷаб,
З-он ки симинбару симинтану симинзақан аст,
Тарсам охир нанихад по ба сари турбати ман,
Баски дар ҳар қадамаш куштаи хунинкафан аст.
То рақиб аз лаби ӯ комраво шуд, гуфтам:
«Хотами дасти Сулаймон ба кафи Аҳриман аст».
На аз ин беш тавон бо сухани душман сохт,
На маро бо даҳани дӯст маҷоли сухан аст.
Хусрав аз рашки Шакар хун ба дили Ширин кард
То хабар шуд, ки чиҳо дар назари Кӯҳкан аст.
Ҷустам аз хайли араб воқеаи Маҷнунро;
Лайлӣ аз хайма бурун ҷаст, ки маҷнуни ман аст.
Гӯшаи чашми буте зад раҳи дину дили ман,
Нозам ин фитна, ки хам раҳзану ҳам роҳзан аст.
Дар ҳама шаҳр шудам шӯҳра ба ширинсуханӣ,
То лабам бар лаби он хусрави шириндаҳан аст.
Як таҷаллӣ ҳамаро сӯхт, Фурӯғӣ, имшаб,
Магар он шамъи фурӯзанда дар ин анҷуман аст?

* * *

Табиби аҳли дил он чашми мардумозор аст,
Вале дареғ, ки он ҳам ҳамеша бемор аст.
Нигор масти шароб асту муддаӣ ҳушьёр,
Фиғон, ки дӯст ба хоб асту хасм бедор аст.
Чӣ гуна дар ғами ӯ даъвии вафо накунам,
Ки шоҳидам дили маҷрӯҳу чашми хунбор аст.
Ҳанӯз қобили ин файз нестам дар ишқ
В-агарна аз паи қатлам баҳона бисьёр аст.
Паи парастиши худ баргузидаам саname,
Ки зулфи хам ба хамаш ҳалқаҳои зуннор аст.
Нагирам аз сари зулфаш, ба ростӣ чӣ кунам,
Ки рӯзгор парешону кор душвор аст?
Ба ҳеҷ хона наҷустам нишони ҷононро,
Ки ҷонам аз ҳараму дайр ҳар ду безор аст.
Лабаш ба ҷони гароҷмоя бӯса нафрӯшад.
Надонам ин чӣ матоу чӣ гуна бозор аст?
Зи сӯзи нолаи мурғи чаман тавон донист,
Ки дар муҳаббат гул мӯ ба мӯ гирифтор аст.
Фуруғӣ, он рухи рахшанда зери зулфи сиёҳ
Таҷаллии маҳи тобанда дар шаби тор аст.

* * *

З-ин ҳаловатҳо, ки дар кунҷи лаби ширини туст,
Кай аҷал бандад забонеро, ки дар таҳсини туст.
Қомьёб он тан, ки танҳо бо ту дар бистар бихуфт,
Некбахт он сар, ки шабҳо бар сари болини туст.
Ҳар ки дар кавну макон мебинам, эй султони ҳусн,
Бесарусомони ишқу бедилу бедини туст.
Он ки чун тӯмор печидаст дилҳоро ба ҳам
Чини зулфи анбарафшону хати мушкини туст.
Ғолибан ғолиб нагардад бо ту дасти рӯзгор,
З-ин тавоноӣ, ки дар сарпанҷаи симини туст.
Худ магар аз лутф бинвозӣ дили мискини мо
Варна кай ин шиша ҳамсанги дили сангини туст.
Хунбахое аз ту натвон хост, к-аз рӯзи азал
Ишқбозӣ кеши ту, ошиқкушӣ оини туст.
Ҳар балое бар замин нозил шавад аз осмон,
Ҷуз балои мо, ки аз болои ботамкини туст.
Рӯзи мардум тира шуд аз нолаи шабгири мо
В-ин ҳам аз таҳрики тори турраи пурчини туст.
Гар чу мино хун бигирьям, бар ман аз хайрат маханд.
К-ин хам аз кайфияти ҷоми маи рангини туст.
Гар ман аз лабташнагӣ дар ишқ мирам бок нест,
З-он ки оби зиндагӣ дар чашмаи нӯшини туст.
Хоҷа хай чашми иноят аз Фурӯғӣ бармадор,
З-он ки мамлуки қадиму бандаи дерини туст.

* * *

Мову ҳаваси шоҳиду май то нафасе ҳаст,
Кай хуштар аз ин дар ҳама олам ҳавасе ҳаст?
Эй хоҷа, ба ҳуш бош, ки бо он лаби майнӯш
Гар бода ба андоза нанӯшӣ, асасе ҳаст.
Гар марди раҳӣ, бохабар аз нолаи дил бош,
Зеро ки ба ҳар қофила бонги ҷарасе ҳаст.
Ё қофиласолор раҳи Каъба надонист,
Ё он ки ба саҳрои талаб бор басе ҳаст,
Танҳо на ҳамин аспи ман аввалқадам афтод,
Қ-афтода дар ин бодия ҳар сӯ фарасе ҳаст.
Хоҳӣ, ки дилат нашканад аз санги мукофот,
Машкан дили касро, ки дар ин хона касе ҳаст.
Аз дидаи дилсӯхтагон чеҳра мапӯшон,
Эй ойина, ҳуш дор, ки соҳибнафасе ҳаст.
То доди маро аз ту ситамгар нагирифтанд,
Кас ҳеч надонист, ки фарьёдрасе ҳаст.
Мурғи дилам аз боғ ба танг аст, Фурӯғӣ,
То ҳалқаи домеву шикофи қафасе ҳаст.

* * *

Ҳеҷ сар нест, ки бо зулфи ту дар савдо нест,
Ҳеҷ дил нест, ки ин силсилааш дар по нест.
Чун сар аз хок бароранд шаҳидон дар ҳашр,
Бар саре нест, ки аз теғи ту миннатҳо нест.
Метавон ёфтан аз ҳолати чашми сияҳат,
Ки нигоҳи ту нигаҳдори дили шайдо нест.
Ту надонам зи кадомин гилӣ, эй мояи ноз,
З-он ки дар хоки башар ин ҳама истиғно нест.
Дида муставҷиби дидори ҷамолат нашавад,
Зарра шоистаи хуршеди ҷаҳоноро нест.
Пас чаро сарви чаман аз ҳама банд озод аст,
Гар ба ҷон бандаи он сарви сиҳиболо нест.
Гуфтамаш: «Чашми ту, эй дӯст, ҳазорон хун кард».
Гуфт: «Сармастаму з-ин карда маро ҳошо нест».
Ман ба таҳқиқ санамхонаи Чинро дидам,
Санамеро, ки дилам хоста буд, он ҷо нест.
Гоҳ кофар кунадам, гоҳ мусулмон, чӣ кунам,
Ишқи беқоидаро қоидае пайдо нест.
Соғаре хӯрдаам аз бодаи лаъли соқӣ,
Ки маро ҳасрати имрӯзу ғами фардо нест.
Магар он моҳ ба шаҳр аз паи ошӯб омад,
Ки Фурӯғӣ нафасе фориғ аз ин ғавғо нест?

* * *

Он, ки лабаш мояи ҳаловати қанд аст,
Қош бигӯяд, ки нархи бӯса ба чанд аст.
Дӯш асири касе шудам, ки надонам
Турки Самарқанд ё савори Хуҷанд аст.
Аз паи ҷавлон чу бар саманд нишинад,
Чашмаи хуршед бар фарози саманд аст.
Гар шаби васлаш кашад ба рӯзи қиёмат,
Дида ҳанӯз аз шамоилаш гиламанд аст,
Пайкари зебо ба зери ҷомаи дебо
Оташи сӯзанда дар миёни паранд аст.
Ишқи ту то ҳалқае кашид ба гӯшам,
Гӯши маро кай сари шуниданн панд аст.
Гар ба фироқи ту зиндаам, аҷаб нест,
Теғ набуррад саре, ки пеши ту банд аст.
Хол ба рухсораи накӯи ту мегуфт:
«Чораи чашми бади замона сипанд аст».
То сари зулфи ту шуд писанди Фурӯғӣ,
Шеъри баландаш ҳамеша шоҳписанд аст...

* * *

Маро замона дар он остона ҷо додаст,
Чунин мақом касеро бигӯ куҷо додаст?
Хушам ба оҳи дили хаста хоса дар дили шаб,
Ки ин муомиларо ҳам ба ошно додаст.
Ту масти гардиши паймонаӣ, чӣ медонӣ,
Ки даври наргиси соқӣ ба мо чиҳо додаст?
Ба хуни ман санаме панҷаро нигорин сохт,
Ки куштаро зи лаби лаъл хунбаҳо додаст.
Ҷунон зи дард ба ҷон омадам, ки аз раҳмат
Табиби ишқ ба ман муждаи даво додаст.
Ба ташнакомии худ хушдилам, ки Хизри хатташ
Маро навид ба сарчашмаи бақо додаст.
Ба хуни хеш тапидему сахт хурсандем,
Ки он ду лаъл гувоҳӣ ба хуни мо додаст.
Хабар надошт магар аз ҷароҳати дили мо,
Ки зулфи мушкфишон бар кафи сабо додаст.
Хароши синаи соҳибдилон фузунтар шуд,
Тароши хат магар он чеҳраро сафо додаст.
Камоли ҳусн ба Юсуф расид рӯзи азал,
Ҷамоли ваҷҳи ҳусн давлати худодод аст.
Маҳе нишонда ба рӯзи сияҳ Фурӯғиро,
Ки офтоби фурӯзандаро зиё додаст.

* * *

Ман киям? Парвонаи шамъе, ки дар кошона нест,
Хонаамро сӯхт бебоке, ки ӯ дар хона нест.
Дасти ҳимматро кашидам аз сари дуньёву дин,
Ҳар касеро дар талаб ин ҳиммати мардона нест.
Аз паси ранҷе, ки бурдам дар вафо охир маро
Домани ганҷе ба чанг омад, ки дар вайрона нест.
Майгусорон фориғанд аз фитнаи даври замон,
Қас ҳарифи осмон ҷуз гардиши паймона нест.
Субҳаи саддона аз баҳри ҳисоби соғар аст
В-арна як ҷав хосият дар субҳаи саддона нест.
Гирьяи мастона охир укдаам аз дил кушуд,
Хандаи шодӣ ба ғайр аз гирьяи мастона нест.
Накди зоҳид қобили он шоҳиди зебо нашуд,
З-он ки ҳар ҷони муқаддас дархӯри ҷонона нест.
То ғами дилбар даромад, хуррамӣ аз дил бирафт,
З-он ки ҷои ошно сарманзили бегона нест.
Дар ғами он нӯшлаб афсонаи олам шудам
В-ин ғами дигар, ки таъсире дар ин афсона нест.
Гуфтам аз девонагӣ зулфаш бигирам ишқ гуфт:
«Лоиқи ин ҳалқаи занҷир ҳар девона нест».
То Фурӯғӣ, партави он шамъ дар маҳфил фитод,
Ҳеҷ кас аз сӯзи ман огаҳ ба ҷуз парвона нест.

* * *

То тарфи ниқоб аз рухи рахшони ту бархост,
Хуршеди фалак аз паи фармони ту бархост.
То танг даҳонро ба шакарханда кушудӣ,
Тутӣ ба ҳавои шакаристони ту бархост.
Бар афсари шоҳони сарафроз нишинад,
Ҳар нофа, ки аз турраи печони ту бархост.
Доғест, ки дар синаи сад чок нуҳуфтанд,
Ҳар лола, ки аз хоки шаҳидони ту бархост.
Дар кори фурӯбастаи ушшоқ фикананд,
Ҳар ўқда, ки аз зулфи парешони ту бархост.
Сад валвала дар мардуми соҳибназар андохт,
Ҳар фитна, ки аз наргиси фаттони ту бархост.
Бар хок фишонд оби рухи мушки Хутанро,
Ҳар нофе, ки аз турраи печони ту барҳост.
Дар анҷумани бодакашонаш нанишонанд,
Паймонакаше, к-аз сари паймони ту бархост.
То сар зада хуршеди ҷаҳонтоб зи машриқ,
Хуршеди Фурӯғӣ зи гиребони ту бархост.

* * *

Хуштар аз донаи ашкам гуҳаре пайдо нест,
Ҳайфу сад ҳайф, ки аҳли назаре пайдо нест.
Касе аз сирри дили ҷом хабардор нашуд,
Бехабар бош, ки соҳибназаре пайдо нест.
Майфурӯш ар бизанад навбати шоҳӣ шояд,
Ки ба ғайр аз дари майхона даре пайдо нест.
Синаам чок шуду зориби хanҷар пинҳон,
Пардаам пора шуду пардадаре пайдо нест.
Ҷуз таманнои ту дар ҳеч диле махфӣ не,
Ғайри савдои ту дар ҳеҷ саре пайдо нест.
Он қадар дар хами гесӯи ту дил пинҳон аст,
К-аз дили гумшудаи мо асаре пайдо нест.
То хати сабзи ту аз тарфи баногӯш дамид,
Аз паи шоми сиёҳам саҳаре пайдо нест...
Бар сари кӯи ту аз ҳоли дил огоҳ наям,
Дар чаман тоири беболу паре пайдо нест.
Аҷабе нест, ки сархайли назарбозонам,
К-аз ту дар хайли бутон хубтаре пайдо нест.
Магар оҳи ту, Фурӯғӣ, раҳи афлок гирифт,
К-имшаб аз бурҷи саодат қамаре пайдо нест.

* * *

Дил ба ҳасрат зи сари кӯи касе меояд,
Мурғе аз сидра ба кунҷи қафасе меояд.
Шакаре чанд бихоҳ аз лаби шириндаҳанон,
То бидонӣ, ки чиҳо бар магасе меояд.
Дар раҳи ишқ паи нолаи дил бояд рафт,
З-он ки раҳрав ба садои ҷарасе меояд.
Меравам гирьякунон аз сари кӯе, к-он ҷо
Ошиқе меравад-у булҳавасе меояд.
Қардиям маст ба навъе, ки надонам имшаб
Шаҳнае мегузарад ё асасе меояд.
Нафасе бо ту беҳ аз зиндагии ҷовид аст
В-ин муяссар нашавад то нафасе меояд.
Ту ситампеша бар онӣ, ки ситонӣ ҳама умр,
Ман дар андеша, ки фарьёдрасе меояд.
Дар гузаргоҳи ту, эй чашму чароғи ҳама шаҳр,
Дили шаҳре зи паи мултамасе меояд.
Гар на дар роҳи ту гум кард Фурӯғӣ дилро
Пас чаро бар сари ин роҳ басе меояд?

* * *

Ҳар кас, ки бад-он дастрасе дошта бошад,
Бояд, ки ба дил меҳри касе дошта бошад.
З-он бар сари бемори ғамаш по нагузорад,
Тарсад, ки мабодо нафасе дошта бошад.
Дил нолакунон рафт паи маҳмили дилдор,
К-ин қофила бояд ҷарасе дошта бошад.
Гар ёди гулистон накунад, ҳеҷ аҷаб нест
Мурғе, ки ба танҳо қафасе дошта бошад.
Аз улфати бегона бияндеш, ки ҳайф аст,
Домони ту ҳар булҳавасе дошта бошад.
Дар парда қадаҳ нӯш, Фурӯғӣ, ки мабодо
Санге ба каминат асасе дошта бошад.

* * *

Дил дар андешаи он зулфи гиреҳгир афтод,
Оқилон, мужда, ки девона ба занҷир афтод.
Хоҷа, ҳай манъи ман аз бодапарастӣ то кай,
Чӣ кунад банда, ки дар панҷаи тақдир афтод?
Доманашро зи паи шиква гирифтам рӯзе,
Ки забон аз сухану нутқ зи тақрир афтод.
Гуфтам аз масъалаи ишқ нависам шарҳе,
Ҳам зи каф номаву ҳам хома зи таҳрир афтод.
Дилбар омад паи таъмири дили вайронам,
Лекин он вақт, ки ин хона зи таъмир афтод.
Номе аз ҷилваи хуршеди ҷаҳоноро нест,
Гӯиё парда аз он ҳусни ҷаҳонгир афтод,
Парӣ аз шарми ту аз чашми башар пинҳон шуд,
Қамар аз рашки ту аз боми фалак зер афтод.
Дил зи гесӯи ту бигсасту ба абрӯ пайваст,
Қори занҷирии ишқи ту ба шамшер афтод.
Баски бар нолаи дил гӯш надодӣ, охир,
Ҳам дил аз нолаву ҳам нола зи таъсир афтод.
Гуфт зудат кушам он шӯх, Фурӯғиву накушт,
То чӣ кардам, ки чунин кор ба таъхир афтод?

* * *

Ҳар кӣ дар ишқ чу ман оҷизу музтар бошад,
Ҷои раҳм аст бар ӯ гар ҳама кофар бошад.
Қотиле хуни маро рехт, ки мақтулашро
Боз бар сар ҳаваси зарбати дигар бошад.
Гар сабо дам занад аз мушки Хутан айни хатост
Бо димоғе, ки аз он турра муаттар бошад,
Ман надонам, ки лаб аз васфи лабаш барбандам,
Сухани қанд ҳамон беҳ, ки мукаррар бошад.
Мушти хокам зи лаҳад рақскунон бархезад,
Ваъдаи васлаш агар дар сафи маҳшар бошад.
Барканад сели сиришкам зи миён буньёдаш,
Гар миёни ману ӯ садди Сикандар бошад...
Воқиф аз ҳоли парокандадилон донӣ кист?
Дили ҷамъе, ки дар он ҷаъди муанбар бошад.
Гар ту дар маҷлиси фирдавс набошӣ соқӣ,
Май нанӯшам агар аз чашмаи кавсар бошад.
Дар раҳи ишқ агар баста **Фуриғӣ** ин аст,
Ёр бояд, ки ҷафокору ситамгар бошад.

* * *

Оташзадагони ситам об аз ту нахоҳанд,
Дилсӯхтагон ғайри азоб аз ту нахоҳанд,
Фардои қиёмат, ки ҳисоби ҳама хоханд,
Хунинкафанон ҳеҷ ҳисоб аз ту нахоҳанд...
Гар хуни муҳиббон хӯрӣ аз тоби муҳаббат,
Подоши амал дар ҳама боб аз ту нахоҳанд.
Қавме, ки ҷигарсӯхтаи оташи ишқанд,
Шояд, ки ба чуз бодаи ноб аз ту нахоҳанд.
Ҷамъе, ки ба бедорияшон ком надодӣ,
Ҷавр аст, ки як бӯса ба хоб аз ту нахоҳанд.
То чанд зи хуни мижа дар кӯи ту аҳбоб,
Сад нома нависанду ҷавоб аз ту нахоҳанд.
Мардум зи сияҳ чашми ту дар майкадаи ишқ
Мастанд ба ҳадде, ки шароб аз ту нахоҳанд.
Ҳар ҷо, ки бароянд зи ғамат нолаи ушшоқ,
Арбоби тараб чангу рубоб аз ту нахоҳанд.
Алҳақ, ки ғизолони сияҳчашм, Фурӯғӣ,
Ҳайф аст ғазалҳои хушоб аз ту нахоҳанд.

* * *

Эй ба дилҳо зада мижгони ту пайконе чанд,
Миннати новаки дилдӯзи ту бар ҷоне чанд.
Гӯшаи чоки гиребонат агар бикшоӣ,
Бишканӣ равнақи бозори гулистоне чанд.
То буриданд бар андоми ту пироҳани ноз,
Бардариданд зи ҳар гӯша гиребоне чанд.
Ҷамъ кун силсилаи зулфи парешонатро,
То магар ҷамъ кунӣ ҳоли парешоне чанд.
Юсуфи дил, ки шуд аз чоҳи занахдон-т халос,
Аз хами зулфи ту афтод ба зиндоне чанд.
Танг шуд ҷой зи бисьёрии мурғони қафас,
Будӣ, эй кош, маро қуввати афғоне чанд.
Носеҳо, манъи Фурӯғӣ зи муҳаббат то кай?
Гӯ ба он маҳ накунад ишваи пинҳоне чанд.

* * *

Ошӯби шаҳр талъати зебои ӯ бувад,
Занҷири ақл ҷаъди чалипои ӯ бувад.
Мову диле, ки хастаи тири балои ишқ,
Мову саре, ки бар сари савдои ӯ бувад.
Болои ӯ маро ба бало кард мубтало,
Яъне бало натиҷаи болои ӯ бувад.
Бар хоки пои моҳи ман ар сар насуда меҳр,
Пас чорумин сипеҳр чаро ҷои ӯ бувад?
Ҳушьёриаш муҳол бувад рӯзи растахез,
Ҳар кас, ки масти наргиси шаҳлои ӯ бувад.
Рӯзе, ки пора мешавад аз ҳам таноби умр,
Уммеди ман ба зулфи сумансои ӯ бувад.
Ҳар сар сазои афсари заррин намешавад,
Илло саре, ки хоки кафи пои ӯ бувад.
Ҳар ҷо ҳадиси чашмаи кавсар шунидаӣ,
Афсонае зи лаъли шакарҳои ӯ бувад.
Ҳар анҷуман, ки ҷилваи фирдавс дидаӣ,
Дебочае зи рӯи дилорои ӯ бувад.
Донӣ қиёмат аз чӣ надорад сари қиём?
Дар интизори қомати раънои ӯ бувад.
Шуд равшанам зи назми Фурӯғӣ, ки бар фалак
Хуршед як фурӯғ зи симои ӯ бувад.

* * *

Ҳар хами зулфи ту як ҷамъи парешон дорад,
Ваҳ, ки ин силсила сад силсилаҷунбон дорад.
Чанбари зулфи ту гар нест ба гардун ҳамчашм,
Пас чаро гӯи қамар дар хами чавгон дорад?
Сири нолидани мурғони қафас кай донад,
Он ки аз хона раҳе то ба гулистон дорад?
Шуд чаман анҷуман аз бӯи хушаш пиндорӣ,
Ки суман дар бағалу гул ба гиребон дорад.
Бо вуҷуде, ки рух аз парда надодаст нишон,
Як ҷаҳон волаву як тоифа ҳайрон дорад.
Баски аз улфати ушшоқ ба худ печидаст,
Бар сари сарви сиҳӣ сунбули печон дорад.
Қош Яъқуб бидидӣ рухи ӯ то гуфтӣ:
«Фарқҳо Юсуфи ман то маҳи Канъон дорад».
То нарафтам зи дари дӯст нашуд маълумам,
Ки сари кӯи талаб ин ҳама ҳирмон дорад.
Ташналаб кушт маро шоҳиди ширинкоре,
Ки лабаш мушк зи сарчашмаи ҳайвон дорад.
Дӯстро сабр дигар ҳаст, Фурӯғӣ, варна
Бӯстон ҳам сумону сунбулу райҳон дорад.

* * *

Ҳар гаҳ, ки новаке зи камонат камона кард,
Аввал шикофи синаи моро нишона кард.
Дасте, ки бар миёни висоли ту мезадам.
Теғи фироқ мунқатеъаш[1] аз миёна кард.
То чашмам уфтод ба шоҳини зулфи ту,
Анқои ишқ бар сари ман ошьёна кард.
Сели ғамат фитод ба фикри харобиям,
Чандон ки дар харобаи ман ҷуғд хона кард.
Дар нофи оҳувони Хито нофа гашт хун,
То ҷаъди мушкбӯи туро бод шона кард.
Ҳар сар хабар зи сирри муҳаббат куҷо шавад,
Илло саре, ки саҷдаи он остона кард.
Танҳо на ман асири хату холи ӯ шудам,
Бас мурғи дил, ки сайд бад-ин дому дона кард.
Теғи ситам кашида ба сарвақти ман расид,
Алҳақ, ки дар ҳақам карами бекарона кард.
Гуфтам мағар зи бода ба доман нишонамаш,
Бархост аз миёнаву мастӣ баҳона кард.
Миннат худойро, ки шароби сабӯҳият
Фориғ зи вирди субҳу дуои шабона кард.
Бемеҳрӣ аз ту дид Фурӯғӣ, вале мудом
Фарьёд аз осмону фиғон аз замона кард.

---

[1] Мунқатеъ — буридан.

* * *

Ғуломи он назарбозам, ки хотир бо яке дорад,
На мамлуке, ки ҳар соат назар бо молике дорад...
Ҳадиси бурдбориро бипурс аз ошиқи содиқ,
Ки бар дил ҳасрати бисьёру тоқат андаке дорад.
Дам аз дониш мазан бо донаи холи накӯруён,
Ки аз ҳар ҳалқа доми ишқ мурғи зираке дорад.
Ба ҳурмат бӯса бояд дод хоки сайдгоҳеро,
Ки сайёдаш ҳазорон бисмил аз ҳар новаке дорад.
Фақеҳу чашмаи кавсар, ману лаъли лаби соқӣ,
Ба қадри хештан ҳар кас ки бинӣ мадраке дорад.
Ҳавои дил инонам мекашад ҳар дам намедонӣ,
Ки аз ҳар гӯша сайдафкан савори хонагӣ дорад.
Яқин шуд ҷонсупориҳои ман бар хеш ин гуна
Ҳанӯз он сурати зебо дар ин маънӣ шаке дорад.
Фурӯғиро ба ҷуз мурдан иloҷе нест дур аз ӯ,
Ки доғи андаруни сӯзеву дарди муҳлике дорад.

* * *

Гар на он зулфи сияҳ қасди шабехун дорад,
Пас чаро дил ҳама шаб ҳоли дигаргун дорад?
Ману наззораи боғе, ки баҳорон он ҷо
Хокро хуни шаҳидони ту ғулгун дорад.
Мани девонаву зулфи ту гирифтан ҳайҳот,
З-он ки ин силсила сад силсила Маҷнун дорад.
Дархӯри хуррамии ҳар ду ҷаҳон донӣ кист?
Он ки аз дасти ғамат хотири маҳзун дорад.
Гарчи хубон ба ситам шӯҳраи шаҳранд, аммо
Дили сангини ту кин аз ҳама афзун дорад.
Метавон ёфт зи хунбории чашми мардум,
Ки лаби лаъли ту дилҳои ҷигархун дорад.
Дар вуҷуде, ки туӣ, кай раҳи саҳро гирад?
Дар даруне, ки туӣ, кай сари берун дорад?
Ҳар куҷо ҷилваи болои ту бошад ба миён,
Ростӣ сарв куҷо қомати мавзун дорад,
Нэ ҳамин фитнаи чашми ту, Фуруғӣ, танҳост,
Чашми фаттони ту як тоифа мафтун дорад.

* * *

Гар ба Чин бӯе аз он сунбули мушкин оранд,
Ивази нофа ҳаме хуни дил аз Чин оранд.
Ҳама эҷоди бутон баҳри ҳамин кард худо,
К-аз сари зулфи дуто чин ба сари чин оранд.
Кӯҳкан зинда нахоҳад шудан аз нафхаи сур,
Магараш муждаи васл аз бари Ширин оранд.
Гар ту зебо санам аз Қаъба дарой дар дайр,
Қофарон баҳри нисорат бути симин оранд.
Дардмандон ҳама дар бистари ҳасрат мурданд,
Ба умеде, ки туро бар сари болин оранд.
Парда з-оинаи рухсор худоро бардор,
То балоҳо ба сари воизи худбин оранд.
Шаб, ки рӯи ту арақрез шавад аз маи ноб,
Қай тавонанд мисол аз маҳу парвин оранд.
Гар паёми ту биёранд аз он беҳ, ки маро
Муждаи сарву гулу савсану насрин оранд.
Ҳар куҷо тоза кунанд аҳли ҳавас базми нишот
Ишқбозони ту ёд аз ғами дерин оранд.
Рухи зардам нашавад сурх, Фурӯғӣ, аз ишқ
Магар он дам зи хум бодаи рангин оранд.

* * *

Ташнагони ситамат зиндагӣ аз сар гиранд,
Коме аз теғи ту гар навбати дигар гиранд,
Бар сари хоки шаҳидон қадаме нех, ки мабод
Домани поки ту дар домани маҳшар гиранд.
Подшоҳон сари роҳи ту гирифтанд ба аҷз
Чун фақирон, ки гузаргоҳи тавонгар гиранд.
Хоки соҳибназаронро шавад аз давлати ишқ
Гар замоне сари симини ту дар бар гиранд.
Ташнакомони раҳи ишқ куҷо рӯзи ҷазо
Ивази лаъли ту сарчашмаи кавсар гиранд.
Парда баргир зи рухсора, ки мардум камтар
Остин аз ғами дил бар мижаи тар гиранд.
Лаби ширин ба шакарханда агар бикшоӣ,
Корро тангдилон танг ба шаккар гиранд.
Чораи дарди маҷонин муҳаббат набувад,
Магар он силсилаи ҷаъди муанбар гиранд.
Боғбонон агар он оразӣ рангин бинанд,
Хорро бо гули хушранг баробар гиранд,
Охир аз хасмии он шӯх Фурӯғӣ тарсам,
Додхоҳон ба тазаллум[1] дари довар гиранд.

---

[1] Т а з а л л у м — шикоят, додхоҳӣ.

* * *

Он ки як зарра ғамат дар дили пурғам дорад,
Агар инсоф диҳад, айши ду олам дорад.
Дида бо қадди ту кай сояи тӯбӣ ҷӯяд,
Сина бо доғи ту кай хоҳиши марҳам дорад.
Қамубеш он ки ба ду чашм тараҳҳум дорӣ,
Ҳаргиз андеша на аз бешу на аз кам дорад,
Оқиле, к-аз шикани зулфи ту девона шавад,
Сари ин силсила бояст, ки маҳкам дорад.
Он ки ком аз лаби ширини ту хоҳад, бояд
Нешро бар қадаҳи нӯш муқаддам дорад.
Мани савдозада ҷамъам зи парешонии дил,
К-ин парешонӣ аз он турраи парчам дорад.
Шокирам шокир агар заҳри паёпай бахшад,
Хушдилам хушдил агар неш дамодам дорад.
Гар мукаррар сухани талх бигӯяд маъшуқ,
Ошиқ он аст, ки ин нукта мусаллам дорад.
Ё раб, аз ҳеҷ ғаме хотират озурда мабод,
Ки Фуруғӣ зи ғамат хотири хуррам дорад.

* * *

Дар пои ту то зулфи чалипои ту афтод,
Бас дил, ки аз ин силсила дар пои ту афтод.
Танҳо на ман афтодаи сарпанҷаи ишқам,
Бас тан, ки зи бозӯи тавонои ту афтод.
Ҳаргиз нашавад муштарии Юсуфи Мисрӣ
Шӯридасаре, к-аз паи савдои ту афтод.
Дар дидаи ушшоқ на кам з-оби ҳаёт аст
Хоке, ки бар он сояи болои ту афтод.
Осуда шуд аз шӯриши саҳрои қиёмат,
Ҳар дида, ки бар сурати зебои ту афтод,
Огоҳ шуд аз маънии ҳайронии ушшоқ,
Ҳар дида ,ки бар сурати зебои ту афтод,
Ҳар дил, ки хабардор шуд аз айши ду олам
Дар фикри харидории ғамҳои ту афтод.
Аз домани шириндаҳанон даст кашидам
То бар сари ман шӯри таманнои ту афтод,
Хуршед фитод аз назари поки Фурӯғӣ
То парда зи рухсори дилорои ту афтод.

* * *

Бар дӯши ту то зулфи зирехпӯши ту афтод,
Бори дили олам ҳама бар дӯши ту афтод.
Тори сари зулфат зи гаронбории дилҳо
Сад бор саросема дар оғӯши ту афтод.
Як силсила девонаи он ҳалқаи зулфанд,
Қ-аз баҳри чӣ бар тарфи баногӯши ту афтод.
Он дил, ки набудаст касе ҷуз ту ба ёдаш,
Фарьёд, ки якбора фаромӯши ту афтод.
Осуда ҳарифе, ки зи минои муҳаббат,
То рӯзи ҷазо май заду мадҳуши ту афтод.
То шоми қиёмат накашад миннати хуршед,
Ҳар дида, ки бар субҳи баногӯши ту афтод.
Он нуқта, ки пироями паргори вуҷуд аст,
Холест, ки бар кунҷи лаби нӯши ту афтод.
Аз чашми тарам ҷӯш занад хун дамодам,
То дар ҷигарам хори чигарҷӯши ту афтод.
Якбора назар баст зи сарчашмаи кавсар
Ҳар чашм, ки бар лаъли қадаҳнӯши ту афтод.
Хун мечакад аз гулбуни ашъори Фурӯғӣ
То дар талаби ғунчаи хомӯши ту афтод.

* * *

То хайли ғамаш дар дили ношоди ман омад,
Ҳар ҷо ки диле буд, ба имдоди ман омад.
Савдои сари зулфи камандафкани соқӣ
Селест, ки дар кандани буньёди ман омад.
Ҳар сел, ки бархост зи кӯхсори муҳаббат,
Аввал ба дари хонаи ободи ман омад.
Ҳар ҷо ки баён кард касе қиссаи Юсуф,
Ҳоли дили гумгаштаи худ ёди ман омад.
Ҳар шаб, ки фалак з-он маҳи бемехр сухан гуфт,
Як шаҳр ба фарьёд зи фарьёди ман омад!
Зулфаш ба адам гар кашадам ҳеҷ ғаме нест,
К-ин силсила сармояи эҷоди ман омад,
Аз чангули шоҳини аҷал бок надорад,
Ҳар сайд, ки дар панҷаи сайёди ман омад,
Пайдост, ки аз оби бақо Хизр надидаст
Он файз, ки аз ханҷари ҷаллоди ман омад.
Фарьёд, ки дод аз ситамаш менатавон зад
Бедодгаре, к-аз паи бедоди ман омад,
Як одами оқил натавон ёфт, Фурӯғӣ
Шаҳре, ки дар он шӯхи паризоди ман омад.

* * *

Бутон ба мамлакати ҳусн подшоҳонанд,
Вале дареғ, ки бадхоҳи некхоҳонанд.
Зи асл парвариши рӯҳ медиҳанд ин қавм,
Вале зи фуркат ҷонсӯзи ҷисмкоҳонанд.
Ба ҷои шир зи бас хӯрдаанд хуни ҷигар
Ҳанӯз ташналаби хуни бегуноҳонанд,
Кучо камони саломат зи арсае мороcт,
Ки дар камин зи чапу рост кaҷкулоҳонанд.
Ба тоқи он ҳами абрӯ шикастагӣ марасад.
Ки дар паноҳаш пайваста бепаноҳонанд.
Гарат зи теғ кушад ғамзааш гувоҳ маҳоҳ,
Ки куштагони раҳи ишқ бегувоҳонанд.
Фурӯғӣ, аз паи хубони моҳрӯй марав,
Ки сарбасар ҳама бемеҳру дилсиёҳонанд.

* * *

То ба дил хӯрдаам аз ишқи гуле хоре чанд,
Боз гардида ба рӯям дари гулзоре чанд.
Дасти ҳиммат ба сари зулфи баланде задаам,
Ки ба ҳар тори вай афтода гирифторе чанд.
То маро дида бар он наргиси бемор афтод,
Ҳар сари мӯ шудам омодаи озоре чанд
Масти хоби саҳар аз баҳри ҳамин шуд чашмаш,
Ки ба гӯшаш нарасад нолаи бедоре чанд.
Эй, ки ҳар гӯша масеҳонафасе хастаи туст,
Чанд ғафлат кунӣ аз ҳолати беморе чанд.
Беҳтар он аст, ки аз дарди ту биспорам ҷон,
Ки ба ҷон омадам аз ранҷи парасторе чанд.
Пас чаро дар талаби кори ман аз кор гузашт,
Гар на ҳар узви маро бо ту бувад коре чанд?
Оҳ агар бар сари савдои ту суде накунам,
З-он ки расво шудаам бар сари бозоре чанд.
Масту ҳушьёр надидаст касе ҷуз чашмат,
Хоса, вақте ки шавад раҳзани ҳушьёре чанд.
Қас ба сарманзили мақсуд, Фурӯғӣ, нарасад
То наяфтад зи паи қофиласоломе чанд.

* * *

Қасе зи фитнаи охирзамон хабар дорад,
Ки зулфу кокулу чашми ту дар назар дорад.
На дида аз рухи хуби ту метавон бардошт,
На оҳи сӯхтагон дар дилат асар дорад.
На дил зи турраи ҳам бар ҳамат тавон барканд,
На шоми тираи ҳиҷрон зи пай саҳар дорад.
Зи сеҳри наргиси ҷодуи ту аёнам шуд,
Ки фитнаҳои ниҳонӣ ба зери сар дорад.
Ҳазор нашъа фузун дидаам зи ҳар чашме,
Вале нигоҳи ту кайфияти дигар дорад.
Зи абрувони ту пайваста метапад дили ман,
Ки аз мижа ба камон тир коргар дорад.
Ҳадиси сӯхтагонат ба лола бояд гуфт,
Қ-аз оташи ситамат доғ бар ҷигар дорад.
Саре ба олами ишқат қадам тавонад зад,
Ки пеши теғи бало синаро сипар дорад.
Ба рағми ғайр макуш дам ба дам Фурӯғиро,
Ки меҳрат аз ҳама офоқ бештар дорад.

* * *

Ҷаҳони ишқ надонам чӣ зери сар дорад,
Ки зери ҳар қадаме як ҷаҳон хатар дорад.
Дарида то нашавад пардаат намедонӣ,
Ки ҳусни парданишинон пардадор дорад.
Зи рӯю мӯи бутон метавон яқин кардан,
Ки шоми аҳли муҳаббат зи пай саҳар дорад.
Баҳои бӯсаи ӯ нақди ҷон дареғ макун,
Ки ин муомала нафъ аз паи зарар дорад,
Гадо чӣ гуна кунад саҷда остонеро,
Ки бар замин сари шоҳони тоҷвар дорад.
Асири банди саворе шудам зи бахти баланд,
Ки дар каманд асирони мӯътабар дорад.
Фитода бар лаби майгуни шоҳиде назарам,
Ки хуни ноҳақи ушшоқ дар назар дорад,
Чӣ сон ҳавои ту аз сар ба дар тавонам кард,
Ки бо ту ҳар сари мӯям сари дигар дорад.
Ба мулки меҳру вафо комхушку чашмтар аст,
Вазифае, ки Фирӯғӣ зи хушку тар дорад.

* * *

Додани бода ҳаром аст ба нодоне чанд,
Қ-оби ҳайвон натавон дод ба ҳайвоне чанд.
Гузар афтод ба ҳар ҳалқаи ғам давронро,
Магар он ҳалқа, ки соқӣ зада давроне чанд.
Хуни дил чанд хӯрӣ з-ин фалаки миной,
Соғаре чанд бизан бо лаби хандоне чанд.
Эмин аз фитнаи ин гунбади мино манишин,
Хезу бо даври қадаҳ тоза кун имоне чанд.
Роҳ дар ҳалқаи паймонакашонат надиҳанд
То набошад ба кафаш номаи исьёне чанд.
Қарами хоча ба ҳар банда мушаххас нашавад,
То нбошад ба кафаш номаи исьёне чанд.
Пои Маҷнун ба дари хаймаи Лайлӣ нарасад
То ба сар тай накунад роҳи биёбоне чанд.
Ташна шав, то бихӯрӣ шарбат аз он чашмаи нӯш,
Хаста шав, то бибарӣ лаззати дармоне чанд.
Қиссаи Юсуфи афтода ба чаҳ-донӣ чист,
Гар фитад роҳи ту дар чоҳи занахдоне чанд.
То дар оина тамошои ҷамолат накунӣ,
Қай шавӣ бохабар аз ҳолати ҳайроне чанд.
Бар сари зулфи ту девона дилам танҳо нест,
Ки дар ин силсила ҷамъанд парешоне чанд.
Ба таманнои ту, эй сарви хиромон, то кай
Сари ҳар кӯча занам даст ба домоне чанд?
Тарсам аз чашми мусулмонкуши кофаркешат
Бар дари шоҳ Фуруғӣ кашад афғоне чанд...

* * *

Чун дами теғи ту қасди ҷонситонӣ мекунад,
Бори сар бар дӯши ҷонон з-он гаронӣ мекунад.
Чашми бемори туро нозам, ки бо соҳибдилон
Даъвии зӯроварӣ дар нотавонӣ мекунад.
Ман ғуломи он назарбозам, ки бо манзури худ
Шарҳи ҳоли хешро дар безабонӣ мекунад.
Ҳолате дар боғи ӯ дорам, ки бо ман ҳар саҳар
Булбули дастонсаро ҳамдостонӣ мекунад.
Чун нанолад мурғи мискине, ки ӯро додаанд
Домани боғе, ки гулчин боғбонӣ мекунад.
Ман куҷову базми он шоҳаншаҳи иқлими ҳусн,
Саъва бо шаҳбоз кай ҳамошьёнӣ мекунад?
Гар на боди субҳдам дар гулшани ӯ ҷуста роҳ
Барқи оҳам пас чаро оташфишонӣ мекунад,
Соқиё, май деҳ, ки охир гунбади нилуфарӣ
Арғувонӣ ранги моро заъфаронӣ мекунад,
Офият хоҳӣ, заминбӯси дари майхона бош,
З-он ки май дафъи балои осмонӣ мекунад.
Раҳраве аз каъбаи мақсуд меҷӯяд нишон,
К-ӯ ватан дар кӯи беному нишоне мекунад.
Ошиқи содиқ, Фурӯғӣ, бар сари савдои ишқ
Нақди ҷонро кай дареғ аз ёри ҷонӣ мекунад.

* * *

Лаби паймона агар бар лаби ҷонона набуд,
Бӯсагоҳи лаби риндон лаби паймона набуд.
Гӯшаи чашмаш агар нашъа надодӣ майро,
Як ҷаҳон маст ба хар гӯшаи майхона набуд.
Мояи мастии мо бода набудӣ ҳаргиз,
Соқии базм агар он наргиси мастона набуд.
Баъди чанде, ки шудам дохили кошонаи дӯст,
Он ҳам аз душмании чарх ба кошона набуд.
Ошнои ҳараме будаам аз ҷазбаи ишқ,
Ки дар он ҷо гузари маҳраму бегона набуд.
Аз паи мақсади дил дар ҳама олам гаштем,
Ганҷи мақсуд дар ин олами вайрона набуд.
Ман ба ҳар кишваре аз ишқ набудам расво,
Гар ба ҳар маҷлисе аз ҳусни ту афсона набуд.
Партави рӯи ту оташ ба дилам зад вақте,
Ки ба перомуни шамъ ин ҳама парвона набуд.
То сари зулфи ту шуд силсилаҷунбони ҷунун,
Қас надидам ба ҳама шаҳр, ки девона набуд...

* * *

Қадаҳи бода агар чашми бути содда набуд,
Ин ҳама мастии халқ аз қадаҳи бода набуд.
Сабаби бода нанӯшидани зоҳид ин аст,
Ки саросар ҳама асбоби вай омода набуд.
Дӯш дар домани поки санами бодафурӯш
Асаре буд, ки дар домани саҷҷода набуд.
То ба дарҳо наравӣ ҳар саҳаре кай донӣ,
Ки даре ғайри дари майкада бикшода набуд.
Ҳар ки дил бурдани маъшуқ бубинад, донад,
Ки гуноҳ аз тарафи ошиқи дилдода набуд...
Қосид ар дӯст ба сӯям нафиристод, хушам
Ки миёни ману ӯ ҷои фиристода набуд.
Рӯзи маҳшар ба чӣ уммед зи ҷо бархезад
Ҳар саре, к-аз дами шамшери ту афтода набуд.
Воқиф аз доғи дили лола нахоҳад будан
Ҳар ниҳоде, ки дар он доғи ту бинҳода набуд.
Ё ки ман қобили қилода[1] набудам ҳаргиз,
Ё саги кӯи ту мӯҳтоҷ ба қилода набуд...

---

[1] Қилода — гарданбанд.

* * *

Чун бутон дасте ба тори зулфи пурчин мебаранд,
Шайхро аз Қаъба дар бутхонаи Чин мебаранд.
Чун шаҳидони талабро зинда месозанд боз,
Кӯҳканро бар сари бозори Ширин мебаранд.
Чун худовандони хубӣ кӯси шоҳӣ мезананд,
Сабру ором аз дили ушшоқи мискин мебаранд.
Чун ба ёди чашми ӯ аҳли назарро мекушанд,
Як ҷаҳон кайфияти ҷоми ҷаҳонбин мебаранд.
Тарки ҷон мебоядам гуфтан, ки ин ширинлабон
Бӯса мебахшанд, аммо ҷони ширин мебаранд.
Танг шуд кори шакар имшаб магар майхорагон
Нуқли маҷлисро аз он лабҳои нӯшин мебаранд.
Ҳар ки сар аз анбарин хатти ҷавонон мекашад.
Ҳалқаҳо дар ҳалқаш аз гесӯи мушкин мебаранд.
Ман ба боғе боғбонӣ мекунам бо чашми тар,
К-аз дарахташ дигарон гулҳои рангин мебаранд.
Ман ба базме бода менӯшам, ки мастона мудом
Мояи мастӣ аз он чашми хуморин мебаранд.
Ман бутеро қибла месозам, ки дар дайру ҳарам
Исми ӯро мӯъмину тарсо ба тамкин мебаранд...

* * *

Гар ба коре назанам даст ба ҷуз ишқи ту шояд,
Мард бояд назанад даст ба коре, ки набояд.
Чун бигиранд парокандадилон зулфи бутонро
Ман сари зулфи ту гирам агар аз даст бараояд
Гар бад-ин пистаи хандон гузарӣ дар шакаристон,
Пас аз ин тӯтии хушлаҳҷа шакар ҳеҷ нахояд.
Гар кушояд гиреҳ аз кори фурӯбастаи дилҳо,
Шона гӯ зулфи гиреҳгири ту аз ҳам бикушояд.
Ман ба ҷуз рӯи дилорои ту оина надидам,
Ки зи оинаи дил гарди кудурат бизудояд.
Тарсам ин бода, ки дур аз лаби майгуни ту хӯрдам,
Мастиям ҳеҷ набахшояду шодӣ нафизояд,
Пешаи ман шуда дар майкадаҳо шиша кашидан,
То аз ин пеша чӣ пеш ояду ин шиша чӣ зояд?
Ҳар чӣ маъшуқ кунад айни иноят бувад, аммо
Беш аз ин ҷавр ба ушшоқи ҷигархаста нашояд.
Шод бош, ар диҳадат ваъдаи дидор ба маҳшар,
Дар сари ваъда агар ваъдаи дигар нанамояд.

* * *

Қошкӣ сокӣ зи лаълаш май ба ҷоми ман кунад,
Чархи мино то саҳар гардиш ба коми ман кунад.
Гар ба ҷаннат ҳамнишини бо аблаҳон бояд шудан,
Кош дӯзахро худо як ҷо мақоми ман кунад.
Гармтар аз оташи ҳасрат бибояд оташе
То илоҷи сардии савдои хоми ман кунад.
То нарезам донаҳои ашки рангинро ба хок
Тоири давлат куҷо тамкини доми ман кунад.
Панҷае дар панҷаи шери фалак хоҳам задан,
Гар чунин оҳурамеро бахт роми ман кунад.
Офтоб ояд зи гардун бар суҷуди боми ман,
Гар чунин тобанда моҳе рӯ ба боми ман кунад.
Бо хаёли рӯю мӯяш ғарқи нуру зулматам,
Ку назарбозе, ки сайри субҳу шоми ман кунад?
Қомате дидам, ки мегӯяд гаҳи бархостан:
«Ку қиёмат то тамошои қиёми ман кунад?..»
Гар ғуломи хештан хонад маро султони ишқ,
Ҳар чи султон аст аз ин мансаб ғуломи ман кунад.
Гар ба дарвешӣ барад номи маро он шохи ҳусн
Ҳар хатибе хутба дар минбар ба номи ман кунад...

* * *

Наргиси масти ту роҳи дили хушьёрон зад,
Хуфтаро бин, ки чӣ сон бар сафи бедорон зад.
Ишқ ҳар уқда, ки дар зулфи гиреҳгири ту буд,
Гаҳ ба кори ману гоҳе ба дили ёрон зад.
Соқӣ он бода, ки аз лаъли ту дар соғар рехт,
Оташе буд, ки дар хонаи майхорон зад...
Ту, ки аз қайди гирифтории дил озодӣ,
Қай тавон бо ту дам аз ҳоли гирифторон зад.
То узори ту арақрез шуд аз оташи май,
Боғбон гуфт, ки бар барги суман борон зад.
То хати сабзи ту аз ёсумани чеҳра дамид,
Барқи яъс омаду бар кишти талабкорон зад.
Он ки дар базми туам тавба зи май хӯрдан дод,
Гармшавқ омаду сар бар дари хамморон зад.
Нозам он чашми сияҳмаст, ки аз роҳи ғурур,
Саргарон омаду бар қалби сабукборон зад,
Ҷаври хубони ҷафопеша Фурӯғиро кушт
То дам аз маҳкамии аҳди вафодорон зад.

* * *

Бар зулфи ту бояд, ки рахи шона бибананд,
Ё мушкфурӯшон дари кошона бибананд.
Он ҷо, ки туӣ ҷои назар бастани мо нест,
Гӯ аҳли насиҳат лаб аз афсона бибананд.
Хуррам дили қавме, ки ба ёди лаби лаълат,
Паймон ҳама бо гардиши паймона бибананд.
Айше беҳ аз ин нест, ки аз рӯи ту ушшоқ
Бурқаъ бикушоянду дари хона бибананд.
Бикшо ғиреҳе аз шикани ҷаъди мусалсал
То гардани як силсила девона бибананд.
Бинмой ба мурғони чаман донаи холат
То дил ба харидории ин дона бибананд.
Шояд, ки ба таҳсили ту, эй гавҳари шаҳвор,
Шоҳони ҷаҳон ҳиммати шоҳона бибананд.
Кайфияти чашми ту кифофи ҳамаро кард,
Гӯ бодафурӯшон дари майхона бибананд.
Берун наравад ранҷи хумор аз сари мардум,
Гар дида аз он наргиси мастона бибананд...

* * *

Аз баногӯши ту ҳар шаб гила сар хоҳам кард,
Шаби худро ба ҳамин шева саҳар хоҳам кард.
Мӯбамӯ бандаи он зулфи сияҳ хоҳам шуд,
Солҳо хоҷагии даври қамар хоҳам кард.
Бо ҳами абрӯи ӯ нарди ҳавас хоҳам бохт,
Пеши шамшери бало сина сипар хоҳам кард.
Гандуми холи вай аз ҷаннати ӯ хоҳам чид,
Ман ҳам аз рӯи сафо кори падар хоҳам кард.
З-он лаби танги шакарбор сухан хоҳам гуфт,
Ҳамаи шаҳр пур аз тунги шакар хоҳам кард.
Ҳам зи хоки дари ӯ сӯи сафар хоҳам рафт,
Ҳам лаби хушк ба оби мижа тар хоҳам кард.
Хуни дил дар ғами ёқути лабаш хоҳам рехт,
Дидаро ғарқа ба хуноби ҷигар хоҳам кард.
Охир аз дасти ғамаш чок ба дил хоҳам зад,
Оқибат аз ситамаш хок ба сар хоҳам кард.
Дил ба зуннори сари зулфи бутон хоҳам баст,
Хештанро ба раҳи куфр самар хоҳам кард.
Наъра хоҳам заду дар дашти ҷунун хоҳам тохт,
Шӯъла хоҳам шуду дар санг асар хоҳам кард.
Гар, Фуруғӣ, рухи ӯ бори дигар хоҳам дид,
Кай ба ҷуз додани ҷон кори дигар хоҳам кард.

* * *

Кош медод худо ҳар нафасам ҷоне чанд,
То ба ҳар гоми ту мекардам қурбоне чанд.
Чашми бад дур зи ҳусни ту паричеҳра, ки кушт
Ҳасрати ҳотами лаъли ту Сулаймоне чанд.
Чӣ ғам аз кашмакаши гардиши даврон дорад,
Ҳар ки бо чашми ту соғар зада давроне чанд,
Соқии чашми туаш бода ба паймона накард,
Ҳар ки бишкаст дар ин майкада паймоне чанд.
Қасе аз кофари чашми ту напурсид охир,
Қ-аз чӣ рӯ рехтаӣ хуни мусулмоне чанд?
Оҳ, агар домани поки ту наёранд ба даст
Хастагоне, ки дариданд гиребоне чанд.
Аз сари зулфи парешони ту маълумам гашт,
Ки чаро ҷамъ нашуд ҳоли парешоне чанд,
Бар намехӯрд дил аз умри гаронмояи хеш,
Ки намехӯрд зи мижгони ту пайконе чанд.
Эй дареғо, ки ба ба домони ту дастам нарасид,
Бо вуҷуде, ки задам даст ба домоне чанд
Мужда, эй дил, ки зи девони муҳаббат имрӯз
Аз паи қатли ту содир шуда фармоне чанд.
То Фурӯғи ҳаваси чеҳраи наййир[1] дорад,
Пой то сар шуда омодаи найроне[2] чанд.

---

[1] Наййир — пурнур, дурахшон.
[2] Найрон — оташ.

* * *

Дӯш зулфи сиёҳаш банданавозиҳо кард,
Дили девона ба занҷири ту бозиҳо кард.
Оташи чеҳраи ту миҷмарасӯзиҳо дошт,
Анбарин турраи ту ғолиясозиҳо кард.
Лаби пуршаккари ту шаҳдфишониҳо дошт,
Чашми афсунгари ту сеҳртирозиҳо кард.
То насими саҳар аз ҷаъди баландат дам зад,
Умри кӯтоҳам аз ин қисса дарозиҳо кард.
То Фурӯғӣ дилаш аз шавқ фурӯзон гардад,
Чини кокул ба сарат чатрфарозиҳо кард.

* * *

Зулфи пурчини ту машшота шабе шона накард,
Ки дусад хун ба дили маҳраму бегона накард.
Хирмане нест, ки ғамҳои ту барбод надод.
Хонае нест, ки савдои ту вайрона накард.
Охираш чарх ба зиндони мукофот кашид,
Ҳар киро силсилаи мӯи ту девона накард.
Шайх то ҳалқаи зуннори сари зулфи ту дид,
Ҳеҷ дар дил ҳаваси субҳаи саддона накард.
Гули афрӯхтаат з-оташи ҳиҷронам сӯхт.
Он чи ӯ кард ба ман, шамъ ба парвона накард.
Хонаи ҳастияш аз сели фано вайрон буд,
Ҳар ки аз рӯи сафо хидмати майхона накард.
На аҷаб гар биканад дасти қазо решаи ӯ
Ҳар ҳарифе, ки май аз шиша ба паймона накард.
Огаҳӣ ҳеҷ зи кайфияти мастонаш нест,
Он ки дар пои қадаҳ наъраи мастона накард.
Пай ба сарманзили мақсуд, Фурӯғӣ, набарад
Он чи ҷонро ба фидои сари ҷонона накард.

* * *

Соқиё, бархезу май дар ҷом кун,
Фориғам з-оғозу аз анҷом кун.
Дам ба дам дар гардиш овар ҷомро,
Огаҳам аз гардиши айём кун.
Хоҷагӣ хоҳӣ агар дар бандагӣ
Хидмати риндони дурдошом кун.
Ақл гӯяд: «Дар паи номус кӯш»,
Ишқ гӯяд: «Тарки нангу ном кун».
Зулфро пирояи рухсор соз,
Қуфрро оройиши ислом кун.
Ё зи холат мурғи дилро дона деҳ,
Ё халосаш аз шиканҷи дом кун.
Ё ба шамшере сарам аз по фикан,
Ё ба дашноме диламро ром кун.

* * *

Хуш он ки нигоҳаш ба саропои ту бошад,
Оинасифат маҳви тамошои ту бошад.
Соҳибназар он аст, ки дар сурати маънӣ
Чашм аз ҳама барбандаду бинои ту бошад.
Он сеҳр, ки чашми ҳамаро баста ба якбор,
Сеҳрест, ки дар наргиси шаҳлои ту бошад.
Он нофа, ки бӯяш ҳамаро хун ба ҷигар кард,
Дар чини сари зулфи чалипои ту бошад.
Чун турраи бетоби ту ором нагирад,
Ҳар дил, ки саросемаи симои ту бошад
Дар мастии он бода хуморе надиҳад даст,
Қ-аз чашмаи лаъли тарабафзои ту бошад.
Сад сӯфии софе ба яке ҷуръа кунад маст
Ҳар бода, ки дар ҷом зи минои ту бошад,
Хоки қадамаш тоҷи сари тоҷварон аст
Марде, ки сараш хоки кафи пои ту бошад.
Ту худ чӣ матоӣ, ки ба бозори муҳаббат
Ҳар лаҳза сареро сари савдои ту бошад,
Ман рӯй надидам ба ҳама кишвари хубӣ,
Қ-ӯ хубтар аз талъати зебои ту бошад.
Ман бар сари онам, ки гирифтор набошам,
Илло ба балое, ки зи болои ту бошад.
Пайдо бувад аз ҳоли парешони Фурӯғӣ,
Қ-ошуфтаи гесӯи сумансои ту бошад.

* * *

Охир ин нолаи сӯзанда асарҳо дорад,
Шаби торик фурӯзанда саҳарҳо дорад.
Ғофил аз ҳоли ҷигарсӯхтаи ишқ мабод,
Ки дар оташкадаи сина шарарҳо дорад.
Меҳри ӯ тоза ниҳолест ба бӯстони вуҷуд,
Ки ба ҷуз хуни дилу дида самарҳо дорад.
Қобили новаки он турки камонабрӯ кист?
Он ки аз синаи садпора сипарҳо дорад.
Гоҳе аз лаъли ту мегӯяду гоҳ аз лаби ҷом,
Соқии бехабарон турфа хабарҳо дорад.
Нола сар мезанад аз ҳар буни мӯям чун най
Ба умеде, ки даҳони ту шакарҳо дорад...
Ту дар оина назар дориву з-ин бехабарӣ,
Ки ба дидори ту оина назарҳо дорад.
Тира шуд рӯзи Фурӯғӣ ба раҳи меҳри маҳе,
Ки ниҳон дар шикани турра қамарҳо дорад.

* * *

З-он ғунчадаҳон дилам ба танг омад
В-аз дида сиришки лоларанг омад.
Ҳар гӯша, ки гӯш додам аз ишқаш,
Овози наю навои чанг омад.
Бас чанг задам ба домани покон,
То домани поки ӯ ба чанг омад.
Аз хонаи он камонабрӯ буд
Тире, ки ба сина бединанг омад.
Оҳам ба дилаш накард таъсире,
Фарьёд, ки тири ман ба санг омад.
Соқӣ ба мазоқам аз азал карда
Шаҳде, ки муқобили шаранг омад.
Чашмаш пайи сайди дил муҳайё шуд,
Оҳу ба гирифтани паланг омад.
Ҷуз ошиқи пок дида нашносад
Ёре, ки ба сад ҳазор ранг омад.
Бозичаи он бути шакарлаб шуд
Ҳар муғбачае, ки аз Фаранг омад.
Ман бандаи хоҷае, ки дар маънӣ
Осуда зи қайди сулҳу ҷанг омад.
То майкада маскани Фурӯғӣ шуд,
Фориғ зи хаёли ному нанг омад.



* * *

Ҳама шаб роҳи дилам бар хами гесӯи ту буд,
Оҳ аз ин роҳ, ки бориктари мӯи ту буд.
Раҳрави ишқ аз ин марҳила огоҳӣ дошт,
Ки раҳи қофилаи дайру харам сӯи ту буд.
Гар ниҳодем қадам бар сари шоҳон шояд,
Ки сари ҳиммати мо бар сари зонуи ту буд.
Пеш аз он дам, ки шавад одами хокӣ эҷод,
Бар сари мо ҳаваси хоки сари кӯи ту буд.
Панҷаи чарх зи сарпанҷаи ман оҷиз шуд,
Ки тавоноиям аз қуввати бозуи ту буд.
З-он шикастам ба ҳам оинаи худбиниро,
Ки нигоҳам ҳама дар оинаи рӯи ту буд.
Пири паймонакашон шоҳиди ман буд мудом,
Ки ҳама мастиям аз наргиси ҷодуи ту буд,
То маро ишқи ту андохт зи по донистам,
Ки қиёмат масал аз қомати дилҷӯи ту буд.
Моҳи навкоста аз гӯшаи гардун сар зад,
Ки хиҷолатзадаи гӯшаи абрӯи ту буд...
Меҳрубонӣ касе аз даври фалак ҳеҷ надид,
З-он ки ҳамсурату ҳамсирату ҳамхӯи ту буд.
Ҳеҷ кас об зи сарчашмаи мақсуд нахӯрд,
Магар он ташна, ки ҷояш ба лаби ҷӯи ту буд.
Дӯш бо моҳи фурӯзанда Фурӯғӣ мегуфт,
К-офтоб ояте аз талъати некӯи ту буд.

* * *

Ин чӣ тобест, ки он халқаи гесӯ дорад,
Ки дили ҳар ду ҷаҳон баста ба як мӯ дорад.
Нақди як бӯса ба сад ҷони гаронмоя надод,
Дод аз ин санг, ки лаълаш ба тарозу дорад.
Аҳли биниш ҳама дар ҷилваи ӯ ҳайронанд,
Ин чӣ маънист, ки он сурати некӯ дорад.
Магар аз дидани ӯ дида бипӯшад варна
Кай касе тоқати наззораи он рӯ дорад.
Пас чаро меравад аз халқаи соҳибназарон
Гар на он чашми сияҳ шеваи оҳу дорад?
Як мусулмон зи дари каъба наёмад берун,
Бандаи дайри муғон бош, ки ҳинду дорад.
Тоҷдорон ҳама хоки дари он дарвешанд,
Ки ба сар хок аз он хоки сари кӯ дорад.
Ману андеша зи бисьёрии душман, ҳошо,
Дасти Мӯсо чӣ ғам аз лашкари ҷоду дорад.
Ману аз кӯи ту рафтан ба саломат ҳайҳот,
Ки сари роҳи маро ишқ зи ҳар сӯ дорад.
Мағараш даст ба чини сари зулфи ту расид,
Ки дами боди саҳар нофаи хушбӯ дорад.
Оҳи ман домани он моҳ, Фуруғӣ, нагирифт,
З-он ки як шаҳр ҳавохоҳу дуогӯ дорад.

* * *

Эй хуш онон, ки қадам дар раҳи майхона заданд,
Бӯса доданд лаби шоҳиду паймона заданд.
Ба ҳақорат манигар бодакашонро, к-ин қавм
Пушти по бар фалак аз ҳиммати мардона заданд.
Хуни ман бод ҳалоли лаби шириндаҳанон,
Ки ба коми дили мо хандаи мастона заданд,
Ҷонам омад ба лаб имрӯз, магар ёрон дӯш
Қадаҳи бода ба ёди лаби ҷонона заданд.
Мардум аз ҳасрати ҷамъе, ки аз он ҳалқаи зулф
Сари занҷир ба пои дили девона заданд...
Оқибат як тан аз он қавм наёмад ба канор,
Ки ба дарьёи ғамаш аз паи дурдона заданд...
Гар на кошонаи дил хилвати хоси ғами туст,
Пас чаро меҳри туро бар дари ин хона заданд?
Кас наҷуст аз дили гумгаштаи мо ҳеҷ нишон,
Мӯбамӯ ҳар чӣ сари зулфи туро шона заданд.
Охир аз пераҳани шамъи Фурӯғӣ сар зад
Оташеро, ки ниҳон бар пари парвона заданд.

* * *

Бедодгар нигоро, то кай ҷафо тавон кард?
Подоши он ҷафоҳо як раҳ вафо тавон кард.
Бегона раҳмат овард бар заҳмати дили мо,
Қай он қадар татовул бо ошно тавон кард?
Махмуру ташнагонем з-он чашму лаъли майгун,
Ҷоне ба мо тавон дод, коме раво тавон кард.
Вақте ба як ишорат ҷоне тавон харидан,
Гоҳе ба як табассум дарде даво тавон кард.
Як бор агар бипурсӣ аҳволи бенасибон,
Бо сад ҳазор хирмон дилро ризо тавон кард...
Гар ҷазбаи муҳаббат оташ ба дил фурӯзад,
Барги ҳавас тавон сӯхт, тарки ҳаво тавон кард.
Гар пири бодахорон гирад зи лутф дастам,
Ҳар сӯ ба коми хотир айше ба по тавон кард.
Гар ҷуръае бирезад бар хок лаъли соқӣ,
Хоки сабӯкашонро оби бақо тавон кард...
Гар нимшаб битолӣ аз сӯзи дил, Фурӯғӣ,
Роҳи қазо тавон зад, дафъи бало тавон кард.

* * *

На ҳасрати висолаш аз дил ба дар тавон кард,
На сабр дар фироқаш з-ин бештар тавон кард.
То вақти бозгаштан чанде азиз бошӣ,
Якчанд аз он сари кӯ азми сафар тавон кард.
Гар бӯсае тавон зад ёқути он ду лабро,
Як умр аз ин таманно хун дар ҷигар тавон кард.
Гар коми ҷон тавон ёфт аз рӯю мӯи дилбар,
Рӯзе бо шаб тавон бурд, шоме саҳар тавон кард.
Гар бар муроди булбул он шохи гул бихандад,
Домони гулситонро аз гирья тар тавон кард.
Гар домани ҷавонон афтад ба даст моро,
Пиронасар ба олам худро самар тавон кард.
Ҳар ҷо, ки ҳусни маъшуқ саргарми ҷилва гардад,
Ҷуз ошиқӣ мапиндор кори дигар тавон кард.
Дар ҳар камин, ки он турк тир аз камон кушояд,
Дилро ҳадаф тавон сохт, ҷонро сипар тавон кард.
Қорам ба ҷон расидаст аз носабурии дил,
Пиндоштам, к-аз он рӯ қатъи назар тавон кард.
Аз ман ба кӯи маҳбуб беқадртар касе нест,
Кай дар ғами муҳаббат сабр он қадар тавон кард?
Аз кӯи майфурӯшон ҷое куҷо тавон рафт,
К-он ҷо ғами ҷаҳонро хоке ба сар тавон кард.
Гар сар занад зи машриқ он офтоби хубӣ,
Ҳар зарраро Фурӯғӣ чандин қамар тавон кард.

* * *

Ба умеде, ки вафо хоҳам дид,
Аз ту то чанд ҷафо хоҳам дид?
То кай аз лаъли шароболудат
Ғайрро комраво хоҳам дид?
Гар тавон васли туро дид ба хоб,
Инчунин хоб куҷо хоҳам дид?
Токи абрӯи ту гар қибла шавад,
Хуш асарҳо зи дуо хоҳам дид.
То сари зулфи ту дар дасти ман аст,
Мушки Чинро ба хато хоҳам дид.
Ҳусни ту парда зи чашмам бардошт
То аз ин парда чиҳо хоҳам дид?
Гар ту шамшер занӣ мардумро,
Чашми ҳасрат ба қафо хоҳам дид.
Гар камондор туӣ, дилҳоро
Ҳадафи тири бало хоҳам дид.
Ҳар куҷо қомати ту биншинад,
Бас қиёмат, ки бапо хоҳам дид
Гар кафи пой ниҳӣ бар сари хок,
Хокро оби бақо хоҳам дид.
Магар он моҳ, Фурӯғӣ, дидӣ,
Ки фурӯғат ҳама ҷо хоҳам дид?

* * *

Маро бо чашми гирьёи офариданд,
Туро бо лаъли хандон офариданд,
Ҷаҳонро тирарӯ эҷод карданд,
Туро хуршеди тобон офариданд.
Хататро айни зулмат халқ карданд,
Лабатро оби ҳайвон офариданд.
Хами мӯи туро диданд бар рӯй
Қарини куфру имон офариданд.
Парешон зулфи ту то ҷамъ гардид,
Дили ҷамъе парешон офариданд.
Сарам гӯи хами чавгони ӯ шуд,
Чу гӯй аз баҳри чавгон офариданд.
Ман аз рӯзи ҷазо воқиф набудам,
Шаби ялдои ҳиҷрон офариданд.
Ба Миср он дам Зулайхо ҷома зад чок,
Ки Юсуфро ба Канъон офариданд.
Ба чаҳ афтод вақте Юсуфи дил,
Ки он чохи занахдон офариданд.
Замоне сарвро аз по фикананд,
Ки он қадди хиромон офариданд.
Сафи ушшоқро рӯзе шикастанд,
Ки он сафҳои мижгон офариданд.
Фурӯғиро шабе парвона карданд,
Ки он шамъи шабистон офариданд.

* * *

«Соқӣ бидеҳ ратли гарон з-он май, ки деҳқон парварад,
Андӯҳ барад, ғам бишкарад, шодӣ диҳад, ҷон парварад».[1]
З-он довари дурди кӯҳан паймонае дардеҳ ба ман,
Қ-аш Хизр дар зулмоти дан чун оби ҳайвон парварад.
Бархезу сози бода кун, фикри бутони содда кун,
Аз баҳри айш омода кун лаъле, ки марҷон парварад.
Ҷоме бикаш то Ҷам шавӣ, бо аҳли дил маҳрам шавӣ,
Хизри масеҳодам шавӣ, анфосат инсон парварад.
То май ба соғар кардаам, кавсар ба даст овардаам,
Бо шоҳиде май хӯрдаам, к-ӯ боғи ризвон парварад...
Бигзидаи пири муғон риндест аз бахти ҷавон,
Қ-аз тифлияш моми ҷаҳон з-оби разистон парварад.
Гар бар харобӣ бигзарӣ, сӯяш ба хорӣ нангарӣ,
Қ-айём ганҷи гавҳарӣ дар кунҷи вайрон парварад.
Шӯридаву шайдо кунад ҳар дил, ки дилбар ҷо кунад.
Айни бақо пайдо кунад ҳар ҷон,
ки ҷонон парварад.
Гар соҳиби чашми тарӣ, гавҳар ба домон парварӣ,
Қ-аз гирья абри озарӣ дурҳои ғалтон парварад...
Чун дил ба ҷое шуд гарав,
ҳам кам бигӯ ҳам кам шунав,
Қ-асрори худро роҳрав беҳтар,
ки пинҳон парварад...
Он хусрави шириндаҳан хандад ба оби чашми ман,
Чун абр гирьяд дар чаман, гулҳои хандон парварад.
Хат бар лаби нӯшаш нигар чун мӯр бар тунги шакар
Ё тӯтие, к-ӯ болу пар дар шакаристон парварад.

---

[1] Ин байт дар матлаи яке аз қасидаҳои муосири шоир Қоонии Шерозӣ ҳам айнан ба назар мерасад. Ниг.: Девони Ҳаким Қоонии Шерозӣ, бо тасҳеҳи Маҳҷуб, Теҳрон, 1336, саҳ. 148.

Гесўи чун зуннори ў ороиши рухсори ў
Як шаммаест аз кори ў куфре, ки имон парварад...
Пире Фурўғӣ сўи ман дорад назар дар анҷуман,
Қ-аз як Фурўғӣ хештан сад меҳри рахшон парварад...

* * *

То сурати зебои ту аз парда аён шуд,
Якбора парӣ аз назари халқ ниҳон шуд.
Гар мутриби ушшоқ туӣ ракс тавон кард
В-ар соқии муштоқ туӣ маст тавон шуд.
Гесӯи диловези ту занҷири ҷунун гашт,
Болои балохези ту ошӯби ҷаҳон шуд.
Накде, ки зи бозори ту бурдем, талаф гашт,
Суде, ки зи савдои ту кардем зиён шуд.
Ҷон аз алами ҳаҷри ту бесабру сукун гашт,
Тан аз ситами ишқи ту бетобу тавон шуд.
Ҳам қосиди ҷонон сабук аз роҳ намояд,
Ҳам ҷони гаронмоя ба тан сахт гарон шуд,
Чашмам ҳама дам дар раҳи он моҳ гуҳар рехт,
Ашкам ҳама ҷо дар паи он сарви равон шуд.
Мақсуди худ аз хоки дари Қаъба наҷустем,
Бояд, ки ба ҷон мӯътакифи дайри муғон шуд.
То дам задам аз мӯъҷизаи пири харобот,
Сӯфӣ ба яқин омад, зоҳид ба гумон шуд...
То хокнишини раҳи ишқем, Фурӯғӣ,
Хуршед зи мо соҳиби сад ному нишон шуд.

* * *

Гар дарояд шаби ид аз дарам он субҳи умед,
Шаби ман рӯз шавад яксару рӯзам ҳама ид.
Хастагиҳои маро ишқ ба як ҷав нагирифт,
Лоғариҳои маро дӯст ба як мӯ нахарид.
Ғунчае дар ҳама гулзори муҳаббат нашукуфт,
Гулбуне дар ҳама бӯстони мувaддат надамид.
Ҳам саҳобе зи биёбони мурувват нагузашт,
Ҳам насиме зи гулистони иноят навазид.
Софи бедурд кас аз соқии ин базм нахӯрд,
Гули беxор кас аз гулбуни ин боғ начид,
На мусулмон зи қазо комраво шуд на яҳуд,
На шақӣ матлабаш аз чарх баромад, на саид[1].
Раҳраве ку, ки дар ин бодия аз раҳ нафитод?
Пайраве, ку, ки дар ин маърака дар хун натапид?
Некбахт он, ки дар ин хона набигрифту надод,
Тезҳуш он, ки дар ин парда набишниду надид.
Аз муродат бигузар то ба муродат бирасӣ,
Ки зи мақсуд гузашт он, ки ба мақсуд расид.
Вақте осуда зи омад шуди андеша шудем,
Ки дари хона бибастему шикастем калид.
Мо, Фурӯғӣ, ба сиёҳрӯзии худ хушнудем,
З-он ки ҳаргиз натавон миннати хуршед кашид.

---

[1] Шақӣ — бадбахт, саид — хушбахт.

* * *

Мӯҳра тавон бурд, мор агар бигзорад,
Ғунча тавон чид, хор агар бигзорад.
Бо ҳама ҳасрат хушам ба гӯшаи чашме,
Чашми бади рӯзгор агар бигзорад.
Ком тавон ёфтан зи наргиси масташ,
Як нафасам ҳушьёр агар бигзорад,
Сархушам аз даври ҷому гардиши соқӣ,
Гардиши лайлу наҳор агар бигзорад.
Фасли гул аз бода тавба дода маро шайх,
Ғайрати боди баҳор агар бигзорад.
Бӯса тавон зад бар он даҳони шакарханд,
Гирьяи беихтиёр агар бигзорад.
Парда тавонам кашид аз он рухи зебо
Кашмакаши пардадор агар бигзорад.
Бар сари онам, ки дар каманд наяфтам,
Бозуи он шаҳсавор агар бигзорад,
Во нагузорам ба ҳеҷ кас дили худро
Ғамзаи он дилшикор агар бигзорад.
Даст наёбад касе зи хотири ҷамъам,
Зулфи парешони ёр агар бигзорад.
Ҳеҷ нагардам ба гирди ишқ, Фурӯғӣ,
Ҷилваи ҳусни нигор агар бигзорад.

* * *

Ҳар ҷон, ки бар лаб омад, воқиф аз он даҳон шуд,
Ҳар сар, ки аз миён рафт, огоҳ аз он миён шуд.
Ҳар дӯстӣ, ки кардам таъсири душманӣ дод,
Ҳар хуни дил, ки хӯрдам, аз дидаам равон шуд.
Сунбул зи бӯи зулфат бесабру бесукун шуд,
Наргис ба ёди чашмат ранҷуру нотавон шуд.
Дар васфи тори мӯят як мӯ баён накардам,
Бо он ки дар такаллум ҳар мӯи ман забон шуд...
Пои талаб кашидам аз Каъбаву калисо
Рӯзе, ки саҷдагоҳам он хоки остон шуд.
Дидӣ, ки зоҳиди шаҳр дар кӯи шоҳиди мо
Дӣ лофи салтанат зад, имрӯз посбон шуд.
Дар даври чашми соқӣ бахти ҷавон касерост,
К-аз файзи ҷоми боқӣ пиронасар ҷавон шуд,
Фарши тараб бигустар, чун боди навбаҳорӣ,
Фарроши бӯстон гашт, наққоши гулситон шуд.
Аз давлати гадоӣ кардем подшоҳӣ,
Ҳар кас ки бандагӣ кард, охир худойгон шуд.
Гуфтӣ зи гирья як дам фориғ нашуд Фурӯғӣ,
Барҳам наметавон зад чашме, ки хунфишон шуд.

* * *

То сабо шона бар он сунбули хам дар хам зад,
Ошьёни дили як силсиларо барҳам зад.
Буд аз зулфи парешони туам хотир ҷамъ,
Фитнаи ишқ чу гесӯи туаш барҳам зад.
Тобиши ҳусни ту дар Қаъбаву бутхона фитод,
Оташи ишқи ту бар маҳраму номаҳрам зад.
То санам қиблаи соҳибназаронӣ имрӯз,
Ки занахдони ту оташ ба чаҳи Замзам зад.
Гар на аз мурдани ушшоқ парешонҳол аст,
Пас чаро зулфаи ту сад ҳалқа дар ин мотам зад?
Ҳоли дилсӯхтаи ишқ касе медонад,
Ки ба дил доги туро дар ивази марҳам зад.
Агар он холи сияҳ раҳзани ман шуд шояд,
З-он ки шайтон ба ҳамин дона раҳи одам зад.
Чашми бад дур, ки он сафзада мижгони дароз
Ханҷаре бар дили садпораи мо маҳкам зад.
Хиҷлати ишқ ба ҳаддест, ки дар маҷлиси дӯст
Остин ҳам натавон бар мижаи пурнам зад.
Аввалин нуқтаи паргори муҳаббат моем,
Пас аз он килки қазо доираи олам зад.
Ҳар чи дар ҷоми ту резанд, Фурӯғӣ, менӯш,
Ки ба соқӣ натавон шиква ба бешу кам зад.

* * *

Қасе, ки дар дили шаб чашми хунфишон дорад,
Баёзи чеҳрааш аз хуни дил нишон дорад.
Зи парда рози дилам ишқ ошкоро кард,
Ки шуъларо натавонад касе ниҳон дорад.
Ба сахтӣ аз сари бозори ишқ натвон рафт,
Ки ин муомала ҳам суду ҳам зиён дорад.
Ба тирарӯзии ман чашми рӯзгор гирист,
Надонам он маҳи тобон чӣ дар камон дорад?
Қашокаши дилам он зулф мӯ ба мӯ донад
Хушо диле, ки дилором нуктадон дорад.
Сазад, ки аҳли назар синаро нишон созанд,
Ки турки ишвагаре тир дар камон дорад.
Зи сахтҷонии оина ҳайрате дорам,
Ки тоби ҷилваи он ёри меҳрубон дорад.
Маҳе зи бурҷи муродам тулӯъ кард имшаб,
Ки фахр бар сари хуршеди осмон дорад.
Зи ҳар тараф ба тазаллум ниёзманде чанд
Рухи ниёз бар он хоки остон дорад.
Ман он ҳарифи уқубаткаши вафокешам,
Ки ишқ зиндаам аз баҳри имтиҳон дорад.
Фурӯғӣ, аз ғами он нозанин ҷавон ҷон дод,
Кадом пир чунин толеи ҷавон дорад.

* * *

Гар зи ғуломеш нишонат диҳанд,
Салтанати кавну маконат диҳанд.
Бандаи ӯ шав, ки ба як илтифот
Хоҷагии ҳар ду ҷаҳонат диҳанд.
Пайравии пири харобот кун,
То шарафи бахти ҷавонат диҳанд,
Домани риндони сабуксайр гир
То ҳама дам ратли гаронат диҳанд,
Сар ба хати соқии гулчеҳра нeҳ
То зи қазо хатти амонат диҳанд.
Бодаи мастона бинӯш ошкор
То хабар аз рози ниҳонат диҳанд.
То нарасад ҷони ту бар лаб куҷо
Нӯше аз он кунҷи даҳонат диҳанд.
Гар нигарӣ лаъли гуҳарбори ӯ,
Дидаи ёқутфишонат диҳанд.
Гар бидарӣ пардаи танро зи ҳам,
Раҳ ба саропардаи ҷонат диҳанд.
Дар ивази хоки дари ӯ магир,
Гар ҳама гулзори ҷинонат диҳанд,
Қош, Фурӯғӣ, шаби ҳиҷрони дӯст
То ба саҳар тобу тавонат диҳанд.

* * *

То ба рух чини сари зулфи ту ларзон нашавад,
Ҳама ҷо қимати мушки Хутан арзон нашавад.
Дили як силсила девона начунбад аз ҷой,
Ҳалқаи мӯи ту гар силсилаҷунбон нашавад.
Роҳ дар ҷамъи парокандадилонаш надиҳанд,
Он ки аз ҳалқаи зулфи ту парешон нашавад.
Пеши соҳибназарон сурати бар девор аст.
Он ки дар сурати зебои ту ҳайрон нашавад.
Хизр агар бӯса занад лаъли майолудатро,
Ҳаргиз олуда ба сарчашмаи ҳайвон нашавад.
То дамодам накашад ҷоми лаболаб соқӣ,
Сарбасар бохабар аз гардиши даврон нашавад.
То касе хоҷагии ҳар ду ҷаҳонро накунад,
Лоиқи бандагии ҳазрати Инсон нашавад.
То касе заррасифат пок нагардад дар ишқ,
Қобили тарбияти меҳри дурахшон нашавад.
Дӯш бо он маҳи тобанда Фурӯғӣ мегуфт,
К-аз дилам меҳри ту пайдо шуду пинҳон нашавад.

* * *

Эй хушо, ринде, ки рӯ дар соҳати майхона кард,
Чораи даври фалак аз гардиши паймона кард...
Донаи тасбеҳи моро ҳолате ҳаргиз надод,
Баъд аз ин дар пои хум ангур бояд дона кард.
Нозам он чашми сияҳ, к-аз як нигоҳи ошно
Мардуми огоҳро аз хештан бегона кард.
Чашмаи хуршеди рӯяш чашмро бетоб сохт,
Ҳалқаи занҷири мӯяш ақлро девона кард.
Ман, ки дар афсунгарӣ афсонаам дар рӯзгор,
Наргиси афсунгари соқӣ маро афсона кард,
Домани он ганҷи шодиро наёвардам ба даст,
Сели ғам беҳуда яксар хонаам вайрона кард,
Сирри ҳақро бар сари дори фано кард ошкор
Дар талаб Мансур[1] алҳақ ҳиммати мардона кард.
Он чӣ бо ҷони Фурӯғӣ кард ҳусни рӯи дӯст,
Кай фурӯғе шамъ бо оташ ба ҷон парвона кард?

---

[1] Мансур — Ҳусейн бинни Мансури Ҳаллоҷ, орифи маъруфи асри X, ки бо фатвои рӯҳониён аз тарафи вазири Аббосиён ба дор кашида шуд.

* * *

Наргис, ки фалак чашму чароғи чаманаш кард,
Чашми ту сарафканда ба ҳар анҷуманаш кард.
То ғунча ба боғ аз дахани танги ту дам зад,
Аттори сабо мушки Хутан дар даҳанаш кард.
То гул ба ҳавохоҳии рӯи ту даромад,
Наққоши чаман соҳиби ваҷҳи ҳасанаш кард.
То сарв паи бандагии қадди ту бархост,
Даври фалак озод зи банди миҳанаш[1] кард.
То лоф ба ҳамчашмият оҳуи ҳарам зад,
Султони қазо амр ба хун рехтанаш кард...
Ҳар ҷома, ки бар қомати ушшоқ буриданд,
Ишқи ту ба сарпанҷаи қудрат кафанаш кард.
Ҳар шом дил аз ёди сари зулфи ту нолид
Монанди ғарибе, ки ҳавои ватанаш кард.
Ҳар кас ки ба шириндаҳане дил насупорад,
Натвон хабар аз ҳоли дили кӯҳканаш кард...
Дардо, ки зи маъшуқ нашуд ҷораи дардам,
То ҷазбаи ишқ омаду ҳамдарди манаш кард.
Гуфтам, ки дили аҳли ҷунунро ба чӣ бастӣ?
Дасте ба сари зулфи шикан баршиканаш кард.
Зинҳор ба масти дари майхона нахандед,
К-ин бехабарӣ бохабар аз хештанаш кард.
Чашме, ки ба як ғамза маро табъи ғазал дод,
Нисбат натавонам ба ғизоли Хутанаш кард.
Ёқутсифат хуни ҷигар хӯрд Фуруғӣ,
То ҷавҳарии ақл қабули суханаш кард.

---

[1] Миҳан — шакли ҷамъи меҳнат ба маънии ранҷу азоб.

* * *

Дил номи сари зулфи туро мушки Хито кард,
Алҳақ, ки дар ин нукта ғалат рафту хато кард.
Мижгони ту дилро ҳадафи тири ситам сохт,
Абрӯи ту ҷонро сипари теғи бало кард.
Ҳар нукта, ки он тунги шакар гуфт, накӯ гуфт,
Ҳар ҷилва, ки он рашки қамар кард, ба ҷо кард.
Туркони хитой равиши меҳр надонанд,
Натвон зи хатозода таманнои вафо кард.
Дар маҷлиси ғайр он бути бешарму ҳаёро
Дидам, ки чиҳо хӯрду чиҳо бурду чиҳо кард.
Сад ҷони гаронмоя гирифт аз лаби ҷонон,
Як ҷон ба сари роҳи талаб ҳар ки фидо кард.
Гар бар сари мо дасти фалак теғ биборад,
Моро натавон з-он маҳи бемеҳр ҷудо кард...
Як хотири ошуфта нашуд ҷамъ Фурӯғӣ
То боди сабо шона бар он зулфи дуто кард.

* * *

То ҳарифон бар дари майхона маъво кардаанд,
Хонаи ғамро хароб аз сели саҳбо кардаанд.
Майгусорон чанг то дар гардани мино заданд,
Даъвии гарданкашӣ бо чархи мино кардаанд.
То ба ёдаш соқӣ аз мино ба соғар рехт май
Майкашон аз бехудӣ сад гуна ғавғо кардаанд...
То зи мастӣ шаккарафшон шуд даҳони танги ӯ,
Орзӯи тангайшонро муҳайё кардаанд.
Мӯи ӯ то бо миёни нозукаш улфат гирифт,
То сафи девонагонашро тамошо кардаанд (?)
Пири Қанъонро қарор аз ҳусни Юсуф додаанд,
Шайх Санъонро тараб аз ишқи тарсо кардаанд.
Судҳо бурданд туҷҷоре, ки дар бозори ишқ
Нақди ҷонро бо матои бӯса савдо кардаанд.
Сӯҳбати нӯшинлабон дилмурдагонро зинда кард,
Қ-аз дами ҷонбахш эъҷози Масеҳо кардаанд...
Донаи тасбеҳ аз он холи муанбар сохтанд,
Ҳалқаи зуннор аз он зулфи чалипо кардаанд.
Гарм шуд бозори истиғнои Юсуфталъатон
То тамошои худ аз чашми Зулайхо кардаанд.
Илтифоте нест хубонро ба ҳоли ошиқон
То мисоли хеш дар оина пайдо кардаанд.
Гар бутон хӯранд хуни мо, Фурӯғӣ, дам мазан,
Қ-он чи бо мо кардаанд ин қавм, зебо кардаанд.

* * *

Шаб, ки дар ҳалқаи мо зулфи дилором набуд,
То ба наздики саҳар ҳеч дил ором набуд.
Ҳалқаи доми наҷот аст хами турраи дӯст,
Вой бар ҳолати мурғе, ки дар ин дом набуд.
Ҷуз бад-он оҳуи ваҳшӣ, ки ба ман ром нагашт,
Дили ваҳшатзада бо хеч касам ром набуд.
Ёр дар куштани ман ин ҳама инкор надошт,
Гар дар ин кор маро ғояти ибром набуд.
Миннати пайки саборо накашидам дар ишқ,
Ки миёни ману ӯ ҳоҷати пайғом набуд.
Ман аз анҷоми ҷаҳон воқифам аз давлати ҷом,
Ки ба ҷуз ҷом касе воқиф аз анҷом набуд.
Май хӯр, эй хоҷа, ки зери фалаки миноӣ
Хуни дил хӯрд ҳарифе, ки майошом набуд
Хум фараҳбахш намегашт, агар бода надошт,
Ҷам саранҷом намеҷаст, агар ҷом набуд.
Чашми бад дур, ки дар чашмаи нури соқӣ
Нашъае буд, ки дар бодаи гулфом набуд.
Моили гӯшаи абрӯи ту будам вақте,
Ки нишон аз маҳи нав бар лаби ин бом набуд.
Ҷилвагар ҳусни ту аз ишқи ман омад, оре,
Субҳ маълум намегашт, агар шом набуд.
Фитна дар шаҳр зи ҳар гӯша намешуд пайдо,
Чашми фаттони ту гар фитнаи айём набуд...

* * *

Майфурӯшон он чи аз саҳбои гулгун кардаанд,
Шоҳидони шаҳри мо аз лаъли майгун кардаанд,
Майпарастон моҷаро аз ҳусни соқӣ кардаанд,
Тангдастон достон аз ганҷи Қорун кардаанд.
Дар ҷунуни ошиқӣ мардони оқил дидаанд
Ҳолате аз ман, ки сад раҳмат ба Маҷнун кардаанд.
Аз балои ногаҳон осудахотир гаштаам
То маро огоҳ аз он болои мавзун кардаанд.
Ман на танҳо бар сари савдои ӯ афсонаам,
Ҳушмандонро аз ин афсона афсун кардаанд.
Ҷӯи хун аз чашми мардум меравад беихтиёр,
Баски дилро дар ғамаш сарчашмаи хун кардаанд.
Ҳоли ман донад ғуломе, к-ӯ ба ҷурми бандагӣ
Хоҷагонаш аз сарои хеш берун кардаанд.
Халқро аз лаъли майгуни ту мастӣ додаанд,
Ақлро аз чашми фаттони ту мафтун кардаанд.
Мурғи дил дар синаам имшаб, Фурӯғӣ, метапад,
Лашкари туркон магар қасди шабехун кардаанд.

* * *

Бастаи зулфи ту шӯридасаронанд ҳанӯз,
Ташнаи лаъли ту хунинҷигаронанд ҳанӯз.
Соқиё дар қадаҳи бода чӣ паймудӣ дӯш,
Ки ҳарифон ҳама дар хоби гаронанд ҳанӯз.
Ҳоли ушшоқи ту гулҳои гулистон дононанд,
Ки ба савдои рухат ҷомадаронанд ҳанӯз
Аз ғами синаи симини ту, эй симинсок,
Санг бар сина занон симбаронанд ҳанӯз.
На ҳамин моти ҷамоли ту манам, к-аз ҳар сӯ
Волаи ҳусни ту соҳибназаронанд ҳанӯз.
Қош баргардӣ аз ин роҳ, ки арбоби умед
Дар гузаргоҳи ту ҳасратнигаронанд ҳанӯз.
Ҳеҷ касро нарасад даъвии озодӣ кард,
Ки ҳама бандаи зарринкамаронанд ҳанӯз.
Ҳиммати мо зи сари ҳар ду ҷаҳон тунд гузашт,
Дигарон қайди ҷаҳони гузаронанд ҳанӯз.
Қоме аз маҳвашон ҳеҷ, Фурӯғӣ, маталаб,
Қ-аз сари меҳр ба коми дигаронанд ҳанӯз.

* * *

Чу бод баршиканад чини зулфи ғолиябораш,
Фитад зи ҳар шикане сад ҳазор дил ба канораш.
Чӣ ишваҳо, ки харидам зи чашми ишвафурӯшаш,
Чӣ бодаҳо, ки кашидам зи лаъли бодагусораш.
Маро ба сайдгаҳе мекашад каманди муҳаббат,
Ки хуни шер хӯранд оҳувони шершикораш.
Агар ба додани ҷон мумкин аст дидани ҷонон,
Зи парда гӯ ба дар ояд, ки ҷон кунам нисораш.
Чӣ гуна сарви равоне ба фикри хуни ман афтад,
Ки рехт хуни ҷаҳоне ба хоки роҳгузораш.
Диле, ки меравад андар қафои силсиламӯён,
Намекашанд ба хунаш, намедиҳанд қарораш
Қасе, ки силсила месозад аз барои маҷонин,
Хабар ҳанӯз надорад зи мӯи силсиладораш.
Куҷо равост, ки як ҷо равад ба домани гулчин
Гуле, ки булбули мискин кашид заҳмати хораш.
Қунун вуҷуди Фурӯғӣ ба ҳеҷ кор наёяд,
Ки боздошта савдои ишқ аз ҳама кораш.

* * *

Гар ҳалоки ман аст унвонаш,
Сар напечам зи хатти фармонаш.
Марди майдони ишқ донӣ кист?
Он ки андеша нест аз ҷонаш.
Қас ба майдони ишқ рӯй накард,
Қи накарданд тирборонаш.
Ҳеҷ теғе ҷудо нагардонад
Дасти умеди ман зи домонаш.
Мардум аз фитна эманӣ ҷӯянд,
Ману ошӯби чашми фаттонаш.
Зоҳиду гесувони ҳурулайн,
Ману зулфайни анбарафшонаш.
Ташнаи лаъли ӯ куҷо бошад
Илтифоте ба оби ҳайвонаш.
Эй, ки дорӣ сари мусулмонӣ,
Бигзар аз чашми номусулмонаш.
Ҳаст дармон барои ҳар дарде,
Ману дарде, ки нест дармонаш.
Воқиф аз ҳолати Фурӯғӣ кист?
Он ки афтад зи чашми ҷононаш.

* * *

Ман намегӯям, ки оқил бош ё девона бош,
Гар ба ҷонон ошноӣ, аз ҷаҳон бегона бош.
Гар сари мақсуд дорӣ, мӯ ба мӯ ҷӯянда шав
В-ар висоли ганҷ хоҳӣ, сар ба сар вайрона бош,
Гар зи теғи ғамза хунат рехт соқӣ, дам мазан
В-ар ба ҷои бода заҳрат дод, дар шукрона бош.
Чун қадаҳ аз дасти мастон меҳӯрӣ, мастона хӯр,
Чун қадам дар хайли мардон мезанӣ, мардона бош.
Гар мақоми хушдилӣ мехоҳӣ аз даври сипеҳр,
Шом дар мастӣ, саҳар дар наъраи мастона бош,
Гар шабе дар хонаи ҷонона меҳмонат кунанд,
Гӯли неъматро махӯр, машғули соҳибхона бош.
Ё ба чашми орзу сайри рухи сайёд кун,
Ё ба сахрои талаб дар ҷустуҷӯи дона бош,
Ё машоматро зи бӯи сунбулаш мушкин маҳоҳ,
Ё ҳамоғӯши сабо, ё ҳамнишини шона бош.
Ё гули навруста бош, ё булбули шӯридаҳол,
Ё чароғи хона ё оташ ба ҷон парвона бош.
Ё ки табъи ошиқиву кӯси маъшуқӣ бизан,
Ё ба риндӣ шӯҳра шав, ё дар ҷамол афсона бош,
Ё ба зоҳид ҳамқадам шав, ё ба шоҳид ҳамнишин,
Ё харидори хазаф, ё гавҳари якдона бош,
Ё мусулмон бош, ё кофар, дуранғӣ то ба кай,
Ё муқими Каъба шав, ё сокини бутхона бош...

* * *

Шоҳид ба кому шиша ба дасту сабӯ ба дӯш
Мастона мерасам зи дари пири майфурӯш.
Хоҳӣ, ки коми дил бибарӣ, лаъли вай бибӯс,
Хоҳӣ, ки неши ғам нахӯрӣ, ҷоми май бинӯш.
Моему кӯи ишқу даруне пур аз харош,
Моему базми шавқу даҳоне пур аз хурӯш.
Донӣ, ки доди булбули шайдо ба дасти кист?
Аз дасти он ки кард лаби ғунчаро хамӯш.
Мурғе, ки мепарад ба лаби боми он парӣ,
Бас таъна мезанад пари ӯ бар пари сурӯш.
Панди касе чӣ гуна нииюшам, ки он ду лаб
Аз ман гирифтаанд ду гӯши суханниюш,
Гар чашми файз дорӣ аз он чашмаи карам
Эй дил, ба сина хун шаву эй чашми тар, биҷӯш.
Ман волаи ҷамоли ту бо сад ҳазор чашм,
Ман бандаи хитоби ту бо сад ҳазор гӯш.
З-он бода дӯш чашми ту паймуда халқро,
Шояд, ки рӯзи ҳашр наёяд касе ба ҳуш.
Қорам аз ин мусалласи хокӣ ба ҷон расид,
Қад барфарозу зулф биафшону рух мапӯш.
Беҷаҳд аз он даҳон нарасад ҳеҷ кас ба ком,
То ҳаст мумкини ту, Фурӯғӣ, ба ҷон бикӯш.

* * *

То даҳони ӯ лаболаб шуд зи нӯш,
Ғунчаро дар пӯст хун омад ба ҷӯш.
Базми ӯ беҳтар зи гулгашти биҳишт,
Номи ӯ хуштар зи илҳоми сурӯш.
Бо ғамаш то тоқате дорӣ бисоз,
Дар паяш то мумкинат бошад бикӯш.
Сайди қайди ӯ намеёбад халос,
Масти ҷоми ӯ намеояд ба ҳӯш.
Бо чунин сурат чӣ сон бандам назар?
Бо чунин оташ чӣ сон монам хамӯш?
Мехӯрам хори ҷафояшро ба ҷон,
Мекашам бори гаронашро ба дӯш.
Мову гулзоре, ки аз найранги ишқ,
Гул бувад хомӯшу булбул дар хурӯш,
То паёмаш бишнавӣ аз ҳар лабе,
Пунбаи ғафлат бурун овар зи гӯш.
Раҳзани Одам шуд он холи сиёҳ,
Оҳ, аз ин гандумнамои ҷавфурӯш.
Дӯш дар хобаш, Фурӯғӣ, дидаем
То қиёмат сархушем аз хоби дӯш.

* * *

Онро, ки аввал аз ҳама хондӣ ба сӯи хеш,
Охир ба коми ғайр маронаш зи кӯи хеш,
Ҷӯе зи хуни дида кушодам ба рӯи хеш,
Бар рӯи хеш бастаам обе зи ҷӯи хеш.
Натвон ба қавли зоҳиди беҳудагӯи шаҳр,
Бардошт дил зи шоҳиди покизахӯи хеш.
Қай мерасӣ ба ҳалқаи риндони покбоз?
То нашканӣ зи санги маломат сабӯи хеш.
Эй навбаҳори ҳусн, хазонат зи пай мабод,
Гар тар кунӣ димоғи заифам ба бӯи хеш.
Ҳар бастае кушода шавад охир аз каманд,
Илло диле, ки бастияш аз тори мӯи хеш.
Гирад сипеҳр чашмаи хуршедро ба гил
Гар бомдод парда напӯшӣ ба рӯи хеш.
Донӣ чаро нишаста ба хокистар офтоб
То бингарӣ дар оина рӯи накӯи хеш.
Ман ҷон ба зери теғи ту осон намедиҳам,
То барнаёрам аз ту ҳама орзӯи хеш.
Бӯсидани гулӯи ту бар ман ҳаром бод,
Гар дар муҳаббати ту набуррам гулӯи хеш.
Имшаб, Фурӯғӣ, он маҳи бедорбахтро
Дар хоб кардам аз лаби афсонагӯи хеш.

* * *

Рӯзгорам тира шуд аз тори мӯи мушкбӯяш.
Шаб, ки аз хӯи бади ӯ рахт мебандам зи кӯяш,
Чашми ақлам хира шуд аз акси рӯи тобнокаш,
Бомдодон узр мехоҳад зи ман рӯи накӯяш.
Орифи солик кучо фориғ шавад аз зикри фикраш,
Сӯфии софӣ кучо ғофил шавад аз ҳою ҳуяш.
Хушдил аз васлат насозад то насӯзӣ аз фироқаш,
Зиндагӣ аз сар нагирӣ то намирӣ з-орзӯяш.
Ҳар чӣ худро мекашам аз дасти ишқаш бар каноре,
Мекашад боз он хами гесӯ дили моро ба сӯяш.
То ба сад ҳасрат лабу чашмам набандад дасти гетӣ
Ман нахоҳам баст чашм аз рӯю лаб аз гуфтугӯяш.
Сояи сарве нишастастам, ки аз ҳар гӯша дорад
Оби чашми мардуми соҳибназар оҳанги чӯяш.
Гар нишон чӯӣ аз ӯ, якбора гум кун хештанро,
З-он ки худро борҳо гум кардаам дар чустучӯяш.
Ман, ки имрӯз аз ғами дидори ӯ мурдам ба сахтӣ,
Оҳ, агар фардо бияфтад чашми умедам ба рӯяш.
Ашки хунин меравад аз дидаам ҳангоми мастӣ,
То маи рангин ба чомам карда соқӣ аз сабӯяш.
Банди меҳри ӯ, Фуруғӣ, кай тавон аз ҳам гусастан,
З-он ки сад пайванд дорад ҳар сари мӯям ба мӯяш.

* * *

Дар майкада хидмат кун, бе маърака султон бош,
Фармонбари соқӣ шав, фармондеҳи даврон бош.
Дар ҳалқаи майхорон бекор набояд шуд,
Ё хоҷаи фармондеҳ, ё бандаи фармон бош.
Гар суҳбати Юсуфро пайваста тамаъ дорӣ,
Ё оинаи равшан ё оинагардон бош.
Хоҳӣ, ки ба чанг орӣ он зулфи мусалсалро
Ё силсила бар гардан ё силсилаҷунбон бош,
Гар бода нанӯшидӣ, шармандаи соқӣ шав
В-ар ишқ наварзидӣ, аз карда пушаймон бош.
Чун ханда занад лаълаш, дур дар дили дарьё рез,
Чун гирья кунад чашмам, омодаи тӯфон бош.
Сарчашмаи ҳайвонро нисбат ба лабаш кам кун,
Аз олами ҳайвонӣ берун раву инсон бош!
Гар бар сари кӯи ӯ афтад гузарат рӯзе,
На толиби ҷаннат шав, на моили ризвон бош.
Хоҳӣ, ки фалак гардад гирди хами чавгонат,
Дар арсаи майдонаш гӯи хами чавгон бош.
Асбоби парешонӣ ҷамъ аст барои ман,
Ҷамъият агар хоҳӣ, з-он турра парешон бош.
То огаҳият бахшанд аз масъалаи маънӣ
Дар коргаҳи сурат ошиқ шаву ҳайрон бош...
Гар рӯзи Фурӯғиро торик намехоҳӣ,
Дар хонаи торикаш хуршеди дурахшон бош.

* * *

Чӣ гунчаҳо, ки напарвард боғи насринаш,
Чӣ меваҳо, ки наёвард сарви симинаш.
Чӣ фитнаҳо, ки наянгехт чашми пурхобаш,
Чӣ ҳалқаҳо, ки наёвехт зулфи пурчинаш.
Чӣ донаҳо, ки напошид холи ҳиндуяш,
Чӣ домҳо, ки нагустурд хатти мушкинаш,
Чӣ кисаҳо, ки напардохт ҷаъди таррораш,
Чӣ косаҳо, ки напаймуд лаъли нӯшинаш.
Чӣ сайдҳо, ки нашуд кушта дар камингоҳаш,
Чӣ теғҳо, ки назад панҷаи нигоринаш.
Чӣ қалбҳо, ки наёзурд лашкари нозаш,
Чӣ синаҳо, ки нафарсуд ханҷари кинаш.
Чӣ панҷаҳо, ки напечид зӯри бозуяш,
Чӣ куштаҳо, ки наяндохт дасти рангинаш.
Чӣ кулбаҳо, ки наяфрӯхт моҳи тобонаш,
Чӣ гӯшаҳо, ки наяндӯхт ақди парвинаш.
Чӣ шармҳо, ки накард офтоб аз рӯяш,
Чӣ рашкҳо, ки набурд осмон зи тамкинаш...
Фурӯғӣ аз лаби нӯшини ӯ магар дам зад,
Ки шӯхра дар ҳама шаҳр аст шеъри ширинаш.

* * *

Баски биншастаст то пар бартанам пайкони ишқ,
Тоири паррон шудам аз новаки паррони ишқ.
Нӯҳро киштӣ шикаст аз латмаи тӯфони ишқ,
Қас наёмад бар канор аз баҳри бепоёни ишқ.
Наъраи Мансурат аз ҳар мӯ ба сар хоҳад задан,
Гар ниҳӣ пои талаб дар ҳалқаи мастони ишқ.
Нашъаи ушшоқро ҳаргиз намедонӣ, ки чист
То нанӯшӣ ҷуръае аз бодаи рахшони ишқ.
Тӯдаи хокистарат гӯгирди аҳмар кай шавад?
То насӯзад пайкарат бар оташи сӯзони ишқ.
Гӯшаи абрӯи маъшуқат наёяд дар назар,
То нарезад хунат аз шамшери хунафшони ишқ.
Мехӯрад хуни дилу аз дида мерезад бурун
Ҳар киро месозад он ёқутлаб меҳмони ишқ.
Фасли гул гар ашки гулгунат зи сар хоҳад гузашт,
Гул ба сар хоҳӣ задан аз гулбуни бӯстони ишқ.
Гашта вайрон хонаам аз сели ишқи хонакан,
Чашми ободӣ мадор аз хонумонвайрони ишқ...
Ё лабамро мерасонам бар лаби майгуни дӯст,
Ё сарамро мегузорам бар сари паймони ишқ.
Чун ту хуршеде натобидаст дар айвони ҳусн,
Зарраe чун ман нарақсидаст дар майдони ишқ...
Аз табибон ҳам, Фурӯғӣ, ҷораи дардам нашуд
Ҷони ман бар лаб расид аз дарди бедармони ишқ.

* * *

То шикани зулфи туст силсилаҷунбони дил,
Ҷамъ нахоҳад шудан ҳоли парешони дил.
Шавқи ту дар ҳам шикаст панҷаи шоҳини сабр,
Ишқи ту лашкар кашид бар сари султони дил
Ҳам хати навхези ту сабзаи гулзори ҷон,
Ҳам лаби ҷонбахши ту чашмаи ҳайвони дил.
Кори ман омад ба ҷон аз ситами посбон
Рафтам аз он остон ҷони туву ҷони дил.
Чораи ҳар дардро халқ ба дармон кунанд
Дарди туро карда ишқ мояи дармони дил.
Гарчи сабурӣ хуш аст дар ҳама коре, вале
Кардани сабр аз рухат кай шавад имкони дил.
Дил ба ту барбаст аҳд, к-аз сари ҷон бигзарад.
Ҷони гаронмоя рафт бар сари паймони дил.
Дар талаби чашми ту давр ба охир расид,
Оҳ, ки он ҳам нашуд ҳосили даврони дил.
Риштаи ақлам гусехт бар сари савдои ишқ,
Гавҳари ашкам бирехт бар дари дукони дил.
Сӯзани фикрат шикаст, риштаи тоқат гусехт,
Баски зи нав дӯхтам чоки гиребони дил.
Умри Фурӯғӣ гузашт, коми дил охир наёфт,
Гар ту муроди дилӣ, вой зи ҳирмони дил.

* * *

Гар даст диҳад домани он сарви равонам,
Озод шавад дил зи ғами ҳар ду ҷаҳонам.
Омад ба лабиҷ бом, ки хуршеди заминам,
Бигрифт ба каф ҷом, ки Ҷамшеди замонам.
Афрӯхт рух аз бода, ки оташзани шаҳрам,
Афрохт қад аз ҷилва, ки ғоратгари ҷонам.
Гар аз дарам он сарви хироманда дарояд,
Бархезаму бар чашми худ ӯро бинишонам.
Дӣ субҳ шунидам зи лаби ғунча, ки мегуфт:
«Ман тангдил аз ҳасрати он тангдаҳонам».
Дар олами пирӣ сарукорам ба ҷавонист,
Пиронасар омад ба сарам бахти ҷавонам.
Акнун на маро куштӣ аз он абрӯву мижгон,
Дерест, ки ман куштаи ин тиру камонам.
Субҳам ҳама бо ёди сари зулфи ту шуд шом,
Як рӯз набудам, ки набудӣ ба гумонам.
Ҳам қатра фурӯ рехтӣ аз чашмаи чашмам,
Ҳам парда барандохтӣ аз рози ниҳонам.
Гуфтам, ки биҷӯям зи даҳони ту нишоне,
Гум гашт дар ин нуқтаи мавҳум нишонам.
Ҷуз фикри руху зикри лабаш нест, Фурӯғӣ,
Фикре ба замири ману зикре ба забонам.

* * *

Ба чилва кош дарояд махи накусиярам,
Ки офтоб натобад муқобили қамарам.
Зи кори халқ ба якбора парда бардоранд,
Агар зи парда дарояд нигори пардадарам.
Агар ба чашми дурустӣ назар кунад маъшуқ,
Ман аз шикаста сари зулфи ӯ шикастатарам.
Расидаам ба мақоме зи файзи дарвешӣ,
Ки аз кулоҳи намад подшоҳи точварам.
Ба эътибори ман имрӯз ҳеч шоҳӣ нест,
Ки пеши бодафурӯшон гадои мӯътабарам.
Ҳазор мартаба болотарам зи чарх, аммо
Ба кӯи майкада камтар зи хоки раҳгузарам.
Нахуст аҳди ман ин шуд ба пири бодафурӯш,
Ки бе шароби кӯҳан соате ба сар набарам.
Аз он ба хӯрдани май шоҳидам ичозат дод,
Ки гӯли зоҳиди мардумфиребро нахӯрам.
Туро ба мастиям, эй шайхи ҳушманд, чӣ кор?
Ки ту зи шаҳри дигар ман зи олами дигарам...

* * *

То шудам сайди ту осуда зи ҳар сайёдам,
Вой бар ман гар аз ин қайд кунӣ озодам.
Нозҳо кардиву аз аҷз кашидам нозат,
Аҷзҳо кардаму аз уҷб[1] надодӣ додам.
Чун маро мекушӣ аз куштанам инкор макун,
Ки ман аз баҳри ҳамин кор зи модар зодам.
Ту қавипанҷа шикорафкану ман сайди заиф,
Тарсам аз заъф ба гӯшат нарасад фарьёдам.
Оби чашмам магар аз хоки дарат чора шавад
Варна ин сели паёпай биканад буньёдам.
Гоҳ аз ҷилваи лайлиравише Маҷнунам,
Гоҳе аз хандаи ширинманише Фарҳодам.
Ҷовидон нест Фурӯғӣ ғаму шодии ҷаҳон,
Шукр з-он гӯям гар шод ва гар ношодам.

---

[1] Уҷб — ҳавобаландӣ, ғурур.

* * *

Аз додани ҷон хидмати ҷонона расидем,
Дар ишқ назар кун, ки чӣ додему чӣ дидем.
З-он пистаи хандон чӣ шакарҳо, ки нахӯрдем,
З-он сарви хиромон чӣ самарҳо, ки начидем.
Ҳар уқда, ки он зулфи дуто дошт, кушудем,
Ҳар ишва, ки он чашми сияҳ кард, харидем.
Ҳар бода, ки симин кафи ӯ дод, гирифтем,
Ҳар нукта, ки ширин лаби ӯ гуфт, шунидем.
Дар хидмати ҷонона камар бастаситодем,
Дар соҳати майхона саросема давидем.
Як дам бари он шоҳиди майхора нишастем,
Як умр ба хуни дили садпора тапидем.
Дар аҳди бутон он чи вафо буд, намудем,
Дар олами ишқ он чи бало буд, кашидем.
Зулфи сияҳаш гуфт, ки мо шоми муродем,
Рӯи чу маҳаш гуфт, ки мо субҳи умедем.
Ҳар лаҳза ба захмам намаке рехт даҳонаш,
З-ин кони малоҳат чӣ намакҳо, ки чашидем.
Сад бор ба захми дили мо зад намак, аммо
Як бор лабони намакинаш намакидем.
Хайёти вафо дар раҳи он сарви қабопӯш
Ҳар ҷома, ки бар қомати мо дӯхт, даридем.
Охир сари моро ба мукофот бубуриданд,
Дар номаи ӯ баски сари хома буридем...

* * *

То ту ба гулшан омадӣ, бо ҳама дар кашокашам,
Ваҳ, ки ту дар канори гул, ман ба миёни оташам.
То намакам лаби туро, май ба даҳон намебарам,
То начашам аз ин намак, чизи дигар намечашам.
Чарх шавад ғуломӣ ман, давр занад ба коми ман,
Гар ту ба гардиш оварӣ ҷоми шароби беғашам.
Қосаи хуну ҷоми май фарқ зи ҳам накардаам,
Баски ба даври наргисат бода нахӯрда сархӯшам.
Гарчи ба ҳеҷ ҳолате ёд накардаӣ маро,
Ёди даҳони танги ту ҳеҷ нашуд фаромӯшам.
То ки аён зи парда шуд сурати нақшбанди ту,
Рашки нигорхона шуд рӯи ба хун мунаққашам.
Дӯш ба қадди дилкашат қиссаи сарв гуфтаам,
Гуфт, ки шармсор шав аз ҳаракоти дилкашам.
Баски шаби висоли ту нотиқа лол мешавад,
Бо ҳама завқ сокинам, бо ҳама шавқ хомӯшам.
Булъаҷабӣ нигар, ки ман бо ҳама лофи ошиқӣ
Ёр надида волаам, май начашида беҳушам.
Не зи ҳабиб эминам, не зи табиб мутмаин,
Чораи дил куҷо кунам, к-аз ҳама ҷо мушаввашам...

* * *

Умр гузашту аз рухаш сер нашуд назораам,
Ҳасрати ӯ намеравад аз дили пора-пораам.
Мурдаму аз дилам нарафт орзӯи ҷамоли ӯ,
Ваҳ, ки зи марг ҳам нашуд дар раҳи ишқ чораам.
Он ки ба теғи имтиҳон рехт ба хок хуни ман,
Қош барои сӯхтан зинда кунад дубораам.
Хоки раҳе гузидаам то чӣ бизояд осмон,
Ҷайби маҳе гирифтаам то чӣ кунад ситораам.
Ғунчаи нӯшханди ӯ сӯхт ба як табассумам,
Наргиси ниммасти ӯ кушт ба як ишораам.
Он ки надида ҳасрате дар ҳама умри хештан,
Қай ба шумор оварад ҳасрати бешумораам.
Ман, ки Фуруғӣ, аз фалак боҷи ҳунар гирифтаам,
Бар сари кӯи хоҷае бандаи ҳеҷкораам.



* * *

То лаби майпарасти ӯ дод шароби мастиям,
Муфтии шаҳр мехӯрад ҳасрати майпарастиям.
Қош ба кӯи нестӣ хок шавам, ки он парӣ
Чеҳра нишон намедиҳад то ба ҳиҷоби ҳастиям.
Дасти умед ар шабе бар сари зулфи ӯ расад,
Таъна бар осмон занад фарри дароздастиям.
Зиндаи ҷовидониям то ҳаракоти ишқ шуд,
Олати зиндагониям, иллати тандурустиям.
Бар сари роҳгузори ӯ хок шудам, Фурӯғиё,
То фалаки баландсар хок шавад зи пастиям.

* * *

Он ки ба девонагӣ дар ғамаш афсонаам,
Оҳ, ки ғофил гузашт аз дили девонаам.
Дурри сиришкам нашуд лоиқи бозори дӯст,
Қобили қимат нагашт гавҳари якдонаам.
Гоҳ зи шохи гулаш ҳамнафаси андалеб,
Гоҳ зи шамъи рухаш ҳамдами парвонаам.
Сарви фарозандае хоста аз маҷлисам,
Моҳи фурӯзандае тофта дар хонаам...
Суфраи майхона шуд хирқаи пашминаам,
Бар сари паймона рехт субҳаи саддонаам.
Бода паёпай расид аз кафи соқӣ маро,
Тавба дамодам шикаст бар сари паймонаам.
Оташи рухсори ӯ сӯхт на танҳо маро,
Хонаи шаҳре бисӯхт ҷилваи ҷононаам.
Мастии ман тоза нест аз лаби майгуни ӯ,
Шаҳна мукаррар шунид наъраи мастонаам.
То нашавад он ҳумо сояфикан бар сарам,
По нагузорад зи нанг ҷуғд ба вайронаам.
Ҷилва, Фурӯғӣ, накард дар назарам офтоб,
То маҳи рухсори дӯст тофт ба кошонаам.

* * *

Ман соддапарасту боданӯшам,
Фармонбари пири майфурӯшам.
Мустағриқи луҷҷаи шаробам,
Муставҷиби муждаи сурӯшам.
Бар гардиши соқӣ аст чашмам,
Бар пардаи муғриб аст гӯшам.
Он ҷо, ки пиёлае, харобам
В-он ҷо, ки таронае, хамӯшам.
Ман гӯш зи бонги най шунидам[1]
Ман чашм зи ҷоми май напӯшам.
Ҳам оташи май бисӯхт мағзам,
Ҳам нолаи най бибурд хушам.
Дар кардани тавба сусткешам.
Дар хӯрдани бода сахткӯшам.
Ишраттала͏бу нишотҷӯям,
Соғар ба кафу сабӯ ба дӯшам.
Ҷуз пири бутон намешиносам,
Ҷуз қавли бутон намениюшам.
Аз таъни касе намехарошам
В-аз кардаи худ намехурӯшам.
То рӯзи ҷазо кашад Фурӯғӣ
Қайфияти бодаҳои дӯшам.

---

[1] Ин ҷо калимаи «шунидам» ноҷоя менамояд. Эҳтимол дар асл ба ҷои он «набандам» бошад, ки инро мантиқи мисраъ талаб мекунад.

* * *

Ман бар сари кӯи ту надидам[1]
Хоке, ки ба сар накарда бошам.
Аз дасти ҷафои ту намондаст
Шаҳре, ки хабар накарда бошам.
Ҷуз меҳри ту дар дилам нарафтаст
Меҳре, ки ба дар накарда бошам.
Шаб нест, ки бо хаёли қаддат
Дасте ба камар накарда бошам.
Дар ҳасрати зулфи ту шабе нест,
Қ-аз гирья саҳар накарда бошам.
Якбора макун маро фаромӯш
То фикри дигар накарда бошам.
Қардӣ назаре ба ман, ки дигар
Аз фитна ҳазар накарда бошам.
Тире зи камон раҳо накардӣ,
Қ-аш сина сипар накарда бошам.
Аз сели сиришк хонаам нест,
Қ-аш зеру забар накарда бошам.
Хоке на, ки дар ғамаш, Фуруғӣ,
З-оби мижа тар накарда бошам.

---

[1] Ин ғазали шоир монанди чанд ғазали дигари ӯ матлаъ надорад, яъне мисраъҳои байти аввал ҳамқофияву ҳамрадиф нестанд.

* * *

Чунон ба кӯи ту осуда аз биҳишти бариnам,
Ки дар замир наёмад хаёли ҳуру инам.
Қаманди турра ниҳодӣ ба пои тоқату тобам,
Сипоҳи ғамза кашидӣ ба ғорати дилу динам.
На дасти он ки даме домани висоли ту гирам,
На бахти он ки шабе ҷилваи ҷамоли ту бинам.
Маро чӣ кор ба дидори маҳвашони замона,
Ки бо вуҷуди ту фориғ зи сайри рӯи заминам.
Зи рашки мурдани ман ҷони оламе ба лаб ояд,
Агар ба рӯи ту афтад нигоҳи бозпасинам.
Зи баски ҳар сари мӯям ҳавои меҳри ту дорад,
Намебурам зи ту гар сар бурӣ ба ханҷари кинам.
Зи ҳасрати лаби майгуну ҷаъди ғолиясоят
Рафиқи лаъли Бадахшон, шарики нофаи Чинам.
Муоширон ҳама машғули айшу ишрату шодӣ,
Ба ғайри ман, ки шабу рӯз бо ғами ту қаринам.
Чӣ гуна шод набошад дил ба гӯшанишинӣ,
Ки холи гӯшаи чашми ту карда гӯшанишинам.
Ба сари остонаи он подшоҳи ҳусн, Фурӯғӣ,
Қамон кашида зи ҳар гӯша лашкаре ба каминам.

—

* * *

Мӯ ба мӯ бастаи он зулфи гиреҳгир шудам,
Охир аз файзи ҷунун қобили занҷир шудам.
Қош абрӯи каҷаш бингарӣ аз дидаи рост,
То бидонӣ, ки чаро куштаи шамшер шудам.
На кунун меҳӯрад он сафзада мижгон хунам,
Дергоҳест, ки омоҷгаҳи тир шудам.
Тира шуд рӯзаму афзуд ғами ҷонсӯзам,
Ҳар чӣ афзун зи паи нолаи шабгир шудам.
Нолаҳоро асаре нест вагарна дар ишқ
Он қадар нола намудам, ки зи таъсир шудам.
Бахти бад бин, ки ба сарвақти ман он сарви равон
Омад аз лутф замоне, ки замингир шудам...
Ин чӣ нақшест, ки аз парда падидор омад,
Ки ба як ҷилваи он сурат тасвир шудам.
Ман, ки наҳҷири камандам ҳама шерон буданд,
Оҳуи чашми туро дидаму наҳҷир шудам.
Маргро мояи умри абадӣ медонам,
Баски бе рӯи ту аз суҳбати ҷон сер шудам.
То, Фурӯғӣ, рухи он турки хитой дидам,
Фориғ аз Халлуху осуда зи Кашмир шудам.

* * *

Соқӣ надода соғар чандон намуда мастам,
Қ-аз худ хабар надорам дар оламе, ки ҳастам.
Азбас қадаҳ кашидам дар кӯи майфурӯшон,
Ҳам ҷомаро даридам, ҳам шишаро шикастам.
Хуршеди орази ӯ чун зарра бурда тобам.
Болои саркаши ӯ чун соя карда пастам.
Қоми дилам ту будӣ, ҳар сӯ, ки медавидам,
Сарманзилам ту будӣ, ҳар ҷо, ки менишастам.
Теғаш ҷудо насозад дасте, ки бо ту додам,
Маргаш зи ҳам набуррад аҳде, ки бо ту бастам.
Кайфияти ҷунунро аз ман тавон шунидан,
Қ-аз ишқи он парирӯ занҷирҳо гусастам.
Тарсам, к-аз ин латофат, к-он нозанин санамрост,
Гирди самад нагардад нафси санампарастам.
Сангиндиле, ки кардаст рангин ба хуни ман даст,
Фарьёд агар ба маҳшар доман кашад зи дастам.
Аз ҳар тараф давидам ҳамчун сабо, Фурӯғӣ,
Лекин ба ҳеҷ ҳилат аз банди ӯ наҷастам.

* * *

Ишқ бигсаст чунон силсилаи тадбирам,
Ки сари зулфи зиреҳсози ту шуд занҷирам...
Рӯзгорест, ки пайваста бад-он абрӯям,
Дергоҳест, ки сар дода бад-ин шамшерам.
Ишқ бархост, ки ман оташи оламсӯзам,
Ҳусн биншаст, ки ман фитнаи оламгирам.
Як сари муи ман аз дӯст набинӣ холӣ,
Ҳар куҷо хомаи наққош кашад тасвирам.
Даст бар домани соқӣ задам аз бахти ҷавон
То нагӯянд, ки дар бодакашӣ бепирам.
Хами зуннори ман он зулфи чалипо нашавад,
То ки ҳафтоду ду миллат накунад такфирам.
Ба харобӣ хушам имрӯз, ки фардо зи карам
Ҳиммати пири харобот кунад таъмирам...
Бахти баргашта ба имдоди ман аз ҷо бархост,
Ки зи мижгони ту омодаи чандин тирам.
Оҳуи чашми камондори ту нахҷирам сохт,
Ман, ки шерони ҷаҳонанд камин нахҷирам.
Гар Фурӯғӣ зи даҳон қанд биборад на аҷаб,
Ки ба ёди шакараш тӯтии ҳуштакрирам.

* * *

Имшаб туро ба хубӣ нисбат ба моҳ кардам,
Ту хубтар зи моҳӣ, ман иштибоҳ кардам.
Дӯшина пеши рӯят оинаро ниҳодам,
Рӯзи сафеди худро охир сиёҳ кардам.
Ҳар субҳ ёди рӯят то шомгоҳ намудам,
Ҳар шом фикри мӯят то субҳгоҳ кардам.
Ту он чи дӯш кардӣ, аз нӯги ғамза кардӣ,
Ман ҳар чи кардам имшаб, аз тири оҳ кардам.
Сад гӯшмол дидам, то як сухан шунидам,
Сад раҳ ба хун тапидам, то як нигоҳ кардам.
Чун хоҷа рӯзи маҳшар ҷурми маро бибахшад,
Гар ваъдаи атояш умре гуноҳ кардам...

* * *

Бар сари ҳар мижа чандин гули рангин дорам,
Яъне аз ишқи ту дур бар дили хунин дорам.
Гар ту дар синаи симин дили сангин дорӣ,
Ман ҳам аз давлати ишқат тани рӯин дорам.
Бар сарам гар зи фалак санг биборад ғам нест,
З-он ки аз хишти сари кӯи ту болин дорам.
Ба умеде, ки саҳар бар рухат афтад назарам,
Назаре шаб ҳама шаб бар маҳу парвин дорам.
Гарчи комам зи лаби нӯши ту талх аст, аммо
Гар касе гӯш диҳад, қиссаи ширин дорам.
Коме аз дайру ҳарам хеҷ надидам дар ишқ,
Гилае чанд ҳам аз куфру ҳам аз дин дорам.
Рӯзи торику шаби тираву иқболи сиёҳ
Ҳама з-он холу хату турраи мушкин дорам.
Ишқ ҳар рӯз зи нав дод маро оине
То бидонанд халоиқ, ки чӣ оин дорам.
Гуфтамаш: «Меҳри Фурӯғӣ ба ту рӯзафзун аст».
Гуфт: «Ман ҳам ба хилофаш дили пуркин дорам».

* * *

Вақти мурдан ҳам наёмад бар сари болин табибам,
То бимонад ҳасрати ӯ бар дили ҳасратнасибам.
Дарди бедармони ишқам кушту кард осудахотир
Ҳам зи таъсири мудово ҳам зи тадбири табибам.
Шаб гадо з-онам ба маҳфил субҳдам нолон ба гулшан,
Яъне аз ишқат гаҳе парвона, гоҳе андалебам,
Гар сари зулфи парешонат саре бо ман надорад,
Пас чаро якбора аз дил бурд орому шикебам.
Гоҳ-гоҳе метавон кард аз раҳи раҳмат нигоҳе
Бар мани бедил, ки дар кӯи ту мискини ғарибам.
Кардаме дар пеши мардум иддаои ҳушьёрӣ,
Гар набудӣ дар камин он чашми масти дилфиребам.
То кашид оҳанги мутриб ҳалқа дар гӯшам, Фурӯғӣ,
Фориғ аз қавли хатиб осуда аз панди адибам.

* * *

Гар ба гулзори рухаш афтад нигоҳи гоҳ-гоҳам,
Гул ба доман метавон бурд аз гулистони нигоҳам.
Гуфтамаш: «Гул чист?» Гуфто: «Пираҳанчоки насимам».
Гуфтамаш: «Маҳ чист?» Гуфто: «Сояпарварди кулоҳам».
Қиссаи тӯфони Нӯҳ афсонае аз мавҷи ашкам,
Шӯълаи нори Халил ангорае аз барқи оҳам.
Қу чунон ишқе, ки то як ҷо бифарсояд вуҷудам?
Қу чунон барқе, ки то яксар бисӯзонад гиёҳам?
Молики афваш надонам то напӯшонад хатоям,
Соҳиби фазлаш надонам то набахшояд гуноҳам.
Зери шамшери аҷал бурдам паноҳ аз бепаноҳӣ,
Оҳ, агар меҳроби абрӯяш нагирад дар паноҳам.
Гар ба хоки ман пас аз куштан гузори қотил афтад,
Моҷаро дигар бигӯям, хунбаҳо ҳаргиз нахоҳам.
Ҳоҷат аз беҳоҷатӣ дар ишқ мебояд гирифтан,
Ман хушам бо ноумедӣ то туӣ уммедгоҳам.
Шарбати васлам надодӣ то нахӯрдам захри ҳиҷрон
Бӯса бар поят нададам то накардӣ хоки роҳам.
Гаҳ қамар пиндорамат, гоҳе парӣ, гоҳе фаришта,
Парда аз рух барфикан, яъне барор аз иштибоҳам.
Ман, ки аз рӯзи азал дидам ҷамолашро, Фурӯғӣ,
То ба фардои қиёмат фориғ аз хуршеду моҳам.

* * *

Ман масти майпарастам, ман ринди боданӯшам,
Эмин зи макри ақлам, фориғ зи қайди ҳӯшам.
Ман бо ҳузури соқӣ кай тавба менамоям,
Ман бо вуҷуди мутриб кай панд мениюшам.
Аз май тараб назояд рӯзе, ки ман малӯлам
В-аз най наво нахезад вақте, ки ман хамӯшам.
Бо чини турраи ӯ мушки Хутан бипошам.
Бо нақши чеҳраи ӯ рӯи чаман бипӯшам.
Гуфтам, ки бо ту хоҳам рӯзе равам ба гулшан,
Гуфто, ки шарм бодат аз рӯи гулфурӯшам.
То з-иқтизои мастӣ домони ӯ бигирам,
Гоҳе қадаҳ ба дастам, гоҳе сабӯ ба дӯшам.
Донӣ чаро сару ҷон аз ман наместонад?
То дар раҳаш бипӯям, то дар паяш бикӯшам.
Бахти баландам охир сарҳалқаи ҷунун шуд,
Қ-он ҳалқаҳои гесӯ шуд ҳалқаҳои гӯшам...
Эй чашмасори хубӣ, як раҳ зи айни раҳмат
Бар хоми ман гузар кун то аз замин буҷӯшам.
Эй гул, ки мехарошид хори ғамат диламро,
Гар бишнавӣ хурӯшам, як умр мехурӯшам.
Он маҳвашам, Фурӯғӣ, азбаски дӯш медод
То бомдоди маҳшар масти шароби дӯшам.

* * *

Ман хароби нигаҳи наргиси шаҳлои туам,
Беҳуд аз бодаи ҷому маи минои туам.
Ту ба таҳрики фалак фитнаи даврони манӣ,
Ман ба тасдиқи назар маҳви тамошои туам.
Метавон ёфтан аз бесару сомонии ман,
Ки саросемаи гесӯи сумансои туам.
Аҳли маънӣ ҳама аз ҳолати ман ҳайронанд,
Баски ҳайратзадаи сурати зебои туам.
Талху ширини ҷаҳон дар назарам яксон аст,
Баски шӯридадил аз лаъли шакархои туам.
Марди майдони балои ду ҷаҳон донӣ кист?
Ман, ки афтодаи болои дилорои туам.
Сари муе ба худ аз шавқ напардохтаам,
То гирифтори сари зулфи чалипои туам.
Баски савдои ту аз ҳар сари мӯям сар зад,
Мӯбамӯ бо хабар аз олами савдои туам.
Зери шамшери ту имрӯз Фурӯғӣ мегуфт:
«Фориғ аз кашмакаши шӯриши фардои туам».

* * *

Мо дили худро ба дасти шавқ шикастем,
Ҳар шиканашро ба тори зулфи ту бастем.
То нанишинад ба хотири ту ғуборе
Аз сари ҷон хостему бо ту нишастем.
Аз паи пайванди ҳалқаи сари зулфат
Риштаи улфат зи ҳар чӣ буд, гусастем.
Аз сари мо по макаш, ки бо ту ба ёрӣ
Бар сари меҳри нахусту аҳди аластем.
Пайки сабо гар паёме аз ту биёрад,
Мо ҳама саргаштагони бод ба дастем.
Бар сари зулфат ба ҳеҷ ҳилате охир
Даст начустему аз каманд наҷастем.
Гар бикушанд аз гуноҳи ишқи ту моро
Бознагардем аз ин тариқ, ки ҳастем.
Гар зи ту бӯе насими субҳ наёрад,
Ҳуш наёем аз ин шароб, ки мастем.
Бандаи ишқему маҳви дӯст, Фурӯғӣ;
Зарраи покему офтобпарастем.

* * *

Охир аз Қаъба муқими дари хаммор шудем,
Ба яке ратли гарон сахт сабукбор шудем.
Олами бехабарӣ турфа биҳиште будаст,
Ҳайфу сад ҳайф, ки мо дер хабардор шудем.
Дасти ғайбат бидарад пардаи моро на аҷаб,
Ки чаро бохабар аз пардаи асрор шудем.
Булъаҷаб нест агар шӯъбадабозем ҳама,
Ки ба сад шӯъбада з-ин парда падидор шудем.
Мастии май ба назар ҳеҷ наёмад моро
То хароб аз назари мардуми ҳушьёр шудем.
Ҷазбаи ишқ кашонид ба кеше моро,
Ки зи ҳафтоду ду миллат ҳама безор шудем...
Қор шуд танг чунон бар дили бечораи мо,
Қ-аз паи чора бари ғайр ба ночор шудем.
То аз он тарфи баногӯш чароғ афрӯзем,
Чӣ саҳарҳо, ки бад-ин восита бедор шудем.
Лаълу зулфаш сари дилҷӯии мо ҳеҷ надошт,
Ваҳ, ки бебаҳра ҳам аз мӯҳра ҳам аз мор шудем.
Нақди ҷон бар сари савдои ҷунун бохтаам,
Эмин аз васвасаи аҳли зиёнкор шудем.
По кашидем, Фуруғӣ, зи дари масҷиду дайр,
Фориғ аз кашмакаши субҳаву зуннор шудем.

* * *

То бад-он турраи таррор гирифтор шудем,
Дохили ҳалқанишинони шаби тор шудем.
То парокандаи он зулфи парешон гаштем,
Ҳам дилозурдаи он чашми дилозор шудем.
То раҳи шона, бад-он зулфи диловез афтод,
Мӯбамӯ бохабар аз ҳоли дили зор шудем.
Сарбасар ҷамъ шуд асбоби парешонии мо,
То саросемаи он турраи таррор шудем.
Он қадар хуни дил аз дида ба домон кардем,
Ки хиҷолатзадаи дидаи хунбор шудем.
Ҳеҷ з-он каъбаи мақсуд наҷустем нишон,
Ҳар чӣ дар роҳи талаб қофиласолор шудем.
Ғайри мо дар ҳарами дӯст касе роҳ надошт,
То чӣ кардем, ки маҳрум зи дидор шудем.
Ду ҷаҳон суд зи бозори муҳаббат бурдем,
Ба ҳамин моя, ки нодида харидор шудем.
Сари таслим ниҳодем ба зонуи ризо,
Ки ба тафсири қазо фоили мухтор шудем.
Дил бад-он меҳри фурӯзанда, Фурӯғӣ, додем,
Мо ҳам аз партави он машриқи анвор шудем.

* * *

Ғами рӯи ту ба олам надиҳам.
Айш настонаму ин ғам надиҳам.
Гар ба ҷон дарди паёпай диҳиям,
Ба мудовои дамодам надиҳам.
Гар маро дар ҳарамат роҳ диҳанд,
Раҳ ба номаҳраму маҳрам надиҳам.
Бахти он ку, ки ба саҳрои талаб
Оҳуи чашми туро рам надиҳам.
Обе аз чашми тарам рехт ба хок,
Ки ба сарчашмаи замзам надиҳам.
Доғе аз дӯст расидаст ба ман,
Ки ба сармояи марҳам надиҳам.
Ғаме аз ишқ ба хотир дорам,
Ки ба сад хотири хуррам надиҳам.
Бадане дӯш дар оғӯшам буд,
Ки ба сад рӯҳи мукаррар надиҳам.
Ҳотаме дод ба ман лаъли касе,
Ки ба ангуштарии Ҷам надиҳам.
То лабам бар лаби он нӯшлаб аст,
Як дамамро ба ду олам надиҳам.
Ман, Фурӯғӣ, нафаси покамро
Ба дами Исиву Марьям надиҳам.

* * *

Ман ин аҳде, ки бо мӯи ту бастам,
Ба мӯят гар сари мӯе шикастам.
Пас аз умре ба зулфат аҳд бастам,
Аҷаб сарриштае омад ба дастам.
Зи мастурӣ чӣ мепурсӣ, ки курам,
Зи рӯят ҳиндуи оташпарастам.
Қаманди ишқро гардан ниҳодам,
Таноби ақлро дарҳам гусастам.
Зи мастурӣ чӣ мепурсӣ, ки урам,
Зи ҳушьёрӣ чӣ мегӯӣ, ки мастам.
Шароби шодкомиро чашидам.
Сабӯи некномиро шикастам.
Ба шамшер аз сари кӯят нарафтам,
Ба тадбир аз хами бандаш наҷастам.
Фузунтар шуд ҳавои ӯ пас аз марг,
Ту пиндорӣ, к-аз ин андеша растам.
Чунин соқӣ зи хешам бехабар сохт,
Ки огаҳ нестам аз худ, ки ҳастам.
Гувоҳи даъвиям пири муғон аст,
Ки маст аз ҷуръаи ҷоми аластам.
Қиёмат чун нахонам қомататро,
Ки то бархостӣ, аз по нишастам.
Чӣ гуфтӣ з-он сиҳиболо, Фурӯғӣ,
Ки фориғ кардӣ аз болову пастам.

* * *

То ҳаст нишоне аз нишонам,
Хоки қадами сабукашонам.
То соғари ман пур аз шароб аст,
Аз шарри замона дар амонам.
То дар кафам остини соқист,
Фарш аст фалак бар остонам.
Дар марҳами захми худ чӣ кӯшам?
К-ин теғ гузашт аз устухонам.
Дардо, ки ба водии муҳаббат
Дунболтарини корвонам.
Гуфтӣ: «Манишин ба роҳи тирам».
То тир ту мезанӣ, нишонам.
Пайваста бибӯсам абрувонат,
Гар тир занӣ бад-ин камонам.
Болои ту то насиби ман шуд,
Эмин зи балои ногаҳонам.
Гуфтам, ки бинолам аз ҷафоят,
Зад меҳри ту мӯҳр бар даҳонам.
Болам машикан, ки шоҳбозам,
Хунам мафишон, ки нағмахонам.
Мурғи куҳанам дар ин чаман, лек
Бар шохи ту тозаошьёнам.
Дидам зи муҳаббаташ, Фурӯғӣ,
Чизе, ки набуд дар гумонам.

* * *

Азбас араки шарм нишастаст ба рӯям,
Маҳрум зи наззораи он рӯи накӯям.
Чандест, ки савдоии он ғолиягесӯ,
Умрест, ки занҷирии он силсиламӯям.
Дилгумшуда бар хоки дараш баски фузун аст,
Тарсам, ки нишон аз дили гумгашта наҷӯям.
Он моҳи паричеҳра гар аз парда дар ояд,
Мардум ҳама донанд, ки девонаи ӯям.
Ҳар базм, ки риндони харобот нишинанд,
На қобили ҷомам, на сазовори сабӯям.
То боди баҳор аз ҳама сӯ бӯи гул орад,
Ман бар сари онам, ки ба ҷуз бод набӯям.
Дур аз лаби пуршаккари ӯ хуни ҷигар бод,
Ҳар бода, ки резанд ҳарифон ба гулӯям.
Гуфтан набувад қоидаи ишқ вагарна
Ҳам нуктатирозам ману ҳам қофиягӯям.
Ин аст агар ҷилваи маъшуқ, Фуруғӣ,
Дар марҳилаи ишқ нашояд, ки напӯям.

* * *

Шаби фироқи ту гар лоларо ишора кунам,
Чӣ рахнаҳо, ки дар аркони санги хора кунам.
На тоқате, ки зи назораат бипӯшам чашм,
На қудрате, ки ба рухсорат назора кунам.
На пои он ки ба сӯи ту раҳ бипаймоям,
На дасти он ки зи хӯи ту ҷома пора кунам.
Ба кеши зумраи ушшоқ дӯзахӣ бошам.
Ба бӯи сидра зи кӯи ту гар канора кунам.
Шабе ба рағми фалак рӯи хештан бинамо,
Ки Зӯҳраро бидарам, моҳро дупора кунам.
Чу бе ту оҳи шарарбор баркашам аз дил,
Илоҷи хирмани гардун ба як шарора кунам.
Хушам ба кашмакаши хуни хеш рӯзи ҷазо,
Ки сайри рӯи ту з-ин раҳгузар дубора кунам.
Гиреҳ фитад ба сари зулф аз парешонӣ,
Гар иштиёқи туро мӯбамӯ шумора кунам.
Ба ғайри додани ҷон чорае нахоҳам ҷуст,
Агар ба дарди ту чандин ҳазор чора кунам.
Зи сирри гунбади мино намешавам огоҳ
Магар, ки хидмати ринди шаробхора кунам.
Фурӯғӣ, аз ғами он моҳи хиргаҳӣ то чанд
Қанори хештан аз ашк пурситора кунам?

* * *

Дар ҷилвагоҳи ҷонон ҷонро ба шавқ додам,
Дар рӯзи тирборон мардона истодам.
Ҷон бо ҳазор шодӣ дар роҳи ӯ супурдам,
Сар бо ҳазор миннат дар пои ӯ ниҳодам.
Ҷуз ростӣ набинӣ дар табъи бенифоқам,
Ҷуз эмонӣ наёбӣ дар нафси бефасодам.
Номи ту бурда мешуд, то нома менавиштам,
Рӯи ту дида мешуд, то дида мекушодам.
Дар водии муҳаббат донӣ чӣ кор кардам,
Аввал ба сар давидам, охир зи по фитодам.
Маҷлис биҳишт гардад аз ғояти латофат,
Ҳар гоҳ зи дар даромад ҳурӣ паринажодам.
Ҷуз ишқи сабзхаттон дарсе ба ман наёмӯхт,
Устод комилам кард, раҳмат бар устодам.
То ба қазош кардам тарки ризои худро
Бо ҳар қазия хушдил, бо ҳар балия[1] шодам.
Тарҳи наве, Фурӯғӣ, мерехтам агар буд,
Ҳукме бар обу оташ, дасте ба хоку бодам.

---

[1] Балия — бало, кулфат.

* * *

Дӯшина маҳе ба хоб дидам,
Яъне ба шаб офтоб дидам.
Шабҳо ба ҳавои хоки кӯяш
Чашми ҳамаро пуроб дидам.
Ҳар гӯша зи тири ғамзаи ӯ
Дилхаставу беҳисоб дидам.
Аз оташи шавқи ӯ ба гулшан
Мурғон ҳамаро кабоб дидам.
Як нукта зи ҳар ду лаъли ӯ буд
Ҳар нашъа, ки дар шароб дидам.
Дар ҳар сари мӯи сайдбандаш
Сад печу ҳазор тоб дидам.
Дар ҳар хами анбарин камандаш
Як ҷамъ дар изтироб дидам.
Дар ишқ ҳар он дуо, ки кардам,
Як ҷо ҳама мустаҷоб дидам.
Дилҳои шикастаро зи васлаш
Аксар ҳама комьёб дидам.
Осоиши ҷони аҳли дилро
Дар кашмакаши азоб дидам.
Тӯмори гуноҳи ошиқонро
Сардафтари ҳар савоб дидам.
Аз бодаи чашми ӯ, Фуруғӣ,
Мардум ҳамаро хароб дидам.

* * *

Бахти сияҳ ба кини ман, чашми сиёҳи ёр ҳам,
Ҳодиса дар камини ман, фитнаи рӯзгор ҳам.
Аз мижа турки масти ман саф зада бар шикасти ман,
Қор бишуд зи дасти ман, чораи назми кор ҳам.
Соқӣ аз ин мақом шуд, субҳи нишот шом шуд,
Хоби хушам ҳаром шуд, бодаи хушгувор ҳам.
Тори тараб гусаста шуд, пои талаб шикаста шуд,
Роҳи умед баста шуд, чашми умедвор ҳам.
Тоири тирхӯрдаам, раҳ ба чаман набурдаам.
Фасли хазон фусурдаам, мавсими навбаҳор ҳам.
Заҳри ситам чашидаам, бори алам кашидаам,
Ранҷи фироқ дидаам, меҳнати интизор ҳам.
Эй зада роҳи дини ман, шоҳиди дилнишини ман,
Чашми ту дар камини ман, ғамзаи ҷоншикор ҳам.
Шод зи ту равони ман, зинда ба бут ҷони ман,
Зикри ту бар забони ман, махфиву ошкор ҳам.
Эй бути дилписанди ман, ҳар сари мӯт банди ман,
Қокули ту каманди ман, турраи тобдор ҳам.
Лаъли ту барқи хирманам, зулфи ту тавқи горданам,
Ваҳ, ки ба фикри куштанам мӯҳра фитода мор ҳам.
Дӯш, Фурӯғӣ, аз маҳе ёфта ҷонам огаҳӣ,
Қ-аз паи ӯ ба ҳар раҳе дил бишуду қарор ҳам.

* * *

То ба дари майкада ҷо кардаам,
Тавба зи тазвиру риё кардаам.
Хирқаи тақво ба май афкандаам,
Ҷомаи парҳез қабо кардаам.
Хоҷагӣ аз пири муғон дидаам,
Бандагии аҳли сафо кардаам...
Як-ду қадаҳ май ба каф овардаам,
Рафъи ғаму дафъи бало кардаам.
Чашми тамаъ аз ҳама сӯ бастаам,
Қатъи умед аз ҳама ҷо кардаам.
Рахши саодат ба фалак рондаам,
Рӯи таҳаккум ба қазо кардаам.
Аз асари хоки дари майфурӯш,
Хун ба дили оби бақо кардаам.
Аз зиреҳи зулфи гиреҳгири дӯст
Укда зи кори ҳама во кардаам...
Дӯш, Фурӯғӣ, ба хароботи ишқ
Анҷумани айш ба по кардаам.

* * *

На ба дайр ҳамдамам шуд, на ба Каъба ҳамнишинам,
Аҷабе набошад аз ман, ки барӣ зи куфру динам.
Туву кӯчаи саломат, ману ҷодаи маломат,
Ки ба олами машийят ту чунону ман чунинам.
На ту ман шавӣ, на ман ту. ба ҳамин ҳамеша шодам,
Ки ба коргоҳи ҳастӣ ту ҳамону ман ҳаминам.
Зи суҷуди хоки пояш ба сарам чиҳо наёмад,
Қалами қазо надонам чӣ навишта бар ҷабинам.
Чӣ кунам агар нагардам паи соҳибони хирман,
Ки факири хонабардӯшу гадои хӯшачинам.
Рухи дӯстро надидам дами рафтан, эй дареғо,
Ки ба рӯи ӯ наяфтод нигоҳи вопасинам.
Ба чӣ рӯ бар остонаш паи саҷда сар гузорам,
Ки ҳазор бут нихон аст ба зери остинам.
Чу ба ғусса дил ниҳодам, чӣ таваққӯъам зи шодӣ?
Чу ба заҳр хӯ гирифтам, чӣ тамаъ зи ангубинам?
Туву зулфи мушкборат, ману чашми ашкборам,
Туву лаъли обдорат, ману коми оташинам.
Қасе аз суханшиносон ба лаби гуҳарфишонат
Нашунид гуфтаи ман, ки нагуфт офаринам.
Ману дида баргирифтан ба кадом дил, Фурӯғӣ,
Ки муяссарам нагардад, ки фурӯғи ӯ набинам.

* * *

Бас, ки дилсӯхтагӣ з-оташи ҳиҷрон дорам,
Гар ба дӯзах бариям шукри фаровон дорам.
Ашку оҳам зи фироқат ба ҳам омехта шуд,
Булъаҷаб бин, ки дар об оташи сӯзон дорам.
Гар бисӯзад нафасам ҳар ду ҷаҳонро на аҷаб,
З-он ки дар сина басе сӯзиши пинҳон дорам.
Доғу дарде, ки расад аз ту ҳаромам бодо,
Ки сари марҳаму андешаи дармон дорам.
Шайхи нопухта ба май ин ҳама гӯ ханда мазан,
Ки дили сӯхтаву дидаи гирьён дорам.
Бахти баргаштаву лахти ҷигару чашми пуроб
Ба ҳаводории он сафзадамижгон дорам.
Ману бо хотири маҷмӯъ нишастан, ҳайҳот,
Ки сару кор бад-он зулфи парешон дорам...
Хушдилам дар ғами ӯ бо ҳама вайронии дил,
Ки басе ганҷ дар ин хонаи вайрон дорам...
Оқилон даст ба занҷири ҷунунам назанед,
Ки ман ин силсиларо силсилаҷунбон дорам.
То Фурӯғӣ ба сияҳрӯзии худ сохтаам,
Миннате бар сари хуршеди дурахшон дорам.

* * *

Бар дари майхона то мақом гирифтам,
Аз фалаки сифла интиқом гирифтам.
Хидмати мино алассабоҳ расидам,
Соғари саҳбо аладдавом гирифтам.
Дар раҳи соқӣ ба инкисор фитодам,
Домани мутриб ба эҳтиром гирифтам.
Хирқа ниҳодам ба раҳну бода харидам,
Субҳа фикандам зи дасту хом гирифтам.
Ҳеҷ нашуд ҳосилам зи риштаи тасбеҳ
Халқаи он зулфи мушкфом гирифтам.
Парда барандохтам аз он руху гесӯ,
Коми дил аз даври субҳу шом гирифтам...
Пухта шудам то зи ҷоми софи муҳаббат,
Нукта ба дурдикашони хом гирифтам.
Як-ду қадаҳ май кашидам аз хуми ваҳдат,
Доди дилам рози хосу ом гирифтам.
Баски нухуфтам шабони тира, Фурӯғӣ,
Ҳоҷати худ з-он маҳи тамом гирифтам.

* * *

То куфри сари зулфат зад роҳи дилу динам,
Ҷуз ишқи ту ҳар кеше куфр аст дар оинам.
Хар субҳ зи рӯи ту ҳамхонаи хуршедам.
Ҳар шом зи ашки худ ҳамсояи парвинам.
Ту чашмаи хуршедӣ, ман зарраи маҳтобам,
Ту хоҷаи мустағнӣ, ман бандаи мискинам.
То хатти туро дидам, додӣ рақами хунам,
То меҳри ту варзидам, бастӣ камари кинам.
Ҳам силсила бар гардан з-он кокули печонам,
Ҳам ғолия дар доман з-он сунбули пурчинам.
Ҳам сирри даҳонашро меҷӯяму мeёбам,
Ҳам акси ҷамолашро мехоҳаму мебинам.
Ҳам бодаи ишқашро мегираму менӯшам,
Ҳам донаи меҳрашро мекораму мечинам.
Аз қомати мавзунаш дар сояи шамшодам
В-аз орази гулгунаш дар домани насринам.
Гар бар сари хоки ман биншиниву бархезӣ,
То маҳшар аз ин шодӣ бархезаму биншинам.
То васфи лабат гуфтам, дурҳои дарӣ суфтам,
Алҳақ, ки дар ин маънӣ муставҷиби таҳсинам.
То моҳ, Фурӯғӣ, рух аз кулбаи ман бартофт,
Аз оҳи саҳар ҳар шаб шамъест ба болинам.

* * *

Наргисаш гуфт, ки ман сокии майхоронам,
Гарчи худ маст, вале офати ҳушьёронам.
Мижа орост, ки ғавғои сафи ушшоқам,
Турра афшонд, ки сарҳалқаи тарроронам.
Рух барафрӯхт, ки ман шамъи шаби торикам,
Қад барафрохт, ки ман давлати бедоронам.
Нуктаи холу хаташ аз мани савдозада пурс,
Ки нависандаи тӯмори сияҳкоронам.
Нақди ҷон бар сари бозори муҳаббат додам,
То бидонанд, ки ман ҳам зи харидоронам.
Сар басе бори гарон буд, зи дӯш афкандам,
Ҳолиё қофиласолори сабукборонам.
То магар бар сари ман бигзарад он ёри азиз,
Рӯзгорест, ки хоки қадами ёронам.
Гар ба зудӣ нашавам маст, бибахш, эй соқӣ,
З-он ки дерест, ки ҳамсӯҳбати ҳушьёронам.
Гуфтам: «Аз макри фалак бо ту суханҳо дорам».
Гуфт: «Хомӯш, ки ман худ сари маккоронам».
То, Фурӯғӣ, хами он зулф гирифторам кард,
Мӯбамӯ бохабар аз ҳоли гирифторонам.

* * *

Дӯш аз дари майхона кашиданд ба дӯшам,
То рӯзи ҷазо маст зи кайфияти дӯшам.
Чашмам ба чӣ корояд, агар сода набинам.
Қомаш ба чӣ хуш бошад, агар бода нанӯшам...
Ҳам чашми сиёҳмасти ту кардаст харобам,
Хам лаъли қадахнӯши ту бурдаст зи ҳушам.
Ту меҳри дурахшандаву ман зарраи муҳтоҷ,
Ту хонафурӯзандаву ман хонабадӯшам.
Хуни дилам аз ҳасрати як ҷом ба ҷӯш аст,
Обе ба сари оташи ман зан, ки наҷӯшам.
То шонасифат чанг задам бар сари зулфат,
Гаҳ укдакушоянда, гаҳе номафурӯшам.
То меҳри ту зад бар лаби ман мӯҳри хамӯшӣ,
Оташ зи сарам шӯъла кашидасту хамӯшам.
Дар доираи ишқи ту то пой ниҳодам,
Гоҳе ба хароши дилу гоҳе ба хурӯшам.
Гӯянд, ки дар сина ғами ишқ ниҳон кун,
Дар пунба чӣ сон оташи сӯзанда бипӯшам.
Фориғ нашавам з-ин шаби торик, Фурӯғӣ,
То дар паи он моҳи фурӯзанда накӯшам.

* * *

Чандон ба сари кӯи харобот харобам,
Қ-осуда зи андешаи фардои ҳисобам.
Гар кори ту фазл аст, чӣ парво зи гуноҳам
В-ар шуғли ту адл аст, чӣ ҳосил зи савобам?
Афсонаи дӯзах ҳама бод аст ба гӯшам
То з-оташа ҳиҷрони ту дар айни азобам.
Оҳи саҳару ашки шабам шоҳиди ҳол аст,
Қ-аз ишқи руху зулфи ту дар оташу обам.
Нахҷир намудам ҳама шерони ҷаҳонро,
То оҳуи чашмат саги худ карда хитобам.
Сарсилсилаи аҳли ҷунун кард маро ишқ,
То бурда зи дил силсилаи мӯи ту тобам.
Гар чашми сияҳмасти ту таҳрик намекард,
Оби мижа бедор намесохт зи хобам.
З-он пеш, ки даврон шиканад киштии умрам,
Соқӣ фиканад кош ба дарьёи шаробам.
Бар манзари соқӣ назар аз шарм накардам,
То ҷоми шароб омаду бардошт ҳиҷобам.
Гуфтам, ки ба шаб чашмаи хуршед тавон дид,
Гуфт: «Ар бикушоянд шабе банди ниқобам».
Аз тангии дил ҳарчи задам дод, Фурӯғӣ,
Шаккардаҳанон ҳеҷ надоданд ҷавобам.

* * *

Машғули рухи соқӣ, саргарми хати ҷомам,
Дар ҳалқаи майхорон нек аст саранҷомам.
Аввал нигаҳаш кардам,, охир ба раҳаш мурдам,
Ваҳ-ваҳ, ки чӣ некӯ шуд оғозаму анҷомам.
Шабҳои фироқ охир бар оташи дил пухтам,
Дод аз маҳи бемеҳрам, оҳ аз тамаи хомам.
Хез, эй санами маҳваш, аз зулфу рухи дилкаш,
Бигсил ҳама зуннорам, бишкан ҳама асномам.
Гар турра наяфшонӣ, кай шом шавад субҳам?
В-ар чеҳра наяфрӯзӣ, кай субҳ шавад шомам?
Ҳам ҳалқаи гесӯят сарриштаи умедам.
Ҳам гӯшаи абрӯят сармояи оромам.
Осуда куҷо гардам то бо ту наёсоям,
Ором куҷо гирам то бо ту наёромам.
То бо ту напайвандам, кай мева диҳад шохам?
То бо ту наёмезам, кай шод шавад комам?
Дар олами зебоӣ ту хоҷаи маъруфӣ,
Дар гӯшаи танҳоӣ ман бандаи гумномам.
Гар оҳуи чашми ту сӯям назар андозад,
Ҳар шер шавад сайдам, ҳам чарх шавад ромам.
Дӣ боз, Фурӯғӣ, ман дилкаш ғазале гуфтам,
К-аз чашми ғизоли ӯ шоистаи инъомам.

* * *

То хабардор зи сирри лаби чонон шудаем,
Хабар ин аст, ки сар то ба қадам чон шудаем.
То ба ёди лаби ӯ чоми лаболаб задаем,
Воқиф аз хосияти чашмаи ҳайвон шудаем.
Чоми Чам гар талабӣ, мачлиси моро дарьёб,
К-аз гадоии дари майкада султон шудаем.
Хама асбоби парешонии мо чамъ омад
То зи мачмӯаи он зулфи парешон шудаем.
Зулфи кофар ба рухаш роҳнамун шуд моро,
Аз раҳи куфр ба сарманзили имон шудаем.
Бо сари зулфи шикан дар шиканаш аҳд мебанд,
Ки бад-ин восита мо бесарусомон шудаем.
Субҳа дар дасту дуо бар лабу саччода ба дӯш,
Паи тазвири риё тоза мусулмон шудаем...
Ҳама аз ҳайрати мо волаву ҳайратзадаанд,
Баски дар сурати зебои ту ҳайрон шудаем.
Ту ҳамон чашмаи хуршедиву мо хаффошем,
Ки зи пайдоии анвори ту пинҳон шудаем.
Доғу дардат зи азал то ба Фурӯғӣ доданд,
Фориғ аз марҳаму осудаву дармон шудаем.

* * *

Ҷоне, ки халос аз шаби ҳиҷрони ту кардам,
Дар рӯзи висоли ту ба қурбони ту кардам.
Хун буд шаробе, ки зи минои ту хӯрдам,
Ғам буд нишоте, ки ба даврони ту кардам.
Оҳест, к-аз оташкадаи сина баромад,
Ҳар шамъ, ки равшан ба шабистони ту кардам.
Ашкест, ки абри мижа бар домани ман рехт
Ҳар гавҳари ғалтон, ки ба домони ту кардам.
Сад бор газидам лаби афсӯс ба дандон
Ҳар бор, ки ёди лабу дандони ту кардам.
Дил бо ҳама ошуфтагӣ аз ӯҳда баромад,
Ҳар аҳд, ки бо зулфи парешони ту кардам.
Дар ҳалқаи мурғони чаман валвала андохт,
Ҳар нола, ки дар саҳни гулистони ту кардам.
Яъқуб накард аз ғами нодидани Юсуф
Ин гирья, ки дур аз лаби хандони ту кардам.
Дод аз сафи ушшоқи ҷигархаста баромад,
Ҳар гаҳ сухан аз сафзада мижгони ту кардам.
То зулфи ту бар тарфи баногӯш фурӯ рехт,
Аз ҳар тарафе гӯш ба фармони ту кардам.
То парда барафкандам аз он сурати зебо,
Соҳибназаронро ҳама ҳайрони ту кардам.
Аз хоҷагии ҳар ду ҷаҳон даст кашидам
То бандагии сарви хиромони ту кардам.
Дӯшина ба ман ин ҳама дашном, ки додӣ,
Подоши дуоест, ки бар ҷони ту кардам?
Зад ханда ба хуршеди фурӯзанда Фуруғӣ,
Ҳар субҳ, ки васфи рухи рахшони ту кардам.

* * *

Дӯш аз лаби нӯшаш сухане чанд шунидам,
К-аз нӯшлабон риштаи пайванд буридам.
Чанде ба ҳавас бар дари ҳар хона нишастам,
Умре ба талаб бар сари ҳар кӯча давидам.
Бар домани ӯ банд нашуд дасти муродам,
Бар орази ӯ боз нашуд чашми умедам.
З-он ғунчаи сероб чӣ хунҳо, ки нахӯрдам,
З-он гулбуни навхез чӣ гулҳо, ки начидам.
Ҳар парда, ки ҷон бар рухи ӯ баст, фикандам,
Ҳар ҷома, ки дил дар ғами ӯ дӯхт, даридам.
Аз шишаи мақсуд гулобе нагирифтам
В-аз соғари уммед шаробе начашидам.
Қай буд, ки ҷон дар раҳи маҳбуб нададам?
Қай буд, ки ранҷ аз паи матлуб надидам.
Бе кашмакаши дом ба боғе нагузаштам,
Бе воситаи ранҷ ба ганҷе нарасидам.
Дар хонаи дил ҷуз ту касеро нанишондам,
Аз хайли бутон ҷуз ту касеро нагузидам.
Ҷуз хуни дил аз дида саришке нафишондам,
Ҷуз охи ғам аз сина, Фурӯғӣ, накашидам.

* * *

Бар сафҳаи рух аз хати мушкин рақам мазан,
Бар номаи ҳаёти муҳибон қалам мазан.
Теғи итоб бар сари аҳли вафо макаш,
Тири ҳалок бар дили сайди ҳарам мазан,
Афтодагони банди ту ҷое намераванд,
Мурғони болбаста ба санги ситам мазан,
Зулфе, ки ҷойгоҳи дили халқи олам аст,
Бар якдигар маяфкану олам баҳам мазан.
Ранге намонд пеши рухат ҳеҷ боғро,
Бурқаъ бипӯшу таъна ба боғи Ирам мазан.
Гуфтӣ: «Чӣ ком дидӣ аз он чоки пираҳан?»
Пироҳани даридаи ман бину дам мазан.
Дар ҷилвагоҳи дӯст нигоҳе фузун махоҳ,
Дар коргоҳи ишқ дам аз бешу кам мазан...
Гар осмон ба коми ту гардад, Фурӯғиё,
Бар осмони майкада ҷуз ҷоми Ҷам мазан.

* * *

Хунам буте рехт, к-аш дод бечун
Мижгони хунрез дар резиши хун.
Бе бода диди̅ чашмони сармаст?
Бе май шуниди̅ лабҳои майгун?
Дар аҳди зулфаш як ҷамъ шайдо,
Дар даври чашмаш як шаҳр мафтун.
Чашму лаби ӯ ҳар сӯ гирифтаст
Шаҳре ба найранг, халқе ба афсун.
Хубон нишинанд дар хона аз шарм,
Ҳар гаҳ, ки оя̆д аз хона берун.
Дил бурда аз ман сарве, ки дорад
Болои дилкаш, рафтори мавзун.
Хун аз дили ман ҳар шаб равон аст
То турраашрост қасди шабехун.
Ҳар лаҳза гардад дар мулки хуби̅
Ҳусни ту беҳад, ишқи ман афзун.
Қоре, ки ӯ кард бо ман, Фуруғи̅,
Ҳаргиз накардаст Лайли̅ ба Маҷнун.

* * *

Танг шуд аз ғами дил ҷой ба ман,
Як дилу ин ҳама ғам, вой ба ман.
Қатлам имрӯз нашуд то чӣ кунад
Ҳасрати ваъдаи фардой ба ман.
Нақди ҷон додаму як бӯса надод
Он лаби лаъли шакархой ба ман.
Дар муҳаббат чӣ татовул, ки накард
Он сари зулфи чалипой ба ман.
Нест рӯзе, ки балое нарасад
З-он қаду қомату болой ба ман.
Нафасе нест, ки оташ назанад
Шӯълаи ишқ саропой ба ман.
Дар гузаргоҳи вай аз касрати халқ
Баста шуд роҳи тамошой ба ман.
Дар ғами ишқ, Фурӯғӣ, нарасид
Шодӣ аз гаштани саҳрой ба ман.

* * *

Арза додам дар бари ҷонон вафои хештан,
Зери теғи имтиҳон рафтам ба пои хештан
То нагардад хуни ман дар ҳашр домангири ӯ,
Аввал аз қотил гирифтам хунбаҳои хештан.
Охир аз дасти ҷафояш чок кардам синаро,
Худ ба дасти хештан додам сазои хештан.
Тира шуд рӯзам зи таъсири дуои нимшаб,
Бин чиҳо мебинам аз дасти дуои хештан.
Ком агар хоҳӣ зи коми хеш бигзар з-он ки мо
Бо ризои ӯ гузаштем аз ризои хештан.
Гар ту бо шамшер рӯзе бар сарам хоҳӣ гузашт,
Ҳоҷати дигар нахоҳам аз худои хештан.
Қош мемондӣ замоне бар муроди аҳли дил
То намонад муддаӣ бар муддаои хештан.
Риштаи умри баландам сар ба кӯтоҳӣ ниҳод,
То гусастӣ дастам аз зулфи расои хештан.
Ошиқи содиқ, Фурӯғӣ, гар бурандаш сар ба теғ,
Риштаи улфат набуррад з-ошнои хештан.

* * *

Вақти марг омад зи раҳмат бар сари болини ман,
Талх шуд коми ҳасуд аз мурдани ширини ман,
У паи ҷавру ҷафо, ман бар сари меҳру вафо,
Ман ба фикри меҳри ӯ, ӯ дар хаёли кини ман.
Дилбарӣ расми ваю ошиқкушӣ қонуни вай,
Ошиқӣ кеши ману ҳасраткашӣ оини ман.
Қош он дерошно бо ханҷар ояд бар сарам,
То магар аз дил барояд ҳасрати дерини ман.
Тунги шаккар талхком аз хандаи ширини ӯ,
Гулбуни тар сурхрӯй аз гирьяи рангини ман.
Чун зи саҳни гулситон гулҳои рангин медиҳад,
Тоза мегардад ҷароҳоти дили хунини ман.
Дӯш бӯсидам лаби нӯшини он маҳро ба хоб,
Хоби ширин чист таъбири шаби дӯшини ман.
Гуфтам: «Аз неши ҷудоӣ ҷони ман бар лаб расид»,
Гуфт: «Саҳл аст ар шабе бӯсӣ лаби ширини ман»,
Гуфтам: «Оҳанги ҷунун дорам», дилам хандиду гуфт:
«Боядаш занҷир кард аз турраи мушкини ман».
Гар, Фурӯғӣ, дидани хубон набудӣ дар назар
Ҳеҷ оламро надидӣ чашми оламбини ман.

* * *

Гар кони намак хоҳӣ лаъли намакинаш бин,
Иқлими малоҳатро дар зери нигинаш бин.
Ҷон бар лаби муштоқон дур аз лаби ӯ бингар,
Лабташна ҷаҳонеро аз моъи маъинаш[1] бин.
Эй дил, чу хаташ сар зад, пайванд аз ӯ магсил,
Якчанд чунон диди, якчанд чунинаш бин.
Ҳар гӯша камин карда абрӯи камондораш
Дар сайди назарбозон бикшода каминаш бин.
То пок бисӯзонад хушку тари оламро,
Бо чеҳраи чун оташ ҷар хонаи зинаш бин.
Дасти ҳама барбаста дар маърази зебоӣ,
Сарпанҷаи зӯровар бозуи саминаш бин.
Хубон ҳама аз меҳраш мӯҳре ба ҷабин доранд,
Хуршеди сабоҳатро толеъ зи ҷабинаш бин.
Дар ақраб агар хоҳӣ ҷавлони қамар бинӣ,
Зулфайни ҷалипоро бо чеҳра қаринаш бин.
Рози ҳама кард ифшо нанмуда рухи зебо,
Ҳам пардадараш бингар, ҳам парданишинаш бин.
Дӣ моҳи Фурӯғиро саргарми вафо дидӣ,
Аз бахти сиёҳ имрӯз смодаи кинаш бин.

---

[1] Моъи маъин — оби равон.

* * *

Наргиси бемори ту гашта парастори ман,
То чӣ кунад ин табиб бо дили бемори ман.
Хуфтаи бедор гир, гарчи надидӣ бубин.
Чашми пур аз хоби хеш, дидаи бедори ман.
Расми ту ошиқкушӣ, шеваи ман ошиқӣ,
Теғ задан шуғли ту, кушта шудан кори ман.
Бо ҳама тири бало, к-омада бар дил маро
Аз мижаат барнагашт бахти нагунсори ман.
Оби рухи гул бирехт лолаи рухсори ту,
Хирмани булбул бисӯхт замзамаи зори ман.
Нола баромад зи кӯҳ аз асари зорият
То ту камар бастаӣ аз паи озори ман.
Рафтаму аз дил нарафт ҳасрати хоки дарат,
Мурдаму осон насохт ишқи ту душвори ман.
То хами зулфи туро доми дилам кардаанд,
Майли халосӣ накард мурғи гирифтори ман...
Ҳар чи лабам бӯса зад гандуми холи туро,
Як ҷав камтар нашуд хоҳиши бисьёри ман.
Гар ду ҷаҳон май шавад аз карами майфурӯш,
Маст нахоҳад шудан хотири ҳушьёри ман...
То ки, Фурӯғӣ, шунид шеъри маро шаҳриёр,
Шӯҳраи ҳар шаҳр шуд дафтари ашъори ман.

* * *

На аз ҷамоли ту қатъи назар тавон кардан,
На ҷуз хаёли ту фикри дигар тавон кардан.
Ғамат ҳалоки маро маслиҳат намедонад
Вагарна масъаларо мухтасар тавон кардан.
Кунун, ки бар сари болин наёмадӣ моро,
Ба хоки мо зи тираҳҳум гузар тавон кардан...
Хуш аст нолаи шабгир хоса дар ғами ишқ
Вагарна дар дили хоро асар тавон кардан.
Ба фарри талъати соқиву хатти дилкаши ҷон,
Илоҷи фитнаи даври қамар тавон кардан.
Миёни баҳр ба ёди гуҳар тавон рафтан,
Ҳавои заҳр ба шавқи шакар тавон кардан.
Баҳои бўсаи ў нақди ҷон тавон додан,
Ҳазор нақд паи ин зарар тавон кардан.
Қамон кашида зи абрў ба рўи ман санаме,
Ки синаро бар тираш сипар тавон кардан.
Нишони Каъба наҷустам вагарна мумкин нест,
Ки тайи бодия з-ин бештар тавон кардан.
Ҳанўз дар ғами ҷонон надодаам ҷонро
Гумон набуд, ки сабр ин қадар тавон кардан.
Фурўғӣ, ар нашавад шарми дўстӣ монеъ,
Назораи рухи фаррухсияр тавон кардан.

* * *

Мижгони мардумафкан, чашмони кофараш бин,
Ҳар гӯша сад мусулмон мақтули ханҷараш бин.
Хуни ситамкашонро бар худ ҳалол карда,
Хунхорияш назар кун, табъи ситамгараш бин.
Бо як ҷаҳон сабоҳат чандин малоҳаташ ҳаст,
Иқлими ону инро як ҷо мусаххараш бин.
Гар соябони сунбул бар фарқи гул надидӣ,
Бар сар зи ҷаъди мушкин чатри муанбараш бин.
Ман аз сияҳбахтӣ оварда рӯ ба девор
В-он зулфакони зангӣ бар рӯи анвараш бин.
Бо бахти сарнагунам улфат гирифта зулфаш,
Афсуни ишқ бингар, мори нагунсараш бин.
То қалби ошиқонро тасхири худ намояд
Аз саф кашида мижгон сафҳои лашкараш бин.
Гар шоми тира хоҳӣ, субҳи дамида бинӣ,
Аз турраи шабосо тобанда манзараш бин.
Ҷон аз ҷудоии ӯ таслим кун, Фурӯғӣ,
Имрӯз агар надидӣ, фардои маҳшараш бин.

* * *

Зулфи мусалсал рехта анбарфишониро бубин,
Занчири адл овехта, нушервониро бубин.
Қомат ба ноз афрохта, халқе зи по андохта,
Дилҳо мусаххар сохта кишварситониро бубин...
Дӯш оз маҳи номеҳрубон май зад ба коми душманон,
Бишкаст ҷоми дӯстон номеҳрубониро бубин.
Дар гулситон гоме бизан, май бо гуландоме бизан,
Пиронасар чоме бизан, даври ҷавониро бубин.
Дасте зи заррокӣ бикаш, нози сари соқӣ бикаш,
Чоми маи бокӣ бикаш, Ҷамшеди сониро бубин.
Дардо, ки дар роҳи талаб дидам басе ранчу тааб,
Овард чонамро ба лаб дилдори ҷониро бубин.
Нанмуд дар киштам гузар, нагзашт бар шохам самар,
Абри баҳоронро нигар, боди хазониро бубин.
Савдои чононро нигар, суди дилу ҷонро нигар,
Доғи фаровонро нигар, дарди ниҳониро бубин.
З-он зулфу рух шому саҳар дар куфру дин бурдам ба сар,
Зуннори бедиро нигар, тасбеҳхониро бубин.
Хуршеди рахшонро нигар, Ҷамшеди сониро бубин...
Хез, эй бути зарринкамар, дар базми хусрав кун гузар,
Назми Фурӯғӣ сарбасар ҳам дурр фурӯшад ҳам гуҳар,
Гавҳарфурӯширо нигар, ганҷи маониро бубин.

* * *

Шиори ишқбозон чист? Хубонро дуо кардан,
Қафо хӯрдан, пай афшурдан, ҷафо бурдан, вафо кардан.
Камоли комронӣ дар муҳаббат чист медонӣ?
Бутеро подшоҳӣ додану худро гадо кардан.
Ба чашми пок бингар маҷмаъи покизаруёнро,
Ки дар кеши назарбозон хато бошад хато кардан...
Қиёматқомате бо сад ҳазорон ноз мегӯяд,
Ки мебояд қиёматро аз ин қомат бино кардан.
Дило, бояд гирифтан домани болобаландеро,
Тани осударо чанде гирифтори бало кардан.
Муборакталъате то мерасад аз дур мегӯям,
Ки субҳи иди Наврӯз аст, мебояд сафо кардан.
Зи девони қазо то чанд хоҳад шуд насиби ман
Зи кӯи дӯст рафтан, чашми ҳасрат бар қафо кардан.
Вуҷудам дар ҳақиқат зиндаи ҷовид хоҳад шуд,
Ки бояд рӯи ҷонон дидану ҷонро фидо кардан...

* * *

Гуфтам, ки чист раҳзании ақлу дини ман?
Гуфто, ки чунин зулфу хатти анбарини ман.
Гуфтам, ки аламон зи дами оташини ман,
Гуфто, ки алҳазар зи дили оҳанини ман.
Гуфтам, ки тарфи домани давлат ба дасти кист?
Гуфто: «Ба дасти он ки гирифт остини ман».
Гуфтам, ки имтиҳони саодат ба коми кист?
Гуфто: «Ба коми он ки бибӯсад замини ман».
Гуфтам: «Ба бахти нек бигӯ ҳамқарини кист?»
Гуфто: «Қарини он ки шавад ҳамнишини ман».
Гуфтам, ки баҳри чоки гиребони субҳ чист?
Гуфто: «Зи рашки тобиши субҳи ҷабини ман».
Гуфтам, ки аз чӣ Хоҷаи анҷум шуд офтоб?
Гуфто: «Зи бандагии рухи йозанини ман».
Гуфтам, ки соҳирӣ зи кӣ омӯхт сомирӣ?
Гуфто: «Зи чашми кофари сеҳрофарини ман».
Гуфтам: «Куҷост маскани дилҳои беқарор?»
Гуфто, ки ҷаъди хамбахами чинбачини ман.
Гуфтам: «Ҳавои чашмаи кавсар ба сар мароcт».
Гуфто, ки шарме аз лаби пурангубини ман.
Гуфтам: «Қадом дил ба ғамат хуррамӣ нахост»?
Гуфто: «Дили Фурӯғии андӯҳгини ман».

* * *

Ходими дайри муғонам, ҳунаре беҳтар аз ин!
Бехабар аз ду ҷаҳонам, хабаре беҳтар аз ин!
Соқии нӯшлабам дӯш ба як бода навохт,
Қас надодаст ба мастон шакаре беҳтар аз ин.
Чашми умед зи хоки дари майхона мапӯш,
Ки намояд ба назар хоки даре беҳтар аз ин.
Меваи айш басе чидам аз он нахли мурод,
Қай диҳад боғи муҳаббат самаре беҳтар аз ин?
Бар фарози қадаш он рӯи фурӯзон бингар,
Қ-аз сари сарв натобад қамаре беҳтар аз ин.
Зери он зулф бубин тарфи баногӯшашро,
Қ-аз паи шом набинӣ саҳаре беҳтар аз ин.
Пеши теғат чӣ кунам, гар накунам сина сипар?
Ки надоранд заифон сипаре беҳтар аз ин...
Ашки соҳибназарон ин ҳама помол макун,
З-он ки дар даст наяфтад гуҳаре беҳтар аз ин.
Боми он каъбаи мақсуд баланд аст, эй кош,
Ишқ медод маро болу паре беҳтар аз ин
Гуфтамаш: «Чашму чароғи дили соҳибназарӣ».
Гуфт: «Бикшой, Фурӯғӣ, назаре беҳтар аз ин».

* * *

Халкаи зулфи сиёҳаш бар рухи анвар бубин,
Офтобу сояро саргарми якдигар бубин...
Ҳар куҷо наққош нақши комату лаълаш кашид,
Ҷилваи тӯбӣ нигар, сарчашмаи кавсар бубин...
То магар дар домани маҳшар бигирам доманаш,
Чоки домони маро то домани маҳшар бубин.
Ҳар ду оламро ба як зарбат ба хун оғушта сохт,
Қуввати бозу нигар, хосияти ханҷар бубин.
Ҳар дам аз файзи лаби соқӣ шароби лаълро
Нашъаи дигар нигар, кайфияти дигар бубин.
Гар надидӣ қабзу басти ишқро бар як бисот,
Гирьяи мино нигар, хандидани соғар бубин.
Гар надидӣ шохсори хушк ҳангоми баҳор,
Дар баҳори ишқ комам хушку чашмам тар бубин.
Тангдастон дар баҳои васли ӯ сар медиҳанд,
Бенавоёнро ҳавои салтанат бар сар бубин.
Ҳеҷ давре ҷоми умеди Фурӯғӣ май надошт,
Гардиши гардун нигар, бемеҳрии ахтар бубин.

* * *

Азбаски дар хаёл макидам лабони ӯ,
Ёқутфом шуд лаби гавҳарфишони ӯ.
Нақди вуҷуди ман ҳама масруфи ҳеҷ шуд,
Яъне надод коми диламро дахони ӯ.
Пиронасар балокаши абрӯи ӯ шудам,
Бо қомати хамида кашидам камони ӯ.
Қотил чӣ гуна мункири хунам шавад ба ҳашр,
Захме нахӯрдаам, ки намонад нишони ӯ.
Дасте, ки аз рикоби самандаш бурида шуд,
Тарсам, худо накарда, нагирад инони ӯ.
Чандон, ки дар паяш ба дурустӣ давидаам,
Илло дили шикаста надидам макони ӯ.
Бепарда дар ҳузури ман имшаб нишастааст,
Моҳе, ки дар замир нагунҷад гумони ӯ.
Бовар макун, ки ошиқи содиқ хато кунад,
Гар сад ҳазор бор кунанд имтиҳони ӯ.
Савдо нигар, ки бар сари бозори ошиқӣ
Хоҳам зиёни хешу нахоҳам зиёни ӯ...

* * *

Соқии дил наргиси шаҳлои ту,
Мастии ҷон аз майи минои ту.
Эй зи сари зулфи чалипои ту,
Аҳли ҷунун силсила дар пои ту.
Сина ниҳодам ба дами теғи ишқ,
Дида кушодам ба тамошои ту.
Чист балои дили соҳибдилон?
Ҷилваи болои дилорои ту.
Сарв кунад ба ҳама озодагӣ
Бандагии қомати раънои ту.
Бохтаам аз паи як бӯса ҷон,
Ёфтаам қимати колои ту.
Парда барандоз, ки натвон намуд,
Қатъи назар аз рухи зебои ту.
По накашам аз сари кӯи умед,
То надиҳам ҷон ба таманнои ту.
Ҷони Фурӯғӣ нарасад бар мурод,
То наравад бар сари савдои ту.

* * *

Моҳ ғуломи рухи зебои ту,
Сарв камарбастаи болои ту.
Тан ҳама чашм аст ба саҳни чаман
Наргиси шаҳло ба тамошои ту.
Маҷмаи дилҳои пароканда чист?
Чини сари зулфи чалипои ту.
Зоҳиду андешаи гесӯи хур,
Дасти ману ҷаъди сумансои ту.
Гар ту занӣ теғи ҳалокам ба фарқ,
Фарқи ману хоки кафи пои ту.
Рӯи ману хоки сафи кӯи ишқ,
Рои ману пайравии рои ту.
Тири ману дидаи каҷбини ғайр,
Теғи ману тораки аъдои ту.
Чанд фишонад намакам бар ҷигар
Лаъли шакарханди шакархои ту.
Дер кашидӣ зи миён баски теғ,
Мурд Фурӯғӣ зи мудовои ту.

* * *

Эй аҳли назар куштаи тири нигаҳи ту,
Хуни ҳама дар ӯҳдаи чашми сияҳи ту.
Ҳар ҷо, ки хиромон гузарӣ бо сипаҳи ноз,
Шоҳон ҳама гарданд асири сипаҳи ту.
Мулки дили соҳибназарон зеру забар шуд,
З-он фитна, ки хуфтаст ба зери кулаҳи ту.
Яъқуб агар чоҳи занахдони ту бинад,
Бехуд фиканад Юсуфи худро ба чаҳи ту.
Хуршеди фурӯзанда шабе парданишин шуд,
К-омад ба дар аз парда маҳи чордаҳи ту.
Зулфу рухат аз баҳри ҳамин дилкашу зебост
То фарруху маймуи гузарад солу маҳи ту.
Ман чораи чашми тари худ ҳеҷ надонам,
Илло, ки илоҷаш кунам аз хоки. раҳи ту.
Гар хуни маро чашми ту беҷурм бирезад.
Бинам гунахи хешу набинам гунаҳи ту.
Тарсам, ки пас аз кӯшиши бисьёр, Фурӯғӣ,
Раҳме ба гадоён накунад подшаҳи ту.

* * *

Ҳар кас, ки ниҳад пой бар он хоки сари кӯ,
Зикраш ҳама ин аст, ки гумгашта дилам кӯ?
Ман аз асари ишқ сияҳбахту сияҳрӯз,
Ӯ аз мадади ҳусн сияҳчашму сияҳмӯ.
Дебочаи умеди ман он сафҳаи рухсор,
Сармояи савдои ман он ҳалқаи гесӯ.
Ҷамъе ҳама ошуфтаи он сунбули мушкин,
Шаҳре ҳама шӯридаи он наргиси ҷоду.
Ҳам лола нарустаст бад-ин обу бад-ин тоб,
Ҳам гул нашукуфтаст бад-ин рангу бад-ин бӯ.
Ман ташналаби соқиву ӯ толиби кавсар,
Ҳошо, ки равад оби ману шайх ба як ҷӯ.
Бархост зи ҳар гӯша балое ба каминам,
То дидаам афтод бад-он гӯшаи абрӯ.
Оҳуи ман он кор, ки бо шердилон кард,
Ҳаргиз накунад шери қавипанҷа ба оҳу.
Ҳасрат барам аз Хусраву Фарҳод, ки дар ишқ
На зар ба тарозуяму на зӯр ба бозу.
Зебосанамо парда зи рухсор барандоз,
То бар тарафи қибла Фурӯғӣ накунад рӯ.

—

* * *

То сар нарафта бар сари меҳру вафои ту,
Халқи ман асту ҳалқаи зулфи дутои ту.
Гар ман миёни аҳли муҳаббат набудаме,
Касро набуд тоқати ҷавру ҷафои ту.
Доманкашон гузар нанамудӣ ба хоки ман,
То ҷони нозанин нанамудам фидои ту.
Гар соя бар сарам фиканад шоҳбози бахт,
Дурӣ намекунад сарам аз хоки пои ту.
Донӣ, ки дар шариати мо кист куштанӣ?
Бегонае, ки ҳеҷ нагашт ошнои ту.
Ту худ чӣ гулшанӣ, ки ҳавои хуши биҳишт
Берун намебарад зи сари мо ҳавои ту.
Зоҳид ба ёди кавсару сӯфӣ ба фикри май
Мову тасаввури лаби мастифизои ту.
Огоҳияш зи роҳати ушшоқи хаста нест,
Ҳар к-ӯ нашуд нишонаи тири балои ту,
Баргаштабахт он ки ба хунаш наяфканад
Мижгони чашми соҳири мардумрабои ту.
Ё раб, чӣ мазҳарӣ, ки Фурӯғӣ, зи ҳар тараф
Бикшода чашми ҷон ба умеди лиқои ту.

* * *

Ман бандаи онам, ки бибӯсад даҳани ту
В-аз ҳар даҳане нашкавад илло сухани ту.
Тарсам ба ҷунун кор кашад аҳли хирадро
Дар силсилаи зулфи шикан бар шикани ту.
Андешаи мардум ҳама аз шӯри қиёмат,
Ташвиши ман аз қомати ошиқфикани ту.
Шояд, ки шавад ранг ба хуни дили Ширин
Ҳар теша, ки бар санг занад кӯҳкани ту.
Булбул хиҷил аз замзамаи мурғи дили ман,
Гул мунфаил аз ғунчаи шохи чамани ту.
Ҳар тоири хушнағма, ки дар боғи биҳишт аст,
Ҳасрат кашад аз боғи гулу ёсумани ту.
Аз фахр ниҳад по ба сари Юсуфи мисрӣ
Ҳар дил, ки дарафтода ба чоҳи зақани ту.
Пайдост, ки ҳаргиз нaниҳад рӯй ба беҳбуд,
Захми дили ушшоқ зи мушки Хутани ту.
Бас ҷомаи тоқат, ки бар андоми Фуруғӣ
Гардида қабо аз ҳавасм пираҳани ту.

* * *

Ба зери теғ надорем муддао ҷуз ту,
Шаҳиди ишқи туро чест хунбаҳо ҷуз ту.
Ба ҷуз висоли ту ҳеҷ аз худо нахостаем,
Ки ҳоҷате натавон хост аз худо ҷуз ту...
Маризи ишқи туро ҳоҷате ба Исо нест,
Ки кас намекунад ин дардро даво ҷуз ту.
Куҷо шикояти бемеҳрият тавонам бурд,
Ки ҳеҷ кас нанҳодаст ин бино ҷуз ту.
Фиғон агар надиҳӣ доди мо гадоёнро,
Ки подшоҳ набошад ба шаҳри мо ҷуз ту.
Маранҷ агар бари бегона доварӣ бибарем,
Ки подшоҳ набошад ба шаҳри мо ҷуз ту.
Диле, ҳазор бало дар вилои ӯ дидӣ,
Касе сабур надидам дар ин бало ҷуз ту.
Фурӯғӣ, аз рухи он маҳ гарат фурӯғ диханд,
Ба офтоб набахшад касе зиё ҷуз ту.

* * *

Танхо на ҷо ба хилвати дилҳо гирифтаӣ,
Мулки вуҷудро ҳама якҷо гирифтаӣ.
То шонаро ба ҷаъди муанбар кашидаӣ.
Қошонаро ба анбари соро гирифтаӣ.
Ё раб, чӣ лӯъбатӣ ту, ки чандин ҳазор дил
Аз ҷаъди чин ба чини чалипо гирифтаӣ.
Ман худ гирифтам аз ту тавон баргирифт дил,
Бо ин чӣ мекунам, ки ба ҷон ҷо гирифтаӣ,
Ҳасрат мабар зи гирьяи беихтиёри мо,
Акнун, ки ихтиёри дил аз мо гирифтаӣ.
Гуфтӣ: «Сабур бош ба савдои ишқи ман»,
Вақте ки сабрам аз дили шайдо гирифтаӣ.
Дилхастаи ду лаъли туро ҷон ба лаб расид.
Бо он ки нуктаҳо ба Масеҳо гирифтаӣ.
Осуда аз ту дар ҳараму дайр кас намонд,
К-осудагӣ зи мӯъмину тарсо гирифтаӣ.
Рӯзе дили Фурӯғии мискин шикастаӣ,
К-аз дасти ғайр соғари саҳбо гирифтаӣ.

* * *

То ба ҷафоят хушам, тарки ҷафо кардаӣ,
Ин равиши тозаро тоза бино кардаӣ.
Роҳи наҷоти маро аз ҳама сӯ бастаӣ,
Қатъи умеди маро аз ҳама ҷо кардаӣ.
Дӯш зи дасти рақиб соғари маӣ хӯрдаӣ,
Ман ба хато рафтаам ё ту хато кардаӣ.
Қомати яктои ман гашта дуто чун ҳилол
То ту қарини қамар зулфи дуто кардаӣ.
Гар на туро душманист бо дили маҷрӯҳи ман,
Холи сияҳро чаро ғолиясо кардаӣ.
Ҳалқаи озодагон тан ба бало додаанд,
То шикани турраро доми бало кардаӣ.
Кори фурӯбастаам ҳеҷ кушоиш надид,
То гиреҳи зулфро коркушо кардаӣ.
Ман зи лабат сад ҳазор бӯса талаб доштам,
Ҳар чӣ ба ман додаӣ, вом адо кардаӣ.
Ман ба ҷигарташнагӣ сонии Искандарам,
То лаби ҷонбахшро оби бақо кардаӣ.
Хизри муборакқадам сабзаи хатти ту буд,
К-аз асари мақдамаш майли вафо кардаӣ.
Бохабар аз ҳоли мо ҳеҷ нахоҳӣ шудан
То накунад бо ту ишқ он чӣ ба мо кардаӣ...
Он бути оҳунигоҳ аз ту, Фурӯғӣ, рамид,
Номи хаташро магар мушки Хито кардаӣ.

* * *

Сарви чаманро ба ноз сӯи чаман бурдаӣ[1],
Қомати шамшодро дар шикан овардаӣ.
Наргиси махмурро ҷом ба каф додаӣ.
Ғунчаи хомӯшро дар сухан овардаӣ.
Ҳуққаи ёқутро қути равон кардаӣ,
Чашмаи ҷонбахшро дар даҳан овардаӣ.
Дурри гаронмояро аз Адан орад сипеҳр.
Ту зи даҳон дурҷи дурр дар Адан овардаӣ.
Қофилаи мушкро аз Хутан орад насим,
Ту ,зи хат анбори мушк бар Хутан овардаӣ,
Исии дилҳо туӣ, к-аз нафаси ҷонфизо,
Мурдаи садсоларо ҷон ба тан овардаӣ.
Юсуфи дил дарфитод аз кафи мардум ба ҷоҳ
То ту чаҳи сарнагун з-он закан овардаӣ.
Ҷайби Фурӯғӣ дарид то ту ба гулзори ҳусн,
Пираҳан аз барги гул бар бадан овардаӣ.

---

[1] Дар мисраи якӯм зикри радиф риоя нашудааст.

* * *

Раҳзани имони ман шуд нозанини тозае,
Рафтам аз кеши мусулмонӣ ба дини тозае.
Хоҷа ҳай хомӯш бош имшаб, ки асҳоби ҳузур
Хилвате доранд бо хилватнишини тозае.
Қошки мерехт аз баҳри сиришки дидаам,
Дасти меъмори қазо тархи замини тозае.
Гар зи Чин ошуб бархезад аҷаб набвад, ки боз
Бар сари зулфи ту афтодаст чини тозае.
Номи ёқути лабат бар хотами дил кандаам,
Исми аъзамро навиштам бар нигини тозае.
Гӯшаи чашме ба сӯи ман надорӣ гуиё
Хирмани ҳусни ту дорад хӯшачини тозае.
Дар тамоми умр хӯрдам неши занбӯри фироқ,
То маро нӯшин лабат дод ангубини тозае.
Тарсам аз дасти ту, эй сангдили бедодгар,
Дасти ғайб ояд бурун аз остини тозае.
То ҷавон кардӣ, Фурӯғӣ, дар ҷаҳон пиронасар
Тоза кун аҳди куҳан бо маҳҷабини тозае.

* * *

Ин сар, ки ба тан дорам масти маи ноб авло,
Ин коса, ки ман дорам саршори шароб авло.
Ҳар ҷо бути сармасте бо ҷо зи шароб ояд,
Мурғи дили ҳушьёрон албатта кабоб авло.
Он хоҷа, ки ман донам, ҷурми ҳама мебахшад,
Пеши карамаш рафтан нокарда савоб авло.
Дӯшина сияҳчашме дар хоби хушам гуфто,
К-аз нашъаи бедорӣ кайфияти хоб авло.
Гуфтам: «Зи лаби нӯшат сад бӯса тамаъ дорам»,
Гуфто, ки суолатро ногуфта ҷавоб авло.
Аз чашми бади мардум эмин натавон будан,
Рухсори накӯи ӯ дар зери ниқоб авло.
Абрӯи камондораш пайваста ба чин хуштар,
Гесӯи гиреҳгираш ҳамвора ба тоб авло.
Ин писта, ки ӯ дорад, хандон зи қадаҳ хуштар,
Ин чеҳра, ки ӯ дорад, гулгун зи шароб авло.
Ганҷинаи меҳри ӯ дар сина намеғунҷад,
Кошона бад-ин тангӣ якбора хароб авло.
Тухме, ки ба дил коштам, об аз мижа мехоҳад,
Чашме, ки ба сар дорам, сарчашмаи об авло.
Ашъори Фурӯғиро бо нофа рақам бояд,
Он шеъри мусалсалро шустан ба гулоб авло,

* * *

З-он фишонам ашк дар ҳар раҳгузаре,
То ба домони ту наншинад ғуборе.
Зулфат аз ҳар ҳалқа мебандад асире,
Чашмат аз ҳар гӯша мегирад шикоре.
Аз барои беқаророни муҳаббат,
Оҳ, агар зулфи ту нагзорад қароре.
Ихтиёрӣ ояд андар даст моро,
Гар гузорӣ ишқ дар даст ихтиёрӣ.
Чашми ту гар гӯшаи корам нагирад,
Пеш натвонам гирифтан ҳеҷ коре.
Ранҷи ишқат роҳати ҳар дардманде,
Захми теғат марҳами ҳар дилфигоре.
Аз канорам рафта то он сарвболо,
Ҷӯи ашкам меравад аз ҳар каноре.
Гӯшае хоҳам ниҳон аз чашми мардум,
То ба коми дил бигирам рӯзгоре.
То гиреҳ бикшояд аз корам, Фурӯғӣ,
Бастаам дилро ба зулфи тобдоре.

* * *

Гар ба дунболи дил он зулф равад ҳеч магӯй,
Ки ба чавгон натавон гуфт марав дар паи гӯй.
Гар зи бехам биканад дил наканам з-он хами зулф
В-ар ба хунам бикашад. по накашам з-он сари кӯй.
Дил ба сахтӣ натавон канд аз он зулфи баланд,
Дида ҳаргиз натавон дӯхт аз он рӯи накӯй.
Ё ба теғи кач̣и ӯ гардани таслим бинеҳ,
Ё зи хоки дари ӯ пой бикаш, даст бишӯй.
Ғунча гӯ бо даҳанаш лоф мазан, ҳеҷ маханд,
Лола гӯ бо рухи ӯ ноз макун, ҳеҷ марӯй.
То баҳор омаду таъҷил ба рафтан дорад,
Ку маҷоле, ки бирезанд май аз хум ба сабӯй.
Бомдодон ҳама кас рози маро мебинад,
Баски шаб меравадам хуни дил аз дида ба рӯй.
Донаи ашк бидеҳ, дурри гаронмоя бигир,
Ғӯта дар баҳр бизан, гавҳари гумгашта биҷӯй.
Ончунон дасти ҷунун гашт гиребонгирам,
Ки гирифтам ҳама ҷо домани он силсиламӯй.
Ростӣ гар бичамад сарви Фурӯғӣ ба чаман,
Боғбон сарви сиҳиро биканад аз лаби ҷӯй.

* * *

Дӯшина худ шунидам як нуқта аз даҳоне,
Аммо наметавон гуфт бо ҳеҷ нуктадоне.
Асрори ишқам охир афтод бар забонҳо,
Азбаски васфи ӯро гуфтам ба ҳар забоне.
Ҳар шомгаҳ ба ёдаш хуфтам ба лолазоре,
Ҳар субҳдам ба бӯяш рафтам ба бӯстоне.
Тухми вафои ӯро киштам ба ҳар замине,
Хори ҷафои ӯро хӯрдам ба ҳар замоне.
Дар гарданам фикандаст гесӯи ӯ каманде,
Бар куштанам кашидаст абрӯи ӯ камоне.
Пайкони ишқи ҷонон то барнишаста бар ҷон,
Ҳаргиз чунин хаданге наншаста бар нишоне.
Дар олами ҷавони қоре наёмад аз ман,
Дасте задам ба пирӣ бар домани ҷавонӣ.
Дар водии муҳаббат ҳоли дилам чӣ пурсӣ,
Курде фитода дидам дунболи корвоне.
Эй он ки зери теғаш уммеди раҳм дорӣ,
Тарсам накарда бошӣ раҳме ба хастаҷоне.
Барбаста сеҳри чашмаш дасти қавидилонро,
Зӯр инчунин кӣ дидаст он гаҳ зи нотавонӣ.
Гар бо парӣ надорӣ нисбат чаро ҳамеша
Дар хотирам муқимӣ в-аз дидаам ниҳонӣ?..

* * *

Эй талъати накӯи ту некӯтар аз парӣ.
Некӯ нигоҳ дор дилеро, ки мебарӣ.
Маъшуқи пардапӯшиву манзури пардадар,
Ҳам парда мегузориву ҳам парда медарӣ.
Дилхои бурдаро ҳама овардаӣ ба даст,
Ҳам дилбарӣ ба ишвагарӣ, ҳам диловарӣ.
Мерониям зи маҷлису мехониям зи дар,
Ҳам банда мефурӯшию ҳам банда мехарӣ.
Ман дар каманди ишқ асири ситамкашам,
Ту бар сарири ҳусн амири ситамгарӣ.
Кори ман аст додани ҷон зери теғи ту,
Ман кори худ чӣ гуна гузорам ба дигаре.
Теғе намекашӣ, ки фақире намекушӣ,
Ҷое намеравӣ, ки асире намебарӣ.
Чашмат назар ба ҳеҷ мусулмон намекунад,
Ин зулм сар намезанад аз ҳеҷ кофаре.
Ҳар ташнаро, ки лаъли ту оби ҳаёт дод,
Натвон бурид ханҷараш аз ҳеҷ ханҷаре...
Он моҳ бар сари ту, Фурӯғӣ, гузар накард,
Дар раҳгузори ӯ магар аз хок камтарӣ.

* * *

Чу дар миност май, ёқути рахшон аст пиндорӣ,
Чу дар соғар чакад, лаъли Бадахшон аст пиндорӣ.
Чу афтад дар булӯрин коса акси талъати соқӣ,
Парӣ дар хонаи оина пинҳон аст пиндорӣ.
Абиромезу анбарбезу атрангез меояд
Гузаргоҳи насим аз чаъди ҷонон аст пиндорӣ.
Гул оташ зад зи чоки синааш домони гулшанро.
Гиребончок он чоки гиребон аст пиндорӣ.
Зи кӯяш дӯш меомад хурӯши ҳасратангезе,
Дил аз каф додае дар додани ҷон аст, пиндорӣ.
Қасе нашнида ҳаргиз доди дилҳои мусулмонон,
Сари кӯи накӯён кофаристон аст пиндорӣ.
Расанҳои расо аз ҳар тараф тобида гесӯяш,
Гирифторе дар он чоҳи занахдон аст пиндорӣ.
Зи тақрире, ки воиз мекунад, бар аршаи минбар,
Тулӯи субҳи маҳшар шоми ҳиҷрон аст пиндорӣ,
Намегардад замоне хотирам ҷамъ аз парешонӣ,
Ҳанӯз он турраи мушкин парешон аст пиндорӣ.
Маро то чанд гӯӣ бигзар аз ҷонон ба осонӣ,
Гузаштан аз сари ҷон кори осон аст пиндорӣ?
Гирифт аз ман баҳои бӯса лаълаш ҷони ширинро,
Вале бисёр аз ин савдо пушаймон аст пиндорӣ.

* * *

Зоҳиду субҳаи саддонаву зикри саҳарӣ,
Ману паймудани паймонаву девонагарӣ.
Чун ҳама вазъи ҷаҳони гузарон дар гузар аст,
Магзар аз оламн шайдоиву шӯридасарӣ.
То кай аз шӯъбадаи даври фалак хоҳад буд,
Бодаи айш ба ҷоми ману коми дигаре.
То шудам бехабар аз хеш хабарҳо дорам,
Бехабар шав, ки хабарҳост дар ин бехабарӣ.
То шудам беасар аз нола асарҳо дидам,
Беасар шав, ки асарҳост дар ин беасарӣ.
То задам лофи ҳунар хоҷа ба ҳеҷам нахарид,
Беҳунар шав, ки ҳунарҳост дар ин беҳунарӣ.
Сарв озод шуд он дам, ки самар ҳеҷ надод,
Бесамар шав, ки самарҳост дар ин бесамарӣ.
То сари худ насупурдем ба хоки дари дӯст,
Хотиросуда нагаштем аз ин дарбадарӣ.
Бесутун тоби дами тешаи Фарҳод надошт,
Ишқро бин, ки аз он кӯҳи гарон шуд камаре.
Парӣ аз шарми ту дар парда ниҳон шуд вақте,
Ки бурун омадӣ аз парда паи пардадарӣ...
То, Фурӯғӣ, хати он моҳи дурахшон сар зад,
Фориғам рӯзу шаб аз фитнаи даври қамарӣ.

* * *

Гар чашми сиёҳашро аз чашми сафо бинӣ,
Оҳуи хитоиро дар айни хато бинӣ.
Атвори татовулро дар турраи ӯ ёбӣ,
Занҷири муҳаббатро бар гардани мо бинӣ...
Дар роҳи талаб биншин чандон, ки хатар ёбӣ,
Аз кӯи вафо бигзар чандон, ки ҷафо бинӣ.
Бо ҳаҷр шикебо шав то васл ба даст орӣ,
Бо дард таҳаммул кун то файзи даво бинӣ.
Шаб гар зи ғамаш мирӣ, чун навбати субҳ ояд
Эъҷози Масеҳоро з-анфоси сабо бинӣ.
Он ҳури биҳиштирӯ гар ҳалқа кунад гесӯ,
Мурғони биҳиштиро дар доми бало бинӣ,
Мутриб сухане сар кун з-он лаъли лаби ширин
То шӯри ҳарифонро дар базм ба по бинӣ.
Афтад дилат, эй носеҳ, чун соя ба дунболаш,
Гар сарви Фурӯғиро сунбул ба қафо бинӣ.

* * *

Бо ман агар хоча саре доштӣ,
Ҳар сари мӯям ҳунаре доштӣ...
Ғарқ шудӣ сокини байтулҳазан,
Чун ман агар чашми таре доштӣ,
Қатъи назар кардаме аз коинот,
Ҷониби ман гар назаре доштӣ.
Дидӣ агар моҳи маро офтоб,
Дидаи ҳасратнигаре доштӣ.
Қай ғаме аз рӯзи ҷазо доштам,
Шоми ғамаш гар саҳаре доштӣ.
Рӯи туро моҳи фалак хондаме,
Гар лаби ҳамчун шакаре доштӣ.
Қадди туро сарви чаман гуфтаме,
Гар рухи ҳамчун қамаре доштӣ.
Кушт маро ҳасрати он нотавон,
К-аш ту ба болин гузаре доштӣ.
Дар дили он моҳ чӣ будӣ, агар
Оҳи Фурӯғӣ асаре доштӣ.

* * *

Гирди маҳ хатти сияҳкор надорӣ, дорӣ,
Рӯзи равшан ба шаби тор надорӣ, дорӣ.
Санъати дилкаши Довуд надонӣ, донӣ,
Зарра аз турраи таррор надорӣ, дорӣ.
Зулфро доми диловез насозӣ, созӣ,
Фикри дилҳои гирифтор надорӣ, дорӣ.
Сафи дилҳо ҳама аз тир надӯзӣ, дӯзӣ,
Хами абрӯи камондор надорӣ, дорӣ.
Хуни мардум ҳама бар хок нарезӣ, резӣ,
Чашми сармасти дилозор надорӣ, дорӣ.
Бедилонро ҳама ранҷур нахоҳӣ, хоҳӣ,
Ошиқонро ҳама бемор надорӣ, дорӣ.
Чашми соҳибназар аз сеҳр набандӣ, бандӣ,
Чашми афсунгари саҳҳор надорӣ, дорӣ.
Паи хунрезии ушшоқ накӯшӣ, кӯшӣ,
Сипаҳи ғамзаи хунхор надорӣ, дорӣ.
Бар фалак тавсани иқбол натозӣ, тозӣ,
Бар қамар ақраби ҷаррор надорӣ, дорӣ.
Ҷоми май аз кафи ағёр нанӯшӣ, нӯшӣ,
Сари хунхориям, эй ёр, надорӣ, дорӣ.
Бар, Фурӯғӣ, зи ҷафо теғ наёзӣ, ёзи,
Қасди ёрони вафодор надорӣ, дорӣ.

* * *

Теғбадаст омадиву масти шаробӣ,
Ташнаи хуни кадом хонахаробӣ.
Ҳусни ту бидрид пардаҳои вуҷудам,
Ишқи ту нагзошт дар миёни ҳиҷобе.
Оҳи манӣ ё ҷаҳанда шӯълаи оташ,
Ашки манӣ ё зи дида чашмаи обӣ.
Эй, ки ба бурҳони ақл мункири ишқӣ,
Бо ту чӣ гӯям, ки дар шумори давобӣ.[1]
Дил зи ғамат охирам ба нола даромад,
Ман, ки наналидаам зи ҳеҷ азобе.
З-он ба хато куштиям, ки кас нашунида
Турки хитой равад ба роҳи савобе.
Чашми ту хун беҳисоб карда валекин
Ҷурми ту н-оварда кас ба ҳеҷ ҳисобе.
Оҳ, ки дар маҳфилат зи шарми муҳаббат,
Нест маро ҷуръати суолу ҷавобе.
Гар ба ҳақиқат най ту умри Фурӯғӣ,
Баҳри чӣ пайваста мустаиди шитобӣ.

---

[1] Давоб — ҳайвонот.

* * *

Эй, ки ҳамоғӯши ёри ҳурсириштӣ,
Айши абад кун, ки дар миёни биҳиштӣ.
Соҳиби ин ҳуснро сазад, ки бигӯяд
Моҳи фалакро, ки мо беҳему ту зиштӣ.
Дил зи ту ғофил нагашт як нафас, аммо
Ҳамнафасаш дар тамоми умр нагаштӣ.
Хуни ғизолони Каъба рехта чашмат,
Чун ту надидам санам ба ҳеҷ куниште.
Лозими ишқ омад он ҷамол, худоро
Ошиқи бечораро ба ҷурми чӣ куштӣ?
Аз ғами ишқат чӣ ҷомаҳо, ки даридам
В-аз паи қатлам чӣ номаҳо, ки навиштӣ.
Хастиву дармони хастагон нанамудӣ,
Куштиву бар хоки куштагон нагузаштӣ.
Вой бар он дил, ки дарди ишқ надодӣ,
Ҳайф бар он ҷон, ки доғи шавқ наҳиштӣ.
Тухми муҳаббат боре надод, Фурӯғӣ,
Донаи беҳосил аз бароu чӣ киштӣ?

* * *

Соқии анҷуман шуд шӯхи шакаркаломе,
К-аз дасти ӯ ба сад ҷон натвон гирифт ҷоме.
Дар кӯи майфурӯшон на куфреву на дине,
Дар хайли хирқапӯшон на нангеву на номе.
Ба сад ҳазор хоҳиш хушнудам аз нигоҳе,
Бо сад ҳазор ҳасрат хурсандам аз хироме.
Андӯҳи он париӯ беҳтар зи ҳар нишоте,
Дашноми он шакарлаб хуштар зи ҳар саломе.
Дар ваъдагоҳи васлаш ҷонам ба лаб расидаст,
Тарсам сабо наёрад з-он бевафо паёме.
Гар он даҳон насозад аз бӯса шодкомам,
Шодам наметавон кард дигар ба ҳеҷ коме.
Эй васли моҳрӯён хуш давлате, валекин
Чун чархи бесуботе, чун умри бедавоме.
Воиз маро матарсон, зеро ки дар муҳаббат
Дидам қиёматамро аз қадди хушқиёме.
Аз масҷиду харобот нашнидаму надидам
Нозилтарин маконе, олитарин мақоме...

* * *

Рафтӣ бари ғайру тарки мо кардӣ,
Эй турки Хутан басе хато кардӣ.
Паймона задӣ зи дасти бегона,
Андешаи хуни ошно кардӣ.
Сархуш ба канори булҳавас хуфтӣ,
Бингар, ки ба аҳли дил чиҳо кардӣ.
Ҷуз бо мани дилшикаста дар олам,
Ҳар аҳд, ки бастай, вафо кардӣ.
Дар аҳди ту ҳарчи ман вафо кардам.
Подоши вафои ман ҷафо кардӣ.
Обе назадӣ бар оташам ҳаргиз,
То бар лаби оби Хизр ҷо кардӣ.
Он гаҳ ки қабои ноз пӯшидӣ,
Пироҳани сабри ман қабо кардӣ.
Бечора манам вагарна аз раҳмат
Дарди ҳама хастагон даво кардӣ.
Бебаҳра манам вагарна аз ёрӣ
Коми ҳама толибон раво кардӣ.
Илло дили ман, ки маҳкамаш бастӣ,
Ҳар баста, ки доштӣ, раҳо кардӣ.
То қадди ту зад раҳи Фурӯғиро,
Ҳар фитна, ки хостӣ, бапо кардӣ.

* * *

Аввалин гом ар саманди ақлро пай макунӣ,
Водии бемунтаҳои ишқро тай мекунӣ.
Мо ба даври чашми мастат фориғ аз майхонаем,
Қ-аз нигоҳе кори сад паймонаи май мекунӣ.
Рӯзи маҳшар ҳам намеоӣ ба девони ҳисоб,
Пас ҳисоби куштагони ишқро кай мекунӣ?
Ҳар касеро ваъдае дар ваъдагоҳе додаӣ,
Ваъдаи қатли маро не медиҳӣ, не мекунӣ.
Накди ҷонро дар баҳои бӯса мегирӣ зи ғайр,
Кош бо мо мешуд ин савдо, ки бо вай мекунӣ...
Гоҳ соқӣ, гоҳ мутриб мешавӣ дар анҷуман,
Дилнавозӣ гоҳе аз май, гоҳе аз най мекунӣ.
Душманонро ҳай ба каф ҷоми дамодам медиҳӣ,
Дӯстонро ҳай ба дил хуни паёпай мекунӣ.
Кишвари Чину Хиторо зулфу мижгонат гирифт.
Ҳолиё лашкаркашӣ бар Руму бар Рай мекунӣ.
Гар туро тоҷи намад бар сар ниҳад султони ишқ,
Кай ба сар дигар ҳавои афсари кай мекунӣ.
Васли он маъшуқи боқиро, Фурӯғӣ, кас наёфт,
То ба кай аз ишқи ӯ ҳай мезанӣ, ҳай мекунӣ.

* * *

Баски фаррухруху шаккарлабу ширindaхани̅,
Раҳзани дину дилӣ, хонакани марду занӣ.
Ман аз ин бахти сияҳ ҳочаи шаҳри Ҳабашам,
Ту аз он рӯи чу маҳ хусрави мулки Хутанӣ.
Модари даҳр наёвард чу ту Ширине,
Падари чарх напарварда чу ман Куҳкане.
Дам зи кавсар назанам то лабат андар назар аст,
Ёди чаннат накунам то ту дар ин анчуманӣ.
З-он сари зулфи дуто даст нахоҳам бардошт,
То маро чамъ насозиву парешон накунӣ.
Гар ба соқи ту расад сими сиришкам на ачаб,
Ки сияҳчашму сиҳиқомату симинзақанӣ.
Чун фалак оқибат аз беху бунам хоҳад канд,
Ситам аст ин ки ту буньёди маро барнаканӣ.
Чашми айём надидасту нахоҳад дидан,
Ки висоли чу туе даст диҳад бар чу мане.
Назанӣ соя бар он зулфи мусалсал гаҳи рақс,
То аз ин силсила сад силсила бар ҳам назанӣ.
Дида бардоштан аз рӯи ту мустаҳсан нест,
Ки ба тасдиқи назар соҳиби вачҳи ҳасанӣ.
Ҳеч девона ба занчир нагунчад ба нишот
То ту бо силсилаи зулфи шикан бар шиканӣ.
Нозат афзун шуда аз ачз, Фуруғӣ, фарьёд,
Ки ситампешаву ошиқкушу очизфиканӣ.

* * *

Ту шаккарлаб, ки бо Хусрав басе ширин сухан дорӣ,
Куҷо огоҳӣ аз шӯрида ҳоли Кӯҳкан дорӣ?
Маро аз анҷуман дар гӯшаи хилват нишонидӣ,
Вале бо муддаӣ хуш хилвате дар анҷуман дорӣ
Ман он шаҳрам, ки селоби муҳаббат сохт вайронам.
Ту он ганҷӣ, ки дар вайронаи дилҳо ватан дорӣ.
Нахоҳӣ бар сари хоки ман омад рӯзи маҳшар ҳам,
Ки аз ҳар сӯ ҳазорон куштаи хунинкафан дорӣ.
Гирифтори камандат тоза гардидам ба уммеде,
Ки лутфи бениҳоят бо асирони куҳан дорӣ.
Агар аз парда розам ошкоро шуд, чӣ ғам дорам,
Ки пинҳон аз ҳама олам нигоҳе сӯи ман дорӣ.
Ҳам аз мӯи ту побастам, ҳам аз бӯи ту сармастам,
Ки сунбул дар суман дориву гул дар пираҳан дорӣ.
Ту ҳам Юсуф кунӣ дар чоҳу ҳам аз чаҳ кашӣ берун,
Ки ҳам чоҳи заҳан дориву ҳам мушкин расан дорӣ.
Камондоре надидам дар камингоҳи назар чун ту,
Ки дилҳоро нишони ғамзаи навакфикан дорӣ,
Сазад гар қадру қимат бишканӣ анбарфурӯшонро,
Ки хатти анбарину турраи анбаршикан дорӣ,
Наҷот аз талхкомӣ метавон додан Фурӯғиро.
Ки ҳам шаккарфишон ёқуту ҳам ширин даҳан дорӣ.

# МУНДАРИЧА

## ТОЛИБИ ОМУЛӢ

Толиби Омулӣ . . . . . . . . 5
Ғазалиёт . . . . . . . . . 15
Рубоиёт . . . . . . . . . 287
Қасоид . . . . . . . . . 315

## ФУРӮҒИ БАСТОМӢ

Ғазалиёт . . . . . . . . . 341

*Толими Омули и*

*Фуруги Бастом*

**ИЗБРАННЫЕ СТИХИ**

**(на таджикском языке)**

**Рассом *И. Ганиев***
**Муҳаррири оронш *А. Муҳаммадиев***
**Муҳаррири техникӣ *Я. Бекназарова***

БИ № 998

Ба матбаа 21.01.93 супурда шуд. Ба чопаш 30.06.93 имзо шуд. Формати 70×100[1]/32. Коғази типографии № 2. Гарнитураи адабӣ Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 23,482. Ҷузъи рангаи шартӣ 23,728. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,658. Адади нашр 5000. Супориши № 386.

Нашриёти «Адиб», 734025. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Матбааи аввалини Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734025. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

397c
397 pie.